
НАМУНАҲОИ
ФОЛЬКЛОРИ
ЭРОН







# НАМУНАҲОИ ФОЛЬКЛОРИ ЭРОН

Афсона.
Латифа.
Рубоёт ва чистонҳо.
Зарбулмасал ва мақолҳо.



Нашриёти Давлатии
Тоҷикистон. Душанбе
1963

Иф (Эрон)
Н 26

Государственная
респуб. б-бл. Тад. ССР
им. А. Фирдоуси
184414

Тартибдиҳандагон
Э. А. Шварц ва Т. Неъматов

Намунаи эҷодиёти халқии Эрон дар Тоҷикистон дафъаи аввал нашр мегардад. Ин китоб як қатор афсона, рубоиёт, зарбулмасал ва чистонҳоро дар бар мегирад. Дар афсонаҳо дурӯягӣ ва тамаъкории рӯҳониён, зулму ситами давлатмандон ва ҳукуматдорон, ҳамоқати амалдорон фош ва мазоҳу масхара карда мешавад. Афсонаҳо бо юмори пурмазмуни худ ва забони фасеҳи пур аз мақолу зарбулмасалҳо диққати ҳар хонандаро ба худ ҷалб менамоянд.

Рассом К. В. Туренко

## АЗ ТАРТИБДИҲАНДАГОН

Хонандаи мўҳтарам, ин китобе, ки ҳоло шумо мутолиа мекунед, нахустин маҷмўаи намунаҳои фольклори мардуми кишвари Эрон буда, аз чаҳор қисм иборат аст ва мунтахаби афсона, латифа, рубой, чистон ва зарбулмасалу мақолҳои форсй мебошад.

Афсонаҳо, ки қисми калони китобро ташкил медиҳанд, аз маҷмўаҳои ба нашр расонидаи фольклоршиноси машҳури Эрон Мўҳтоди Субҳй интихобан гирифта шуданд. Дар қисми назм аз маҷмўаҳои ба нашр расонидаи В. А. Жуковский ва А. А. Ромаскевич, дар қисми зарбулмасалу мақолҳо аз маҷмўаҳои Амир Қулй Аминй ва Абдул Ҳусейн Найирй тартибдода истифода бурда шуд.

Аз басе забони форсй аз забони ҳозираи тоҷик ба андозае фарқ мекунад ва барои хонандагони тоҷик қадре душворфаҳм аст, тартибдиҳандагон афсонаҳоро дар аввали китоб бидуни он ки аз мазмуни аслй дур шаванд, то дараҷае ба забони ҳозираи тоҷик мутобиқ кунонидаанд ва афсонаҳои баъдинаро бетағйир гузоштанд, то ки хонанда як андоза ба ин забон ошно шавад ва дар хондани қисми назми китоб ба душворие дучор наояд.

Калимаҳои душворфаҳм ва лаҳҷавӣ дар поварақ эзоҳ дода шуданд.

Баъзе рубоиҳо дар назари аввал аз рӯи мазмун аҷаб ва хонандаро ба иштибоҳ андозанд. Рубоии зерин аз қабили чунин рубоиҳост:

Аниҷун, лаззати дуньё зи мол аст,
На аз ақлу ҳушу на аз камол аст.
Ҷавоне ки надорад моли дуньё,
Агар Ҷамшед бувад, ки бекамол аст.

Ба назар чунин менамояд, ки ин рубоӣ гӯё касро ба сарватҷамъкунӣ ташвиқ мекунад. Вале ин ҷо масъала дигар хел аст. Ин рубоӣ аз фольклори халқест, ки дар зери зулму таадди истисморкунандагон ҳаёт ба сар мебарад. Ба хонандаи мӯҳтарам маълум аст, ки дар ҷамъияте, ки одам аз тарафи одам истисмор карда мешавад, мӯътабар шудан, аз ҳаёт дурустар лаззат бурдан фақат ба воситаи сарват ва молу пул мумкин аст. Аз ин ҷост, ки халқ бо нафрату истеҳзо ин қабил рубоиҳо эҷод карда, чунин фикрро пеш рондааст: ҳар қадар нодон ҳам ки бошӣ, агар пул дошта бошӣ, мӯътабарӣ. Бинобар ин рубоии боло ва амсоли онро аз ин нуқтаи назар бояд фаҳмид.

Дар охир тартибдиҳандагон ба рафиқа Т. Исроилова, ки дар тартиб додани қисми назми китоб иштирок дошт ва ба коллективи сектори фольклор, аз ҷумла ба рафиқон Р. Амонов, В. Шермуҳаммадов ва С. Фатҳуллоев, ки ба тартибдиҳандагон маслиҳатҳои пурқимат доданд, изҳори миннатдорӣ менамоянд.

## САРСУХАН

Дар Иттифоқи Советӣ солҳои охир бо таҳрири шарқшиносони шаҳрҳои Москва, Ленинград, Тошканд як қатор маҷмӯаҳои афсона, латифа ва нақлу ривоятҳои халқҳои Эрон ба забони халқҳои бародарӣ нашр гардидаанд.

Китобе ки шумо, хонандаи мӯҳтарам, дар даст доред, нахустин маҷмӯаи эҷодиёти даҳанакии халқҳои Эрон аст, ки дар Тоҷикистон чоп шуд. Бартарии ин китоб аз маҷмӯаҳои дигари дар Иттифоқи Советӣ нашргардидаи фольклори Эрон ин аст, ки он ба ғайр аз афсонаву латифа зарбулмасал, мақол, чистон ва рубоиётро низ дар бар мегирад, ки аз маҷмӯаҳои гуногуни чопи Эрон гирд оварда шудаанд.

Афсонаҳои халқӣ яке аз шаклҳои маъмул ва қисмати бузурги фольклори Эрон мебошанд. Аз ин ҷост, ки саҳифаҳои зиёди ин маҷмӯаро маҳз афсонаҳо банд кардаанд.

Мазмун ва мундаричаи афсонаҳои эронӣ гуногунанд. Бештарини онҳо афсонаҳои сеҳрнок буда, дар онҳо орзӯю умеди одамон оид ба бахту саодат ва озодию ободӣ ба воситаи унсурҳои гуногуни хаёлӣ ва персонажҳои ғайритабиӣ ифода ёфтааст. Чунончи, афсонаҳои «Норинҷ ва туринҷ», «Моҳпешонӣ», «Кураи дарьёӣ».

Мундаричаи ин қабил афсонаҳо дар асоси муборизаи ду қувва: некӣ ва бадӣ сохта шудаанд ва воқеа дар атрофи ин ду қувва ба амал меояд, ривоҷ меёбад ва ба охир мерасад. Қувваи некӣ, албатта, бар қувваи бадӣ ғолиб меояд. Афсонаҳои сеҳрнок низ разолат, беадолатӣ, авомфиребии шоҳу вазирҳои ҷоҳил ва фисқу фуҷури дарборро фош ва мазаммат месозад («Шоҳ ва вазир»).

Дар афсонаҳо инсон бештар бар зидди қувваи бадӣ мубориза мебарад ва ақлу заковати вай дев, парӣ, ҷин ва дигар махлуқоти хаёлиро мағлуб мекунад. Ин гуна афсонаҳо ба шунавандагон хислатҳои қавииродагӣ, ҷасурӣ, далерӣ, вафодорӣ ва монанди инҳоро мепарваранд. Афсонаҳои сеҳрнок қисмати қадимтарини фольклори халқҳои Эрон ба шумор мераванд. Дар онҳо бисьёр тасаввуротҳои қадимии инсон дар бораи ашьё ва ҳодисаҳои табиат, урфу одат ва расму оинҳои халқӣ нигоҳ дошта шудаанд.

Дигар аз ҷузъи бузурги фольклори Эрон афсонаҳои ҳаётӣ-маишианд. Дар онҳо ҳақиқати зиндагии мардуми кишвари Эрон дар давраҳои наздик тасвир ёфтааст. Воқеаҳои афсонаҳои ҳаётӣ-маишӣ реалӣ буда, қаҳрамононаш асосан аз байни худи одамонанд («Қиссаи раммол», «Бӯалӣ», «Роҳ ва Бероҳ»).

Дар онҳо унсур ва махлуқоти хаёлӣ ниҳоят кам дучор мешаванд. Қаҳрамонон душманони иҷтимоии худро ба восита ва туфайли мардонагӣ, зиракӣ, оқилӣ, чолокӣ ва ҷасорату далерӣ мағлуб мекунанд.

Доираи афсонаҳои ҳаётӣ-маишӣ хеле васеъ аст. Афсонаҳои ҳаҷвӣ низ ба ҳамин гурӯҳ дохил меша-

ванд. Дар афсонаҳои ҳаҷвӣ зиҳнагӣ, хасисии бойҳо, бевиҷдонии қозӣ, дурӯягӣ ва фиребгарии мулло фош ва масхара карда мешаванд («Хачир ва офтоба»).

Дар байни халқҳои Эрон афсонаҳои бачагона низ ба миқдори зиёде интишор ёфтаанд. Мутаассифона, дар ин маҷмӯа аз он қабил афсонаҳо ниҳоят кам интихоб карда шудаанд. («Кадуи гел-гелизан» ва «Нахӯдӣ ва дев»). Ин афсонаҳоро калонсолон маҳз барои хурдтаракон эҷод кардаанд ва аксарияти онҳо мазмуни тарбиявӣ ва таълимӣ доранд. Забони афсонаҳои бачагона фасеҳ ва содда буда, мундариҷаи онҳо оддианд.

Латифа низ яке аз маъмултарин намудҳои эҷодиёти бадеии даҳанакии халқҳои Эрон мебошад. Латифаҳои эронӣ ҳаҷман хеле хурд буда, дар онҳо ҳодиса, воқеа ва зиндагии ҳаррӯза ниҳоят барҷаста ва таъсирнок акс ёфтаанд. Асоси латифаҳоро ҳазлу шӯхӣ ва мазоҳу ҳаҷви норасоию нуқсонҳои зиндагӣ ва камбудиҳои одамон ташкил медиҳад.

Дар латифаҳои халқии эронӣ ҳамоқат ва зулму истибдоди подшоҳу амалдорон, ҳокиму амирон ҳаҷв ва масхара карда шудаанд. Дар байни аҳолии Эрон ин навъ латифаҳо хеле машҳур ва маъмул бошанд ҳам, пурра гирд оварда нашудаанд.

Дар як қатор латифаҳои маҷмӯа («Иншоолло буз аст», «Хараш кард», «Агар мардӣ, бирав сари дастаи ҳованро бишкан», «Ту даббаатро овардӣ»). макру найранги рӯҳониёни мутаассиб, муллоҳои риёкор ва хурофоту мавҳумоти динӣ мавриди ҳаҷву тамасхур қарор гирифтаанд.

Халқ ба воситаи Лорӣ, Исфаҳонӣ, Ланҷонӣ, Мулло Насриддин, ки қаҳрамонони асосии латифаҳои эрониянд, хасисӣ, ҷоҳилӣ, риёкорӣ, фиребгарӣ ва ҳамоқати сарватмандон ва ашхоси табақаи болоиро фош месозад. Ин гуна латифаҳо ба хубӣ муносибати оммаи меҳнаткашро нисбат ба гурӯҳҳои муфтхӯри ҷамъият аён месозанд.

Латифаҳои дигари маҷмӯа ба мавзӯъҳои гуногуни ҳаёти ҳаррӯза бахшида шудаанд. Дар баъзе аз

онҳо («Ту ба ин ҳариат фаҳмидӣ ва мо нафаҳмидем», «Яке дигар бизанӣ, ҳеҷ дорам», «Бишнав ва бовар накун») зиракӣ, ҳушьёрӣ ва ҳозирҷавобӣ барин хислатҳои инсонӣ тавсиф карда шаванд, дар гурӯҳи дигар нуқсонҳои ислоҳпазири зиндагӣ ва одамони нодону соддалавҳ, лаванду беғайрат, дурӯғгӯю муҳоботчӣ мазоҳ ва ҳаҷв гардидаанд. («Ту аз тӯ[1] ман аз берун», «Даъво сари кӯрпачаи мулло буд», «Ҳамчун дег барои ҳамчун чуғундар»).

Маҷмӯа як миқдор чистонҳои халқии Эронро низ дар бар мегирад. Чистонҳои эронӣ бештар дар шакли назм гуфта мешаванд ва дар маҷмӯа низ танҳо чистонҳои назмӣ дарҷ гардидаанд. Дар чистонҳои эронӣ, ба монанди чистонҳои халқҳои дигар истиора, ташбеҳ, тавсиф барин санъатҳои бадеӣ мавқеи калон доранд.

Зарбулмасал ва мақолҳои эронӣ бори аввал ба воситаи ин маҷмӯа дастраси хонандагони тоҷик мегарданд. Зарбулмасал ва мақолҳои маҷмӯа хеле суфта, рехта ва пурмазмун буда, таҷриба ва хулосаҳои муҳимми зиндагии халқро ифода мекунанд.

Дар қисмати назми маҷмӯа силсилаи калони рубоиёт ва дубайтаҳои аҳолии Эрон дарҷ гардидааст. Рубоӣ ва дубайта дар фольклори Эрон мавқеи калон доранд ва яке аз шаклҳои қадимтарини назми халқӣ мебошад. Онҳо ба мавзӯъҳои гуногун: ғарибӣ, шикоят аз замона, ишқу муҳаббат, тавсифи ёр ва монанди инҳо бахшида шудаанд. Рубоӣ ва дубайтаҳои эронӣ шаклан кӯтоҳ бошанд ҳам, ба ҳодисаҳои гуногуни зиндагӣ зуд ҳамовоз шуда, ҳар ҳодисаи ҷамъиятиро ба хубӣ инъикос мекунанд. Рубоиёт ва дубайтаҳои эронӣ бағоят оҳангдоранд ва аз ин рӯ онҳо дар ҳар гуна ид ва маросимҳои халқӣ сароида мешаванд.

Алалхусус, ҳангоми мутолиаи рубоиёт ва дубайтаҳои маҷмӯа, беихтиёр манзараҳои дилрабои кӯҳистони тоҷик, расму оини тоҷикон пеши назар ме-

[1] Тӯ — дарун.

оянд. Рубоиёти ин ду халқ ҳамчунин бо мазмуну санъати бадеии худ наздик мебошанд.

Наздикӣ ва монандӣ дар чистон ва зарбулмасалу мақолҳо низ мушоҳида карда мешаванд. Баъзе чистонҳои эрониро аз чистонҳои тоҷикӣ фарқ кардан маҳол аст. Ҳатто чистон ва зарбулмасалу мақолҳое ҳастанд, ки аз давраҳои хеле қадим дар байни ин ду халқ баробар маъмул ва машҳур гаштаанд. Ин шабоҳат ва ё ягонагии эҷодиёти лафзии халқҳои форсу тоҷик дар афсона ва латифаҳои ин ду халқ боз ҳам равшану саҳеҳтар инъикос ёфтаанд. Масалан, дар байни мардуми Эрон афсонаҳои «Қиссаи раммол», «Кадуи ғел-ғелазан», «Кайкак ба танӯр афтод», «Шангул-мангул» ва латифаҳои «Ҳамчун дег барои ҳамчун чуғундар», «Даъво сари кӯрпачаи мулло буд», «Тухмдузд шутурдузд мешавад» ва монанди инҳо хеле машҳуранд. Афсона ва латифаҳои номбурдаро тоҷикон низ медонанд ва дар маҷмӯаҳои фольклорӣ дарҷ шудаанд.

Аз ин чанд мисоли ҷузъӣ маълум мешавад, ки эҷодиёти даҳанакии ин ду халқ то ба ҳадде муштаракaнд, ки ин ё он асари лафзиро танҳо бо яке аз ин ду халқи ҳамзабон нисбат додан душвор аст. Ин гуна асарҳо сарвати ин ду халқ буда, як асос доранд. Бо мурури замон ва воқеаву ҳодисаҳои таърихӣ, инчунин бо таъсири муҳити зиндагонӣ, расму оин, вариантҳои гуногуни онҳо ба вуҷуд омадаанд ва обу ранги миллӣ гирифтаанд.

Омӯхтани фольклори халқҳои Эрон, аз ҷиҳати наздикӣ ва ҳамоҳангии суруду тарона, рубоиёт, чистону зарбулмасал ва афсонаю латифаҳои форсию тоҷикӣ барои боз ҳам равшану амиқтар донистани таърихи робитаҳои маданӣ, иқтисодӣ, ва сиёсии байни халқҳои эронинажод аҳамияти бузург дорад.

Ба ин кор ҳоло қадами аввалин гузошта шуд. Китоби мазкур, ки намунае аз фольклори бои халқҳои Эрон мебошад, дастраси хонандагони тоҷик гардид. Нашри ин маҷмӯа инчунин ба амиқу аниқ ва ба тарзи муқоисавӣ тадқиқ намудани намудҳои гуногуни

фольклори халқҳои Эрон ва ба мустаҳкам гардидани риштаҳои дӯстӣ ва инкишофи робитаҳои маданӣ кӯмак хоҳад расонд.

Умедворем, ки минбаъд ин иқдоми нек идома хоҳад ёфт.

Б. Шермуҳаммадов

Қисми якум

# Афсонаҳо





## РОҲ ВА БЕРОҲ

Яке буду яке набуд, дар шаҳре марде буд рост ва дурусткор, ҷавонмард ва байни мардум машҳур ба Роҳ. Рӯзе ҳавои сафар[1] ба сараш зад. Тайёрии сафарашро дид, ки чанд шабонарӯзе ҷаҳонгардӣ кунад.

Чӣ бояд кард. Бузургони мо гуфтаанд: «Ҷаҳонгардӣ аз ҷаҳонхӯрӣ беҳтар аст».

Яке асп харид, ҳар чӣ ки лозим дошт, тӯи[2] хӯрҷин гузошт, ба тарки[3] асп баст ва: «Ё ҳақ!» гуфт ва аз дарвозаи шаҳр рафт берун. Ҳанӯз як майдон роҳ нарафта буд, дид, як савори дигаре рафта исто-

[1] Ҳавои сафар — майли сафар.
[2] Тӯи — даруни, ба, дар.
[3] Тарк — пушт.

дааст. Расид ба ӯ. Баъд аз салом ва аҳволпурсӣ маълум шуд, ки ӯ ҳам мусофир [1] аст, хушҳол шуд, ки ҳамсафар пайдо кард, дигар дурӣ ва дарозии роҳ ва сахтии манзилҳо аҳамият надоранд.

Аз ӯ пурсид:

— Исмат чист?

Ҷавоб дод:

— Бероҳ.

Гуфт:

— Бероҳ исм нест; исми хубе нест.

Гуфт:

— Дигар чӣ кор кунам? Бобо ва нана [2] ба ман гузоштанд, мардум ҳам бо ин ном садоям мекунанд.

Роҳ тааҷҷуб кард, аммо чизе нагуфт, Бероҳ гуфт:

— Ин аст исми мо. Бигӯ, исми ту чист?

Гуфт:

— Исми ман Роҳ.

Хулоса, ҳамин тавр мерафтанд то расиданд ба дарахте, канори чашмае. Нигоҳ карданд, диданд, соя баргашта аст, фаҳмиданд, ки зӯҳр [3] шуд. Роҳ гуфт:

— Ин ҷо ҷои босафоест, хубаст пиёда бишавем ва наҳоре [4] бихӯрем.

Бероҳ гуфт:

— Чӣ айб дорад.

Пиёда шуданд, Бероҳ гуфт:

— Мо ки ҳоло хеле бо ҳам хоҳем буд ва рафиқи роҳ ҳастем, ту суфраатро [5] во кун, ҳар чи ҳаст, бо ҳам мехӯрем, ҳар вақт моли ту тамом шуд, он вақт навбати мо бошад.

Роҳ гуфт:

— Зараре надорад, ҳамин корро мекунем.

Чанд рӯзи сафар дар манзилҳо Роҳ бо камоли сафо суфраи нон ва кӯзаи обашро гузошт майдон, то рӯзе ки таҳаш боло омад [6]. Ҳоло дигар навбати Бероҳ

---

[1] Мусофир — сафаркунанда, сафарӣ.
[2] Бобо ва нана — падар ва модар.
[3] Зӯҳр — нисфирӯзӣ.
[4] Наҳор — хӯроки нисфирӯзӣ.
[5] Суфра — дастархон.
[6] Таҳаш боло омад — тамом шуд.

аст ва Роҳ таваққуф дорад[1], ки рафиқаш мавқеи шом ва наҳор мард ва мардона суфраашро дар пеши ӯ бечунучаро во мекунад. Аммо Бероҳ ин корро накард. Рӯзи аввал вақти наҳор аз аспаш пиёда шуда, ба ҷои он ки ӯро таклиф кунад, рафт як каноре, пушташро гардонд ва нонашро хӯрд. Роҳ якду рӯз сабр кард, охир аз гуруснагӣ ва ташнагӣ бетоқат шуд. Гуфт:

— Рафиқ қарори мо ин набуд!

Бероҳ гуфт:

— Монед, ин ҳарфҳо ба сари ман намедароянд. Ман одаме ҳастам оқил, ҳисобҳоямро кардам, агар ман туро шарики нон ва оби худ бикунам, озуқаи ман зудтар тамом мешавад ва мумкин аст ман гурусна бимонам.

Роҳ дилтанг шуд, гуфт:

— Ҳоло ки ин тавр аст, оби ман бо ту дигар ба як ҷӯй намеравад, мо рафтем. Роҳашро кач кард ва ба як тарафи дигар рафт. Рафт, рафт, то наздикҳои ғуруб[2] ба як осиёбе расид, аспашро берун, байни алафҳо сар дод ва хурҷинашро бардошт, омад даруни осиёб, ки шабро роҳат бихобад. Ин тараф ва он тарафро нигоҳ кард, дид, гӯшаи осиёб як пастуе[3] ҳаст, як санг ҳам дар пешаш гузоштаанд. Аз назди санг рафт тӯи пасту, хурҷинро гузошт зери сараш ва хоб рафт. Нисфҳои шаб аз хоб парид, дид, садои нафас ва пуф меояд. По шуд[4], нигоҳ кард, дид, эй дили ғофил! Як шер ва як паланг ва як гург ва як рӯбоҳ омаданд тӯи осиёб. Аввал хеле тарсид ва авқоташ талх шуд[5], вале баъд хушҳол шуд, ки чӣ кори хубе кард, васати[6] осиёб намонда, рафт тӯи пасту.

Боре,[7] шер гуфт:

— Руфақо! Бӯи одамизод меояд.

Паланг гуфт:

---

[1] Таваққуф доштан — интизорӣ кашидан, умедвор шудан.

[2] Ғуруб — офтобшинишин, вақти фурӯ рафтани офтоб.

[3] Пасту — пастӣ, чуқурӣ.

[4] По шуд — аз ҷояш хест.

[5] Авқоташ талх шуд — табъаш хира шуд.

[6] Васат — байн, миён, марказ.

[7] Боре — хулоса, хуш, алқисса.

— Чӣ мегӯӣ? Одамизод ҷуръат дорад по бигузорад ин ҷо?

Гург гуфт:

— Ин ҷоҳо омадан дил мехоҳад[1].

Рӯбоҳ гуфт:

— Одамизод фикр дорад, ҷое намехобад, ки об зераш биравад. Ин ҷоҳо пайдош намешавад. Хотирҷамъ бошед, ҳарфҳомонро бизанем.

Шер гуфт:

— Руфақо! Ҳар кадом ҳар чӣ медонед аз асрор, бигӯед.

Паланг гуфт:

— Пушти боми ин осиёб як ҷуфт муш — нар ва мода лона доранд. Тӯи лонаи инҳо пур аз ашрафӣ ва сиккаҳои тилло[2], ҳар шаб ҳаво, ки хуб торик шуд, аз тӯи лонашон ин ашрафиҳоро меоваранд берун ва рӯи заминро бо онҳо фарш мекунанд ва сар мекунанд рӯи онҳо ғалтидан[3] то наздики саҳар. Он вақт онҳоро дубора мебаранд тӯи лонашон.

Паланг, ки ҳарфаш тамом шуд, гург гуфт:

— Духтари подшоҳи ин вилоят девона шуда ва хуб намешавад. Подшоҳ қарор гузошта, ҳар кас ин духтарро даво ва дармон бикунад, духтарро бо нисфи дороияш бидиҳад ба он. Ҳар чи ҳаким буд, оварданд, ҳеҷ кадом натавонистанд, духтарро чоқ кунанд, барои ин ки наметавонанд давои дардашро пайдо кунанд.

Шер гуфт:

— Давои дардаш чист?

Гург гуфт:

— Ним фарсах болотар аз ин ҷо як чӯпоне манзил дорад, ки гусфандҳои зиёде дорад, як саге дорад чобук ва заранг[4] ки хеле ҳам ӯро дӯст дорад. Мағзи сари ин саг давои дарди духтар аст.

Ҳарфи гург, ки тамом шуд, рӯбоҳ ба ҳарф омада, гуфт:

---

[1] Дил мехоҳад — шуҷоат, шердилӣ лозим аст.
[2] Ашрафӣ ва сиккаҳои тилло — пулҳои тилло.
[3] Ғалтидан — ғел задан, ғелидан.
[4] Заранг — ҳушьёр, тездав.

— Дар як фарсах аз ин осиёб як харобаест, ки қасри подшоҳони қадим буда ва ҳоло дар зери он харобаҳо як ганҷи пурбаҳое ҳаст, ки ҳафт хуми хусравӣ[1] тилло ва ҷавоҳир дорад.

Ҳайвонот ҳарфҳои худро заданд ва баъд аз якду соат аз он ҷо рафтанд. Чанд дақиқае ки аз рафтани онҳо гузашт, Роҳ аз пушти санг омад берун, рафт пушти боми осиёб, дид, бале, мушҳо ашрафиҳоро рӯи замин паҳн кардаанд ва дар рӯяш ғалтида истодаанд. Зуд як санг бардошт, зад пои яке аз он мушҳо, он зуд даррафт тӯи лона, дигараш бо пои шикастаи худаш расонд ба он. Роҳ ҳам омад, тамоми ашрафиҳоро ҷамъ кард ва тӯи хӯрҷин гузошт ва субҳ рафт тӯи биёбон ба суроғи чӯпон. Дид, дуруст аст, ҳамон тавре ки гург хабар дода буд, чӯпонест, галае дорад ва саге ҳам посбони галааш аст. Рафт ба пешаш, салом ва аҳволпурсӣ кард, гуфт:

— Амуҷон[2], ин сагро мефурӯшӣ?

Гуфт:

— Не, барои ин ки ин инсу мунси[3] ман аст, посбони галаи ман аст, аз чодир ва зиндагии ман нигаҳдорӣ мекунад, рафиқи бовафоям аст, чанд сол аст, бо ман аст.

Роҳ гуфт:

— Пули хуб медиҳам, ҳар коре метавонӣ, бикунӣ.

Чӯпон исми пул ки шунид, нарм шуд, гуфт:

— Хуб, чӣ қадар мехоҳӣ бидиҳӣ?

Гуфт:

— Ҳар чӣ ту бихоҳӣ.

Гуфт:

— Ман панҷоҳ ашрафӣ мехоҳам.

Гуфт:

— Додам!

Гуфт:

— Фурӯхтам!

Ашрафиҳоро дод ва аз пасӣ гардани саг гирифт ва ба тарафи дарвозаи шаҳр равон шуд.

---

[1] Хуми хусравӣ — хумҳои шоҳона.
[2] Аму — амак.
[3] Инсу мунс — дору нодор.

Вақте вориди шаҳр шуд, дид, ҳама ғамгинанд, аз яке пурсид:

— Мардум чаро ин тавр афсурдаанд?

Гуфт:

— Ҳоло чанд рӯз аст духтари подшоҳ девона шуда ва ҳар коре мекунанд, хуб намешавад. Шоҳ ҳам ҳукм кардааст, ки раъият ғуссадор бишаванд.

Гуфт:

— Чаро барояш ҳаким намеоваранд?

Гуфт:

— Бобо, худо падаратро биёмурзад[1], як ҳакими дигар тӯи ин шаҳр барои намуна пайдо намешавад.

Пурсид:

— Чӣ тавр?

Гуфт:

— Барои ин ки як-як ҳакимҳоро болои сари ин оварданд ва натавонистанд духтарро сиҳат кунанд. Подшоҳ гуфт сарашонро бибуранд.

Роҳ гуфт:

— Хонаи подшоҳро нишон бидеҳ, ман меравам, духтарашро дармон мекунам.

Гуфт:

— Ба назарам мехоҳӣ, модаратро беписар кунӣ.

Гуфт:

— Ту чӣ кор дорӣ? Нишон бидеҳ.

Ин нишон дод ва ӯ рафт ба тарафи қасри подшоҳ, ба дарбонбошӣ гуфт:

— Бигӯед, ҳакиме ки духтари туро чоқ кунад, омада.

Рафт ва гуфт ба подшоҳ, подшоҳ ба ҳузураш хост ва гуфт:

— Агар духтарамро дармон кардӣ, духтар ва нисфи дороиям моли ту, агар на, ҷонат моли ман.

Роҳ розӣ шуд, гуфт:

— Ҳукми қиблаи оламро қабул дорам.

Омад аввал духтарро дид. Баъд гуфт, ҳаммомро гарм кунанд ва як коса шири гов ҳам бигузоранд

[1] Биёмурзад — раҳмат кунад.

пеши дасташ, то ӯ ҳоло биравад ва баргардад. Ҳаммомро гарм карданд ва шир ҳам оварданд.

Ин ҳам рафт, сағро кушт ва мағзи сарашро овард, бо шир махлут кард. Он вақт аз он шир ва мағз молид ба бадани духтар. Ҳамин ки машғули молидани ин даво ба бадани духтар буд, духтар явош-явош[1] ҳолаш беҳ шуд, то хуб шуд. Ноғрҳ чашмаш ба Роҳ афтода гуфт: «Вой, хок бар сарам! Ин марди бегона ин ҷо чӣ кор мекунад?»

Роҳ хушҳол шуд ва омад паҳлуи подшоҳ, ки:

— Қурбонат гардам, шодиёна бидеҳ, духтарат хуб шуд.

Подшоҳ, аҳли ҳарамсаро — ҳама хушҳол шуданд ва бино ба ваъдае ки подшоҳ дода буд, бисоти арӯсиро сар карданд ва ҳафт шабонарӯз шаҳрро оин бастанд[2] ва чароғон карданд ва шаби ҳафтӯм дасти духтарро гирифтанд, гузоштанд ба дасти Роҳ ва гуфтанд:

— Илоҳи кӯша бо ҳам пир шавед!

Нисфи дороиро ҳам ба ӯ доданд.

Фардо омад ба суроғи харобаҳое, ки рӯбоҳ хабарашро дода буд, канд ва кофтукоб кард, ганҷҳоро берун овард. Як дастгоҳ иморат ҳамон ҷо сохт ва он ҷоро шикоргоҳи худаш кард.

Дар ин байнҳо подшоҳ, чун писар надошт, ба фикраш расид Роҳро ҷонишини худаш кунад.

Боре, як рӯз Роҳ бо чанд нафар ғулом беруни шаҳр машғули гардиш ва шикор буданд, саворе аз дур меомад, хуб нигоҳ кард, дид, рафиқаш Бероҳ аст. Расиданд ба ҳам, Бероҳ тааҷҷуб кард, дид ин хеле навнавор[3] аст, хеле ҳам димоғаш чоқ аст, аспи шикорӣ бо зин ва чула ҷавоҳирнишон савор аст, либоси зарбофт пӯшида, чакмаи соғарӣ[4] пош аст, бист қадам дуртар даҳ ғуломи зарринкамар савора пушти сараш саф бастаанд. Гуфт:

— Рафиқ саломат бош, ин дову дастгоҳро аз куҷо пайдо кардӣ?

---

[1] Явош-явош — оҳиста-оҳиста, тадриҷан.
[2] Оин бастан — ба ҷашн тайёр кардан.
[3] Навнавор — либоси нави қиматбаҳо пӯшида.
[4] Чакмаи соғарӣ — мӯзаи хиром.

Роҳ тафсилро барояш гуфт. Бероҳ ин ҳарфҳоро ки шунид, наздик буд битаркад аз ҳасад. Хайру хуш кард, рафт ба тарафи осиёб, ки ин ҳам ба мақсаде бирасад. Аз қазо он шабе, ки Бероҳро дид, расо нӯҳ рӯз гузашта буд ва имшаб шаби даҳӯм буд, ки Бероҳ рафт тӯи осиёб ва навбати ҳайвонот буд, ки биёянд тӯи осиёб, бо ҳам сӯҳбат кунанд. Бероҳ ба тақлиди Роҳ рафт тӯи осиёб, пушти ҳамон санг тӯи пастӯ пинҳон шуд.

Нисфҳои шаб дид, сару каллаи шеру палангу гургу рӯбоҳ пайдо шуд. Шер гуфт:

— Руфақо! Боз ҳам бӯи одамизод меояд. Ҳоло ҳар кадом хабари тоза ва асрорангезе ки доред, бигӯед.

Паланг гуфт:

— Ҳоло хабари тозаро вел кун [1]. Ман чизи дигаре мехоҳам бигӯям. Он ду муш набуданд рӯи пушти боми ин ҷо, ки ман гуфтам тӯи лонаашон пури ашрафӣ аст ва шабҳо ашрафиҳоро паҳн мекунанду рӯш ғел мезананд, имрӯз дидам ҳолашон парешон аст. Маълум шуд, касе ба ҳавои пулҳои инҳо рафта, яке аз онҳоро санг зада шал карда, пулҳои эшонро ҳам бардошта рафта.

Шер ғусса хӯрд. Гург гуфт:

— Воқеан, чизи аҷибе аст. Муддате аст, ин саги чӯпон нест. Аҷаб не, ки касе инро аз соҳибаш гирифта ва кушта бошад ва мағзи сарашро дар оварда бошад.

Боз шер ғусса хӯрд. Рӯбоҳ гуфт:

— Воқеан, он ҷое, ки нагуфтам харобае асту ганҷи пурбаҳо ва хуми хусравӣ дорад? Ҳанӯз даҳ рӯз нашуда як иморат рӯш сохтанд.

Шер гуфт:

— Маълум мешавад, одамизоде ин ҷо буда, ҳарфҳои моро шунида. Ман ҳам то ворид шудам, гуфтам бӯи одамизод меояд, шумоҳо маро бастед.

Гуфтанд:

— Ҳоло ҳам бӯи одамизод меояд. По шав, рӯ-

[1] Вел кун — бигузор, бимон; сар те.

боҳ, ту аз ҳама чобуктарӣ бубин, аз ин ҷинси шариф ин ҷо ҳаст ё не?

Рӯбоҳ по шуд, ин тарафу он тараф нигоҳ кард. Берохро аз пушти пасту кашид берун. Гуфт:

— Руфақо, пайдо кардам, худаш аст!

Берохро дигар аҳволаш бад шуд. Шер гуфт:

— Паланг, ту суратшиносӣ, бубин, ин чи тавр одаме ҳаст.

Паланг нигоҳе кард, гуфт:

— Ҷинси аҷибе аст. Як мисқол хайру баракат дар худ надорад.

Шер гуфт:

— Ё олло, порааш кунед!

Тика-тика карданд. Ҳар кадом як тикаашро хӯрданд.

Ин буд оқибати марди Бероҳ ва он ҳам саргузашти Роҳ.

Боло рафтем, мост [1] буд, поин рафтем, мост буд, қиссаи мо рост буд.

[1] Мост — чурғот.



*Субҳӣ (китоби аввал*

## САЪД ВА САИД

Яке буд, яке набуд, подшоҳе буд, хеле ба мардум хубӣ мекард.

Як расме дошт, ки ҳар ғарибе вориди шаҳр мешуд, ҳар ҳоҷате ки дошт, ҳоҷаташро иҷро мекард.

Рӯзе як дарвеши натарошида ва нахарошидае[1] вориди он шаҳр шуд ва якбора ба суроғи қасри подшоҳ рафт. Дарбонбошӣ омад пешаш, ки:

— Бо кӣ кор дорӣ?

Гуфт:

— Бо худи подшоҳ.

Рафт ба подшоҳ хабар дод, ки як дарвеш омада, мегӯяд ман бо шумо кор дорам.

---

[1] Натарошида ва нахарошида — шахси сару либосаш дарида, ифлос.

Подшоҳ гуфт:

— Бигӯед, биёяд.

Дарвеш омад, гуфт:

— Эй подшоҳ, мардум рост мегӯянд, ки ҳар гарибе вориди ин шаҳр бишавад, ҳар чӣ аз ту бихоҳад, ба ӯ медиҳӣ?

Подшоҳ гуфт:

— Бале.

Гуфт:

— Ҳоло ки ин ҳарф рост аст, ман як чизе аз ту мехоҳам.

Гуфт:

— Чӣ мехоҳӣ?

Гуфт:

— Мехоҳам, ки ту аз тахт биёй поин ва чиҳил рӯз ҷои худатро ба ман бидиҳӣ ва ман ба ивази ту подшоҳӣ бикунам.

Подшоҳ дид, ҳарфест[1] зада, қавлест дода, хоҳу ноxоҳ аз тахт омад поин ва тоҷашро сари дарвеш гузошт ва гуфт:

— Чиҳил рӯз подшоҳии ман моли ту, аммо ба шарти ин ки дар ин чиҳил рӯз ба касе ситам накунӣ.

Дарвеш гуфт:

— Хотирҷамъ бош.

Оқодарвеш чиҳил рӯз ҷои шоҳро гирифт ва дар ин муддат ҳар чӣ аз ҳиллаву найранге ки дошт, ба кор зад ва мардумро ба тарафи худаш овард. Дари хазинаро во кард ва ҳар чӣ буд аз тиллову нуқра, ба мардум дод ва гуфт:

— Инҳо моли шумост, ки ин ҷо ҷамъ шуда.

Рӯзи чиҳилӯм ки тамом шуд, подшоҳ одам фиристод, ки навбати ман шуд, аз тахт биё поин, ки ман омадам. Дарвеш мардумро ҷамъ кард, гуфт:

— Бубинед, ин чӣ мегӯяд? Ӯ агар шуморо ҷуз одам ҳисоб мекард, дар ин муддат инъому бахшише мекард, илова бар ин ҷояшро ба ман намедод.

Мардум шӯриданд, гуфтанд:

— Беҳуда мегӯяд, мо туро мехоҳем, ӯро намехоҳем.

---

[1] Ҳарф — сухан, гап.

Подшоҳ вақте ки ин ҳарфҳоро шунид, дид, чорае нест, шабона зан ва дуто бачаашро, ки яке исмаш Саъд ва яке Саид буд, гирифт ва аз дарвозаи шаҳр рафт берун. Чанд рӯзе дар дашту биёбон мерафтанд, то расиданд ба назди як рудхонае[1], канори як ҷангале. Подшоҳ дид, бачаҳо наметавонанд, аз об гузаранд. Ба занаш гуфт:

— Ту аввал бирав он тарафи об, то ман бачаҳоро яктогӣ гузаронам.

Занаш аз об гузашт. Подшоҳ Саъдро бардошт, ки аз об гузаронад. Ҳанӯз ба васати наҳроб нарасида буд, ки як шери гурусна аз ҷангал омад берун ва Саидро қапид. Подшоҳ ки инро дид, тарсид ва дасту пояш ларзид ва Саъд аз дасташ афтод тӯи наҳр ва об бурдаш. Занаш ҳам ин тараф аз ҳол ва ҳуш рафт. Дигар ба ҳар сахтӣ буд, подшоҳ занашро ба ҳуш овард, дид, чорае надорад. На метавонад думболи шер биравад Саидро аз дасташ бигирад ва на тӯи об биафтад, Саъдро наҷот бидиҳад. Ба занаш гуфт:

— Чӣ мешавад кард? Қисматамон ин буд, ҳар чӣ дар пешонаамон навишта, ҳамон аст.

Боре, ин зан ва мард баъд аз ин мусибат, ки бар сарашон омада, вориди деҳе шуданд. Канори деҳ, тӯи як харобае манзил карданд. Саворе аз он ҷо мегузашт, чашмаш ба зан хӯрд, дид аҷаб сурате дорад. Зане бо ин зебоӣ ҳанӯз надида. Ба худ гуфт: «Беҳтар ин аст, ин занро аз чанги он мардак дар орем[2]». Бо ин хаёл омад пеш ва гуфт:

— Эй, мард! Худо падаратро раҳмат кунад, Зани ман дардаш аст. Мехоҳад бизояд, касе ҳам надорад. Бигузор занат биояд паҳлӯяш, ба ивазаш ман туро розӣ мекунам.

Марди бехабар гуфт:

— Чӣ айб дорад.

Рӯ кард ба занаш, гуфт:

— Бирав кӯмак кун, занаш бизояд. Шояд аз ин роҳ ба як нон ва навое бирасем.

---

[1] Рудхона — дарьё.

[2] Дар овардан — гирифтан, рабудан.

Зан гуфт:

— Бисьёр хуб.

Ва по шуд, ҳамроҳи савор рафт. Савор иро ба худ бурд. Зан вақте дид, ин мардак ӯро фиреб дода, ба хоҳишу тавалло афтод, вале агар ба дили санг асар кард, ба дили савор ҳам асар кард. Аз он тараф ҳам подшоҳ ҳарчӣ сабр кард, дид, занаш наомад, саросема шуд, ба деҳ даромаду ғаштан гирифт, вале касеро наёфт.

Бечора ин мард рӯзе барои худаш подшоҳе буд, бо ҳоле ки насиби гурги биёбон ҳам нашавад, рафтан гирифт. Аммо намедонист, ки чи тавр меравад ва куҷо меравад. Чанд шабонарӯз ҳайрон ва саргардон мисли гурбаи девона ин дар ва он дар мезад, то як рӯз субҳ сар аз канори шаҳре даровард. Дид, ҷамъияти зиёде ҷамъанд. Бо ҳамон ҳоли парешон аз яке пурсид:

— Ин ҷамъият ин ҷо барои чӣ ҷамъ шудаанд?

Гуфт:

— Подшоҳи мо мурда. Чун ворисе надошт, мо ин ҷо ҷамъ шудем боз вел кунем. Рӯи сари ҳар кӣ нишаст, ӯро биёрем ва подшоҳ кунем.

Ин рафт як каноре дур аз мардум. Дар ин миён бозро вел карданд. Омад рӯи сари ин мард нишаст. Мардум ҷамъ шуданд, диданд, як одами маалуми ғуссадорест ва парвои ин корҳоро надорад. Гуфтанд:

— Ин нашуд. Аз сар бозро вел мекунем.

Дубора вел карданд, себора вел карданд, боз ҳам омад рӯи сари ӯ нишаст. Дигар бо зӯр кашидандаш, бурдандаш, лисоби шоҳӣ танаш карданд, тоҷ сараш гузоштанд, ба тахт нишаст. Аз шумо чӣ пинҳон, як каме ҳолаш беҳ шуд.

Пештарҳо расм ин буд, ки подшоҳҳо вақте ба тахт менишастанд, худашон хутба мехонданд. Дарбориҳо давраш ҷамъ шуданд, ки подош бидиҳанд [1], чӣ бигӯяд ва чӣ кор бикунад. Диданд, ин худаш

[1] Подош додан — махфиёна ёд додан, фаҳмондан, маслиҳат додан.

роҳ ва расми корро медонад, мисли ин ки ҳафтод сол аст подшоҳӣ карда! Тааҷҷуб карданд.

Чанд рӯзе ки аз ин муқаддима[1] гузашт, як шаб рафт дар фикр ва хаёли зану бачаҳо, ҳисобашро кард, дид, агар Саъд ва Саид буданд, Саъд ҳабдаҳ солаш буд ва Саид шонздаҳ. Субҳ вазирашро хост ва гуфт:

— Эй, вазир, ду кор бояд бикунӣ. Яке он ки ба дарвозабон биспурӣ, ҳар ғарибе ки вориди ин шаҳр мешавад, ӯро равонаи ин қасри салтанатӣ бикунад, ки шаби аввал дар берунӣ[2] меҳмони мо бошад ва дигар, тамоми ҷавонҳое, ки ба синни шонздаҳ ва ҳабдаҳ расидаанд, ҷамъ кунӣ, то бо навбат ҳар шаб як шонздаҳсола бо як ҳабдаҳсола — дутой дар берун қаровул бошанд ва то субҳ қаровулӣ кунанд.

Вазир таъзими баландболое[3] кард ва гуфт:

— Қиблаи олам, ба саломат бошад, ҳамин корро мекунем.

Муддатҳо ин корро мекарданд. Ҳар ғарибе ки вориди шаҳр мешуд, дарвозабон мегуфт, ба ҳукми қиблаи олам шаби аввал бояд дар беруни қасри шоҳӣ меҳмон бошед ва ҳар шаб ҳам ду қаровул аз ҷавонҳои ҳабдаҳсола ва шонздаҳсола дар берунӣ қаровулӣ мекарданд ва подшоҳ ҳам ҳар шаб саре ба меҳмонҳои тозаворид ва қаровулҳо мезад[4].

Як шаб танбалиш омад. Иттифоқан нисфҳои ҳамин шаб аз садои доду бедод аз хоб парид, ғуломи махсуси худашро хост, гуфт:

— Ин садоҳо аз куҷост?

Гуфт:

— Аз берунӣ.

Гуфт:

— Бирав, бубин чӣ хабар аст?

Ғулом рафт ва баъд аз чанд дақиқа омад, гуфт:

— Қиблаи олам, имшаб як мард бо занаш дар берунӣ меҳмонанд. Баъд аз нисфи шаб аз садои

---

[1] Муқаддима — воқеа.

[2] Берунӣ — ҷои махсус дар қаср барои меҳмонон.

[3] Таъзими баландболо (болобаланд) — таъзими ниҳоят боэҳтиром.

[4] Сар задан — диданӣ рафтан.

ҳарф мард бедор мешавад. Мебинад, қаровулҳои дами дар яке рӯи ин зонуи занаш нишаста, яке рӯи он зонуш. Ба нафсаш бад мерасад. Доду бедод мекунад.

Подшоҳ авқоташ талх мешавад. Ба ғулом мегӯяд:

— Бирав, гардани ҳарду қаровулҳоро бизан!

Ғулом вақте меояд, гардани онҳоро бизанад, мебинад, зан хеле таваллову илтимос мекунад, ки:

— Бобо[1], моро меҳмон кардед, ки бачаҳоямонро дар доманамон бикушед? Бояд аввал маро бикушӣ, баъд бачаҳоямро.

Ғулом бар мегардад ва тафсилро ба подшоҳ мегӯяд.

Подшоҳ мегӯяд:

— Бираввед меҳмонҳоро биёред.

Меҳмонҳоро ба ҳузури подшоҳ меоваранд. Подшоҳ мепурсад, чӣ хабар аст. Мард ҷавоб медиҳад, ки:

— Моро бо ҳукми шоҳ шаб меҳмон карданд. Нисфи шаб бедор шудам, дидам қаровулҳои дами дар дар домани занам нишастаанд. Дод ва бедод кардам, ғулом ба амри подшоҳ омад онҳоро бикушад. Занак барои ин ки онҳоро халос кунад, дурӯғе мегӯяд: «Саъд ва Саидам ва инҳо бачаҳои мананд».

Подшоҳ вақте исми Саъд ва Саидро мешунавад, такон мехӯрад, рӯ мекунад ба зан, ки:

— Эй, зан, ин шавҳари ту чӣ мегӯяд!

Зан мегӯяд:

— Қиблаи олам, ин шавҳари ман нест. Ман зани подшоҳи фалон вилоят будам. Як дарвеш омад, шавҳари маро фиреб дод ва ҷон ӯро гирифт. Мо ҳам ночор шабона аз шаҳр берун омадем, дар байни роҳ ба як рудхонае расидем. Хостем, ки бачаҳоямонро аз рудхона гузаронем, якешро шер қапид, якешро ҳам об бурд, баъд ман ва шавҳарам омадем дар як харобае. Ин мард савора мегузашт. Чашмаш, ки ба ман хӯрд, бо баҳонаи ин ки занам мехоҳад бизояд, маро ҳамроҳи худаш бурд, ки занаш бизояд

---

[1] Бобо — ин ҷо ба маънои «охир!» (хитобан).

ва ман баргардам. Вале дидам, ки маро фиреб дода ва то ҳоло маро бо зӯр нигоҳ дошта. Дирӯз моро гузорамон ба ин шаҳр афтод. Дарвозабон гуфт, ба ҳукми подшоҳ бояд шаби аввалро дар қаср меҳмон бошед. Мо ҳам омадем. Ман вақте вориди қаср шудам, ёди шавҳарам ва бисоти подшоҳии худамон афтодам. Хоб аз чашмам дур шуд.

Дар ин байн қаровулҳои дами дар машғули сӯҳбат буданд. Ман бехаёл гӯш мекардам. Дидам, ин як ба он як мегӯяд: «Рафиқ, агар мехоҳӣ хобат набарад, бо ҳам сӯҳбат кунем. Ту аз шарҳи ҳоли худат ба ман бигӯ. Ман ҳам аз шарҳи ҳолам ба ту бигӯям, то хоб аз сарамон биравад». Гуфт: «Хеле хуб». Он як, ки бузургтар буд, шурӯъ кард ба сӯҳбат. Гуфт: «Исми ман Саъд аст. Маро ки мебинӣ ҳоло қаровул ҳастам, падарам подшоҳ буд, бисоте дошт. Аз қазо ба ин подшоҳи худамон ҳам бе шабоҳат[1] набуда. Рӯзе дарвеше омад ва ӯро фиреб дод. Падарам бо модарам ва ман ва як бародарам, ки исмаш Саид буд, аз шаҳр омаданд берун. Рафтанд, то расиданд ба як рудхонае. Дид, мо наметавонем гузарем, падарам маро бағал кард. Овард, аз об гузаронад. Шер аз ҷангал ҳамла кард, бародарамро қапиду падарам ҳам дасташ ларзид ва саросема шуд ва маро ба об дод. Аз он ҷое ки умрам ба ин дунё монда буд, дар се фарсахе даштбоне[2] маро дид ва аз об берун кашид. Маро ба фарзандӣ қабул кард, то ҳукми подшоҳ дар омад, ки бояд ҷавонҳои ҳабдаҳсола ва шонздаҳсола ба навбат қаровулӣ кунанд. Маро фиристод ин ҷо». Он як то ин ҳарфро шунид, гуфт: «Э вой, ту бародари манӣ! Ман ҳамон Саидам! Вақте ки шер маро қапид, як майдон роҳ он тарафи ҷангал шикорчӣ маро ба даҳони шер дид, дилаш сӯхт. Шерро бо тир зад ва маро халос кард ва ба ҷои фарзанд ба хонааш бурд, ҳоло ки худоро шукр чашмам ба чашми ту равшан шуд». Эй подшоҳ, вақте ки ин ҳарфҳоро аз ин ду то мешунидам, намедонӣ чӣ ҳоле ба ман

[1] Шабоҳат — монандӣ.
[2] Даштбон — назоратчии дашт.

даст дод. Беихтиёр давидам берун. Гуфтам, бачаҳо, шумо писарҳои ман ҳастед. Инҳоро овардам тӯи берунӣ, рӯи зонуям нишондам, бо инҳо дарди дил мекардам. Саъдам, Саидам мегуфтам, ки ин мард бедор шуд ва доду бедод кардан гирифт. Он вақт ғуломи шумо омад, ки подшоҳ гуфта инҳоро бояд бикушам»...

Матлаб, ки ба ин ҷо расид, подшоҳ, ки то ин дақиқа ба ҳазор захмат худашро нигоҳ дошта буд, бетоқат шуд, гуфт:

— Эй, зан, ту зани ману модари бачаҳои ман ҳастӣ! Сад ҳазор шукр, ки як дафъа ба шумо расидам!

Дигар намедонед, чӣ ҳоли хуше ба подшоҳ, занаш ва бачаҳо даст дода буд. Мардаки савор аз дидани ин авзо ва шунидани ин ҳарфҳо дилаш ба ларза афтод. Мисли бед меларзид. Билохира, шоҳ дастур дод, ки дар як чоҳе ҳабсаш кунанд, то дигар чашми тамаъ ба моли соҳибдор надӯзад

Аҳли шаҳр вақте ки аз матлаб хабардор шуданд, ба иқболи подшоҳ ҳафт шабонарӯз шаҳрро оин бастанд ва чароғонӣ карданд. Подшоҳ аввал коре ки кард, фиристод он шикорчӣ ва даштбонро оварданд, дар муқобили ин муҳаббате ки ба писарҳоиш карда буданд, якеро вазири дасти рост кард ва якеро вазири дасти чап.

Қиссаи мо ба сар расид, умедворем, ҳамон тавре ки баъд аз чиҳил сол Ёқуб ба гумшудааш расид ва подшоҳ ба зан ва бачаҳо, ҳаман мо ба мурод ва матлабамон бирасем. Ва ҳаққи софон ва покон.



*Субҳӣ (китоби аввал)*

## ҚИССАИ ҲАЗРАТИ МӮСО ВА ХОРКАШ

Як рӯзе ҳазрати Мӯсо барои муноҷот ба кӯҳи Тур мерафт. Як хоркаши фақир роҳашро гирифт ва гуфт:

— Ё Мӯсо, имрӯз вақте муноҷотат тамом шуд, ба худо бигӯ назаре ба мо ҳам бикунад. Шояд аз ин ҳама заҳмат халосӣ пайдо кунем.

Ҳазрати Мӯсо қабул кард ва рафт ба кӯҳи Тур ва муноҷоташро кард ва аср ки бармегашт, ҳамин ки ба пирамарди хоркаш расид, дид, эй доди бедод, ки фаромӯш карда пайғоми хоркашро ба худо нарасонидааст. Хоркаш пешаш омад ва пурсид:

— Ё Мӯсо, пайғоми маиро расондӣ?

Ҳазрати Мӯсо тасбеҳи дасташро, ки хеле қиматӣ буд, дод ба хоркаш ва гуфт:

— Ин тасбеҳро бифурӯш ва харҷ кун, то бубинем, худо чӣ мехоҳад.

Мардак хеле хушҳол шуд ва омад ба бозор, ки тасбеҳро бифурӯшад, иттифоқан доруғабошӣ[1] аз даруни бозор мерафт ва ҳамин ки чашмаш ба тасбеҳ афтод, нигоҳе ба либоси пора-пораи хоркаш кард ва гуфт:

— Зуд бигӯ бубинам, ин моли кӣ? Ҳатман ту ин тасбеҳро дуздидаӣ. Албатта ин тасбеҳ бояд моли дасти ҳоким бошад!

Фаврӣ тасбеҳро аз дасти хоркаш гирифт. То хоркаш хост эътироз кунад, доруғабошӣ ба доруғаҳо гуфт:

— Зуд ин мардакро доред!

Пирамард дид, ки ҳозир ӯро зиндон мекунанд, обрӯяш ҳам меравад, ин буд, ки по гузошт ба фарор[2], аз байни кӯчаву пасткӯчаҳо худашро расонд ба хона.

Ҳол ва аҳволро барои занаш нақл кард. Занаш гуфт:

— Ғусса нахӯр, худо карим аст. Шояд ин қисмати мо набуд.

Фардо субҳ, ки боз Мӯсо ба кӯҳи Тур мерафт, хоркаш гуфт:

— Ё Мӯсо, тасбеҳи дирӯзаро доруға аз ман гирифт ва кам монда буд, зиндонӣ ҳам бишавам. Имрӯз баъд аз муноҷот ба худо бигӯ, ки назаре ба ҳоли мо бикунад.

Ҳазрати Мӯсо қабул кард, рафт.

Иттифоқан боз ҳам Мӯсо аз ёд баровард ва аср ки баргашта истода буд, ҳамин ки наздики хоркаш расид, ба ёдаш зад, ки пайғоми хоркашро фаромӯш кардааст. Ин буд, ки як киса тилло ба хоркаш дод ва гуфт:

---

[1] Доруғабошӣ — сардори назоратчиёни шаҳр.
[2] По гузошт ба фарор — гурехт.

— Биё, ин кисаи тиллоро харҷ кун, то бубинем, худо чӣ мехоҳад.

Хоркаш хеле хурсанд шуд ва пуштораи хорашро бардошту ба тарафи шаҳр равона шуд. Дар байни роҳ даст ба хок нишастан хост. Хорро ба замин ғузошт ва кисаи тиллоро ҳам ғузошт рӯи пуштораи хор. Вақте ки бо ин кор машғул буд, як зоғи ало аз ҳаво пар зад ва кисаро ба нӯлаш гирифту рафт.

Боз хоркаш бо чашми гирьёну дили бирьён омад хона ва шарҳи ҳолашро ба занаш гуфт. Занаш хеле ба ӯ дилдорӣ доду гуфт:

— Ғусса нахӯр, ҳар чӣ худо бихоҳад, ҳамон мешавад.

Фардо субҳ ҳазрати Мӯсо ба кӯҳи Тур мерафт, хоркаш гуфт:

— Ё Мӯсо, кисаи тиллоро ҳам дирӯз зоғи ало бурд. Имрӯз ба худо бигӯ, назаре ба ҳоли мо бикунад. Шояд аз ин бадбахтӣ наҷот ёбем.

Он рӯз дигар ҳазрати Мӯсо фаромӯш накард. Баъд аз муноҷот моҷарои ду рӯз пешро гуфт ва пайғоми хоркашро ба худо расонд. Аз он тараф нидо омад, ки: «Ё Мӯсо, бо ин бандаи мо бигӯ, ки аз имрӯз як шоҳӣ[1] ба рӯзиаш изофа шуд».

Аср, ки ҳазрати Мӯсо бар мегашт, хоркаш пеши роҳашро гирифт ва гуфт:

— Ё Мӯсо, гуфтӣ?

Ҳазрати Мӯсо гуфт:

— Ростašро гӯям, дирӯз ва парирӯз аз ёдам рафта буд ва он тасбеҳу кисаи тиллоро аз худам додам. Имрӯз пайғоми туро расондам. Худо гуфт, аз имрӯз як шоҳӣ ба рӯзиат изофа хоҳад кард.

Хоркаш хеле хушҳол шуду пуштораи хорашро пушт кард ва ба роҳ афтод. Вақте омад дами дӯконе, ки хорҳояшро он ҷо мефурӯхт, соҳиби дӯкон гуфт:

— То имрӯз ҳар пуштора хорро аз ту чанд мехаридам?

Хоркаш гуфт:

---

[1] Шоҳӣ — пули хурдтарини эронӣ.

— Панҷ шоҳӣ.
Соҳиби дӯкон гуфт:
— Хуб, аз имрӯз ба ту шаш шоҳӣ пул медиҳам.
Вақте хоркаш дид, ки як шоҳӣ аз рӯзҳои пеш зиёдтар ба дасташ омад, гуфт: «Ин пулро як моҳӣ мехарам». Як моҳӣ хариду ба хонааш бурд. Зани хоркаш моҳиро бурд, ки бипазаду биёрад. Ҳамин ки тӯи шиками моҳиро тоза карда истода буд, як шишае ба андозаи тухми мурғ аз шиками моҳӣ пайдо кард, ки аз вай нур берун меомад. Фаврӣ омада шишаро ба шавҳараш нишон дод. Хоркаш гуфт:
— Мо ки чароғ надоштем, ҳоло баъд аз ин ба ҷои чароғ аз ин истифода мекунем.
Онҳо хӯроки шомашонро хӯрданд ва хобиданд. Аз қазои рузгор ҳамон шаб тоҷире ки моли тиҷорати ҳокимро ба шаҳр меовард, каме дертар ба дарвозаи шаҳр расиду вақте ҳам расида буд, ки дарвозаи шаҳрро баста буданд. Тоҷир ҳарчи ки аз дарвозабон исрор кард, ки бобо, ин моли тиҷоратӣ моли ҳоким аст, ман тоҷирбошии ин мамлакат ҳастам, дарро во кун, дарвозабон ба ҳарфи ӯ гӯш надоду гуфт:
— Чораи дигаре нест, ман то субҳ наметавонам дарвозаро боз кунам.
Тоҷир муроҷиат кард ба яке аз навкарҳояш ва гуфт:
— Бирав ин тарафу он тараф, бубин ноне барои мо пайдо мекунӣ.
Навкараш нигоҳ кард, дид, аз дур як рушноӣ намудор аст. Ба тарафи рӯшноӣ омад, ки ҳамон манзили хоркаш буд. Дарро зад. Хоркаш бедор шуд ва гуфт чӣ мехоҳад. Ғулом гуфт:
— Як каме ноне, ғизое, чизе бидеҳ, то барои арбобам бибарам.
Хоркаш гуфт:
— Бирав, бобо, худо падаратро биёмурзад. Мо худамон ҳам чизе надорем, ки бихӯрем.
Навкар баргашт ва ба арбобаш гуфт:
— Чизе пайдо накардам.
Тоҷир гуфт:

— Бигузор худам биравам. Шояд муваффақ шавам.

Омад дари хонаи хоркаш ва дари хонаи ӯро зад. Хоркаш боз аз хоб бедор шуд. Дарро боз кард ва гуфт:

— Бобо, чӣ кор дорӣ? Нисфи шабӣ намегузорӣ бихобем?!

Тоҷир гуфт:

— Омадаем, то қут ва ғизое аз ту бигирем.

Хоркаш гуфт:

— Ман-ку гуфтам, чизе надорам.

Ҳамон вақте ки онҳо ҳарф мезаданд, чашми тоҷир ба шишае афтод, ки тӯи тоқчаи утоқи хоркаш буд.

Пурсид:

— Ин чист?

Хоркаш гуфт:

— Мо шабҳо ба ҷои чароғ аз ин истифода мекунем.

Тоҷир пурсид:

— Онро ба ман мефурӯшӣ?

Хоркаш гуфт:

— На.

Тоҷир гуфт:

— Ман ӯро сад туман[1] мехарам.

Хоркаш хаёл кард, ки ӯро масхара мекунад, гуфт.

— Мебахшед-дия.

Гуфт:

— Ҳазор туман!

Боз гуфт:

— Мебахшед-дия.

Гуфт:

— Даҳ ҳазор туман!

Хулоса, дарди саратон надиҳам, ба як пули калоне муомила хотима ёфт.

Хоркаш бо худ фикр кард, ки: «Агар ин пулро ман аз ин тоҷир бигирам, боз фардо ҳазор ҳарф аз

---

[1] Туман — пули эронӣ, як туман баробари 200 шоҳӣ.

паи ин пайдо мешавад. Мумкин аст, бигӯянд, ин пулҳоро дуздидӣ». Аз ин рӯ ба тоҷир гуфт:

— Ин муомила як шарте ҳам дорад. Он шарт ин аст, ки фардо субҳ, ки пулҳоро ба ман додӣ, ба назди ҳоким меравӣ, маро ҳам бо худ мебарӣ ва мегӯӣ, ки ту ин пулҳоро ба ман додӣ.

Тоҷир қабул кард ва субҳ бо хоркаш ба тарафи қасри ҳоким равона шуданд. Дар байни роҳ тоҷир ба худ фикр кард, ки: «Агар бигӯям, ин пулҳоро барои хариди он санги қимате ба ин мард додам, мумкин, ки сангро ҳам аз ман талаб кунанд». Ин буд, ки вақте ба ҳузури ҳоким расид, гуфт:

— Ман бародаре доштам, ки солҳо аз ҳолаш бехабар будам, то дишаб ки онро дар ин шаҳр пайдо кардам ва ҳоло овардамаш ин ҷо, ки ӯро бо шумо шинос кунам ва зимнан сармояи зиёде ҳам дар ихтиёраш гузоштам, то ба коре машғул бишавад.

Ҳоким ба хоркаш нигоҳе кард, дид, ҷавони хушқаду боло ва далер ба назар менамояд. Ин буд, ки гуфт:

— Аслан лозим нест кор кунад. Ҳамин ҷо дар дарбори ман бошад ва ба корҳои ман ёрӣ диҳад.

Фаврӣ дастур дод, хоркашро ба ҳаммом бурданд ва либоси қашангу[1] оростае ба танаш карданд.

Хоркаш ҳам дар ҳамон шаҳр дар наздикии манзили ҳоким як хонаи бузурге харид ва асбоби хонаро хеле муфассал дуруст кард ва рӯзҳо дар манзили ҳоким ба корҳои мардум расидагӣ мекард[2].

Як рӯз, ки дар боғи ҳукуматӣ машғули қадам задан буд, дид, доруғабошӣ аз дур пайдо шуд ва он тасбеҳе ки як рӯз ба зӯр аз худаш гирифта буд ва гуфта буд, ин моли дасти ҳоким аст, тӯи дасти худи доруға аст. Фаврӣ садояш кард ва гуфт:

— Мардаки падарлаънат, ту магар нагуфтӣ, ки ин тасбеҳ моли дасти ҳоким аст? Ҳоло тӯи дасти худат чӣ кор мекунад?

Доруғбошӣ ба дасту пои хоркаш афтод:

---

[1] Қашанг — зебо, хушрӯй.

[2] Расидагӣ кардан — иҷро кардан, буд кардан.

— Эй, амон! Ғалат кардам, биё тасбеҳи худатро бигир ва маро бубахш.

Хоркаш тасбеҳро гирифт ва доруғаро иҷозат ба рафтан дод. Иттифоқан ду-се рӯз баъд ҳоким ба хоркаш гуфт:

— Шабҳо аз садои ин зоғони ало маро хоб намебарад. Чандто аз ин дарахтҳои боғро, ки лонаи зоғи ало доранд, бигӯ бибуранд.

Хоркаш фавран дастур дод, як арра оварданд ва шурӯъ карданд ба буридани дарахтҳо, ки якбора ҳамон кисаи тилое ки зоғи ало аз рӯи пуштораи хораш бурда буд, аз болои дарахт афтод поин. Хоркаш хеле хушҳол шуд ва кисаро бардошт.

Хулоса, рӯз ба рӯз кори хоркаш беҳтар мешуд. Ҳоло биё ва бубин чӣ дову дастгоҳе роҳ андохта буд.

Муддате гузашт. Ҳамон тоҷире ки барои ҳоким моли тиҷоратӣ меовард, бо миқдори моли зиёди тиҷоратӣ, ки аз ҳамеша бештар буд, ба шаҳр ворид шуд. Хоркаш ба худ гуфт: «Эй, бобо, ин мард ба гардани ман хеле ҳақ дорад. Бад нест агар барои наҳор ӯро ба хонаи худам бибарам». Тоҷирро ба манзили худ таклиф кард. Вақте сари наҳор истода буданд, шайтон тоҷирро васваса кард, ки бигузор коре кунам, ки дили хоркаш бисӯзад. Ба хоркаш гуфт:

— Хабар дорӣ, он чизеро, ки ман аз ту харидам, санги шабчароғ буд ва ман онро ба чанд миллион фурӯхтам.

Хоркаш бо безътиноӣ гуфт:

— Эй, бобо, ман рӯзи ҳамон шабе ки ту ин ҷо омадӣ, моҳие харида будам ба як шоҳӣ ва ин сангро аз тӯи шиками моҳӣ пайдо карда будам.

Ҳамин ки хоркаш ин ҳарфро зад, тоҷир наъраe зад ва аз ҳуш рафт. Ҳар давову дармон карданд, фоида накард ва тоҷир мурд.

Хабар ба ҳоким доданд, ки ин мард мурд ва на зане дораду на бачае. Ин ҳама мероси ӯро чӣ кор кунем? Ҳоким гуфт:

— Магар намедонед, ки хоркаш бародари ӯ буд? Маълум аст, ки тамоми дорони ӯ ба бародараш мерасад.

Тамоми амволи тоҷирро ба исми хоркаш карданд ва хоркаш бо сарвати зиёде, ки худо насиби ҳар кас бикунад, солҳои сол бо хушй зиндагй кард.

Дар ҳамин ҷо қиссаи мо ба сар расид, зоғи ало ба лонааш нарасид.





*Субҳӣ (китоби дуюм)*

## НОРИНҶ ВА ТУРИНҶ[1]

Яке буд ва яке набуд, як подшоҳе буд, ки дар ҳарамаш чиҳил зан дошт. Аммо аз ҳеҷ кадомаш фарзанд намешуд.

Охираш назр кард, ки агар худо ба ман писаре бидиҳад, як ҳавзро пур аз асал мекунам ва як ҳавзро пур аз равған, то мардуми фақиру бечора биоянду бибаранд ва бихӯранд.

Аз қазо зани чиҳилӯмаш барояш як писар зоид. Подшоҳ хеле хушҳол шуд ва ҳама навъи асбоби роҳатро барои модари ин писар фароҳам кард, то он тавре ки дилаш мехост ин писарро бузург кунад.

---

[1] Норинч — апелсин; туринч — апелсини ёбой.

Чанд соле гузашт. Писар по ба син гузошт [1] ва бузург шуд, то расид ба ҳаждаҳсолагӣ.

Як рӯз ки аз пеши подшоҳ мегузашт, подшоҳро якбора ба ёдаш афтод, ки: «Ин писарро бо назр ва ниёз аз худо гирифтем ва то ҳоло назрамонро надодем». Фаврӣ фармон дод, дар беруни қасри салтанатӣ дуто ҳавзи бузург — якеро пур аз асал ва якеро пур аз равған бикунанд, то ҳар кӣ мехоҳад, биёяд ва бардорад.

Ҳамин корро карданд. Фақирон даста-даста бо коса ва кӯза меомаданд ва асалу равған мебурданд. Дар ин байн як пиразани кӯзапушт бо як коса омад, ки ӯ ҳам аз асал ва равған бибарад. Ҳамон вақте ки пиразан омад сари ҳавз равған бибарад, писари подшоҳ аз айвон ӯро дид, аз шакли пиразан хандааш гирифт. Бо ғӯлак санге ба тарафи пиразан андохт. Аз қазои бад санг ба косаи пиразан расид ва коса шикасту равған рехт. Пиразан сарашро боло кард, дид, писари подшоҳ сангро андохт. Гуфт:

— Чӣ нафрине ба ту бикунам, ки азиз дар хонадони подшоҳ ҳастӣ? Бирав, ки заҳмати духтари норинҷ ва туринҷ насиби ту шавад!

Писари подшоҳ пеш омад, ки:

— Духтари норинҷ ва туринҷ кадом аст?

Гуфт:

— Дигар инро ман намедонам. Бирав аз занҳое ки медонанд, бипурс.

Ҳарфи пиразан ба дили писари подшоҳ нишаст. Фавран рафт андарун, аз модараш пурсид:

— Модар, духтари норинҷ ва туринҷ кадом аст?

Гуфт:

— Кӣ ба ту аз духтари норинҷ ҳарф зад?

Гуфт:

— Фалон пиразан.

Модар гуфт:

— Мегӯянд дар беруни шаҳр дар болои кӯҳ як боғест, ки дар он боғ хушрӯйтарин духтарҳо дар норинҷу туринҷи он ҷо ҳастанд, вале то ҳоло ҳар кас

---

[1] По ба син гузоштан — калон шудан.

аз барои онҳо он ҷо рафтааст, солим барнагаштааст.

Писари подшоҳ гуфт:

— Ман мехоҳам биравам ва яке аз он духтарҳоро биёварам.

Ҳарчи модараш насиҳат кард, ки ин фикрро аз каллаат дур кун, аз ту гундатарҳо[1] хеле рафтанд ва барнагаштанд, писар мегуфт:

— Ҳарфи ман якест. Ҳатман бояд биравам ва духтари норинҷу туринҷро биёварам.

Хабар ба подшоҳ бурданд, ки писарат чунин ҳавасе кардааст. Ӯ ҳам ҳар чи насиҳат кард, ба писар таъсир накард. Гуфт:

— Писар, бигузор чандто ғуломи пешхидмат ҳамроҳат кунам.

Писар гуфт:

— Не, бояд танҳо биравам.

Билохира аз тавила[2] як аспро ҷудо кард ва дар як хӯрҷин ҳар чи ки барои сафар лозим буд, гузошт ва ба роҳ афтод.

Ду-се фарсахе ки аз шаҳр дур шуд, дид, як пирамарди нуронии ришсафеде дар пешаш сабз шуд[3]. Пирамард ба ин ҷавон гуфт:

— Ҷавон, оқибати корат ба хайр бошад.

Гуфт:

— Мехоҳам биравам ба боғи норинҷу туринҷ ва аз духтарҳои он ҷо як-дуто барои худам биёварам.

Пирамард гуфт:

— Хелеҳо бо ин ҳаваси ту ба ин роҳ рафтанд, аммо ба мурод нарасиданд. Ман метарсам, ки ту ҳам яке аз онҳо бошӣ. Пас беҳтар аст, аз ин кор бигузарӣ ва баргардӣ ба шаҳри худат, роҳат ва осуда зиндагӣ кунӣ.

Писар гуфт:

— Не, ҳар тавре шавад меравам.

Пирамард гуфт:

---

[1] Гундатар — бузургтар, калонтар, пурзӯртар.

[2] Тавила — ахтахона, оғил; умуман иморате, ки дар он ҳайвоноти хонагӣ нигоҳ дошта мешавад.

[3] Сабз шудан — ногоҳ пайдо шудан.

— Ҳоло ки аз мақсадат бар намегардӣ, ин роҳи ростро бигир, бирав то бирасӣ ба як ҷангал, тӯи он ҷангал пур аз ҷонварҳои дарранда ва гиранда аст. Аз байни онҳо роҳро мешикофӣ ва ҳар чи наъра бизананду дандон нишонат бидиҳанд, эътино накун. Фақат коре ки мекунӣ, рӯ ба қафо нигоҳ намекунӣ, ҳамин тавр рост меравӣ рӯ ба пеш, то аз ҷангал берун меравӣ. Аз ҷангал, ки берун рафтӣ, мерасӣ ба як хонае, ки як модадеви пире назди дараш зери дарахте нишастааст, то чашмат ба ӯ хӯрд, салом мекунӣ ва хушзабонӣ мекунӣ ва аз ӯ мепурсӣ, ки чи тавр бояд ба боғи норинҷу туринҷ рафт. Ӯ роҳ ва чораи корро нишонат медиҳад. Гуфт:

— Бисьёр хуб! — ва ба роҳ афтод.

Норасида ба ҷангал дид ҷонварҳо ба тарафаш ҳамла карданд. Аммо ӯ ҳеҷ эътиное накарду ба қафояш ҳам нигоҳ накард ва ҳамин тавр рафт, рафт то аз он ҷангал ба берун баромад. Нигоҳ кард, дид, як модадеве дар назди дари хона зери дарахт нишастааст. То чашмаш ба модадев хӯрд, як саломи гарму ҷӯшоне ба ӯ кард ва бо ҳафт забон аз ӯ аҳволпурсӣ кард. Модадев гуфт:

— Эй, одамизод, ту куҷо, замини девзод куҷо? Аз ҷангали париён солим баромадӣ ва ин ҷо расидӣ. Маълум мешавад, ситораат баланд аст. Бигӯ, бубинам, чӣ мегӯӣ? Ин ҷо барои чӣ омадӣ?

Писари подшоҳ гуфт:

— Ба суроғи боғи норинҷ ва туринҷ омадам.

Модадев гуфт:

— То ин ҷо ки солим расидӣ, маълум мешавад, то боғ ҳам солим мерасӣ. Аммо хуб гӯшҳоятро во кун, бубин, чӣ мегӯям. Ин роҳро мегирӣ меравӣ ба болои ин кӯҳ. Сари кӯҳ як аспи сиёҳе ба дарахт баста аст. Вақте ки ба он асп расидӣ, аз аспи худ пиёда мешавӣ ва савори он асп мешавӣ. Он аспи сиёҳ мисли барқу бод роҳи яксоларо якрӯза меравад, то туро ба дари боғи норинҷ ва туринҷ мерасонад. Вақте ки аз дур дари боғи норинҷ ва туринҷро дидӣ, тӯи он саҳро як ҳайвонеро шикор мекунӣ ва бо худ мебарӣ. Дами дари боғ як аждаҳое хобидааст ва дарро нигаҳбонӣ мекунад. То аждаҳоро дидӣ, сайд-

ро мепартой ба тарафаш. Ҳамин ки машғули хӯрдан шуд, меравӣ даруни боғ. Васати чаҳор хиёбони боғ дарахтҳо сар ба сари ҳам кардаанд ва пои ҳар дарахт як деве хобидааст. Ҳамин тавре ки савор ҳастӣ, норинҷ ва туринҷ мечинӣ ва мисли барқ бармегардӣ ва ҳар садое ки ба гӯшат хӯрд, эътиное намекунӣ. Вақте расидӣ ба он дарахте, ки аспи сиёҳ ба ӯ бастагӣ буд, аспи сиёҳро во мекунӣ ва аспи худатро мебандӣ, барои ин ки девҳо дигар ба ту намерасанд.

Писари подшоҳ бо модадев хайру хуш кард ва аз ҳамон роҳе ки нишонаш дода буд, рафт, то расид болои кӯҳ. Фаврӣ аспи сиёҳро аз дарахт во кард ва аспи худашро баст ба ҷояш ва савор шуд. Якбора мисли ин ки асп пар бароварда бошад, як тохте мекунад, ки чашмаш сиёҳӣ меравад.

Як соате ки тохт кард, аз дур дари боғ пайдо шуд. Лаҷоми аспро кашиду як бузи кӯҳӣ шикор кард ва андохт рӯи асп. Баъд рафт, то расид ба дари боғ. Дид, ҳамон тавре ки модадев гуфта буд, як аждаҳо он ҷо хобидааст. То аждаҳо омад ба тарафаш ҳамла кунад, ки бузро партофт ба пешаш ва аждаҳо машғули хӯрдан шуд. Писари подшоҳ ҳам омад тӯи боғ. Дид, чӣ боғе, аз гулу гиёҳу дарахти мевагӣ, ҳар чи хоҳӣ, тӯи ин боғ ҳаст. Ҳуш аз сараш рафт. Ҳамин тавр савора расид, ба васати чаҳор хиёбони боғ. Дид, бале, пои ҳар дарахте як деве хобидааст. Ҳеҷ коре накард. Аммо вақте ки хост баргардад, ҳамин тавре ки бо тохт аз хиёбони боғ ба тарафи дар меомад, даст дароз кард ва чандто норинҷу туринҷ чид. Ҳамин ки аввалиро чид, садо баланд шуд: «Ҳой чид, ҳой чид!» То девҳо аз хоб бедор шуданду чорае ҷустанд, ду-сетои дигар ҳам чиду аз боғ бо тохт берун омад.

Аз дари боғ ки берун омад, садо баланд шуд, ки: «Баргард ба боғ, вагарна кушта мешавӣ!» Аммо писар эътиное ба ин ҳарфҳо накард ва омад, то ба он дарахте расид, ки аспи худро он ҷо баста буд. Аспи сиёҳро ҷои аспи худаш баст ва ба роҳ афтод. Омад аз дари хонаи модадев ҳам гузашту вориди ҷангал шуд. Боз ҳамон ҷонварҳои ваҳширо дид, ки

ба ӯ ҳамла мекунанд. Эътиное накарду ба қафояш ҳам нигоҳ накард, то аз ҷангал берун омад ва расид канори ҷӯи обе. Аз асп омад поин, дасту рӯй тар кард ва обе ба даҳан зад ва норинҷу туринҷҳоро аз ҷебҳояш[1] дар оварду ба худ гуфт: «Якеашро пора кунам, бубинам, тӯш чист. Ҳамин ки пора кард, як духтари мисли моҳи шаби чаҳордаҳ аз дарунаш баромад. То дар омад, гуфт:

— Нон!

Зуд писари подшоҳ аз тӯи хӯрҷин нон дар овард ва то ба даҳонаш гузошт, афтоду мурд.

Писари подшоҳ оҳ ва афсӯс кард ва яки дигарро пора кард. Аз он ҳам як духтар дар омад хушрӯйтар аз аввалӣ. То дар омад, гуфт:

— Об!

Писари подшоҳ ҷомашро аз об пур кард ва ба даҳонаш расонд. Ҳанӯз об ба лабаш нарасида буд, ки ин ҳам мурд. Ҳамин тавр дона-дона ин норинҷ ва туринҷҳоро пора кард. Духтарҳо дар омаданд ва як чизе хостанд ва вақте ба онҳо дод, мурданд, то монд донаи охирӣ. Онро дигар дилаш нашуд, пора кунад. Нигоҳ дошт. Аз он ҷо писари подшоҳ ба роҳ афтод, ба тарафи шаҳри худашон. Беруни шаҳр ҳамон пиразанеро дид, ки ба ӯ гуфта буд: «бирав, ки заҳмати духтари норинҷ ва туринҷ насиби ту шавад».

Пиразан писари подшоҳро дид ва гуфт:

— Росташро гӯ, ба дарахти норинҷ ва туринҷ расидӣ ё не?

Писари подшоҳ гуфт:

— Расидам, аммо чӣ фоида? Ба ҳазор заҳмат чандто норинҷ ва туринҷ чида ва пора кардам. Аз тӯш духтарҳои қашанг дар омаданд ва ҳама мурданд. Аз он чандто норинҷ ва туринҷ ҳамин яке монд, ки дилам нашуд онро пора кунам, мабодо ин як ҳам бимирад.

Пиразан гуфт:

— Агар мехоҳӣ бимонад ва намирад, вақте пора кардӣ ва духтар аз дарунаш дар омад, агар гуфт

---

[1] Ҷ е б — кисаи либос.

нон, обаш бидеҳ, агар гуфт об, нонаш бидеҳ, то бимонад.

Пиразан инро гуфт ва рафт. Писари подшоҳ ҳамон ҷо канори наҳри обе зери як беди калоне пиёда шуд ва норинҷи охириро пора кард. Як духтар аз тӯш дар омад, аз ҳамаи он духтарҳо қашангтар ва покизатар. Духтар то дар омад, гуфт:

— Нон!

Писари подшоҳ ҷомашро пури об кард, бурд дами даҳони духтар, духтар об хӯрд ва бузург шуд ва шуд як духтари аъло. Аммо сар то по лухти[1] модарзод. Духтар гуфт:

— Ман ин ҷо чӣ кор мекунам? Ту кӣ ҳастӣ?

Писар гуфт:

— Ту духтари норинҷ ва туринҷӣ ва ман туро аз боғи норинҷ ва туринҷ овардам, ки зани ман бишавӣ. Ман ҳам ягона писари подшоҳи ин вилоятам.

Духтар гуфт:

— Ҳоло чӣ кор мехоҳӣ бикунӣ?

Гуфт:

— Мехоҳам, туро ин ҷо як ҷое пинҳон кунам ва биравам аз шаҳр барои ту рахт биоварам ва бо дову дастгоҳ туро вориди шаҳр кунам.

Духтар гуфт:

— Хеле хуб. Ман меравам болои ин дарахти бед, то ту биравӣ шаҳр ва баргардӣ.

Духтар рафт болои дарахт ва писар рафт ба тарафи шаҳр.

Духтарро болои дарахт монеду бишнавед аз ширинкориҳои замона.

Наздикҳои он ҷо хонаи як кадхудое[2] буд, ки зану бача ва як канизи сиёҳ дошт. Ҳамон вақте ки духтар болои дарахт буд, ин канизи сиёҳ либосҳои бачаро оварда буд, бишӯяд. Вақте нигоҳ кард ба об, акси духтари норинҷ ва туринҷ ба об афтода буд. Ин хаёл кард, шакли худаш аст. Гуфт: «Ваҳ ман ин қадар зебо будааму хабар надоштам. Ман дигар канизӣ намекунам. Ман бояд арӯси подшоҳ бишавам

---

[1] Лухт — луч, урьён.
[2] Кадхудо — хӯҷаини деҳ.

ва худам садто канизу ғулом дошта бошам». Либосҳоро ношуста баргашт, омад хона. Хонумаш дид, либосҳоро нашустааст. Гуфт:

— Чаро либосҳоро нашустӣ?

Гуфт:

— Ман бо ин зебогӣ либосшӯӣ намекунам! То ҳоло ҳам ҳар чи кардам, бас аст.

Хонумаш гуфт:

— Бо кадом хушрӯӣ? Бирав пеши оина, як каме худатро нигоҳ кун.

Каниз рафт пеши оина, дид, оҳ, сурати сиёҳи обиларӯ ва мӯҳои жулида дорад. Хиҷолат кашид, по шуд, либосҳоро бурд лаби ҷӯй. Боз ҳам акси духтарро дид, акси худ ҳисоб карду гуфт: «Ҳатман ин хонуми ман ин оинаро тавре дода дуруст кардаанд, ки маро бадшакл нишон бидиҳад ва ман маҷбур бишавам, хизматашро бикунам». Боз ҳам либосҳоро нашуст ва овард партофт тӯи ҳавлӣ ва рафт як санг бардошту зад оинаро шикаст. Хонумаш тағьир ёфт, ки:

— Магар девона шудӣ? Ин корҳо барои чист? Оинаро чаро шикастӣ?

Гуфт:

— Ман ба ин хушрӯӣ ва қашангиам, аммо шумо барои ин ки бе каниз намонед, ин оинаро ин тавр додед сохтанд, ки манро бад нишон бидиҳад.

Гуфт:

— Бирав дар оинаи хонаи ҳамсоя худатро бубин.

Каниз рафт дар оинаи хонаи ҳамсоя дид, не, ҳақ ба ҷониби хонумаш аст. Омад узрхоҳӣ кард ва либосҳоро бо бача бардошт, овард сари ҷӯ. Боз ҳам акси духтарро дид, хаёл кард, акси худаш аст. Гуфт: «Маълум мешавад, устоди ин дуто оина як кас будааст ва ман хеле хушрӯям. Гури падари[1] бача ва соҳиби бача! Аслан ман либосҳо ва бачаро ба об медиҳам ва рост меравам хонаи подшоҳ». Ин ҳарфҳоро, ки бо худаш баланд-баланд мезад, духтари болои дарахт мешунид, беихтиёр хандааш гирифт. Садои ханда ки баланд шуд, каниз рӯ ба боло ни-

[1] Гури падар — бало ба пасаш.

гоҳ кард, духтарро дид ва фаҳмид, ки акси духтар тӯи об афтода ва ин хаёл карда акси худаш аст. Зуд-зуд либосҳоро шуст ва бачаро ҳам тамиз кард[1] ва рафт ба хона ва корди тезро зери доманаш пинҳон кард ва омад зери дарахт.

Аввал саломи гарме ба духтар кард ва гуфт:

— Эй, духтарҷон, ман мехоҳам, як дақиқа биоям болои дарахт, паҳлӯи ту. Гесӯитро пойи бидеҳ, ман бигирам, биоям боло.

Духтари соф ва содда гесӯяшро пойи дод ва ӯ ҳам гирифту рафт боло. Аз ӯ пурсид:

— Ту куҷо, ин ҷо куҷо?

Духтар шарҳи ҳоли худро аз сир то пиёз[2] барои каниз гуфт ва гуфт:

— Ҳоло ҳам писари подшоҳ рафтааст, ки рахт бароям биоварад.

Каниз гуфт:

— Пас бигузор ман саратро биҷӯям.

Бо баҳонаи ин ки мехоҳад сари духтарро биҷӯяд, бо корд сарашро бурид ва партофташ тӯи ҷӯи об. Аз хунҳои духтар, ки канори ҷӯй рехт, як дарахти норинҷ сабз шуд.

Як-ду рӯз гузашт, писари подшоҳ бо як даст либоси ҳарир ва як тоҷи мурассаъ[3] ва тахти равон ва фаррошу ғулом ба зери дарахт омад, ки духтарро бибарад. Вакте ки расид ба зери дарахт, ҳиққакаш гирифт. Дид, ба ҷои духтари ба он нозанинӣ ва қашангӣ як сиёҳбараангӣ нишаста. То канизро чашмаш ба писари подшоҳ хӯрд, гуфт:

— Чаро ин қадар дер кардӣ? Як даст либос овардан ин қадар маъталӣ надошт.

Писари подшоҳ дид, ки нишонаи дуруст медиҳад. Аммо ин сурат ҳоло куҷо, он шакли аввал куҷо.

Гуфт:

— Ту ба он сафедӣ будӣ. Чаро ин тавр сиёҳ шудӣ?

---

[1] Тамиз кардан — теза кардан.
[2] Аз сир то пиёз — аз аввал то охир.
[3] Мурассаъ — марворид ва пурганҷ.

Гуфт:
— Офтоб хӯрдам, сиёҳ шудам.
Гуфт:
— Ин обилаҳо чист ба суратат?
Гуфт:
— Зоғи ало нӯлам зад.
Гуфт:
— Гесувони баландат канӣ?
Гуфт:
— Бод бурд.

Писари подшоҳ дид, чорае надорад, ҳиное аст ба ришаш баста [1]. Рахтҳое ки оварда буд, ба ӯ пӯшонду тӯи тахти равон гузошташ ва овард ба шаҳр. Вақте ки хост биояд, беихтиёр чашмаш ба он дарахти норинҷ хӯрд. Онро ҳам бо худаш овард ба шаҳр, тӯи боғчаи назди утоқаш [2] кошт. Аммо аз ғусса худаш худашро мехӯрд.. Баъд аз ин ҳама заҳмат кашидан (ба боғ рафтан ва ҳафт-ҳашто норинҷ чидан ва аз байн рафтани ҳамаи онҳо ва мондани яке ва дар омадани духтар ба он хушкелӣ [3], ба ин сурат, ки одам дилаш ба ҳам мехӯрад нигоҳаш кунад, чи хоке ба сар бирезад ва ба касе ва кори модару падар, ки ба ӯ гуфтанд, нарав, чӣ ҷавоб бидиҳад?). Фақат дилашро бо ин хуш карда буд, ки мумкин аст дубора баъд аз он ки духтар дар таги соя хобиду ба нозу неъмат афтод, ба сурати аввалиш баргардад.

Ҳоло як хурде бишнавед аз дарахте ки дар боғча кошт. Писари подшоҳ ва каниз диданд, ки ин дарахт тез-тез баланд мешавад ва гоҳе ки бод мезанад, ба ӯ садои нолае аз дарунаш мебарояд. Каниз фаҳмид, ки ин дарахт аз хуни он духтар аст. Ба писари подшоҳ гуфт:

— Ман як тахт мехоҳам. Бигӯ ба наҷҷорбошӣ [4] биояд, то бигӯям, ки чи хел тахт бароям дуруст кунад.

---

[1] Ҳино ба риш бастан — кореро ба зимма гирифтан, чизеро ӯҳда кардан.
[2] Утоқ — хона.
[3] Хушкелӣ — зебой, хушрӯй.
[4] Наҷҷорбошӣ — сардори дуредгарон.

Писари подшоҳ ҳам ба наҷҷор гуфт, бараваd пахлӯи каниз. Вақте наҷҷор омад, каниз гуфт:

— Ин дарахти норинҷро аз реша меканӣ ва мебарӣ ва аз ӯ як тахт барои ман дуруст мекунӣ.

Наҷҷор дарахтро аз реша канду бурд дари дӯконаш. Ҳамин ки омад арраро бигузорад ва аз байн онро бибурад, дид, садои нолае аз дарахт меояд.

Дар ин байн ҳамон пиразан он ҷо пайдо шуд ва сари дарахтро канд ва бурд аз ӯ як дук дуруст кард, ки ҳар вақт дуке ки дасташ аст, хароб [1] шуд, як ядакӣ [2] тайёр дошта бошад. Пиразан дуки тозаашро гузошт тӯи сандуқхона болои токча.

Ду-се рӯзе гузашт. Як рӯз пиразан субҳ зуд аз хона ба роҳ афтоду бозор рафт, ки панба [3] бихарад. Наздики зӯҳр ки баргашт ба хона, дид утоқаш ҷорубзадагӣ, ҳавлиаш обпошида ва зарфҳояш шуста аст. Тааҷҷуб кард, ки ин кори кист.

Фардо не пасфардо боз дар бозор кор дошт. Вақте ки баргашт, дид боз монанди парирӯз корҳои хонаро барояш кардаанд, ҳайрон шуд, ки ҷинне аз чоҳ берун омад ё парие аз осмон тӯ хонааш афтода, ки корҳоро мекунад. Ба худ гуфт: «Ман бояд бифаҳмам, чи ҳисобест».

Як рӯз корҳояшро кард, яъне ки мехоҳад аз хона бираваd берун. Дари утоқро ҳам баст, омад тарафи дар. Калидро дар калиддони дар андохт. Яъне «дарро бастаам». Вале рафт тӯи боғча, байни дарахтон пинҳон шуд. Як соате ки гузашт, дид дар даруни хона садо меояд, поварчин-поварчин [4] рафт пушти дар, якбора дарро во кард ва ҷаст тӯи утоқ. Дид як духтаре, ки сураташ ба моҳи шаби чаҳордаҳ мегӯяд: «ту дар наё, ки ман дар омадам», Утоқро ба тартиб даровардa истодааст. Духтар то пиразанро дид, рангаш парид.

Пиразан омад пеш ва гуфт:

---

[1] Хароб — вайрон, азкормонда.
[2] Ядакӣ — эҳтиётӣ.
[3] Панба — пахта.
[4] Поварчин-поварчин — бо нӯги по, оҳиста-оҳиста.

— Боракалло, боракалло. Догатро набинам иншоолло. Ту кӣ ҳастӣ, чӣ ҳастӣ?

Духтар шурӯъ кард аз аввал то охир шарҳи ҳоли худашро бо писари подшоҳ гуфтан, то он ҷое ки дук таркид ва аз дук ҷаст берун. Пиразан хушҳол шуд. Гуфт:

— Ту духтари ман бош, ман кори туро рӯ ба роҳ мекунам[1].

Пиразанро дунъё ба комаш буд. Ҳар шаб чароғашро равшан мекарду худаш як тарафаш менишаст ва духтар як тараф ва аз ин вару он вар[2] ҳарф мезаданд.

Аммо аз он тараф писари подшоҳ шаб ва рӯз зери ғаму гусса буд, ки кай ин духтар ба сурати аввал дар меояд? Ва аз шиддати фикру хаёл ҳамеша бо худ ҳарф мезад. Падару модараш вақте ҳоли ӯро ин тавр диданд, онҳо ҳам ғуссадор шуданд. Фиристоданд аз ақиби ҳаким. Ҳакимбошӣ омад ва гуфт:

— Барои рафъи[3] ғусса ва хаёли ин писар занҷири обутобдодашуда лозим аст, ки мисли тавқ дуруст кунанд ва ба гарданаш биандозанд. Ҳамин ки тавқ ба гарданаш афтод, аз ғуссаву хаёл халос мешавад.

Подшоҳ вазири дасти росту дасти чапро хост, матлабро ба онҳо гуфт ва гуфт:

— Занҷири обутобёфтаро аз куҷо пайдо кунем?

Вазири дасти рост гуфт:

— Дуруст карданаш кори ҳар кас нест. Беҳтар ин аст, ки ҷарчӣ бифиристонем ба кӯчаҳову бозорҳо, то ҳар касе балад аст[4], дуруст кунад ва инъоми хубе аз подшоҳ бигирад.

Аз фардо ҷарчӣ ба маҳаллаҳову бозорҳо андохтанд, ки ҳар кас занҷири обутобёфта балад аст дуруст кунад, биёяд, ки подшоҳ барои писараш лозим дорад ва инъоми хубе медиҳад.

---

[1] Рӯ ба роҳ кардан — дуруст кардан, ба роҳ андохтан.

[2] Ин вару он вар — ин тарафу он тараф.

[3] Рафъ — аз байн бурдан, нест кардан.

[4] Балад будан — донистан, тавонистан.

Вақте духтари норинҷ ва туринҷ ин ҳарфро шунид, ба пиразан гуфт:

— Бирав, бигӯ, ман балад ҳастам дуруст кунам, ба шарте ки як ҳавлии хилват бо як оинаи бузург ба ман бидиҳанд.

Пиразан рафт ва ба подшоҳ гуфт:

Аз қазо паҳлуи қасри писараш як ҳавлии хилват буд, онро бо як оинаи бузург доданд ба пиразан. Пиразан ҳам духтарро бо оина бурд тӯи ҳавлӣ.

Аз он тараф ба писари подшоҳ гуфтанд, барои ин ки ту аз фикру хаёл осуда бишавӣ, мехоҳанд, занҷири обутобёфта бисозанд, ҳеҷ кас натавонист дуруст кунад, ҷуз духтари пиразан, ки мехоҳад, дуруст кунад.

Рӯзе ки духтар бо оина омад тӯи ҳавлӣ, писари подшоҳ ҳам рафт болои бом пинҳон шуд, ки тамошо кунад, чӣ тавр занҷири обутобёфтаро месозанд.

Як духтари покиза ва хеле қашанг омад нишаст лаби ҳавз дар байни ҳавлӣ. Писари подшоҳ дид мисли ин ки ин духтар ба назараш ошно менамояд ва ҷое инро дидааст. Духтар оинаро дар пешаш гузошт ва шурӯъ кард бо оина сӯҳбат кардан.

Писари подшоҳ ҳам гӯш медод, дид, ки шарҳи рафтани худаш ба боғи норинҷ ва туринҷ аст. Ин тарафтар омад, дид, тӯи оина акси боғи норинҷ ва туринҷ ва чандто духтари лухту бараҳна намоён аст, байни ҳамон духтарҳое ки вақти норинҷу туринҷро пӯст канда буд ва аз дарунаш дар омаданд. Тамоман ҳуш ва ҳавосашро дод ба ҳарфҳои духтар, то расид ба дарахту рафтани болои дарахт ва кушта шуданаш бо дасти каниз ва рафтани каниз ба ҷои ӯ ба хонаи подшоҳ ва аз хуни духтар дарахти норинҷу туринҷ сабз шудан ва кандани дарахт аз реша ва дуки пиразан ва берун омадани духтар, ҳамаро дид.

Вақте ки писари подшоҳ инҳоро дид, дуд аз сараш баромад. Беихтиёр роҳи зинаро гирифт ва омад байни ҳавлӣ ва духтарро ба оғӯш гирифт ва бурдаш тӯи қасри худаш. Фаврӣ фиристод, модарашро оварданд ва тафсилро ба ӯ гуфт. Модар ҳам тафсилро ба подшоҳ расонд.

Аҳли[1] андаруни қаср[2] ҷамъ шуданд ва ҳама аз хушрӯӣ ва мақбулӣ ва бонамакиаш ангушти ҳайрат газиданд.

Подшоҳ фармон дод, ҳафт шабонарӯз шаҳрро зин бастанд ва чароғон карданд. Бисоти арӯсиро роҳ андохтанд. Он канизро ҳам фарьёд кард ва гуфт:

— Бигӯ, бубинам, аспи даванда мехоҳӣ ё шамшери буранда?

Гуфт:

— Шамшери буранда ба ҷони душманам. Аспи даванда мехоҳам.

Як хачири бузургу тездав оварданд ва гесувони канизро бастанд ба думаш ва ба саҳро сар доданд ва он пиразанро ҳам, ки косаи равғанаш беҳуда ва аз рӯи шӯхии писари подшоҳ шикаста буд, оварданд ва калони ҳарамсарой карданд.

Қиссаи мо ҳамин буд.

---

[1] Аҳл — қавму хеш ва наздикони шоҳ.

[2] Андарун — ҷое, ки шоҳ ва аҳли оилааш зиндагӣ мекунад.



*Субҳӣ (китоби аввал)*

## БУАЛӢ

Яке буд, яке набуд, дар шаҳре подшоҳе буд, ки ҷуз як духтари зебо фарзанди дигаре надошт. Тӯи хонаи ин подшоҳ ҳам як зани пире буд, ки писаре дошт илм хондаву ҳаким, номаш Буалӣ.

Як рӯз Буалӣ рафт хонаи подшоҳ, ки модараш-ро бубинад, чашмаш ба духтари подшоҳ хӯрд, ки тӯи боғча машғули гул чидан буд. Буалӣ як дил не, сад дил ошиқи духтар шуд ва тафсилро ба нанааш гуфт. Модараш гуфт:

— Магар ақлатро хӯрдай, ки ошиқи духтари подшоҳ шудай? Аз ин фикрҳо накун, ки охир оқибати хубе надорад.

Буалӣ ҷавобе ба нанааш надод. Аммо аз он рӯз аз субҳ то ғуруб пеши қасри подшоҳ беихтиёр гаш-

тугузор мекард. То кор ба ҷое расид, ки подшоҳ фаҳмид, вазирашро садо зад ва гуфт:

— Бубин, Буалӣ чи кор дорад, ки ҳар рӯз аз аввали теғи офтоб то дами ғуруб дар пеши қаср меистад.

Вазир омад паҳлӯи Буалӣ ва аз ӯ пурсид: Буалӣ ҳам гуфт:

— Ман ошиқи духтари подшоҳам, чора надорам. Бояд ҳар тавре шуда, ба висолаш бирасам.

Вазир рафт ва тафсилро ба подшоҳ гуфт. Подшоҳро авқоташ талх шуд. Фаррошбоширо хост ва гуфт.

— Ин мардакро аз шаҳр ва вилояти мо берунаш мекунӣ ва ба дарвозабон ҳам мегӯй, ки дигар ба ин шаҳр роҳаш надиҳанд.

Фаррошбошӣ гуфт: «Итоат мешавад» ва каштали Буалиро гирифт ва аз шаҳр берунаш кард. Ба дарвозабон ҳам супурд, ки дигар роҳаш надиҳанд.

Бо дили танг ва авқоти талх роҳи биёбонро пеш гирифт. Ду-се фарсахе ки рафт, дид ҳафт савора меоянд. Вақте расиданд, Буалӣ рафт пешашон ва аҳволпурсӣ кард, ки шумо кӣ ҳастед ва куҷо меравед? Гуфтанд:

— Мо аз тарафи подшоҳи фалон вилоят. Меравем ба ин шаҳр, ки Буалиҳакимро бибарем паҳлӯи подшоҳ.

Гуфт:

— Буалӣ манам.

То гуфт «Буалӣ манам», фаврӣ аз асп омаданд поин, аз рӯи як аспи ядакӣ ғошия[1] кашиданд ва рикоб гирифтанду Буалиро савор карданд ва бо наҳояти эҳтироми тамом бурдандаш ба он вилоят паҳлӯи подшоҳ.

Подшоҳ то чашмаш ба Буалӣ хӯрд, ҷулӯи пояш баланд шуд ва фаврӣ ба фаррошҳо дастур дод барояш фарш биандозанд. Буалӣ тааҷҷуб кард, ки чи тавр шуд подшоҳ ин қадар ба ӯ ҳурмат мегузорад.

---

[1] Ғошия — ҷилди болои зин, зинпӯш.

Боре, баъд аз таклифу аҳволпурсӣ подшоҳ гуфт:

— Ман як соли тамом аз сардард оромӣ надорам. Шаб ва рӯзамро намефаҳмам· Тамоми ҳакимҳоро овардаам, натавонистанд маро чоқ кунанд ва ҳама ба як забон гуфтанд: «Мо коре наметавонем бикунем. Агар касе битавонад шуморо чоқ кунад, Буалӣ асту бас». Ман ҳам ба сироғи ту фиристодам.

Ҳанӯз подшоҳ ҳарфашро тамом накарда буд, Буалӣ гуфт:

— Бигӯед, лаган биоранд.

Пешхизмат рафт лагани тилло овард. Буалӣ ҳам аз бари шолаш нештарро кашид берун ва раги пешонии шоҳро зад. Як хурде ки хун омад, баъд хунро банд овард ва сари подшоҳ хуб шуд. Подшоҳ хеле хушҳол шуд ва садто ашрафӣ бо як аспи тезрав бо зину авзори тилло ба Буалӣ дод ва ба ӯ исрор кард, ки ҳамин ҷо паҳлӯи мо бош. Аммо Буалӣ гуфт, не. Ҳар тавре шуда бояд биравам паҳлӯи модарам· Подшоҳ гуфт:

— Охир, қароре ки шунидаам, туро тӯи он шаҳр роҳ намедиҳанд. Дарвозабон намегузорад вориди шаҳр бишавӣ. Шоҳи он ҷо ҳам туро аз мулки худаш ронд. Ҳоло хаёл кун, ки фардо мехоҳӣ вориди шаҳр бишавӣ, чӣ кор мекунӣ?

Гуфт:

— Ба қавли мардум то фардо як тавре мешавад: «Ё хар мемирад, ё харсоҳиб[1], ё дунъё мемонад бесоҳиб». Ё шоҳ мемурад ва ё дарвозабон, ё ҳарду.

Буалӣ роҳ афтод. Вақте хост аз бозор гузарад, як зарфи мисие барои нанааш савғот харид. Баъд аз дарвозаи шаҳр рафт берун. Ҳанӯз як фарсах роҳ нарафта буд, ки ҳаво абр шуд ва як борони тунде гирифт. Буалӣ фаврӣ либосҳояшро кашиду гузошт тӯи зарф ва дари зарфро баст. Вақте ки борон истод, пӯшид. Ҳанӯз дасти чапашро аз остин дар наоварда буд, ки шайтон расид. Нигоҳ кард, дид Буалӣ аз борон тар нашудааст. Гуфт:

---

[1] Харсоҳиб — соҳиби хар.

— Эй, марди ринд [1] мо бо ин ҳама дуз ва калак ва ҳила ва ҳуққа [2] тар шудем. Бигӯ, бубинам, ту чӣ кор кардӣ, ки аз борон тар нашудӣ. Чӣ ҷодуи наве ёд гирифтӣ?

Гуфт:

— Як чизи хубе ёд гирифтам.

Шайтон гуфт:

— Ба ман ҳам бигӯ.

Гуфт:

— Муфту холӣ намешавад.

Хулоса, хеле чаку чона заданд [3], охир Буалӣ гуфт:

— Ҳар чи ҳасту нест, тӯи ин зарф аст.

Шайтон хаёл кард, тӯи ин зарф як хабаре ҳаст.

Гуфт:

— Ин зарфро бидеҳ ба ман.

Гуфт:

— Ту китоби асроратро ба ман бидеҳ, то ман ҳам ин зарфро ба ту бидиҳам.

Шайтон фикр кард ва бо худ гуфт: «Мо ки ҳарчи тӯи китоб ҳаст, ҳамаро баладем. Чи зарар дорад, китобро бидиҳам ва зарфро бигирам». Китобро дод ва зарфро гирифт. Вақте ки аз хосияти зарф пурсид, гуфт:

— Ҳар ҷо дидӣ борон гирифт, фаврӣ либосҳоятро дармеорӣ ва мегузорӣ тӯи ин. Дарашро мебандӣ, борон ки тамом шуд, дарашро во мекунӣ ва либосҳоро мепӯшӣ.

Шайтон гуфт:

— Ҳамин? Ин ки чизе набуд.

Хулоса, шайтон дид, ин ҷо Буалӣ фиребаш додааст. Роҳашро кашид ва рафт. Буалӣ китобро во кард ва дид дарьёи илм аст. Ҳар чи бихоҳӣ, дарунаш дорад. Варақ-варақ кард, дид як ҷо верде [4] ҳаст, барои ин ки агар бихоҳӣ чандто чизро бо ҳам бичаспонӣ, битавонӣ.

---

[1] Ринд — ҳилагар, айёр.

[2] Дуз, калак, ҳила, ҳуққа — чобукӣ, ҳилагарӣ, найрангбозӣ.

[3] Чаку чона задан — дар савдо талош кардан.

[4] Верд — дуои ҷоду.

Расид ба як галае. Барои имтиҳон вердро хонд ва галаи гӯсфандро бо чӯпон ба ҳам часпонд ва ду мартаба верде хонд, онҳоро аз ҳам ҷудо кард. Шод ва хандон роҳ афтод ба тарафи вилоят. Расид ба дарвозаи шаҳр, то дарвозабон чашмаш хӯрд ба Буалӣ, шинохташ. Омад пешашро бигирад, вердро хонд ва дарвозабонро часпонд ба як хар ва соҳиби хар, ки паҳлӯяш буданд. Дарвозабон ҳар коре кард, натавонист халос шавад. Буалӣ роҳат ва осуда ворида шаҳр шуд ва рост рафт ба хона. Модараш хеле хушҳол шуд, сару рӯяшро бӯсид ва аҳволпурсӣ кард ва тааҷҷуб кард, ки магар подшоҳ ҳукм накарда буд, ки туро тӯи шаҳр роҳ надиҳанд. Гуфт:

— Чаро? Вале мо омадем.

Баъд гуфт:

— Писарҷон, ин чӣ девонагие буд, ки кардӣ? Ту куҷо, духтари подшоҳ куҷо? Биё, бубин чи хостгоре барояш омадааст. Инҳо духтарҳояшонро ба ин хел одамҳо медиҳанд, на ба ту.

Буалӣ гуфт:

— Чӣ тавр одаме аст?

Гуфт:

— Писари подшоҳи фалон ҷост. Ғайр аз мол ва давлате ки падараш дорад ва нисфашро ба инҳо бахшидааст, дар сару синаи худаш ҷавоҳири зиёде дорад.

Буалӣ гуфт:

— Ҳоло кай мехоҳанд, ақду арӯсӣ кунанд?

Гуфт:

— Ситорашиносҳо фардо баъд аз зӯҳрро муайян кардаанд.

Буалӣ ҳеҷ чиз нагуфт.

Фардо баъд аз зӯҳр як даст либоси фақирона пӯшид ва дар байни мардум рафт ба хонаи подшоҳ, тӯи толори оина. Як соате ки гузашт, муллоҳои бузурги шаҳр, вазири дасти рост ва чап ва каллабузургон ва думкулуфтҳои мамлакат омаданд. Радиф нишастанд. Вақте утоқ пур шуд, домод ворид шуд. Буалӣ хуб нигоҳаш кард, дид агар ҷавоҳирҳои тоҷ ва камарбандашро аз ӯ бигиранд ва як даст либоси

маъмулӣ ба ӯ бипӯшонанд, маҳтарҳо[1] ҳам ба шогирди маҳтарӣ қабулаш надоранд. Барои ин ки шуури тақсими ҷави дуто аспро надорад.

То ворид шуд, ҳама ба пешвозаш аз ҷой хестанд ва ҳул-ҳулае[2] карданд ва боло-болоҳо нишонданаш. Як каме ки гузашт, хабар овардаид, ки қиблаи олам меояд. Дигар маҷлис ба ҳам хӯрд. Мардум болову поин шуданд, шоҳ ворид шуд. Иҷозат дод, ки охундҳо хутбаи никоҳро бихонанд ва баъд бираванд ҳарамсарову аз духтар «бале» бигиранд. Охундҳо хутба мехонданд, Буалӣ верд мехонд. Хутба ки тамом шуд, охундҳо по шуданд, бираванд ҳарамсаро, мардум диданд, ташкҳо[3] ба пушташон часпидаанд. Банои[4] хандаро гузоштанд. Шоҳ қавоқашро овезон кард, ки чаро бояд раъияти ман дар пеши ман бихананд. Вақте ки нигоҳ кард, худашро ҳам ханда гирифт. Мардум ҳоло дар фикр буданд, ки чи ҳисобест, якбора шуниданд, аз ҳарамсаро садои доду ғавғо баланд шуд. Ҳама фарьёд мезаданд: «Часпиданд, часпиданд». Шоҳ дастпоча[5] шуд. Рафт бубинад чӣ хабар аст, дид занашу қозиву домоду пукарaш ва духтарашу пешхидматҳову канизҳо ҳама бо ҳам часпидаанд. Парешон шуд ва омад вазирҳояшро хост, ки чи ҳисобест, фикр бикунанд ва илоҷе бикунанд. Вазирҳо гуфтанд, аз дасти мо ҳеҷ кор намеояд. Бояд биравем фолбинҳо ва дуонависҳоро биоварем. Фаврӣ даҳ нафар фарроши ночаспидаро аз қафои фолбинҳо ва дуонависҳои шаҳр фиристоданд. То вориди хонаи шоҳ шуданд ва омаданд ҳузураш, Буалӣ вердро хонд. Шоҳ дид, ҳама ҷамъ шуданд ва ба ҳам часпиданд, дуонависҳо ва фолбинҳо ва он даҳ фаррош. Подшоҳ дастпоча шуд. Аз вазир пурсид:

— Чӣ кунем? Обрӯямон рафт.

Аз як тараф ҳам метарсид, ки худаш ба вазир бичаспад, аз тарс даҳ қадам аз ӯ дуртар меистод.

---

[1] Маҳтар — нигоҳубинкунандаи асп.
[2] Ҳул-ҳула — ғул-ғула.
[3] Ташкҳо — домаи, бар.
[4] Бано — шурӯъ.
[5] Дастпоча — саросема.

Боре, аз ин тараф ва он тараф ҳарф зиёд шуд. Гуфтанд, болои ин кӯҳ, як пиразани ҷодугар ҳаст, ки ҳар коре аз дасти вай меояд. Бояд ӯро хабар кард. Подшоҳ вазирро хост ва гуфт:

— Бугӯед пиразан биояд.

Вазир гуфт:

— Қурбонат гардам, пиразан одат надорад аз ҷои худаш биояд беруи. Мегӯяд, ки ман бо касе коре надорам. Ҳар кӣ бо ман кор дорад, худаш биояд паҳлуи ман.

Подшоҳ дид, аҳвол бад шудааст, ночор по шуд, рафт ба суроғи пиразан ва илтимосу хоҳиш кард ва пиразанро овард поин.

Пиразан савори асп аз пеш ва подшоҳу вазиру фаррошҳо ва нукарҳояш аз қафо аз майдони шаҳр гузаштанд, омаданд ба тарафи қаср. Мардум аз гӯшаву канор кору косибиҳоро партофтанд, омаданд тамошо. Ҳамин, ки вориди ҳавлӣ шуданд ва аз асп пиёда шуданд, Буалӣ вердро хонд, ки подшоҳ ба пиразан, вазир ба подшоҳ боқии дигар ба вазир часпиданд. Тамошочиҳо аз ханда рӯдакан шуданд. Шоҳ ва вазир аз авқотталхӣ хуни худашонро мехӯрданд. Шоҳ ба пиразан гуфт:

— Бо ин ҳама таърифе ки аз ту мекарданд, ҳунарат ҳамин буд?

Пиразан гуфт:

— Байни ин ҷамъият як касе ҳаст, ки аз китоби асрори шайтон бохабар аст ва ӯ ин корро кардааст.

Подшоҳ гуфт:

— Он кист?

Пиразан гуфт:

— Бубинед, тӯи ҷамъият кадом одаме ҳаст, ки ба касе начаспида.

Ин тараф, он тараф чашм андохтанд, диданд Буалист. Пиразан гуфт:

— Кори Буалӣ аст!

Тамоми ҷамъият аз шоҳ ва гадо даст ба домани Буалӣ шуданд. Буалӣ гуфт:

— Ман ба шарте шумоҳоро аз ҳам раҳо мекунам, ки шоҳ аҳд бикунад, духтарашро дар ҳамин маҷлис барои ман никоҳ кунад ва то як моҳ хутбае

ки мехонанд, исми маро ҳам биоваранд[1] ва чиҳил рӯз барои ман нақора бизананд ва пушти сиккаи шаби ид исми ман бошад.

Подшоҳ дид ҳеҷ чорае надорад. Агар Буалӣ бигӯяд даҳ муаллақи маймунвор ҳам бизан, бояд бизанад. Розӣ шуд. Ӯ ҳам вердро хонд, онҳоро аз ҳам раҳо кард.

Қозӣ духтарро барои Буалӣ никоҳ кард, хатиб исмашро дар хутбаи рӯзи ҷумъа хонд. Навозанда ҳам нақора барояш зад. Зарроббошӣ[2] ҳам пушти сикка исми Буалиро андохт ва аввал дафъае, ки ду подшоҳ дар як иқлим гунҷид, ҳамин дафъа буд.

Иншооллоҳ, агар бахти Буалӣ насиби ту намешавад, илмаш қисматамон бишавад.



[1] Исми маро ҳам биоваранд — номи маро ҳам хонанд.

[2] Зарроббошӣ — шахсе ки пул дуруст мекунад.



*Суҳбӣ (китоби дуввум)*

## МОҲПЕШОНӢ

Яке буду яке набуд, марде буд, як зан дошт, ки хеле дӯсташ медошт. Аз ин зан духтаре таваллуд шуд, хеле зебо ва тоза. Исмашро гузоштанд Шаҳрбону.

Вақте ки Шаҳрбону бузург шуд, ӯро фиристоданд мактабхона пахлуи муллобоҷӣ[1]. Гоҳе ки муллобоҷӣ аз бачаҳо чизе мехост, бо баҳонаи назру ниёз, барояш пешкаше ва ҳилу[2] гуле мебурданд. Муллобоҷӣ медид, чизе ки Шаҳрбону овардааст, аз моли ҳама беҳтар аст. Фаҳмид, ки падари инро кору бораш аз онҳои дигар хубтар аст. Бано кард[3] аз Шаҳр-

[1] Муллобоҷӣ — бибихалифа.
[2] Ҳил — решаи як навъ гиёҳи хушбӯ.
[3] Бано кардан — шурӯъ кардан.

бону зерипокашӣ кардан ва таху тӯ дар овардан [1]. Дид, дуруст фаҳмид, падари Шаҳрбонуро ҳам хонаву зиндагиаш мураттаб аст ва ҳам чиадор аст ва ҳам хуб зандорӣ мекунад. Рафт зери ин фикр, ки нанаи Шаҳрбонуро пас бизанад ва худаш ҷои ӯро бигирад ва соҳиби зиндагӣ бишавад.

Бано кард ба Шаҳрбону гарм гирифтан ва меҳрубонӣ кардан. Вақте ки хуб дилашро ба даст овард, як рӯз як косаи мис дод ба Шаҳрбону ва гуфт:

— Ин косаро бидеҳ ба нанаат ва аз тарафи ман салом бирасон ва бигӯ муллобоҷӣ гуфт, ин косаро сирко пур кунад, бифиристад барои ман. Вақте ки рафт тӯи анбор сирко бардорад, аз ҳар хумрае [2] ки хост бардорад, нагузор, магар аз хумраи ҳафтӯмӣ. Бигӯ муллобоҷӣ сиркои ҳафтсола хостааст, он вақт ҳамин ки сарашро хам кард даруни хумра, ки сирко бардорад, ту пояшро баланд куну биандоз ба даруни хумра ва дари хумраро бигузор.

Шаҳрбону гуфт:

— Хеле хуб.

Ва ҳамин корро кард ва модарашро андохт тӯи хумра.

Шаб ки падараш омад, дид Шаҳрбону тӯи хона танҳост. Гуфт:

— Э, нанаат ку?

Гуфт:

— Рафт сари чоҳ об бикашад, афтод тӯи чоҳ.

Фардо, ки Шаҳрбону рафт ба мактаб, тафсилро ба муллобоҷӣ гуфт. Муллобоҷӣ хеле хушҳол шуд ва Шаҳрбонуро бағал заду рӯи зонуяш нишонд ва бӯсидашу даст ба сару рӯяш кашид.

Ду-се рӯзе гузашт, як рӯз муллобоҷӣ ба Шаҳрбону гуфт:

— Агар мехоҳӣ вақтат хуш бигузарад, бояд як коре бикунӣ, ки падарат маро бигирад ва биоварад тӯи хона. Шаб ки рафтӣ ба хона, ин як мушт хокашир бигир ва бирез ба сару каллаат, вақте ки рӯ ба

[1] Зерипокашӣ кардан ва таху тӯ дар овардан — бо ҳилаву найранг ба тарзи махфӣ аз касе маълумот гирифтан.

[2] Хумра — хум.

рӯи бобоят дар пеши манқал нишастӣ, саратро такон бидеҳ. Хокшираҳо мерезанд тӯи манқал ва дарақ-дарақ мекунанд. Он вақт бобоят мепурсад: «Инҳо чист?» Ту бигӯ: «Ман, ки касе надорам, ба ман парасторӣ кунад, ҳаммом бибарад, сарамро биҷӯяд, либосамро бишӯяд, сарам шабушк гузоштааст. Ҳоло ки модарам нест, агар як зани бобо буд, ақалан рӯзгори ман аз ҳоло беҳтар буд». Он вақт бобоят мепурсад: «Чӣ кор кунем?» Ту мегӯӣ: «Бояд як зан бигирӣ, ки ҳам туро тару хушк бикунад[1] ва ҳам дасте ба сари ман бикашад». Он вақт агар пурсид: «Киро бигирем», бигӯ як даст дилу ҷигар бигир, болои дари хона овезон кун. Ҳар кас ки аввал омаду сараш хӯрд ба он, ӯро бигир».

Шаҳрбону гуфт:

— Хеле хуб.

Ва он корро кард ва ин ҳарфҳоро ба бобояш зад. Бобояш ҳам фардо субҳи барвақт як даст дилу ҷигарро гирифт, ба ҳалқаи болои дар овезон кард. Муллобоҷӣ, ки гӯш ба занг буд, фаврӣ сару каллааш он ҷо пайдо шуд ва бо як баҳонае омад тӯи хона, ки сараш бархӯрд ба дилу ҷигар ва сохтакорона садояшро баланд кард ва авқотталхиро андохт, ки эй вой ин бархӯрд ба сарам, рахтҳоямро ифлос кард. Дар ин байн бобои Шаҳрбону омад берун ва аз ӯ узрхоҳӣ карду тафсилро барояш гуфт ва бурдаш хонаи муллоҳу ақдаш кард ва дасташро гирифт овардаш тӯи хона.

Ин муллобоҷӣ як духтар дошт, ки баръакси Шаҳрбону зишт ва бадтаркиб буд. Инро ҳам бо ҷилу ҷиҳозаш овард тӯи ин хона.

Муллобоҷӣ ду-се рӯзе тӯи хона машғул шуд ва рӯву боздиди асбоби хона буд. Саре ҳам ба анбор зад ва рафт суроғи хумраи ҳафтӯмӣ. Ҳамин ки дари хумраро бардошт, якбора дид, як модагови зарде аз хумра омад берун. Муллобоҷӣ дастпоча шуд. Говро бурд андохт тӯи тавила, ба худ гуфт: «Мабодо ин модари Шаҳрбону бошад.

---

[1] Тару хушк кардан — корҳои хонагиро иҷро кардан ва ғами шавҳарро хӯрдан.

Боре, муллобочӣ явош-явош бо Шаҳрбону баnои бадрафториро гузошт. Тамоми корҳои сахти хонаро аз ҷорубзанӣ ва рахташӯӣ ва зарфшӯӣ ба гардани Шаҳрбону андохт ва аз ҳар коре ҳам сад хел эрод мегирифт ва Шаҳрбонуи бечораро азоб медод ва бо пӯчидану пасгарданӣ додану бо шатта кӯфтан рӯзашро мегузаронд. Аз хӯрду хӯрок ва раҳту либос ҳам хеле ба ӯ сахт мегирифт. Агар яке вориди хона мешуд, хаёл мекард, ин Шаҳрбону кулфати инҳост. Шаҳрбону месӯхт ва месохт ва аз тарси муллобочӣ ҷуръати ин ки ба бобояш шикоят бикунад, надошт. Рафту агар чизе мегуфт, оҳ ва нолае мекард, фоидае надошт.

Боз ду-се рӯзе гузашт. Фикри тозае ба каллаи муллобочӣ омад. Барои ин ки бештар Шаҳрбонуро азият кунад, гуфт:

— Шаҳрбону, медонӣ чӣ? Бояд аз фардо утоқҳо ва ҳавлиро пеш аз офтоб бирӯбӣ ва зарфҳои шабро ҳам бишӯӣ. Он вақт як бӯхча панба бо дук бардорӣ, бо гов бибарӣ саҳро. Говро то ғуруб тӯи алафҳо бичаронӣ ва панбаро биресӣ. Он вақт ғуруб, ки баргаштӣ, корҳои хонаро бикунӣ.

Хоҳу ноҳоҳ Шаҳрбону гуфт:

— Хеле хуб.

Фардо, ки саҳар по шуд ва корҳояшро кард, вақте ки офтоб зад, бӯғчаро рӯи сараш гузошт ва говро аз тавила берун кашиду равонаи саҳро шуд. Ҳамааш тӯи фикр буд, ки: «Худоё, ман агар даҳто даст ҳам дошта бошам, наметавонам ин панбаро биресам. Агар ҳам наресам, шаб маро мезананд». Омад васати саҳро, канори сабзаҳо нишаст, говро сар дод тӯи алафҳо ва бано кард панбаҳоро даври дук чархондан. Наздики ғуруб дид, нисфашро ҳам наресидааст. Нишаст ба ҳоли зори худаш гиръяро сар дод. Якдафъа [1] дид гов, омад пешаш ва чашмашро ба чашми он дӯхт. Аз нигоҳаш ҳар кас мефаҳмид, ки ба ҳоли Шаҳрбону дилсӯзӣ мекунад ва ҳасрат мекашад. Ҳамин тавр ки Шаҳрбону гирифтори ғаму ғусса буд, гов шурӯъ кард панбаҳоро аз ин тараф тунд-тунд [2]

[1] Якдафъа — ногоҳ.
[2] Тунд-тунд — тез-тез.

хӯрдан ва аз он тараф ресмон пас додан. Ҳанӯз зардии офтоб дар нуки дарахтҳо буд, ки тамоми панбаҳо ресмон шуда буд.

Шаҳрбону хушҳол шуд ва по шуд, говро бо бӯғчаи ресмон овард хона. Говро тӯи тавила баст ва ресмонҳоро ба мулло боҷӣ супурд ва рафт ба суроғи кори хона. Корҳояшро кард, як тика нони хушк доданд, об зад хӯрд ва бо чашми гирьёну дили бирьён хобид.

Фардо субҳ, ки хост биравад саҳро, ба ивази як бӯғчаи панба сето дод. Ӯ ҳам хоҳу ноҳоҳ бӯғчаҳоро пушт кард ва говро пеш андохту рафт саҳро ва мисли рӯзи пеш нишаст канори сабза, банои нахресиро гузошт. Баъд аз зӯҳр шуд, дид, аз се бӯғча ним бӯғча ҳам дуруст накарда, дилаш танг шуд. Беихтиёр бо садо бано кард гирья кардан, ки якбора боде баланд шуд, панбаҳоро пеш карду бурд ва ғалтонд, то афтоданд тӯи чоҳ. Шаҳрбону гуфт: «Эй, доди бедод! Ҳоло дигар чи хоке бар сарам бирезам? Агар ҳар шаб мушту лагад буд ва пасгарданӣ, имшаб доғ ва дарафш аст»! Тӯи ин фикрҳо буд, ки боз гов омад ба пешаш ва забон во кард, ки:

— Духтарҷон, натарс. Бирав тӯи чоҳ, он ҷо деве нишастааст. Аввал саломаш кун. Баъд ба ту ин тавр мегӯяд, ту ин хел ҷавобаш бидеҳ ва чун кори девҳо воруна[1] аст, ҳар чи мегӯяд, ту баръаксашро бикун.

Боре, аз сир то пиёз ёди Шаҳрбону дод, ки чӣ бигӯяд ва чӣ кор бикунад. Шаҳрбону хушҳол шуд ва омаду рафт тӯи чоҳ. Вақте ба таги чоҳ расид, дид як ҳавлӣ боғчаест ва як деви натарошидаву нахарошида он ҷо нишастааст. Шаҳрбонуро то чашмаш ба дев хӯрд, ҳамон тавре ки гов ёдаш дода буд, як саломи болобаланде кард, девро хушаш омад ва гуфт:

— Ҳой, чашмсиёҳ, дандонсафед! Агар саломам намедодӣ, туро луқмаи чапам мекардам. Ҳоло бигӯ бубинам, ту куҷо, ин ҷо куҷо? Ин ҷо ҷоест, ки Симурғ пар мерезад ва паҳлавон сипар меандозад ва оҳу сум.

---

[1] **Воруна** — баръакс, чаппа.

Шаҳрбону аз аввал то охир шарҳи ҳоли худашро барои дев гуфт. Дев гуфт:

— Аввал по шав, он сангро бардор ва бизан ба сари ман.

Фаврӣ Шаҳрбону сари девро гузошт тӯи доманаш ва бано кард ба ҷустан. Дев гуфт:

— Сари ман беҳтар асту поктар ё сари модари ӯгаят?

Гуфт:

— Мурдашӯйӣ сари модари ӯгаямро бибарад! Албатта сари ту тамизтар аст.

Дев гуфт:

— Хеле хуб. Ҳоло по шав, он кулангро[1] бардор, хонаро хароб кун[2].

Шаҳрбону фаврӣ ҷорӯбро гирифту ҳавлиро рӯфт. Вақте рӯфтан тамом шуд, дев гуфт:

— Ҳавлии ман беҳтар аст ё ҳавлии шумо?

Шаҳрбону гуфт:

— Албатта ҳавлии шумо. Ҳавлии шумо чи дахле дорад ба ҳавлии мо? Ҳавлии мо аз хишти нопухта ва гили хом аст, ҳавлии шумо мармар ва рухом[3] аст.

Гуфт:

— По шав, зарфҳоро бишикан.

Шаҳрбону зуд по шуд, зарфҳоро шуст. Дев гуфт:

— Бигӯ, бубинам, зарфҳои ман беҳтар аст, ё зарфҳои шумо?

Шаҳрбону гуфт:

— Воҳ, чӣ ҳарфҳо! Албатта зарфҳои шумо беҳтаранд. Зарфҳои мо аз гил ва сафол аст, зарфҳои шумо аз тиллои Тугол[4] аст.

Дев гуфт:

— Офарин ба ту, духтар. Ҳоло ки ин қадар духтари хубе ҳастӣ, бирав гӯшаи ҳавлӣ, панбаи ресидашударо бардору бирав.

Шаҳрбону омад, тамоми панбаҳо калобаи ресмон шудаанд. Паҳлуи онҳо кисаҳои пули тиллост. Бе ин ки эътиное ба тиллоҳо бикунад, ресмонҳоро бардошт

---

[1] Кsurvey

[2] Хароб кардан — вайрон кардан, шикастан.

[3] Рухом — як навъ санги сабранг.

[4] Тугол — номи яке аз конҳои тилло.

ва омад, ки бо дев хайрухуш кунаду биравад. Дев гуфт:

— Куҷо ба ин зудӣ? По нигаҳ дор, ки корат нотамом аст. Инҳоро бигузор замин, бирав аз ин ҳавлӣ тӯи ҳавлии дуввумӣ. Аз ҳавлии дуввумӣ тӯи ҳавлии севвумӣ. Васати ҳавлӣ оби равоне аст. Биншин канори об. Ҳар вақт дидӣ оби зард омад, даст нагузор. Оби сиёҳ омад, сару чашм ва абрӯятро бишӯй. Вақте ки оби сафед омад, дасту сурататро ба он бишӯй.

Шаҳрбону гуфт:

— Хеле хуб.

Ва рафт ҳамон корро кард. Баргашт, омад. Дев гуфт:

— Ҳоло мехоҳӣ биравӣ, бирав. Ҳар вақт ҳам корат баромад, биё суроғи ман.

Шаҳрбону гуфт, хеле хуб ва хайру хуш кард ва панбаҳоро бардошт, омад аз чоҳ берун ва суроғи гов рафт. Говро ҳам пайдо кард.

Ҳоло дигар офтоб ғуруб карда буд. Ҳаво торик мешуд, вале Шаҳрбону дид, баръакси ҳамеша, ки баъд аз ғуруб ҳаво ки торик мешуд, чашмаш ҷоеро намедид, пеши пояш равшан аст ва чашмаш ҳама ҷоро мебинад. Хуб ки ин тарафу он тарафро нигоҳ кард, дид тамоми равшаниҳо аз худаш аст. Ӯ нафаҳмид, вақте ки оби сафед, яъне оби марворидро ба сураташ зад, як моҳ дар пешониаш дар омад, як ситора ҳам дар манаҳаш. Дид, бо ин вазъ агар биравад ба хона, муллобоҷӣ бубинадаш, азияташ мекунад. Зуд бо рӯймолаш пешона ва манаҳашро пӯшонду вориди хона шуд. То ворид шуд, говро тӯи тавила баст ва омад ресмонҳоро дод ба муллобоҷӣ. Муллобоҷӣ, ки аз кори дирӯзаш, ки як бӯғча панбаро ришта буд, ҳайрат зада буд, аз кори имрӯз пок ангушт ба даҳон монда, ки чи тавр се буғча панбаро ресмон кардааст. Ресмонҳоро таку рӯ кард, ки эроде бигирад. Дид, хеле хуб тобида шудаанд. Ҳайрон шуд. Гуфт:

— Зуд бош! Ба корҳои хонаат бирас ва ошпазхонаро ҳам ҷорӯб зан. Чанд рӯзе ҳаст, ки аслан норӯфтааст.

Гуфт:
— Хеле хуб.
Зарфҳоро шуст ва рафт бо ошпазхонаву бано кард ба рӯфтан.
Муллобоҷӣ бо худ гуфт: «Ҳукман чун чашмаш намебинад, дуруст наметавонад ҷорӯб кунад. Баҳонаи калтакхӯрии хубе ҳаст». Ду-се дақиқае ки гузашт, рафт ба суроғи ин, тӯи ошпазхона. Ҳанӯза нарасида ба дами дар, дид мисли ин ки чилчароғ равшан кардаанд.
Тааҷҷуб кард. Рафт дарун, дид аз пешонӣ ва манаҳи Шаҳрбону моҳ ва ситора нур медиҳад ва сураташ чунон зебо шуда, ки аз хушкелӣ ҳамто надорад. Дасташро гирифт ва овардаш тӯи уток гуфт:
— Бедуни ин ки калтак бихӯрӣ, ҳақорат бишнавӣ, росташро бигӯ, бубинам, чи тавр шуд, ин хел шудӣ?
Шаҳрбону ҳам бо дили соф ҳарчи шуда буд, аз аввал то охир барои муллобоҷӣ таърифа кард. Муллобоҷӣ рафт ба ин фикр, ки аз фардо духтари худашро бифиристад, балки ӯ ҳам биравад тӯи чоҳ обе ба сару сураташ бизанад, моҳе дар пешониаш дар биояд, ситорае зери манаҳаш пайдо бишавад, хушкел бишавад, ки одам битавонад ба сураташ нигоҳ кунад. Ин буд, ки як хурде[1] рӯи хуш ба Шаҳрбону нишон дод. Баъд аз муддате як писханде кард, гуфт:
— Шаҳрбонуҷон, ту духтари хубе ҳастӣ, фардо ки меравӣ саҳро, духтари манро ҳам ҳамроҳ бибар ва корҳое ки худат кардӣ, ёдаш бидеҳ, то ӯ ҳам мисли ту бишавад.
Шаҳрбону гуфт:
— Чӣ айб дорад.
Муллобоҷӣ фардо субҳ ба ҷои ин ки нони хушк ва панир монда ба Шаҳрбону бидиҳад, чун духтари худаш ҳам ҳамроҳ буд, нони ширмол ва мурғи бирьён барои наҳорашон дод ва ба ивази як бӯғча ним бӯғча панба дод.
Боре Шаҳрбону ва духтари муллобоҷӣ ва гову

[1] **Як хурде** — каме.

панба роҳ афтоданд ба тарафи саҳро. То расиданд, духтари муллобочӣ аз Шаҳрбону пурсид:

— Е оллоҳ, зуд бош, бигӯ, бубинам, чоҳ кучост?

Шаҳрбону чоҳро нишон дод. Духтар ҳам панбаро андохт тӯи чоҳ ва аз қафояш худаш ҳам рафт тӯи чоҳ. Дид, як деви нахарошидаву натарошида таҳи чоҳ хобидааст.

Дев аз садои пои духтар бедор шуд. Духтар ҳам бе он ки эътиное ба дев бикунаду саломе бикунад, бо нафрат ба ӯ нигоҳ мекард. Дев духтарро аз зери чашм нигоҳ кард ва то охираш хонд. Аз ӯ пурсид:

— Чӣ ачаб, ин ҷо омадӣ?

Духтар гуфт:

— Панбаам афтод ин ҷо, омадам бардорам бибарамаш.

Гуфт:

— Биё, аввал сари маро биҷӯй, баъд бирав панбаро бардор.

Духтар гур-гур кард ва омад, сари девро биҷӯяд. Дев аз ӯ пурсид:

— Бигӯ, бубинам, сари ман поктар ва беҳтар аст ё сари модарат?

Гуфт:

— Албатта сари модарам. Сари ту ба ивази ришк ва шабушк мору каждум дорад.

Гуфт:

— Хеле хуб. Ҳоло по шав, ҳавлиро ҷорӯб зан.

По шуд, саросарӣ як ҷорӯб ба ҳавлӣ зад ва омад. Дев гуфт:

— Ҳавлии шумо беҳтар аст ё ҳавлии ман?

Гуфт:

— Албатта ҳавлии мо. Одамро дилаш тӯи ҳавлии мо во мешавад. Аммо тӯи ҳавлии ту одамро дилаш мегирад.

Гуфт:

— Хеле хуб. По шав зарфҳоро бишӯй.

Духтар гуфт: «Худоё, ин дигар чи балое буд гирифтор шудем?» По шуд, зарфҳоро рӯи ҳам ҷамъ кард, обе заду гузошт канори ошпазхона. Дев гуфт:

— Зарфҳои ман беҳтар аст ё зарфҳои шумо?

Гуфт:

Албатта зарфҳои мо. Зарфҳои мо чи дахле ба зарфҳои ту доранд? Одам ҳавас мекунад аз зарфҳои мо чиз бихӯрад, аммо аз зарфҳои ту одамро дилаш ба ҳам мехӯрад.

Гуфт:

— Хуб, бас кун. По шав, бирав панбаатро аз кунҷи ҳавлӣ бардору бирав.

Духтар омад, дид, наздики панбаҳояш хиштҳои тилло гузоштагӣ. Бо он ки хеле сангин буданд, дутояшро бардошт ва тӯи ҷеб ва бағалаш пинҳон кард ва бе он ки хайру хуш кунад, омад роҳашро бигирад ва аз чоҳ биояд берун.

Дев садояш зад, гуфт:

— Куҷо ба ин зудӣ? Ман ҳанӯз бо ту кор дорам, биё ин ҷо.

Духтар рафт пеш. Дев гуфт:

— Пеш аз ин ки баравӣ берун, аз ин ҳавлӣ бирав тӯи ҳавлии дуввӯмӣ, аз ҳавлии дуввӯмӣ ба ҳавлии севвӯмӣ. Васати ҳавлӣ оби равон аст. Канори ҷӯй бинишин, ҳар вақт дидӣ оби сиёҳу сафед омад, даст назан, вақте дидӣ оби зард аст, дасту сурататро бо он бишӯй. Он вақт бирав.

Духтар рафт ба суроғи оби зарду даст ва рӯро шуст ва бо тиллову панба аз чоҳ омад берун. Шаҳрбону мунтазираш буд, то нигоҳаш кард, ваҳшат кард. Дид, як мори сиёҳ аз пешониаш дар омада ва як каждуми зард аз манаҳаш. Аз тарсаш ҳарфе назад. Ҳамин тавр рафтанд ба хона. Ҳанӯз даст ба дар нагузошта буданд, ки муллобоҷӣ пушти дар, дарро во кард. Духтарро, ки ба он ҳол дид, дастпоча шуд, давид тӯи уток, дод зад:

— Ин чи шакле аст худатро дар овардӣ?!

Духтар аз аввал то охир шарҳи ҳолашро гуфт, ки чи кор кард ва дев чи гуфт. Муллобоҷӣ гуфт:

— Ҳоло ресмонҳо ку, тиллоҳо куҷост?

Бӯғчаро гузошт ба пеши нана. Дид, аслан ресмоне нест, ҳамааш панбааст. Хиштҳои тиллоро овард, дид, эй вой, ба ҷои хишти тиллой тикаҳои санг аст! Муллобоҷӣ дудаста зад ба сари духтараш ки:

— Эй, беғайрат! Хок бар он сарат кунанд, ҳайфи сояи ман, ки болои сарат аст!

Духтар бано кард гирья кардан, ки:

— Ман чӣ кунам? Бо пои худам-ку нарафтам, ту фиристодӣ. Ҳоло ки ин бало ба сарам омадааст, саркӯфт мезанӣ.

Инҳоро гуфт ва гирьяро сар дод. Муллобоҷиро дилаш сӯхт ва гуфт:

— Тамоми инҳо гуноҳи ин Шаҳрбонуи лаънатист.

Шаҳрбонуро гирифт ба зери калтак. Баъд дасти духтарашро гирифт ва бурд паҳлуи ҳакимбошӣ, ки дармони мор ва каждумро бикунад. Ҳакимбошӣ гуфт:

Решаи ин мору каждум аз дил аст. Инҳоро намешавад решакан кард. Фақат як рӯз дар миён бо як корди тез бояд ин мор ва каждумро аз тах бибурӣ ва ҷояш намак бипошӣ.

Муллобоҷиро кораш ҳамин буд, ки як рӯз дар миён инҳоро бибурад ва намак ба ҷояшон бипошад. Аз ин тараф мебурид, аз он тараф сабз мешуд. Дигар худо медонад, ки муллобоҷӣ бо Шаҳрбону чи кор кард ва чи ҳолу рӯзе барояш кард. Ҳар соат ва ҳар рӯз бо ягон баҳонае озораш медод.

Як рӯз тӯи ҳамон маҳалла, ки онҳо менишастанд, арӯсӣ[1] буд. Муллобоҷиро ҳам бо духтараш даъват карданд. Ин модар ва духтар вақте ки мехостанд бираванд, рахтҳои навашонро пӯшиданд ва зару зеварашонро ҳам заданд, духтар ҳам ба рӯймоли абрешимӣ пешона ва манаҳашро баст, ки мор ва каждумро касе набинад. Шаҳрбону ҳам бо ҳасрат ба инҳо нигоҳ мекард. Ӯро ҳам дилаш мехост, арӯсӣ биравад. Муллобоҷӣ ва духтараш фаҳмиданд, ба ӯ гуфтанд:

— Ту ҳам мехоҳӣ биёӣ?

Гуфт:

— Оре.

Гуфтанд:

— Хеле хуб, зуд.

Муллобоҷӣ рафт он ҷоми кирмониро аз болои токча овард ва аз тӯи анбор ҳам се-чаҳорто халтаи

[1] Арӯсӣ — тӯй.

нахӯд ва лубиё ва лапа[1] омехта кард ва гузошт ба пеши Шаҳрбону, гуфт:

— То мо аз арӯсӣ баргардем, ту бояд ин ҷомро пур аз ашки чашм бикунӣ ва ин нахӯду лубиёву лапаро ҳам ҷудо кунӣ. Ин ҳам арӯсии ту!

Онҳо аз дар бо шодӣ берун рафтанд. Шаҳрбону ҳам канори ҳавз зонуяшро оғӯш кард ва рафт тӯи оҳу нола, ки чи тавр аз ашки чашмаш ҷомро пур кунад ва чи тавр ин донаҳоро аз ҳам ҷудо кунад. Якбора ҳарфи дев ба ёдаш афтод, ки ба ӯ гуфта буд: «Ҳар вақт мушкилие пеш омад, биё ба суроғи ман». По шуд ва мисли барқу бод рафт сари чоҳ ба суроғи дев. Саломе кард ва алеке гирифт ва тафсили ҳоли худашро гуфт:

Дев гуфт:

— Ғуса нахӯр бароят дуруст мекунам.

Рафт ва як мушт намаки дарьёӣ дод ба Шаҳрбону ва гуфт:

— Инро бирез тӯи ҷом ва обаш бирез, об шӯр ва соф мешавад, мисли ашки чашм. Як дона хурӯс ҳам ба ту медиҳам мисли хурӯси худатон, донаҳоро бароят ҷудо мекунад ва як рӯзе илоҷи кори дигаратро ҳам мекунад. Ба шарти ин ки хурӯси худатонро нест кунӣ ва зани furoят нафаҳмад, ки ин он нест. Агар арӯсӣ ҳам мехоҳӣ биравӣ, бигӯ, асбобро бароят тайёр кунам.

Шаҳрбону гуфт:

— Мехоҳам биравам.

Дев фаврӣ як сандуқ овард, ба пеши Шаҳрбону гузошт. Аз тӯяш як даст либоси сартопоии арӯсӣ аз тоҷи сар ва гули камар то кавши по дар овард ва дод ба Шаҳрбону. Як гарданбанди марворид ва як ҷуфт дастбанди тилло ва як ангуштарини алмос ҳам барои зинат дод ба ӯ. Гуфт:

— Инҳоро ҳам бибар хона, иваз кун ва бирав арӯсӣ ва пеш аз он ки ҷамъият парешон шавад, по шав биё ба ҷоят.

Он вақт як зарфе аз зери ташкҳаш дар овард ва аз он равғане ки тӯи он буд, ба пои Шаҳрбону молид,

[1] Лапа — наск.

ки ферзтар[1] шавад. Он вақт тӯи як дасташ як зарра хокистар дод, тӯи дасти дигараш як даста гул ва гуфт:

— Вақте рафтӣ ба арӯсӣ, хокистарҳоро ба сари муллобочӣ ва духтараш бипош ва гулҳоро сару рӯи арӯсу домод ва меҳмонҳо бирез.

Шаҳрбону омад хона. Намакро бо об тӯи ҷом рехт ва хурӯсро андохт ба ҷони донаҳо ва рафт тӯи тавила, либосҳои худашро пинҳон кард ва либосҳои тозаро пӯшид, зару зевароширо ҳам зад ва ҳафт қалам аз холу хаттоту усма ва сурма ва сурхиву сафедӣ ороиш кард ва рафт ба арӯсхона. Дигар намедонед Шаҳрбону баъди ин ки либосҳоро пӯшид ва худашро оро дод, чӣ шуда буд; ба моҳ мегуфт, ту дар наё, ки ман дар омадам.

Боре, Шаҳрбону вориди арӯсихона шуд ва ғавғое ба по кард, ки онро сараш нопайдо буд. Кӣ дигар нигоҳ ба арӯс мекард?! Ҳама аз ҳам мепурсиданд: «Ин кист?» Хешу табори домод гумон мекарданд, аз тоифаи домод аст. Тамом мот шуда[2] буданд, ки одамизод ҳам ба ин хушкелӣ мешавад.

Дар ин байн духтари муллобочӣ, ки ба ӯ чап-чап нигоҳ мекард, ба муллобочӣ гуфт:

— Нана! Ин Шаҳрбону аст, омада ин ҷо.

Гуфт:

— Худо ақлат бидиҳад, ӯ ҳозир дар хона гирифтори кору ҳоли худаш аст. В-онгаҳе, ӯ ки либос надошт, ин ҳама зару зевар надошт.

Гуфт:

— Охир, ҳама чизаш ӯст: аз нигоҳ ҳаракати чашму абрӯ, қаду қомат.

Гуфт:

— Мон, охир. Тӯи як боғча меравӣ садто бодимҷон ба ҳам монанданд, мехоҳӣ, ки тӯи як шаҳр дуто одам ба ҳам монанд нашаванд?

Охирҳои маҷлис ки шуд, ҳама хоҳиши рақс карданд. Духтарҳо ба давр задан афтоданд, то навбат ба Шаҳрбону расид. Он ҳам по шуд, чархе зад ва рақс

---

[1] Ферзтар — тезрафтортар, хушъёртар, равшанфикртар.

[2] Мот шудан, мот бурдан — тааҷҷуб кардан, дар ҳайрат афтодан.

кард, дар айни рақсидан бо дасте ки гул дошт, дастагулро ба тарафи мардум андохт. Дастагул як хирман гули хушбӯ шуд ва арӯсу домод ва аҳли маҷлис ғарқи гул шуданд! Он вақт дасте ки хокистар тӯяш буд, ба тарафи муллобоҷӣ ва духтараш такон дод. Он як зарра хокистар як тупи хокистар шуд, рӯи онҳо нишаст. Ҳамаро моташон бурд, ки ин чи ҳисобест. Чаро ба ҳама гулафшонӣ кард ва ба ин дуто хокистарпошӣ? В-онгаҳе, ин гул ва хокистар аз куҷо омад? Мардум дар ҳайрат задагӣ буданд ва моту маҳбут ин тарафу он тараф нигоҳ мекарданд. Шаҳрбону ҳамин ки дид сарашон гарм аст, по шуд, омад тарафи хона. Даҳ-понздаҳ қадам монда буд ба хона бирасад, писари подшоҳ, ки аз шикор бармегашт, чашмаш ба Шаҳрбону афтод. Тааҷҷуб кард, ки ин духтар кист. Ҳамчунин духтаре тӯи ин шаҳр аст ва мо хабар надоштем. Аз қафояш афтод Шаҳрбону фаҳмид, дастпоча шуд, шитоб кард ва ҳамин ки омад аз ҷӯи об бипарад ин тараф, як кафшаш монд. Дид, агар маътали кафш бишавад, писари подшоҳ ба ӯ мерасад. Кафшро гузошт ва мисли барқ худашро ба хона расонд.

Писари подшоҳ натавонист худашро ба Шаҳрбону бирасонад. Вақте дид, кафшаш он ҷо монда, кафшро бардошт ва ҷои хонаро ба чашм гирифт ва ба дил супурд ва рафт ба қаср.

Аз он тараф бишнавед аз муллобоҷӣ ва духтараш. Инҳо бо авқоти талх аз арӯсӣ по шуданд, омаданд хона, ки доғи дили хокистарҳое ки дар арӯсӣ ба сарашон рехта шуд, аз Шаҳрбону дарбиёранд. Ҳанӯз по ба хона нагузоштанд, муллобоҷӣ гуфт:

— Биё, бубинем, ҷомро аз ашки чашмат пур кардӣ ё не?

Фаврӣ Шаҳрбону ҷомро овард, дод дасти муллобоҷӣ. Муллобоҷӣ забон зад ва гуфт:

— Оре, шӯр аст.

Гуфт:

— Нахӯдлӯбиёро чӣ кор кардӣ?

Гуфт:

— Ҳамаашро ҷудо кардам.

Дасти муллобоҷиро гирифт ва бурд сари нахӯдлубиё. Муллобоҷӣ дид, ҳамаашро пок кардааст. Монд ангушт ба даҳон, ҳайрон ва саргардон, ки одам агар дили хуш дошта бошад ва дасташ ба кор биравад, як моҳ ҳам наметавонад инҳоро аз ҳам ҷудо кунад. Ин чӣ тавр бо ин зудӣ ва ин хубӣ ин корро кардааст? Духтараш ҳам мот монда буд, ки чӣ тавр ин кори бо ин пурзаҳматиро дар ним рӯз рӯ ба роҳ [1] кардааст. Ба модараш гуфт:

— Ман сар аз кори ин Шаҳрбону дар намеорам. Чӣ тавр танҳо тавонистааст, ин лӯбиё, нахӯд ва лаппаро пок кунад, он вақт як ҷомро ҳам аз ашки чашмаш пур кунад? Ҳатман як касе кӯмакаш мекунад.

Нана ҳам гуфт:

— Маро ҳам ба назарам ҳамин тавр меояд ва он тавре ки медонам, ки гови зарди тӯи тавила нанаи ин аст ва ӯ кӯмакаш медиҳад ва ба илму ишора роҳ ва чоҳро нишонаш медиҳад. Бояд ин говро аз байн бурд.

Иро гуфт ва рафт паҳлуи ҳакимбошӣ чашм ва абрӯе нишон дод ва бо ҳакимбошӣ сохту похт кард, ки худашро ба нохушӣ бизанад, вақте ки ҳакимбоширо болои сараш оваранд, ӯ бигӯяд, илоҷи моразн ин гӯшти гови зард аст.

Аз паҳлуи ҳаким баргашт. Шаб ки шавҳараш омад, оҳ ва ноларо сар дод, ки:

— Оҳ, дилам, худоё, мурдам! Хӯрд шудам!

Мардак дастпоча шуд. Гули говзабон [2] ва анноб [3] ва испанд барояш дам кард ва ба ӯ дод, бихӯрад. Вале дард сокит нашуд.

Фардо ки шуд, як зарра зардчӯба молид ба сураташ як каме нони хушк зери худаш гузошт. Ғуруб ҳамин ки шавҳараш омад, нолаашро давом дод. Шавҳар дастпоча шуд ва рафт сароғи ҳакимбошӣ. Ҳакимбошӣ омад болои сари нохуш. Набзашро гирифт, рӯяшро дид, ба мардак гуфт:

---

[1] Рӯ ба роҳ кардан — анҷом додан, муҳайё сохтан.
[2] Гули говзабон — номи навъи гул.
[3] Анноб — меваи як навъ алафи хушбӯй.

— Ин мараз дорад, ки дармонаш гӯшти гови зард аст. Агар имшаб ва фардо шаб ба ӯ расондед, шифо меёбад вагарна хуб нахоҳад шуд.

Мардак гуфт:

— Худамон як гови зард дорем. Ҳоло ки шаб аст, фардо мекушемаш ва гушташро ба ӯ медиҳем.

Шаҳрбону ки ин ҳарфро шунид, дуд аз дилаш дар омад ва ҳолашро нафаҳмид ва як гӯшае афтод. Нони хушки ҳаршабиро ҳам ба ҷои шом натавонист бихӯрад. Ҳар чи ҳам фикр кард, ақлаш ба ҷое нарасид. Гуфт: «Беҳтар ин аст, ки биравам ба суроғи дев». Ҳамон шабона, вақте ки хотирҷамъ шуд, ҳама хобиданд, рафт сари чоҳ ба суроғи дев. Рафт тӯи чоҳ ва ба дев салом карду тафсилро барояш гуфт. Дев гуфт:

— Ман дуруст мекунам. Ту бирав зуд модаратро биёр тӯи биёбон сар деҳ. Ман ҳам ҳамзоди ӯро ба ивази ӯ мефиристам тӯи тавила ҷои ӯ.

Шаҳрбону хамин корро кард. Модарашро овард дар ҳамон биёбон сар дод ва рафт суроғи дев. Дев ҳамзоди модари Шаҳрбонуро, ки ба шакли ҳамон гови зард буд, ҳамроҳи Шаҳрбону фиристод ва ба Шаҳрбону ҳам супориш дод, ки вақти инро куштанд, ту мабодо аз гӯшташ бихӯрӣ. Кори дигаре ҳам ки мекунӣ, устухонҳои ҳамзодро ҷамъ мекунӣ тӯи тавила гӯр мекунӣ, то бубинем чӣ мешавад.

Шаҳрбону ҳамин корро кард. Он ду-се соате ки азони субҳ монда буд, роҳат хобид. Субҳ шуд, мардак рафт қассобро овард. Говро аз тавила берун кашиданд ва канори боғча сарашро буриданд. Гушташро кабоб карданд, муллобоҷӣ ва духтарашу шавҳараш хӯрданд. Аммо ҳар коре карданд, Шаҳрбону бихӯрад, нахӯрд. Баъд ҳам ҳамон тавре ки дев дастур дода буд, устухонҳоро ҷамъ кард ва бурд тӯи тавила гӯр кард.

Муллобоҷӣ хушҳол шуд, ки рӯзгор дигар ба комаш аст ва касе нест, ки кӯмаке ба Шаҳрбону бикунад. Аммо хабар надошт, ки писари подшоҳ аз соате ки чашмаш ба Шаҳрбону хӯрдааст, ошиқи дилхаста шудааст ва кафши Шаҳрбонуро ҳамеша таги сар мегузорад ва гардашро сурмаи чашм мекунад.

Писари подшоҳ аз ишқи Шаҳрбону нохуш шуд ва асири рахти хоб шуд. Ҳар чи даво ва дармон карданд, ба ҷое нарасид. Оқибат модараш ба дасту пои ҳакимҳо афтод, ки дардаш чист? Гуфтанд: «Ошиқ аст».

Боре, таҳу тӯи корро дар овардaнд ва маълум шуд, ошиқи духтаре аст, ки лингаи[1] кафшаш ҳам паҳлӯяш аст.

Вақте модараш фаҳмид, рафт паҳлӯяш ва дилдориаш дод, ки: «Хотират ҷамъ бошад. Ин ки мехоҳӣ, агар дар қалъаи Қоф ҳам ки бошад, бароят меоварам ва дасташро мегузорам ба дастат».

Рӯзи баъд чандто аз кампирҳои андарунро бо лингаи кафш фиристод тӯи маҳаллаҳои шаҳр. Хона ба хона мегаштанд, ки соҳиби кафшро пайдо кунанд, намешуд. Ба пои ҳар кас мекарданд, ё танг буд, ё кушод.

Ин кор чанд рӯз тӯл кашид. Тамоми хонаҳоро гаштанду соҳиби кафш пайдо нашуд. То навбат ба хонаи падари Шаҳрбону расид. Ба маҳзи ин ки[2] кампирҳо вориди хона шуданд ва муллобоҷӣ матлабро фаҳмид, ба тавре ки онҳо нафаҳманд, Шаҳрбонуро кард тӯи танӯр ва дари танӯрро гузошт ва як синӣ[3] арзан ҳам гузошт дар рӯяш ва хурӯсро болои синӣ кард, ки арзанҳоро дон-дон бизанад, ки агар садое аз Шаҳрбону дар омад, садо тӯи садо биравад.

Боре, инҳо вориди хона шуданд, гуфтанд: «Шумо духтар доред» Гуфтанд: «Бале». «Бигӯед, биояд». Духтари муллобоҷӣ омад. Кафшро доданд, ба пояш кунад. Нарафт. Инҳо хеле авқотталх шуданд. Барои ин ки охирин хонае буд, ки барои хостгорӣ омада буданд ва суроғи соҳиби кафшро ҳам ин ҷо доштанд.

Кампирҳо гуфтанд:

— Шумо дигар духтаре надоред? Байни ҳамсояҳо ҳам хабар надоред, духтаре ки мо надида бошем?

Муллобоҷӣ гуфт:

— Не.

---

[1] Линга — дар ин ҷо якто.
[2] Ба маҳзи ин ки — ҳамон лаҳзае ки.
[3] Синӣ — лаълӣ.

Дар ин байн хурӯс бано кард ба хондан:

Қу-қу-қу дар танӯр;
Қу-қу-қу бар танӯр.
Моҳпешоний дар танӯр,
Санги як ман бар танӯр.

Кампирҳо вақте овози хурӯсро шуниданд, тааҷҷуб карданд. Гуфтанд: «Ин хурӯс чӣ мегӯяд?». Муллобоҷӣ ҳам як санг бардошт, андохт ба тарафи хурӯс, ки:

— Аслан хурӯс бемаҳал аст. Фардо мекушамаш.

Хурӯс аз ҳавли санг дар рафт ва боз бано кард ба хондан.

Қу-қу-қу дар танӯр;
Қу-қу-қу бар танӯр.
Моҳпешоний дар танӯр,
Санги як ман бар танӯр.

Кампирҳо гуфтанд: «Биравем сари танӯр, бубинем хурӯс чӣ мегӯяд». Рафтанд, дари танӯрро бардоштанд, ки диданд як духтари мисли моҳи шаби чаҳордаҳ он тӯ аст! Бузурги кампирҳо дасти духтарро гирифт ва овард берун. Аз хушҳолӣ фарьёд зад:

— Ваҳ, ки ҳамчу духтаре дорад! Ба пешонаш моҳ, ба манаҳаш ситора.

Фаврӣ кафшро ба пояш карданд, диданд, дуруст қолиби пояш аст. Рӯ карданд ба муллобоҷӣ, ки:

— Писари подшоҳ ошиқи ин духтар ва аз ишқи ин духтар нохуш шудааст. Ҳар тавр аст, бояд ин духтарро ба писари подшоҳ бирасонем. Ҳоло бигӯед, бубинем, чи лозим аст, ки биёварем ва духтарро бибарем? Ҳар чи лозим аст, шарм накунеду бигӯед. Мо ҳоло меравем ва ин хабари хушро ба писари подшоҳ ва модару падараш медиҳем. Фардо ҳамин вақт меоем.

Муллобоҷӣ гуфт:

— Мо аз шумо чизе намехоҳем. Ду метр карбоси обӣ, ним ман сир, ним ман пиёз биёред, духтарро бибаред. Вале як шарт ҳам дорад. Он ин аст, ки ин яке духтарро ҳам барои писари вазир бигиред.

Гуфтанд:

— Албатта ба подшоҳ мегӯем. Подшоҳ фармон медиҳад ба вазир, барои писараш инро мегирад. Аммо мехоҳем бидонем, ин духтари ба ин қашангиро чаро ба ин муфтӣ медиҳед?

Муллобоҷӣ гуфт:

— Қашангиаш сарашро бихӯрад. Азбаски бадҷинс аст, аз субҳ то ғуруб болои бом ба ҷавонҳои ҳамсоя чашму абрӯ мепарронад.

Гуфтанд:

— Инҳо ба мо дигар дахле надоранд. Писари подшоҳ инро хостааст.

Фардо шуд. Хостгорҳо омаданд ва карбосу сиру пиёзро оварданд ва қавл доданд, ки шаби баъд аз арӯсии писари подшоҳ ин як духтарро барои писари вазир мебарем. Муллобоҷӣ гуфт:

— Ҳоло ки ин тавр шуд, фардо биоед арӯсатонро бибаред.

Муллобоҷӣ як пираҳани калону кушод аз карбос дӯхт ва тани Шаҳрбону кард. Наҳор ҳам як оши олучаи пурчарбӯ ба ӯ дод ва тамоми сиру пиёзҳоро ҳам бо зӯр дод ба ӯ. Ҳар чи гуфт намехӯрам, бо мушт ва пасгарданӣ дод. Хулоса, як дег ош ва як ман сиру пиёзро ба ӯ хӯронд.

Аср ки шуд, кампирҳо омаданд, ки Шаҳрбонуро бибаранд ба қасри писари подшоҳ, ки рӯз ақдаш кунанд ва шаб арӯсӣ. Аз хона ки берун рафтанд, Шаҳрбону ба кампирҳо гуфт:

— Аз беруни шаҳр биравем, ки ман як хайру хуше бо модарам бикунам.

Гуфтанд:

— Магар ин модарат набуд?

Гуфт:

— Не, зани падарам буд.

Гуфтанд:

— Ҳоло фаҳмидем, чаро туро пинҳон карда буд ва он ҳарфҳоро дар ҳаққат зад ва ба ин муфтӣ туро дод.

Боре, Шаҳрбону омад тӯи чоҳ, ки бо дев худоҳофизӣ[1] кунад. Дев гуфт:

---

[1] Худоҳофизӣ — хайру хуш.

— Куҷо меравӣ бо ин пираҳани карбос ва даҳони сирхӯрда?

Гуфт:

— Арӯсиам аст.

Ва аз аввал то охир ҳолу рӯзгорашро барои дев таъриф кард. Дев фаврӣ рафт, як даст либоси ҳарир бо як тоҷи ёқут ва як ангуштари алмос ва як ҷуфт зумурратнишон ва як ҷуфт зарринкафш овард ва ба Шаҳрбону пӯшонд. Даҳонашро ҳам бо мушку анбар пур кард, ки бӯи сиру пиёз надиҳад ва ба ӯ гуфт:

— Писари подшоҳ ҳарчи шароб ба ту медиҳад, аз дасташ бигир, вале ба тавре ки нафаҳмад, бирез дур. Агар дилатро ҳам дард гирифт, фалон корро кун.

Шаҳрбону аз чоҳ дар омад ва рафт паҳлуи кампирҳо. Вақте рахтҳои инро диданд, тааҷҷуб карданд, гуфтанд:

— Кӣ ба ту дод?

Гуфт:

— Модарам.

Гуфтанд:

— Қадри ин модари сариштакорро бидон. Агар ҷомахонаи зани подшоҳро таку рӯ кунӣ, як ҳамчун рахте пайдо намекунӣ.

Боре, Шаҳрбонуро оварданд ба қасри подшоҳ. Дигар тамоми аҳли ҳарамсаро ғарқи тамошо шуда буданд ва ба Шаҳрбону нигоҳ мекарданд. Дар ин байн писари подшоҳ омад, дасташро гирифт, бурд ба утоқи модараш. Модараш тааҷҷуб кард, ки ҳеҷ ҳамчун сурате надида буд. Сару либосаш ҳам ҷои худ дошт...

Маҷлиси ақдро фароҳам карданд ва шаб ҳам бисоти арӯсиро чиданд. Баъд аз он ки мутрибҳо заданд ва кубиданд, шоҳ ва вузаро ва айёни шаҳр ҳам шом хӯрданд, инҳоро даст ба даст доданд ва тӯи ҳаҷлахона[1] карданд. Он ҷо дигар дутой — Шаҳрбону ва писари подшоҳ дил доданду гурда ги-

---

[1] Ҳаҷлахона — хонае ки арӯсу домод шаби аввали арӯсӣ хоб мекунанд.

рифтанд[1]. Муттасил писари подшоҳ ба саломатии Шаҳрбону шароб мехӯрд ва ба Шаҳрбону ҳам медод, то вақте ки натавонист рӯи по истад. Афтод ва хобид, Шаҳрбону ҳам хобид.

Нисфҳои шаб Шаҳрбонуро дилдард ва қору қур гирифт. Ҳамон тавре ки дев ёдаш дода буд, тӯи зерҷомаи писари подшоҳ худашро роҳат кард. Ӯ ҳам маст буд, ҳеҷ хабардор нашуд.

Саҳар писари подшоҳ ба ҳолу ҳуш омад, дид, ҳолаш хароб аст. Хеле пакар шуд. Ҳоло саргардон аст, ки чи кор бикунад. Шаҳрбону, ки аз воқеа огоҳ буд, ба писари подшоҳ гуфт:

— Чаро намехобед ва сангин такон мехӯред?

Писари подшоҳ дид, чорае надорад, тафсилро гуфт, ки:

— Бале, ҳамчун иттифоқе то ҳоло барои ман наафтода буд. Ба назарам зиёдии шаробест, ки хӯрдам. Ҳоло хиҷолат мекашам, ки ба канизу кулфатҳо чи бигӯям.

Шаҳрбону гуфт:

— Ин ҳарфҳо чист? Ман алъон[2] дуруст мекунам.

Зерҷомаи писари подшоҳро овард поини қаср. Дар об шуст ва андохт болои дарахти гул ва субҳ пеш аз оне ки офтоб бароянд, хушк шуда буд, рафт ва овард ва писари подшоҳ пӯшид. Ин кор писари подшоҳро бештар хоҳони Шаҳрбону кард ва хеле азизтар шуд ва як синарези[3] тиллоии ҷавоҳирнишон ба ӯ бахшид.

Инҳоро ин ҷо дошта бошед, бишнавед аз муллобоҷӣ. Муллобоҷӣ ин корҳоро карда буд, то Шаҳрбону расво бишавад ва ӯро бо хиффату хорин ҳамон шаби аввал берунаш кунанд ва субҳ мунтазир буд, ки бубинад ӯро пас биоваранд. Субҳ то зӯҳр дид, хабаре нашуд. По шуд ва роҳ афтод ва рафт ба қасри писари подшоҳ, ки бубинад, вазъият чи тавр аст.

[1] Дил доданду ғурда гирифтанд — кайфу сафо карданд.
[2] Алъон — ҳозир.
[3] Синарез — як навъ мӯҳра.

Рафт даруи ва Шаҳрбонуро дид. Аз ӯ аҳволпурсӣ кард, ки:

— Дишаб дилатро дард нагирифт?

Гуфт:

— Чаро? Диламро дард гирифт, аз ночорӣ по шудам, тӯи утоқ худамро роҳат кардам ва бо худ гуфтам: «Субҳ бо калтак маро аз ин ҷо берун мекунанд». Аммо баръакс хеле хушҳол шуданд ва инро омади кор гуфтанд ва як синарез ҳам писари подшоҳ ба ман бахшид.

Муллобоҷӣ ба худ гуфт: «Аҷаб, мо ҳар ҳиллае мезанем, ки ин биафтад, баландтар мешавад». Зуд по шуд, рафт хонаи худаш. Дид, аз хонаи вазир хостгорҳо омаданд барои духтар ва мепурсанд, чи биорем.

Гуфт:

— Панҷоҳ сикка нуқраи ширбаҳо, сад сикка тилло ва ҳафт даст рахти ҳафтранг, барои ҳафт рӯзи аввали арӯсӣ.

Хостгорҳо гуфтанд:

— Чи тавр, барои Шаҳрбону — духтари ба он нозанинӣ ду метр карбос хостӣ ва як ман сиру пиёз, барои ин инҳоро?

Гуфт:

— Барои ин ки ин духтарам дахле ба он надорад. Инро то ҳоло садояшро мард нашунида аст. Аз зани ҳомила рӯ мегардонад, ки шояд ҳамлаш писар бошад, наҷиб ва сар ба пеш ва сӯзкор аст.

Инҳо чизе нагуфтанд. Қарор шуд, фардо ҳар чӣ хоста аст, биоваранд ва духтарро бибаранд. Чора надоштанд. Чун подшоҳ ба вазир гуфта буд: «Бояд ин духтарро барои писарат бигирӣ, барои ин ки ба ӯ қавл додем».

Боре, муллобоҷӣ хаёл мекард, ҳарфҳои Шаҳрбону рост аст. Як оши олучафаровоне пухт, дод ба духтар, хӯрд. Баъд аз зӯҳр шуд, аз хонаи вазир омаданд ақиби духтари муллобоҷӣ. Либосҳои нав ба ӯ пӯшонд ва мору каждумро поктарош кард ва рӯяшонро басту равонаи хонаи вазираш кард.

Вақте пояшро гузошт дар хонаи вазир, писари вазир омад пешвозаш. Дид, аз зиштӣ намешавад

нигоҳаш кард. Вале аз тарси фармони подшоҳ ҷуръати дам задан надошт.

Боре, ақд карданд ва бисоти арўсиро чиданд ва даст ба дасташон доданд ва фиристодандашон тўи ҳаҷлахона. Духтар азбаски оши олуча хўрда буд, ҳай оруқ мезад ва утоқро бўи ганда меандохт. Нисфи шаб ҳам дилашро дард гирифт. По шуд ва утоқро ифлос кард. Писари вазир аз бўи бад аз хоб бедор шуд, пурсид:

— Ин чӣ ҳаракат аст?

Гуфт:

— Магар хабар надорӣ? Омади кор аст.

Шамъро равшан кард, чашмаш ба мору каждуми сурати духтар хўрд. Фарьёд кашид ва давид ба утоқи модараш. Тафсилро ба модараш гуфт. Модар ҳам рафт ба вазир гуфт, вазир ҳам рафт ба подшоҳ гуфт, подшоҳ ҳам ба занаш гуфт, занаш ҳам ба писараш гуфт, писараш ҳам ба Шаҳрбону. Он вақт Шаҳрбону аз аввал то охир шарҳи ҳоли худаш ва модараш ва муллобоҷӣ ва мактаб ва хумраи сиркоро гуфт. Он ҳам барои модараш, модараш ҳам барои подшоҳ ва подшоҳ ҳам вазирро хост ва гуфт:

— Чун ту гўш ба ҳарфи ман додӣ, ман ҳам ба ту хубӣ мекунам ва духтари худамро медиҳам ба писари ту.

Вазир гуфт:

— Бо ин модари духтар чӣ бояд кард?

Гуфт:

— Ҳукм мекунам, инҳоро аз девори шаҳр тўи хандақ биандозанд.

Ҳамин корро ҳам карданд.

Бисоти арўсии муфассале чиданд. Духтари подшоҳро ба писари вазир доданд. Аз қазо инҳо ботинан ҳам ҳамдигарро мехостанд. Ҳамаи ин корҳо дуруст шуд, аммо ҳуш ва ҳавоси Шаҳрбону паҳлуи модараш буд.

Як рўз рафт тўи чоҳ, паҳлуи дев. Аз ў хоҳиш кард, модарашро ба сурати аввал баргардонад. Ў ҳам говро овард ва бо теги алмос аз пушти сараш то думаш пўсташро шикофт. Якбора модар аз ҷил-

ди гов дар омад. Даст андохт гардани Шаҳрбону гуфт:

— Духтарҷон, ин расму рӯзгор буд, ки маро тӯи хумра биандозӣ?

Шаҳрбонуро араќи хиҷолат ба рӯяш нишаст ва гуфт:

— Ивазаш ман ҳам хизмати худамро кардам бароят.

Боре, модар ва духтар бо дев хайру хӯш карданд ва омаданд ба қасри писари подшоҳ. Писари подшоҳ вақте дид модарзане ба ин хубӣ дорад, хушҳол шуд ва як ҳавлии махсус бо хоҷаву каниз бароиш дуруст карданд ва солҳои сол бо хубиву хушӣ зиндагӣ карданд.

Иншоолло ҳамон тавре ки инҳо ба мурод у матлаб расиданд, шумоҳо ҳам бирасед.





*Фольклор*

## ҚИССАИ РАММОЛ

Як зан ва шавҳаре буданд, ки инҳо хеле бепул буданд. Аммо зан хеле хушкел буд. Мард касби оболӯӣ [1] дошт ва ғайр аз бисоти оболӯӣ чизи дигаре надошт ва зан ба кори манзил мерасид [2].

Муддате буд, ки зан мехост ба ҳаммом биравад. Аммо инҳо пул надоштанд, то ин ки бо ҳам қарор гузоштанд, як рӯз рӯза бигиранд ва дар ивази пули он зан ба ҳаммом биравад.

Рӯзе ки зан ба ҳаммом рафт, дид, дар шоҳнишини ҳаммом як пиразан рӯи сандалӣ нишастааст ва коргарҳои ҳаммом мисли парвона давраш мегар-

[1] Оболӯ — оби олуи яхин; шираворфурӯш.

[2] Ба кори манзил расидан — корҳои хонаро кардан.

данд. Яке такашро мешӯяд, яке дасту пояшро ҳино мебандад, яке пояшро сангпо мезанад. Зан пурсид, ки:

— Ин кист, ки ин қадар ба ӯ эҳтиром мегузоранд?

Гуфтанд:

— Ин зани раммоли ҳоким аст.

Зан гуфт: «Худоё худовандо, ин пирзани бадтаркиб ин ҳама бирав-биё дорад ва ман бо ин ҷавониву хушкелӣ бояд даҳ рӯз барои пули ҳаммом ланг бошам».

Аср, ки шавҳараш ба хона омад, занак ду пояшро ба як кафш кард ва гуфт:

— Илло ва билло, ки бояд биравӣ ва ту ҳам раммол бишавӣ.

Ҳар чи мардак гуфт, ки бобо, раммолӣ илм мехоҳад, савод мехоҳад, таҷриба мехоҳад, зан қабул накард ва гуфт:

— Ё бояд аз ин баъд раммолӣ кунӣ ва ё бояд маро талоқ бидиҳӣ!

Ночор мард, ки хеле хотири занашро мехост, бисоти оби олӯяшро фурӯхт ва як рамлу истрелоб[1] харид ва фардо рафт дами як ҳаммоме нишаст ва ҳамааш тӯи фикр буд, ки чи кор бикунад.

Иттифоқан духтари ҳоким рафта буд тӯи ҳамон ҳаммом ва вақте ки мехост либосҳояшро барорад, ангуштарашро, ки хеле қиммат дошт, ба дояаш супурд. Дояаш ҳам ангуштарро тӯи як сӯрох кард ва каме пашм рӯи он гузошт. Вақте духтари ҳоким аз ҳаммом дар омад, рӯ кард ба доя ва гуфт:

— Ангуштарам ку?

Дояро аз ёдаш рафта буд, ки ангуштарро куҷо гузоштааст. Ҳарчи фикр кард, чизе ба ёдаш наёмад. Ҳамаи аҳли ҳаммомро гаштанд ва ангуштар пайдо нашуд. Устод-ҳаммолӣ гуфт:

— Дами дари ҳаммом як раммол нишастааст. Хуб аст аз ӯ бипурсем.

Доя фаврӣ як чодар ба сараш андохт ва ҳамин тавр, ки баданаш луч ва урьён буд, омад ҷулӯи раммол нишаст ва гуфт:

[1] Рамлу истрелоб — асбобҳои фолбинӣ.

— Бигӯ, бубинем, ангуштари духтари ҳоким кучост?

Раммол ҳай рамл андохт, аммо ҳама ҳавосаш пеши занак буд, ки лучу урьён дар наздаш нишаста буд. Оқибат дояро ҳавсалааш тамом шуд ва гуфт:

— Бигӯ, бубинам, чӣ мебинӣ?

Раммол гуфт:

— Фақат як сӯрохи пури пашм мебинам.

Якбора доя гуфт:

— Рост мегӯӣ! Ёдам омад, ангуштар кучост.

Фаврӣ давид тӯи ҳаммом, ангуштарро ба духтари ҳоким дод ва гуфт:

— Аҷаб раммоли хубе аст. Дуруст ва ҳисобӣ[1] нишонаи чои ангуштарро дод.

Духтари ҳоким инъоми муфассале[2] ба раммол дод. Вақте ки ба хонааш омад, тамоми ҳол ва ҳикоятро барои падараш шарҳ дод. Ҳоким одам фиристод аз думболи раммол. Хеле бо ӯ меҳрубонӣ кард ва гуфт:

— Минбаъд ту раммоли махсуси ман ҳастӣ.

Шаб ки раммол ба манзилаш омад, ба занаш гуфт:

— Дидӣ, чӣ хоке бар сарам шуд?! Ҳоло фардо ва пасфардост, обрӯям мерезад ва мумкин, ки ҷонамро ҳам бар сари ин кор бигузорам.

Занаш гуфт:

— Натарс, худо бузург аст.

Аз қазои иттифоқ ҳамон шаб амволи[3] ҳукуматиро дузд зад ва ин дуздҳо ҳам чиҳил нафар буданд. Субҳ зуд ҳоким кас фиристод аз думболи раммол ва ба ӯ гуфт:

— Бояд зуд дуздҳоро пайдо кунӣ.

Раммол чиҳил рӯз мӯҳлат хост ва рост ба манзилаш омад. Ҳолу ҳикоятро барои занаш гуфт ва гуфт:

— То ҳанӯз дер нашудааст, биё аз ин шаҳр бигурезем.

Аммо зани раммол нагузошт ва гуфт:

---

[1] Ҳисобӣ — ҳақ, бехато, дуруст, бекаму кост ва ғайра.
[2] Муфассал — ин чо арзанда, гаронбаҳо.
[3] Амвол — ҷамъи мол.

— Ҳоло ки чиҳил рӯз мӯҳлат дорӣ, агар дар ин муддат худо василае[1] фароҳам накард, рӯзи охир мегурезем.

Ва барои он ки ҳисоби чиҳил рӯз дасташон бошад, чиҳил донаи хурмо дар кӯза андохтанд ва қарор шуд, ҳар шаб як дона аз онро бардоранд то рӯзи чиҳилӯм.

Иттифоқан раиси дуздон аввали шаб ба яке аз дуздҳо гуфт:

— Бирав ба манзили раммол ва бубин, ки чӣ мекунанд.

Дузд ҳам омад рӯи боми манзил ва вақте расид, ки зани раммол яке аз донаҳои хурморо аз кӯза дар оварда буд. Раммол гуфт:

— Аз чиҳилто ин яке.

Дузд, ки инро шунид, хаёл кард, раммол мегӯяд, аз чиҳил нафар дузд ин яке. Фаврӣ баргашт паҳлуи руфақояш ва гуфт:

— Чӣ нишастаед? Бо ин раммол намешавад шӯхӣ кард. Ман ҳанӯз ба пушти боми хонааш нарасида будам, гуфт: «Ин яке аз чиҳил дузд».

Фардо шаб раиси дуздҳо гуфт:

— Имшаб ду нафар биравед ва бубинед раммол чи кор мекунад.

Иттифоқан ин ду нафар ҳам вақте расиданд, ки зани раммол донаи хурморо аз кӯза дар оварда буд ва ба шавҳараш медод. Раммол гуфт:

— Аз чиҳилто ин дуто.

Дуздҳо нигоҳе ба ҳам карданд ва фаврӣ баргаштанд ва он чиро, ки иттифоқ афтода буд, ба раисашон гуфтанд.

Фардо шаб раиси дуздҳо гуфт:

— Ман имшаб худам меоям, бубинам, чӣ мешавад.

Боз ҳамон мавқеъ расиданд, ки зан донаи хурморо аз кӯза бардошта ба шавҳараш медод. Иттифоқан донаи хурмои имшабӣ каме дурушттар[2] аз боқӣ донаҳо буд. Раммол гуфт:

---

[1] Васила — роҳи кор, тарзи кор.
[2] Дурушттар — калонтар, бузургтар.

— Аз чиҳилто ин сето, ин ҳам раисашон аст.

Раиси дуздҳо вақте ин ҳарфҳоро шунид, гуфт: «То дер нашудааст ва ин раммол хонаи моро хароб накардааст, бояд фикр кард».

Фардо субҳ раиси дуздҳо омад ба манзили раммол ва гуфт:

— Амволро[1] дар фалон маҳал пинҳон кардем ва туро ба худо, моро нафурӯш.

Раммол гуфт:

— Ба шарте ки аслан аз ин мамлакат биравед.

Раиси дуздҳо қабул кард ва тӯҳфаи қобиле ҳам ба раммол пешкаш дод.

Раммол фаврӣ омад ба боғи ҳукуматӣ ва гуфт бираванд ба фалон маҳал ва он чиро, ки дуздӣ шудааст, биоваранд. Хизматгорҳо ба нишонаи раммол рафтанд ва тамоми амволи дуздишударо оварданд.

Ҳоло дигар ҳоким чи қадар ба раммол инъом ва пул дод, бимонад.

Шаб, ки раммол ба хонааш омад, ба занаш гуфт:

— Зан, худоро шукр. Ҳоло ки ба андозаи кофӣ пул дорем, баланд шав то зудтар аз ин шаҳр ба ҷои дигар биравем.

Аммо занаш қабул накард ва гуфт:

— Ҳоло, ки худо хостааст, чаро бояд лагат ба бахти худамон бизанем?

Муддате гузашт, як рӯз ҳоким ба шикор рафта буд ва раммол ҳам дар шикор ҳамроҳ буд. Як малах ба рӯи дасти чапи ҳоким нишаст. Ҳоким хост, бигирадаш, парид рӯи дасти рости ҳоким нишаст. Боз ҳоким хост, бигирадаш, парид рӯи зин нишаст. Аммо дафъаи сейӯм ҳоким малахро гирифт. Фаврӣ гуфт, раммолро ҳозир кунед. Раммолро оварданд. Ҳоким гуфт:

— Бигӯ, бибинам, дар дасти ман чист?

Раммоли бечора, ки дид обрӯяш рафтааст, ба худ гуфт: «Як бор ҷастӣ малахак, ду бор ҷастӣ малахак, дафъаи сейӯм наҷастӣ малахак». Фаврӣ ҳоким дасташро боз кард ва малахак парид.

---

[1] Амвол — молҳо.

Ҳоким дастур дод, ҳамвазни раммол ба ӯ пул доданд. Шаб ки раммол ба хона омад, ба занаш гуфт:

— Метарсам ту охираш маро ба куштан бидиҳӣ. Ҳоло дигар ба андозаи то охири умрамон мол ва сарват дорем. Биё, аз ин вилоят ба ҷои дигаре биравем.

Аммо боз ҳам зан қабул накард. Раммол бо худ гуфт: «Ҳоло ки ин тавр аст, ман бояд худамро ба девонагӣ бизанам, шояд даст аз сарам бардоранд».

Ин буд, ки як рӯз субҳи зуд, ки ҳоким ба ҳаммом рафта буд, раммол давон-давон худро ба ҳаммом расонид ва ҳокимро бо тани луч бағал кард ва ба тарафи кӯча роҳ афтод. Ҳар чи қаравулҳо хостанд, пешашро бигиранд, натавонистанд. Ҳокимро ҳамон тавр луч ба кӯча овард. Иттифоқан ҳамин ки ба кӯча расиданд, сақфи ҳаммом хароб шуд. Ҳоким хеле хушҳол шуд ва фаврӣ саҷдаи шукр ба ҷо овард ва фаврӣ дастур дод, як деҳро тамоман ба номи раммол кунанд ва гуфт:

— Ту маро аз марг наҷот додӣ ва аз ин рӯз бояд ҳамеша дар қасри худам бошӣ.

Раммол дид, ки ин ҳам нагирифт [1]. Гуфт: «Худоё, чӣ кунам?» Боз як рӯз, ки ҳоким ба салом нишаста буд ва ҳама аъёну ашроф ҷамъ буданд, раммол давон-давон ба васати утоқ омад, ҳамаро канор зад ва рафт ҳокимро аз тахти махсусаш кашид поин. Иттифоқан як мори бузурге аз зери пои ҳоким берун омад. Ҳоким хеле хушҳол шуд. Дастур дод, хилъати дигаре ба раммол доданд.

Ҳоло, бародар, агар иқбол ба одам рӯ кард, одам набояд аз ҳеҷ чиз воҳима дошта бошад.

Боло рафтем дӯғ буд, поин омадем, дӯғ буд, қиссаи мо дурӯғ буд.



---

[1] Нагирифт — ин ҷо «нашуд».



*Аз Субҳӣ (китоби дуввум)*

## САКИНАОВАРДӢ

Яке буд, яке набуд, подшоҳе буд, ки ба ҷуз як духтар фарзанди дигаре надошт. Чун ягона буд, хеле ӯро дӯст медошт ва ҳар тавре ки майли ӯ буд, рафтор мекард. Ин духтар дар нозу неъмат бузург шуда буд, то шонздаҳ солаш тамом шуд ва гузашт ба ҳабдаҳ.

Як рӯз ба падараш гуфт:

— Эй, падар, ман аз ту чиҳил каниз мехоҳам, ки ҳама якшаклу яклибос бошанд.

Подшоҳ гуфт:

— Бисёр хуб.

Ин тараф, он тараф, ба ин хона ба он хона хоҷаҳоро фиристоданд, то чиҳил канизи хушкел, ки ҳама якшакл ва якқад буданд, пайдо карданд. Баъд

фиристод аз ҷомахона барои инҳо як олам либос дуруст кард, ки чиҳилто-чиҳилто мисли ҳам буданд. Ин канизҳо аз субҳ то ғуруб ва аз ғуруб то субҳ давру вари [1] духтари подшоҳ мегаштанд.

Як рӯз духтари подшоҳ ҳаваси шикор кард. Рафт аз падараш иҷозат гирифт ва бо ин духтарҳо савор шуданд, рафтанд шикор. Дигар тӯи саҳрову биёбон ва дар шикоргоҳ хеле шӯхиву бозӣ карданд ва вақташон бад нагузашт. Ин буд, ки маззаҳӯр шуданд ва ҳар рӯз духтар меомад пахлуи падараш иҷозати шикор мехост. Падар ҳам ҳар чи манъаш мекард [2], ки: «Эй, духтар, ҳар рӯз-ҳар рӯз, ки одам ба шикор намеравад», ба харҷаш намерафт [3]. Ночор мешуд иҷозат бидиҳад.

Як рӯз вақте ки аз шоҳ иҷозат гирифт, гуфт:

— Падарҷон, ду кори дигар бояд бикунӣ. Он ин аст, ки дар шикоргоҳ қасре барои ман бисозӣ, ки агар ман ҳавас кардам, чанд рӯзе он ҷо бимонам, роҳат бошам [4] ва яке ҳам чиҳил ғуломи зарринкамар, ки якшакл ва якҷур [5] бошанд, барои ман ҳозир кунӣ, ки дар шикоргоҳ нигоҳбонӣ аз қаср бикунанд ва рӯзҳое ки мо он ҷо мемонем, фармон бибаранду шому наҳорамонро биоваранд.

Подшоҳ хоҳу ноҳоҳ қабул кард. Як қасри олӣ миёни боғе сохт, ки як утоқи оина васаташ буд ва чиҳил утоқи дигар, ки дарҳояшон ба утоқи оина боз мешуд. Ҳар утоқ моли як каниз буд, утоқи оина ҳам моли духтари подшоҳ. Вақте ки ин қаср тамом шуд, духтар омад пахлуи падараш, ки:

— Қаср тамом шуд. Мо мехоҳем биравем шикор ва чанд рӯзе он ҷо монем.

Подшоҳ боз духтарро насиҳат кард, ки:

— Набояд биравӣ.

Духтар қабул накард. Гуфт (подшоҳ):

---

[1] Давру вар — ҳамроҳ.
[2] Манъ кардан — иҷозат надодан.
[3] Ба харҷ нарафтан — гӯш надодан, таъсир набахшидан.
[4] Роҳат будан — истироҳат кардан.
[5] Якҷӯр — як хел, як навъ.

— Ҳоло ки исрор дорӣ биравӣ, ин ангуштаринро бигир ба дастат кун ва хушьёр бош, гум накунӣ ва дар баргаштан бояд ба ман нишон бидиҳӣ.

Духтар гуфт:

— Хеле хуб.

Ангуштарро гирифт ба даст кард ва бо чиҳил каниз, чиҳил ғулом савор шуд рафт.

Вақте духтари подшоҳ вориди қаср шуд, хеле аз қаср хушаш омад. Ба падараш пайғом фиристод, ки чиҳил рӯз ин ҷо хоҳам монд. Ғуломҳо ҳар чи лозим буд аз хӯрок ва пӯшок, рӯзҳо мерафтанд аз шаҳр меоварданд. Шабҳо ҳам дар қаср қаровулӣ мекарданд, ки мабодо дузде, дағале роҳ ба қаср пайдо кунад.

Чанд рӯзе аз ин муқаддима гузашт. Як рӯз ин чиҳил ғулом, ки аз шаҳр асбоби зиндагӣ ба қаср меоварданд, бо чиҳил дузд рӯ ба рӯ шуданд. Дуздҳо ин чиҳил ғуломро заданд ва ҳар чи доштанд, аз дастаион гирифтанд. Ғуломҳо аз тарс ҳар кадом ба гӯшае гурехтанд. Аз он тараф шаб шуд, духтари подшоҳ ва канизҳо диданд, ғуломҳо наомаданд, беқарор шуданд ва даври ҳам ҷамъ шуданд, ки чӣ бикунем, чӣ накунем? Гуфтанд: «Чора надорем. Худамон бояд кори ғуломҳоро бикунем. Ба навбат кашик бидиҳем»[1]. Қарор гузоштанд, ки ҳар шаб яке аз канизҳо шамъ равшан кунад ва даст бигирад то субҳ болои сари духтари подшоҳ истанд, ки агар худо накарда иттифоқе афтод, касе омад, ин ҳамаро садо кунад ва бизан-бизан роҳ андозанд. Дар байни канизҳо яке буд аз ҳама боҳунартар, ки дар ҳар коре бариш[2] дошт. Исмаш Сакинаовардӣ буд. Сакина мояи дилхушии духтари подшоҳ ва саргарми канизҳо буд ва ҳар шаб баъд аз шом бигӯ ва биханду бизан ва бишкану рақс ва дастафшонӣ роҳ меандохтанд.

Як шаб, ки ҳама рақсиданд ва навбат ба Сакина расид, то по шуд чархе бизанад, домани куртааш ба шамъ расид ва шамъ афтоду хомӯш шуд. Канизҳо доду бедодро роҳ андохтанд, ки: «Э, вой! Шамъ

---

[1] Кашик додан — қаровулӣ кардан.
[2] Бариш доштан — ҳар корро беҳтар иҷро намудан.

афтод, шамъро чаро хомӯш кардӣ? Зуд бошед, равшан кунед». Ҳар чи дар торикӣ гаштанд, оташзане гирд биоваранд, нашуд. Оқибат Сакина омад таги айвон. Дид, як майдон он тарафтар рӯшноие пайдост. Ба духтари подшоҳ ва канизҳо гуфт:

— Як дақиқа сабр кунед, ман шамъро бибарам аз он ҷо, ки рӯшноӣ пайдост, равшан кунам, биорам.

Инҳо гуфтанд:

— Чи айб дорад. Вале ҳар чӣ метавонӣ, шитоб куну тунд бирав ва зуд баргард.

Гуфт:

— Бисьёр хуб.

Ва ба ҳавои рӯшноӣ омад берун. Рафт-рафт, то расид ба дари боғи бузурге. Вориди боғ шуд, дид васати боғ, канори истахр[1] як тахт гузоштаанд. Як марди хушҳайкал ҳам рӯяш нишастааст. Сакинаовардӣ рафт ба пеш, салом кард.

Мард, ки исмаш Сурхак буд, ҷавоби саломи ӯро дод ва баъд аз ӯ пурсид:

— Духтар, ин ҷо омадӣ чӣ кунӣ?

Гуфт:

— Воллоҳ, даст ба дилам нагузор. Аз дунъё сер шудам, сар ба биёбон гузоштам. Шаб шуд, ин ҷоро дидам. Омадам суроғи ту, дигар намедонистам, ки ту ғамхори манӣ. Илоҳи шукр, ки хуб ҷое омадам.

Аз шумо чӣ пинҳон, Сурхакро аз ӯ бадаш наомад. Як хурде забончоқонӣ[2] бо ин мард кард ва баъд аз ӯ пурсид:

— Хуб, ҷавон, ту ин ҷо чӣ кор мекунӣ? Шарҳи ҳолатро барои ман бигӯ.

Сурхак гуфт:

— Ман чиҳил ошно дорам, ки кори инҳо duздӣ аст ва ин ҷо маконашон аст. Зери ин боғ манзили зеризаминӣ карданд ва утоқҳову анборҳо сохтанд. Рӯзҳо меоянд истироҳат мекунанд, ғуруб, ки мешавад, мераванд берун, роҳзанӣ мекунанд. Парирӯз ҳам ғуломҳои подшоҳро лухт карданд. Ҳоло аз қароре ки[3] мегӯянд, духтари подшоҳ дар ин наздикиҳо

---

[1] Истахр — ҳавзи бузург, калон.
[2] Забончоқонӣ — забонбозӣ, беҳудагӯӣ.
[3] Аз қароре ки — ин ҷо: «чи тавре ки».

қасре сохта, омадааст он ҷо. Инҳо ба ин фикранд, ки он ҷоро бизананд. Ҳар чӣ ҳаст ва нест, биоранд.

Сакина ба дилаш гуфт: «Эй, дили ғофил! Моро бубин, ки бо пои худамон омадем дами қатлгоҳ!» Худашро набохт ва дилашро қурс кард[1] ва бано кард бо Сурхак сӯҳбат кардан, ки:

— Эй, ҷавон, чи қадар хуб шуд, ман омадам ин ҷо, туро дидам. Вале аз барои худо, по шав, ин ҷоҳоро нишони ман бидеҳ.

Сурхак по шуд, рафт тӯи хонаи зеризаминӣ. Шамъ ва чароғ равшан кард ва утоқҳоро нишон медод, то расиданд ба чоҳе. Сакина пурсид:

— Ин чоҳ барои чист?

Гуфт:

— Ин дусоқхонаи[2] дуздҳост. Ҳар касеро ки асир кунанд, дар ин чоҳ ҳабс мекунанд.

Сакина сарашро бурд дами чоҳ, гуфт:

— Ҷавон, ин чист тӯи чоҳ афтода?

То Сурхак сар кашид, Сакина аз пушти сар Сурхакро тела дод ба чоҳ. Омад рафт тӯи мадбах, деги палавро ва хӯриши дуздҳоро бардошт, шамъро ҳам равшан кард, роҳ афтод, рафт ба тарафи қаср.

Духтари подшоҳ ва канизҳо аз дидани Сакина хушҳол шуданд. Хусусан, ки деги палав ва хӯриш ҳам оварда буд ва инҳо як рӯз буд, ки шом ва наҳорӣ дурусте нахӯрда буданд. Дигар вақте тафсилро Сакинаовардӣ барояшон таъриф кард, дар айни ҳоле ки як каме тарсиданд, хандиданд ва масхарабозӣ дар оварданд.

Аз он тараф субҳ шуд ва дуздон омаданд, рафтанд ба боғ дами хонаи зеризаминӣ. Диданд, Сурхак нест. Дод заданд, диданд ҷавоб намедиҳад. Ин тараф бигард, он тараф бигард, то расиданд ба ошпазхона. Диданд, деги палав ва хӯриш ҳам нест. Таажҷуб карданд. Рафтанд сари чоҳ. Дари чоҳро бардоштанд, диданд, садояш аз он ҷо меояд. Овардандаш берун, ки:

— Ин чо рафтӣ чӣ кунӣ?

---

[1] Қурс кардан — маҳкам кардан.

[2] Дусоқхона — ҷои махсусест дар зиндон.

Тафсилро барои инҳо гуфт. Дуздон гуфтанд:

— Нодонӣ кардӣ. Имшаб агар омад, бо ҳарф машғулаш кун то субҳ, ки мо сар бирасем.

Гуфт:

— Бисьёр хуб.

Боз фардошаб канизҳо ва духтари подшоҳ банои шӯхиву бозиро гузоштанд. Афтоданд ба рақс ва таkон. Дуруст, мисли шаби пеш, вақте Сакинаовардӣ по шуд, ки рақс бикунад ва чархе бихӯрад, куртааш хӯрд ба шамъ ва шамъро кушт. Дигар бемаъталӣ гуфт:

— Бачаҳо, ман меравам ҷои дишабӣ. Ҳам шамъро равшан кунам ва ҳам хӯроке барои шумо биорам.

Духтари подшоҳ гуфт:

— Пас биё ин ангуштаре, ки падарам додааст, паҳлуи ту бошад, ки беосиб биравӣ ва биоӣ.

Сакина ангуштарро гирифт, якрост[1] омад ба тарафи боғ. Дид, марди дишабӣ мисли муҷассама рӯи тахт нишастааст. Рафт пешаш салом кард ва аҳволпурсӣ кард. Сурхак гуфт:

— Хуб, духтар, чаро моро тӯи чоҳ ҳабс кардӣ?

Гуфт:

— Волло шӯхӣ кардам. Ҳоло по шав, як хурде бо ман гардиш бикун, ин ҷоҳоро дуруст нишони ман бидеҳ.

Сурхак ба дилаш гуфт: «Имшаб диғар дишаб нест. Ҳар тавр шуда, гирӣ». Ин тараф, он тараф мегаштанд, то расиданд тӯи анбори озуқа. Сакина дид дар сақфи анбор як ғарғараи оҳанӣ кӯбидаанд ва як занбил[2] ба вай овезон аст. Як сари таноброҳам ба синакаши девор ба мех бастаанд. Аз Сурхак пурсид:

— Ин чист?

Гуфт:

— Ин занбил барои хӯрданиҳост, ки зиёд меояд[3]. Мегузорем ин ҷо ва овезон мекунем, ки муш ё гурбае сараш наравад.

---

[1] Якрост — тик, рост.
[2] Занбил — сабад.
[3] Зиёд омадан — изофа мондан.

Сакина гуфт:

— Аз барои худо, инро поин биёр, то ман дуруст тамошо кунам.

Сурхак инро овард поин. Сакина гуфт:

— Бигузор ман тӯяш бинишинам, маро боло бикаш.

Сурхак гуфт:

— Хеле хуб.

Сакина нишаст тӯяш ва болояш кашид. Баъд овардаш поин. Он вақт Сакина гуфт:

— Ҳоло ивазаш ту бинишин ман туро бикашам боло.

Сурхак хам шуд ва нишаст тӯи замбил. Сакина кашидаш боло, хуб ки ба сақф часпондаш, сари танобро ба мехи синаи девор баст. Омад тӯи ошпазхона. Деги палав ва хӯришро бардошт, шамъро равшан кард ва шодону хандон рафт паҳлуи духтари подшоҳ ва канизҳояш. Боз гуфтанду хандиданд ва шом хӯрданду хобиданд.

Субҳ, ки шуд, дуздҳо омаданд, боз диданд Сурхак нест. Садояш заданд, диданд садояш аз тӯи анбор меояд. Рафтанд тӯи анбор, диданд тӯи занбил аст. Як хӯрде ханда карданд, як каме ҳам авқотталхӣ ва овардандаш поин. Шаб ки шуд, ба ӯ гуфтанд:

— Имшаб дигар ҳар тавре ҳаст, ҳавосатро ҷамъ ва ҷур кун ва инро нигоҳаш дор, то мо биоем ва ҳаққашро дасташ бидиҳем.

Сурхак гуфт:

— Агар имшаб омад, дигар ҳар тавре шавад, намегузорам биравад.

Боре, шаби севӯм ҳам ба мисли шабҳои пеш Сакинаовардӣ вориди боғ шуд ва ба суроғи Сурхак рафт ва аҳволпурсии гарму ҷӯшоне кард ва гуфт:

— Ростӣ, дишаб бо ту шӯхӣ кардам ва худам ҳам ҳар вақт ёдам афтод, хандаам гирифт. Хуб, бигӯ, бубинам, холат чӣ тавр аст?

Сурхак ба дилаш гуфт: «Имшаб мефаҳмонамат». Боз як хӯрде ин тараф, он тараф гаштанд, то расиданд ба хобгоҳи яке аз дуздҳо. Сакинаовардӣ гуфт:

— Ман ташна ҳастам. Як каме об барои ман биёр.

Сурхак як қадаҳ пур аз об карду барои Сакина овард. Сакина махфиёна доруи беҳушӣ тӯи об рехт ва рӯяшро кард ба Сурхак гуфт:

— Ту, барои худо, заҳр ба ин об нарехта бошӣ?

Сурхак гуфт:

— На, воллоҳ.

Гуфт:

— Пас як хурдеашро бихӯр, то ман боварӣ пайдо кунам ва бо дили ҷамъ бихӯрам.

Сурхак гуфт:

— Бисьёр хуб.

Нисфи қадаҳи обро сар кашид ва боқиашро дод ба Сакина. Сакина ҳам рехт тӯи гиребони пираҳанаш. Дар ин байн Сурхак аз ҳол рафт. Сакина ҳам омад як давое зад ба сурати Сурхак, ки тамоми мӯйҳояшро бурд [1]. Баъд омад Сурхакро либоси занона пӯшонд ва ҳафт қалам ҳам ороиш кард ва деги палаву хӯришро бардошт ва рафт. Боз ҳам мисли шабҳои пеш гуфтанду хӯрданд ва хандиданду хобиданд.

Субҳ шуд. Дуздҳо омаданд, боз диданд Сурхак нест, садояш карданд, диданд ҷавоб намедиҳад. Омаданд бинои гардишро гузоштанд. Ҳар ҷо гаштанд, пайдояш накарданд, то рафтанд ба утоқи хоб. Диданд, як зан холу хат карда хобидааст. Дуздҳо гуфтанд: «Ҳо, худаш аст. Наздик наравед, бубинем чи тавр мешавад. Хуб гираш овардем».

Инро ҳам бигӯем, дар ин вазъият надида ва нашинохта сари ин «зан» миёни бародарҳо даъво шуд. Ҳар кадом мегуфтанд: «Моли ман аст». Билохира [2] қарор гузоштанд, садояш бизананд, худаш зани ҳар кадом хост, бишавад. Наздик омаданд, диданд сурати ғарибу аҷибе дорад ва аз ҳолу ҳуш ҳам рафтааст. Дигар ҳар тавре буд, бо коҳгул ва гулоб ба ҳушаш оварданд.

---

[1] Бурдан — дар ин ҷо ба маънои рехтан.
[2] Билохира — оқибат, дар охир.

Вақте ба ҳуш омад моташон бурд. Дидан Сурхак аст!

— Эй, доду бедод! Ин чи шакле аст ба ҳам задӣ?

Худаш ҳам дуруст намедонист. Маълум шуд, ки духтар беҳушаш карда ва ин песиро ба сараш овардааст. Хеле авқоташон талх шуд ва гуфтанд:

— Ин зиндагӣ нашуд, ки моро як зан масхара кунад. Фардо мо ҳеҷ кадомамон аз ҷоямон такон намехӯрем. Ҳамин ҷо мемонем. Бубинем ин кист, ки Сурхакро оҷиз кардааст.

Ҷонам барои шумо бигӯяд[1], duздҳо фардо шаб аз ҷояшон такон нахӯрданд ва монданд, то ҳарифашонро бишиносанд.

Аммо аз он тараф боз Сакинаовардӣ ба одати ҳар шаб по шуд, омад ба суроғи Сурхак. Дигар хабар надошт, ки рӯзгор бахти сиёҳе барояш ҷур[2] кардааст. Худаш ҳам нафаҳмид, чи тавр шуд. Ногоҳ фаҳмид, ки тӯи боғ аст ва чиҳилто дузд давраш-ро гирифтаанд. Сурхак ҳам дар байни онҳост. Монд ангушт ба даҳон, ҳайрон ва саргардон, ки чи хоке ба сару калла бирезад.

Боре, дуздҳо даврашро гирифтанд ва аз ӯ пурсиданд:

— Бемаъталӣ «ҳар чи дорӣ бирез рӯи доира». Бигӯ, бубинем, кӣ ҳастӣ? Бо ин мард чӣ шӯхӣ дорӣ? Бо шиками мо чӣ душманӣ дорӣ?

Сакина дид, агар худашро бибозад, бохтааст. Гуфт:

— Ба шумо чӣ, ман кӣ ҳастам! Ҳамин қадар бидонед, танҳо нестам. Мо чиҳилу як духтарем. Яке аз дигаре хушкелтар. Агар иҷозат бидиҳед, ман меравам ҳамаро меорам ин ҷо.

Дуздҳо намехостанд розӣ бишаванд. Мегуфтанд: «Ин меравад ва онҳоро ҳам мегурезонад». Вале Сурхак гуфт:

— Ман замонат мекунам.

Чун Сурхак мехост, исрор дошт, ки Сакинаовардӣ биравад ва духтарҳоро биоварад. Дар ин гуфту-

[1] Ҷонам барои шумо бигӯяд — ибораи форсист, ки маъноящ тақрибан ба «Хулоса, алқисса» наздик аст.

[2] Ҷур кардан — дар ин ҷо, рост овардан, тайёр кардан.

гуҳо буданд, ки яке аз дуздҳо чашмаш ба ангуштари дасти Сакина хӯрд. Фаҳмид, ки ангуштари подшоҳ аст. Ба Сакина гуфт:

— Бояд ин ангуштарро паҳлуи мо гарав бигузорӣ.

Сакина розӣ шуд ва ангуштарро дод ва по шуд, омад паҳлуи духтарҳо ва ба духтари подшоҳ тафсилро гуфт ва гуфт:

— Чора надорем. Бояд биравем.

Дигар ҳар тавре буд, по шуданду рафтанд.

Дуздҳо вақти инҳоро диданд, ҳайрон шуданд. Гуфтанд: «Мо чиҳил нафар, инҳо ҳам чиҳил нафар. Ҳеҷ чизи беҳтар аз ин нест, ки як бисоти арӯсии чиҳилнафара ин ҷо роҳ биандозем». Ба инҳо таклиф карданд, ки:

— Агар шумо зани мо бишавед, мо коре ба шумо надорем. Вагарна, ҳамаатонро гардан мезанем.

Сакина гуфт:

— Дил ба дил роҳ дорад. Мо ҳам ҳамин орзӯро дорем.

Дуздҳо гуфтанд:

— Пас маъталӣ барои чист?

Сакина гуфт:

— Охир, мо одамҳои маъмулӣ нестем. Мо духтарҳои подшоҳ ҳастем. Арӯсии мо адаб ва одобе дорад. Бояд барои мо аввал як ҳаммом бисозед. Мо ҳаммом биравем, ҳинобандон кунем. Он вақт ҳаҷла дуруст кунед ва дасти моро бигиреду бибаред тӯи ҳаҷла. Ҳоло аввал коре ки мекунед, як ҳаммоме барои мо бисозед.

Дуздҳо гуфтанд:

— Хеле хуб.

Банно ва коргар оварданд, ки ба майли худашон ҳаммом бисозанд. Сакина ҳам бо яке аз устоҳо ошно шуд ва дар зимни ине ки ҳаммом месохтанд, як роҳи зеризаминӣ ҳам заданд[1] ба қасри духтари подшоҳ.

Боре, ҳаммом тамом шуд ва ба хазинаҳояш об андохтанд ва қарор шуд, духтарҳо рӯз бираванд ба ҳаммому шаб тайёрии арӯсиро бубинанд

---

[1] Задан — дар ин ҷо дуруст кардан, сохтан.

Сакинаовардӣ пеш аз он ки вориди ҳаммом бишавад, даҳ-понздаҳта кабӯтар аз як ҷой гир овар-да буд ва он рӯзе ки рафтанд ҳаммом, он кабӯтар-ҳоро бо худ бурд ҳаммом. Парҳои онҳоро қайчӣ кард ва сар дод тӯи хазина. Худашон ҳам аз роҳи зеризаминӣ рафтанд ба қасри худашон.

Дуздҳо хеле мунтазир шуданд, диданд инҳо нао-маданд. Рафтанд дари ҳаммом гӯш карданд, диданд тӯи об садои шулуп-шулуп меояд. Гуфтанд: «Худа-шонро мешӯянд. Чун инҳо духтарҳои подшоҳ ҳас-танд, ҳаммомашон тӯл мекашад. Чиркашон бо ишва-ву ноз берун меояд».

Хулоса, он рӯз то шаб, балки то субҳ сабр кар-данд. Диданд, инҳо берун намеоянд. Ҳавсалаашон сар рафт. Омаданд, дари ҳаммомро, ки аз дарунаш баста шуда буд, заданд, шикастанд ва рафтанд да-рун. Диданд, «ҷо тар асту бача нест». Тамоми ин шалапу шулуп ва садои оббозӣ моли кабӯтарҳо буд, ки бечораҳо ҳамаашон тӯи об ғарқ шуданд. Ҳайрон шуданд аз ин кор. Рафтанд тӯи нақшеву фикр, ки ба чӣ ҳила ин духтарҳоро ба чанг биоваранд. Ҳоло дигар аз дуздӣ ба ошуқӣ афтоданд.

Инҳоро ин ҷо дошта бошед, бишнавед аз онҳо. Духтари подшоҳу Сакинаовардӣ ва канизҳо хушҳо-лу хандон омаданд тӯи қаср. Духтари подшоҳ гуфт:

— Бачаҳо, чиҳил рӯзамон тамом шудааст. Фар-до бояд биравем шаҳр. Аммо як гиреҳи бузурге ба кори мо афтодааст ва он ин аст, ки ман ангушта-ри подшоҳро, ки ба Сакина додам, додааст ба дузд-ҳо ва ман наметавонам ба ҳузури падарам бе он ангуштар биравам.

Сакина гуфт:

— Ман ҳоло меравам, ангуштарро барои шумо меорам.

Инро гуфт ва як даст либоси дарвешӣ пӯшид ва рехташро[1] иваз кард ва рафт ба тарафи макони дуздҳо. Дуздҳо вақте ӯро диданд, давраш ҷамъ шу-данд ва бо ҳам гуфтанд: «Хуб аст аз ин дарвеш

[1] Рехт — шаклу зоҳир.

бихоҳем, ки дарде ёди мо бидиҳад, асбобе ҷӯр бикунад, ки мо ба висоли ин духтарҳо бирасем». Боре, матлабро ба «дарвеш» изҳор карданд. «Дарвеш» гуфт:

— Агар аз онҳо чизе дар дасти шумо бошад, ман нисфирӯзӣ онҳоро мекашонам ин ҷо.

Яке аз дуздҳо гуфт:

— Як ангуштаре дар пеши мо ҳаст.

Гуфт:

— Хуб аст. Ҳамонро биёваред ин ҷо ва бидиҳед ба ман ва як чуқурӣ биканед, як хӯрде шохаҳои ҷорӯб бо як хӯрде пусти пиёз, бо се райъ ҳезум биёред, то ман кори худамро бикунам.

Дуздҳо фаврӣ ангуштарро оварданд, доданд ба «дарвеш». «Дарвеш» ҳам махфиёна бо ангуштари худаш, ки чандон қимате надошт, иваз кард. Баъд чуқуриро канданд ва чӯбҳои ҷорӯбро оташ зад ва ҳезумро ҳам чид ва ангуштари худашро ҳам ба ҷои ангуштар андохт рӯи оташ ва ба инҳо гуфт:

— Шумо биншинед даври ин чуқурӣ, ман ҳам меравам васати роҳ верде бихонам, ки зудтар биоянд.

«Дарвеш» инро гуфт ва рафт, ки васати роҳ верд бихонад, онҳо зудтар биоянд. Вале якрост рафт ба тарафи қаср.

Духтари подшоҳ ва канизҳо тӯи қаср чашм ба роҳи Сакинаовардӣ буданд, ки диданд, сару каллааш дар либоси дарвешӣ пайдо шуд ва ангуштар дар дасташ, дод ба духтари подшоҳ.

Аз он тараф бишнавед аз дуздҳо. Ин қадар нишастанд, то ҳезумҳо сӯхт ва хокистар шуд. Диданд, касе наомад. Баъд хокистарҳоро ба ҳам заданд, диданд ивази ангуштари тилло ва алмоси подшоҳ як ангуштари биринҷ он ҷост, ки сӯхта ва сиёҳ шуда аст. Он вақт фаҳмиданд, ки ин дарвеш ҳамон Сакина буд, инҳоро гӯл задааст. Дар ғазаб шуданд, гуфтанд: «Чӣ кунем, чӣ накунем?» Гуфтанд: «Шояд инҳо дар қаср ҳама чиз доранд. Беҳтар ин аст, ки як нафар аз мо либоси ивазӣ бипӯшад ва бира-

вад аз сару сӯи кори[1] инҳо сар дар биоварад». Хеле ҳарфҳо заданд. Билохира, яке аз инҳо сураташро пок тарош кард. Як даст либоси кампирона пӯшид, як тӯрбаи пашмӣ ҳам андохт ба пушташ, як гиреҳбаста сӯзан ва санчоқ[2] ҳам бардошт ва роҳ афтод, то расид ба дами қаср. Садояшро баланд кард, ки: «Сӯзану санҷоқ мефурӯшам». Духтари подшоҳро хуштабъиаш[3] гирифт, гуфт:

— Ин сӯзансанҷоқиро садо бизанед, биояд ин ҷо.

Рафтанд садо заданд, омад тӯ. Вақте ворид шуд, Сакинаовардӣ як хурде зерчашмӣ ба ӯ нигоҳ кард. Фаҳмид, ки ин аз дуздҳост, ва барои ин ки чизе аз кори инҳо бифаҳмад, ин либосро пӯшида сӯзан ва санчоқ мефурӯшад. Омад ба пеш, даст андохт ба гардани сӯзансанҷоқӣ, гуфт:

— Саломалекум, аммаҷон! Куҷо будӣ? Чӣ аҷаб! Муштоқи дидор! Хок бар сарам кунанд. Ман зинда бошам, ту аз парешонӣ даври кӯчаҳо ва маҳалҳо ва биёбонҳо сӯзансанҷоқфурӯшӣ кунӣ!

Духтари подшоҳ ва канизаҳо хаёл карданд, воқеан ин аммаи Сакинаовардӣ аст. Ҳоло Сакина ҳам ба ҳама хушомад мегӯяд ва барояш гуссахӯрӣ мекунад. Хулоса, нигоҳе ба сар то пои амма кард ва гуфт:

— Аммаҷон! Сарат ришк гузоштааст, нохунҳоят баланд шудаанд, пушти дастат кара бастааст. Бачаҳо, зуд бошед, ҳаммомро оташ кунед, аммаҷонамро шустушӯ кунем.

«Аммаҷонаш», ки инро нахонда буд, афтод ба дилтапӣ. Ҷонам бароятон бигӯяд, ҳаммомро дог карданд. Ва Сакина бо ду нафари дигар «амма»-ро бурданд тӯи ҳаммом лухт карданд. Гуфт:

— Вой, вой, нигоҳ кунед, бубинед, баданаш пина бастааст, дасту пояш пур аз озах шуда, гӯшти зиёдӣ боло овардааст. Бачаҳо, тегро биёваред!

Теғро оварданд, тамоми «пинаҳо», «озахҳо» ва гӯштҳои зиёдии «амма»-ро буриданд, баъд «амма»-

---

[1] Сару сӯи кор — ҳолу аҳвол, кору бор.
[2] Санчоқ — сӯзани бандак.
[3] Хуштабъиаш гирифт — дилаш хост.

ро берун оварданд ва тафсилро ба духтари подшоҳ гуфтанд. Духтари подшоҳ дигар аз ханда рўдакаф шуд.

Дарди саратон надиҳам, «амма»-ро бо ҳамон ҳол равон карданд пахлуи рафиқҳояш. Дигар «амма» чӣ тавр расид он ҷо, чиҳо гуфт, пират медонад. Дуздҳо гуфтанд: «Ин ки нашуд, бояд интиқоми худамонро аз онҳо бигирем». Нишастанд, аќлҳояшонро рўи ҳам гузоштанд, роҳе пайдо карданд. Фаврӣ чиҳилто сандуқ оварданд. Дар ҳар сандуқ якешон пинҳон шуд. Ҳабдаҳто хачир ҳам оварданд. Ин сандуқҳоро бор карданд. Панҷ-шаш нафарашон берун монданд. Либосҳояшонро ҳам иваз карданд, либоси тоҷирӣ пўшиданд, роҳ афтоданд ба тарафи қаср.

Қарорашон ин буд, ки ғуруб бирасанд ба қаср. Он чаҳор-панҷ нафар бираванд дари қасрро бизананд. Ҳар кӣ омад, бигўянд: «Мо тоҷирем ва ҷавоҳир бори хачирҳоямон аст. Шунидем, ин биёбон ноамн аст. Чун ғуруб шудааст, аз шумо хоҳиш мекунем, имшабро ба мо ин ҷо ҷо бидиҳед, ки худамон бо борҳоямон як гўша бошем, то фардо субҳ. Ҳар чи ҳам бихоҳед, ба шумо медиҳем».

Мақсадашон ин буд, ки нисфи шаб по шаванд, дари сандуқҳоро боз кунанд, дуздҳо бирезанд берун сари ин духтарҳо ва интиқом бигиранд.

Вақте расиданд дами дари қаср ва дар заданд. Сакина инҳоро шинохт ва гуфт:

— Чӣ айб дорад? Бифармоед ба дарун.

Инҳоро овард ба дарун, борҳояшонро тўи як ҳавлии холӣ гузошт ва худашонро бурд тўи утоқ.

Ба духтари подшоҳ ва канизҳо тафсилро гуфт, ки инҳо кӣ ҳастанд. Шоми муфассале барои ин чаҳор-панҷ нафар, ки Сурхак ҳам васаташон буд, дуруст кард ва инҳоро машғул кард. Аз он тараф ҳам дастур дод, ки канизҳо даҳ-понздаҳто деги оби ҷўш дуруст кунанд, вақте ки ҷўш омад, ҳафт-ҳаштнафарӣ дари сандуқро боз кунанд ва оби ҷўш бирезанд рўи инҳо. Тўи утоқ Сакинаовардӣ бо духтари подшоҳ ва чандто канизи дигар аз дуздҳо ва Сурхак пазирой мекарданд. Тўи ҳавлӣ ҳам канизҳои дигар дуздҳоро бо оби ҷўш мебастанд, то нисфҳои шаб

Сакинаовардӣ ин «тоҷирҳо»-ро ба ҳарф гирифт, то вақте ки канизҳо корҳояшонро карданд. Он вақт рӯ кард ба Сурхак ва онҳои дигар. Гуфт:

— Агар майли хоб доред, бигӯям рахти хоб биоранд.

Дуздҳо гуфтанд:

— Агар ин корро бикунед, чун хастаем ва ҳам субҳ бояд роҳ биравем, бад нест.

Боре, барои инҳо рахти хоб андохтанд ва хобиданд. Як соат, ки гузашт, по шуданд, омаданд сари сандуқҳо. Дари ҳар кадомро ки боз карданд, диданд, сӯхтааст. Дастпоча шуданд, омаданд, бигурезанд, ки чиҳил каниз рехтанд ва инҳоро гирифтанд ва дастҳояшонро бастанд. Фардо бурданд шаҳр, ба ҳузури подшоҳ.

Подшоҳро аз зарангии Сакинаовардӣ хеле хушаш омад. Боғ ва хонаи зеризаминии дуздҳоро бахшид ба ӯ. Он вақт Сакина ба подшоҳ гуфт:

— Чун Сурхак ба ман хубӣ кардааст, ӯро ҳам бибахшед.

Подшоҳ гуфт:

— Бахшидам!

Сакина зани Сурхак шуд ва солҳои сол бо хубиву хушӣ зиндагӣ мекарданд.



*Аз Субҳӣ*

## ХАЧИР ВА ОФТОБА

Марде буд фақир ва оҷиз. Як рӯз субҳ асои гадоиро бардошт ва ба кӯчаву бозор омад ва то ғуруби офтоб ҳар чи исми худову пайғамбар ва чаҳордаҳ маъсум ва дувоздаҳ имом ва панҷ танро овард, касе ба ӯ раҳм накард ва чизе надод. Охир ба танг омад ва банои ҳақорат ва носазоро гузошт. Баъд аз он ки хуб ба имом ва пайғамбар бад гуфт, ба ҷони худо афтод ва хулоса, чунон аз дин ва доира дар рафт, ки фарьёд кашид:

— Эй, мардум, намехоҳам, касе барои хотири худо чизе ба ман бидиҳад. Агар ҳам бидиҳад, дигар намегирам. Як ҷавонмарди лӯтии[1] сифт[2] хостаам,

[1] Лӯтӣ — оворагард.
[2] Сифт — дар ин ҷо ба маънои қавиирода.

ки барои хотири шайтон ва ба исми шайтон аз ду пули сиёҳи худ бигузарад. Маро садо кунад ва бигӯяд: «Оҷиз, ба хидмати ман биё ва ин ду пулро ба исми он бузургвор аз ман бигир».

Иттифоқан ин ҳарфҳо, ки аз даҳони ӯ дар омад, ду нафар шуниданд, яке пешнамози маҳалла ва яке ҳам лӯтии саргузар. Пешнамоз асояшро кашид, ки:

— Эй, малъуни бедин! Дар муллои олим ва дар суги [1] ислом куфр мегӯӣ?

Лӯтӣ пеш рафт ва садояшро баланд кард:

— Оқои шайх, барои чӣ ин оҷизи бечораро мезанӣ?

Гуфт:

— Барои худо. Магар нашунидӣ чӣ гуфт?

Гуфт:

— Оқои шайх, ин аз рӯи дилтангӣ ин ҳарфҳоро зад, на аз таҳи дил.

Гуфт:

— Фузулӣ мавқуф [2]. Ман барои хотири худо ӯро задам ва боз ҳам мезанам!

Лӯтӣ ҳам асабонӣ шуд ва гуфт:

— Ман ҳам барои хотири шайтон ба ӯ пул медиҳам.

Даст кард, аз ҷеби камарчинаш як паҳнобод [3] дар овард ва ба оҷиз дод. Пешнамоз ба масҷид рафт ва лӯтӣ ба тарафи потуқи [4] худаш омад. Чанд қадам ки дур шуд, дид, касе аз ақиби ӯ садо мекунад. Нигоҳ кард, дид, одаме аст мӯҳтарам. Гуфт:

— Эй лӯтӣ, имрӯз дар роҳи ман як паҳнобод додӣ, ман ҳам як бар ҳазор ба ту иваз хоҳам дод, то бидонӣ, ҳар касе дар роҳи ман қадаме бардорад, бемузд нахоҳад монд. Ин лаҷомро бигир, то ба ту бигӯям чи кор кун.

Лӯтӣ моту мабҳут лаҷомро гирифт.

---

[1] Суг — сутун.

[2] Фузулӣ мавқуф — ба маънои «доногӣ», дахолат накун.

[3] Паҳнобод — номи пул.

[4] Потуқ — ҷое ки кас омухтагӣ дорад ва ҳамеша ба он ҷо мешитобад, макон.

Гуфт:

— Ба гардани ман бизан ва баъд аз задан маро ба майдони молфурӯшҳо бибар ва камтар аз сад ашрафӣ нафурӯшӣ.

Лӯтӣ ҳайрону гаранг монда буд. Мардак гуфт:

— Ҳар чи мегӯям, бикун.

Лӯтӣ ночор лаҷомро ба гарданаш зад, ки якбора мардак ба сурати як хачири шикорӣ ва рахту либосаш ба сурати полону тӯшки махмал дар омад.

Лӯтӣ фаҳмид, ки шайтон аст ва мехоҳад иваз бидиҳад. Хачирро ба майдон бурд. Аз қазо пешнамози маҳал ҳам ба майдон омада буд, то хачире барои саворӣ бихарад, ки роҳи масҷиду хонаро баъд аз ин савора биравад ва муридҳо давру вари хачир пиёда думболаш биоянд.

То чашмаш ба хачири лутӣ хӯрд, пеш омад ва гуфт:

— Ин хачирро чанд мефурӯшӣ?

Гуфт:

— Бечаку чуна [1] сад ашрафӣ.

Хулоса, чун чашми пешнамоз хачирро гирифта буд ва кунҷи дилаш ҷо карда, сад ашрафӣ дод ва хачирро харид ва писаршро садо зада гуфт:

— Бубин, чи хачире харидам! Волло, ки аз дин ва имонам инро бештар дӯст медорам. Зуд бош, офтобаро биёр, дасту пояшро бишӯем ва қашуро ҳам биёр, то қашуяш кунем.

Даст ва пои хачирро ки шустанд, офтобаро дар наздаш гузоштанд ва аз ақиб падару писар хачирро қашу мекарданд, якбора хабардор шуданд, ки хачир сарашро тӯи офтоба кард ва фукаш чунон борик шудааст, ки тӯи офтоба рафт.

Падар ва писар мот монданд, ки яъне чӣ? Диданд, гардан ва синааш ҳам хоҳад рафт. То дар ин фикр ва ҳайронӣ буданд, дастҳо ва нисфи шикам ҳам рафт, пешнамоз дастпоча шуд. Ба писараш гуфт:

— Думашро бигир, бикашем берун.

---

[1] Бечаку чуна — бе савдо, беталош.

кашиданд, наомад. Думаш канда шуд. Пешнамозро авқоташ талх шуд ва ба он ки вақти намоз буд, абояшро ба китфаш андохт. Думи хачирро ҳам зери або гирифт ва рост рафт хонаи қозӣ. Гуфт:

— Ман аз дасти лӯтӣ шикоят дорам.

Қози фаврӣ фиристод аз ақиби лӯтӣ. Лӯтӣ, ки ворид шуд, қозӣ ин дуторо муқобили ҳам нишонд. Баъд ба пешнамоз гуфт:

— Бигӯ, бубинам, чи шикояте аз дасти лӯтӣ дорӣ?

Пешнамоз гуфт:

— Лӯтӣ маро фиреб додааст. Аз ин одам як хачир харидам ба сад ашрафӣ. Хачирро бурдам хона. Хачир рафт тӯи офтоба ва пули ман ба ҳаво рафт.

Қозӣ пурсид:

— Хачир чӣ тавр тӯи офтоба меравад? Магар девона шудӣ?

Гуфт:

— Рафтааст, мадрак[1] дорам. Мадракаш ҳам думаш аст, ки вақте мерафт тӯи офтоба, омадам бикашам, нагузорам биравад, думаш канда шуд ва монд ба дастам.

Қозӣ гуфт:

— Ку думаш?

Дасташро аз зери або дар овард, ки думи хачирро нишон бидиҳад, думи хачир шуд камонча! Мардум диданд, камонча аз зери абояш дар омад. Қозӣ ва онҳое ки он ҷо буданд, гуфтанд:

— Падарсӯхта, қозиро масхара кардӣ?! Кай то ҳоло аз дин баргаштӣ, ки ба ҷои китоби дуо камонча зери або мегирӣ?

Мардум рехтанд, калтаки муфассале ба ӯ заданд ва баъд аз он ҳам нагузоштанд, дар масҷид пешнамозӣ кунад.

Бечора пешнамоз ба хаёли худаш ин балоҳоро дар роҳи худо кашида буд ва дилаш намехост, ин тавр расво шавад ва ҳолаш баргашт ва он ҳам бонош ҳақорат ва носазоро ба худову расул гузошт ва гуфт:

---

[1] Мадрак — исбот, нишона.

— Агар то ҳоло шакке доштам, дигар яқин кардам, ки ҳамааш дурӯғ аст.

Ва чун дид, дигар наметавонад дар он шаҳр зиндагӣ кунад, зан ва бачаашро гирифт ва сар ба биёбон гузошт ва ҳанӯз касе нафаҳмидааст, ки чи тавр шуд ва кучо рафт.





*Аз Субҳӣ (китоби дуввум)*

## МУРҒИ САОДАТ

Яке буду яке набуд, хоркаше буд, ки як зан дошт бо ду писар. Якеро исмаш Саъд буд ва дигариро Саид. Хоркаш рӯзҳо ба саҳро мерафт, хор ҷамъ мекард, ба шаҳр меовард мефурӯхт ва аз пули он гузар мекард [1]. То он ки занаш мурд ва ӯ ҳам баъд аз муддате як зани дигар гирифт.

Рӯзе ҳамин ки бори харашро фурӯхт, пулашро овард, нону навое барои зан ва бачаҳош бихарад, ба як фақири нотавоне расид, ки канори кӯча истода буд ва аз оянда ва равандаҳо чизе мехост. Дили хор-

---

[1] Гузар кардан — рӯзгузаронӣ кардан, зиндагӣ кардан.

каш ба ҳоли ин фақир сӯхт. Дору нодори худашро аз пул дод ба он фақир ва бо дасти холӣ ба хона рафт. Занаш, вақте дид ӯ чизе бо худаш наовардааст, қавоқашро овезон кард ва пурсид:

— Магар имрӯз кор накардӣ?

Гуфт:

— Чаро?

Гуфт:

— Чаро пас холӣ паҳлуи зан ва бача омадӣ?

Гуфт:

— Ҳар чи доштам, ба як нотавон додам.

Зан гуфт:

— Кори хубе накардӣ.

По шуд рафт аз болои тоқча ва пушти яхдон чандто тикаи нони хушк ва капакзада[1] овард, пуф кард, гардашро гирифт ва ба об зад. Ҳама бо ҳам хӯрданд.

Рӯзи баъд хоркаш, ки ба биёбон рафт, ба андозаи ду баробари ҳар рӯз хор канд. Нисфи онро дар он наздикиҳо тӯи як ғоре гузошт ва боқиро бори хараш кард ва ба шаҳр овард ва хушҳол буд, ки фардо дигар заҳмати хорканӣ надорад. Фардо субҳ, ки ба биёбон рафт ва омад ба сурохи хорҳо, вақте ки вориди ғор шуд, дид хорҳо оташ гирифта сӯхтаанд ва рӯи хокистари онҳо як мурғи қашанг нишастааст. Мурғро гирифт ва ба шаҳр овард, ки бачаҳо бо ӯ бозӣ кунанд. Барои мурғ онҳо тӯи ошпазхона як ҷои нарм ва гарм дуруст карданд.

Як-ду рӯз аз ин муқаддима гузашт. Як рӯз зани хоркаш рафт тӯи ошпазхона, ки хӯроке бипазад. Дид, ошпазхона, ки ҳеҷ равзани рӯшноӣ надошт ва ҳамеша торик буд, равшан аст ва як чизе мисли чароғ медурахшад. Рафт пеш, дид тухми мурғ аст. Фаҳмид, ки мурғ тухм кардааст. Бардошт, дид, аз тиллост. Хушҳол шуд ва овард дод ба хоркаш. Фардо не пасфардо як тухми дигар кард. Хоркаш дигар ба биёбон барои хорканӣ нарафт. Гуфт: «Чаро беҳуда заҳмат бикашам? Арақ бирезам, хор ҷамъ кунам, барои ду пули сиёҳ? Ҳар вақт пул хостам, як

---

[1] Капак — могор, пӯпанак.

тухми мурғ мефурӯшам». Тарки рафтани саҳро ва хоркаширо кард ва яке аз тухмҳои мурғро бурд ба бозор паҳлуи заргаре, ки исмаш Шамъун буд. Шамъун тухмро гирифт, сад туман ба хоркаш дод. Хоркаш хушҳол шуд ва ҳар чи дилаш мехост, барои худаш ва занашу бачаҳояш харид, овард хона.

Баъд аз муддате мӯҳтоҷи пул шуд. Як тухми дигар пеши Шамъун бурд. Шамъун тааҷҷуб кард, ки ин марди хоркаш ин тухмҳои мурғро аз куҷо меоварад. Аз ӯ пурсид:

— Амак, ин тухмҳои мурғро аз куҷо меорӣ?

Гуфт:

— Мурғашро дар биёбон тӯи фалон ғор гирифтам.

Шамъун гуфт:

— Мурғаш чӣ тавр аст?

Хоркаш нишонаи мурғро дод. Шамъун ба дилаш гуфт: «Ин мурғи саодат аст, ки агар касе сари ин мурғро бихӯрад, подшоҳ мешавад ва агар касе дилу ҷигарашро бихӯрад, ҳар шаб сад ашрафӣ зери сараш меояд». Рафт тӯи ин нақша, ки ин мурғро аз чанги хоркаш дар орад.

Иттифоқан дар ин байн хоркашро ҳавои сафар ба каллааш зад. Мурғ ва бачаҳоро ба зан супурд ва роҳ афтод. Шамъун ки ин пешомадро аз худо мехост, рафт ба сурoғи як зани ҳилагар, ки шайтонро дарс медод ва ба ӯ гуфт:

— Агар маро ба visoли зани хоркаш бирасонӣ, ҳазор ашрафӣ ба ту медиҳам.

Пиразан гуфт:

— Мерасонам.

По шуд, омад ба тарафи хонаи хоркаш. Дар зад, зани хоркаш омад дарро во кард. Дид, пиразан аст. Пурсид:

— Модар, бо кӣ кор дорӣ?

Пиразан гуфт:

— Илоҳӣ, духтар, ба қурбонат биравам. Аз ин ҷо мегузаштам, ташна шудам. Гуфтам дар бизанам, як чакра об бихӯрам.

Зани хоркаш гуфт:

— Чӣ айб дорад? Биёед ба дарун.

Пиразанро овард ба дарун. Об аз чоҳ кашид ва рехт ба коса, дод дасти пиразан. Пиразан обро хӯрд ва баной аҳволпурсию ширинзабониро гузошт, то он ки аз ӯ пурсид:

— Ту зани кӣ ҳастӣ?

Гуфт:

— Зани фалон хоркаш.

Гуфт:

— Воҳ, насиб нашавад! Ҳайф нест, ту ба ин хушкелӣ ва мақбулӣ зани як хоркаш бошӣ? Валло билло, моҳи шаби чаҳордаҳӣ. Ту бояд як шавҳаре дошта бошӣ, мисли худат ҷавон, бо исм ва расм, чиздор. Ту мехоҳӣ чи кунӣ ин пирамардро? Воқеан рост гуфтанд қадимиҳо: «Ангури ширин насиби шағол мешавад».

Зани хоркаш гуфт:

— Чӣ кунам, нана, қисматам ин буд.

Гуфт:

— Монаш, ки равад ба ҷаҳаннам. Ман бароят як шавҳаре пайдо мекунам, ҷуфти худат.

Хулоса, ин қадар ба гӯши ӯ афсун хонд ва Шамъунро таъриф кард, то ин зани бечораро аз роҳ дар бурд ва гирифтори Шамъунаш кард. Ва ба ӯ гуфт, ки:

— Шамъун ҳам барои ту ғаш ва заъф мекунад [1].

Баъд аз ғуфтугӯҳои зиёд қарор шуд, ки як шаб Шамъунро ба шом ваъда бигирад ва он мурғро барояш бирьён кунад. Рӯзе ки шабаш Шамъун меҳмон буд, мурғро кушт ва пар канду бирьён кард ва ҳозиру омода барои шаб, тӯи ошпазхона, зери сабад гузошт. Пеш аз ғуруб Саъд ва Саид аз мактабхона омаданд. Вақте ки зани падарашон барои шаб утоқро ҷамъу гирд мекард, инҳо рафтанд тӯи матбах. Сабадро бардоштанд, чашмашон ба мурғи бирьён афтод, хостанд бихӯранд, вале аз зани падар тарсиданд. Ин буд, ки яке сари мурғ ва он яке дилу ҷигарашро хӯрданд, ки намуде надорад ва касе ба фикраш намеафтад.

---

[1] Заъф кардан — аз ҳол рафтан, ғаш кардан.

Боре, шаб шуд ва Шамъун бо дили шоду лаби хандон омад пахлуи зани хоркаш. Баъд аз салому аҳволпурсӣ гуфт:

— Аввал мурғро биёр бихӯрем, ки ман гурусна ҳастам.

Зан рафт ва мурғро тӯи лаълие гузошту овард тӯи утоқ ба пеши Шамъун ба замин гузошт, ки:

— Бисмилло, бифармоед.

Шамъун даст бурд барои сар ва дилу ҷигар, дид, эй доди бедод! На сар ҳаст, на дилу ҷигар. Ба зан гуфт:

— Магар ин мурғ сар надошт ва дилу ҷигар надошт?

Гуфт:

— Чаро?

Пурсид:

— Пас ку?

Гуфт:

— Намедонам, биравам бубинам, шояд бачаҳо рафтанд сараш, сар ва дилу ҷигарро хӯрданд.

Зан омад тӯи ҳавлӣ аз Саъд ва Саид пурсид:

— Росташро бигӯед, сар ва дилу ҷигари мурғро шумо хӯрдед?

Онҳо аз тарс чизе нагуфтанд, сарашонро андохтанд поин. Зан фаҳмид, ин бачаҳо хӯрдаанд ва сечаҳорто суфлаву тӯпуштӣ ба паҳлуи инҳо зад ва омад тӯи утоқ, гуфт:

— Ин бачаҳои хайрнадида сар ва дилу ҷигари мурғро хӯрдаанд. Ҳоло боқиашро бихӯред. Асли кориаш ки рон ва синааш бошад, сари ҷояш аст.

Гуфт:

— Ту намедонӣ, тамоми хосият дар сар ва дилу ҷигари ин мурғ аст. Ҳоло ту бояд бачаҳоро биёварӣ шикамҳояшонро пора кунем. Онҳоро аз шикамҳояшон дар биёварем.

Зан гуфт:

— Чӣ айб дорад? Беҳтар, аз ташвиши ин ду бача роҳат мешавем.

Омад, ки бачаҳоро садо кунад, биёрад тӯи утоқ. Дид, нестанд. Омад тӯи долон, пайдояшон кунад.

Дид, дари хона боз аст. Фаҳмид, ки бачаҳо гурехтаанд. Омад ба Шамъун, гуфт:

— Бачаҳо гурехта рафтаанд.

Шамъун ҳам қаҳр кард. Мурғро нахӯрд. По шуд, ки биравад. Зан исрор кард, ки:

— Мург ба ҷаҳаннам, ман ки ҳастам.

Гуфт:

— Аҷаб занаки нофаҳме ҳастӣ! Ман хотирхоҳи мурғ будам, на ту, ту пои худат ҳисоб кардӣ.

Ҷанҷолашон шуд. Зад шиками занакро пора кард. Занак ҳам ҷеғ кашид. Ҳамсояҳо хабардор шуданд, омаданд, ҳаққи Шамъунро кафи дасташ гузоштанд.

Аммо Саъд ва Саид, вақте ки Шамъун сӯҳбати пора кардани шиками онҳоро мекард, онҳо шуниданд. Аз тарс ҳамон шабона по ба гурез гузоштанд. Аз шаҳр омаданд берун, роҳи биёбонро пеш гирифтанд. Он вақт расиданд ба як ҷӯи об ва чанд дарахт. Аз хастагӣ дигар натавонистанд, қадам бардоранд. Хобиданд то вақте ки офтоб теға кашид. Ним хобу ним бедор буданд, ки диданд, дуто кабӯтар болои дарахт пар мезананд. Як ба яки дигар гуфт:

— Хоҳарҷон.

Ӯ гуфт:

— Ҷон хоҳар.

Гуфт:

— Ин дуто бародар, ки зери ин дарахт хобидаанд, инҳо сар ва дилу ҷигари мурғи саодатро хӯрдаанд. Он ки сари мурғро хӯрдааст, ба подшоҳӣ мерасад ва он ки ҷигарашро хӯрдааст, ҳар шаб сад ашрафӣ зери сараш меояд.

Инҳо ин ҳарфро шуниданд. Баъд аз ним соат аз хоб бедор шуданд. Саид дид, зери сараш як кисаи садашрафӣ аст. Хушҳол шуд, гуфт:

— Бародар, маълум мешавад, ҳарфи кабӯтарҳо рост баромад. Ту ҳам ба подшоҳӣ хоҳӣ расид.

Ин ду бародар шодикунон мерафтанд, то расиданд ба сари дуроҳӣ. Диданд, рӯи як лавҳасанге навишта шудааст: «Эй, ду нафаре ки ба ин ҷо мерасед, агар ҳар ду аз як роҳ биравед, кушта хоҳед шуд.

Ва агар ҳар кадом аз як тараф биравед, ба мақсад мерасед».

Саъд ва Саид вақте инро хонданд, ғуссадор шуданд. Даст ба гардани ҳам андохтанд, гиръяи муфассале карданд, рӯи ҳамро бӯсиданд ва ҳар кадом аз як роҳе рафтанд.

Саъд чандин шабонарӯз роҳ рафт, то як рӯз субҳ расид ба канори шаҳре. Дид, беруни шаҳр ғулғулаи Рум аст. Тамоми мардуми шаҳр сиёҳ пӯшидаанд ва ҳама аз беруни шаҳр аз бузургу кучик ҷамъ шудаанд. Баъд омад наздики ҷамъият ва аз яке пурсид:

— Бародар, чаро аҳли шаҳр ҳама сиёҳ пӯшиданд ва омаданд берун?

Он одам нигоҳе ба Саъд кард, гуфт:

— Магар ту аҳли ин вилоят нестӣ?

Гуфт:

— Не, ман ғариби ин вилоятам.

Гуфт:

— Пас бидон ва огоҳ бош, ки чаҳор рӯз пеш аз ин подшоҳи мо мурд ва чун ворисе надорад, мо мутобиқи маъмӯламон бояд се рӯз азодорӣ кунем ва рӯзи чаҳорӯм тамом беруни шаҳр ҷамъ бишавем ва боз сар диҳем, рӯи сари ҳар кӣ нишаст, ӯро подшоҳ кунем. Он вақт либоси азодорӣ аз тан дар биоварем ва ҳафт шабонарӯз шодӣ кунем. Имрӯз мардум ҷамъ шудаанд, ки боз сар диҳанд.

Саъд бо ин мард машғули сӯҳбат буд, ки якбора боз ба ҳаво рафт ва омад рӯи сари Саъд нишаст. Ғавғои аҷибе роҳ афтод. Он вақт омаданд бо иззату эҳтироми ҳарчи тамомтар Саъдро бурданд ба қасри салтанатӣ. Тоҷ ба сараш гузоштанд ва рӯи тахташ нишонданд ва ҳама фармонбардор шуданд.

Ҳоло Саъдро ин ҷо дошта бошед, бубинем чӣ бар Саид омад. Саид ҳам рафт, рафт, то расид ба як шаҳре, дид, дар он шаҳр як қасри олӣ ҳаст, вале давродаври қаср як даста аз ҷавонҳои қашанг ва рашид дар хокистар нишастаанд. Рафт ба пеш, аз яке аз инҳо пурсид, ки:

— Ҷавон, ин қасри кист ва шумоҳо чаро ба ин рӯз афтодаед?

Ҷавон гуфт:

— Ин қасри Дилором-духтари подшоҳи ин мамлакат аст, ки дар хушкелӣ дар ҳафт иқлим ҳамто надорад ва ҳар кас, ки бихоҳад рӯи ӯро бубинад, бояд шабе сад ашрафӣ бидиҳад. Мо ҳама омадаем, ҳар чи доштем, додем ва чун ҳоло дигар чизе надорем, ӯ ба мо эътиное намекунад, мо ҳам аз ишқи ӯ хокистарнишин шудаем.

Саид ба дилаш гуфт: «Мо ки ҳар шаб сад ашрафӣ зери сарамон аст, беҳтар аст, ки биравем ва ин духтарро, ки дар хушкелӣ ҳамто надорад, бубинем ва як ҳафта ақаллан паҳлуи ӯ бошем». Рафт ба тарафи қаср ва ба Дилором пайғом дод, ки: «Ман ҳам омадам туро бубинам». Фаврӣ пайғомро расонданд ва канизҳо омаданд, гуфтанд:

— Бифармоед.

Саид рафт ба қаср. Дид, чи қасре! Ҳуш аз сари одам мепарад. Вориди утоқ шуд, ки деворҳо ва сақфаш ҳама оина буд.

Ду-се дақиқа гузашт, Дилором омад. Ба ӯ хушомад гуфт. Шаб шуд, шом оварданд, шарбатҳои хел ба хел оварданд. Баъд ҳам рақсиданд, хонданд ва соз заданд, то вақти хоб шуд.

Дилором чиҳилто каниз дошт, ки ҳама мисли себе буданд, ки бо худаш нисф карда бошанд. Дар шакл ва шамоил айни худаш буданд. Ҳар шаб дар мавқеи хоб бо баҳонае аз утоқ мерафт берун ва яке аз онҳоро ба ҷои худаш паҳлуи Саид мефиристод ва пеш аз он ки Саид аз хоб бедор шавад, каниз меомад берун. Дилором мерафт паҳлуи Саид.

Чиҳил шаб Саид дар хонаи Дилором буд ва аз дидани ӯ сер намешуд ва ҳар субҳ сад ашрафиро аз зери сараш ба тавре ки касе нафаҳмад, бармедошт ва ба Дилором медод. Дилором тааҷҷуб кард, ки ин ҷавон ин ҳама пул аз куҷо оварда? Пай бурд, ки бояд дил ва ҷигари мурғи саодатро хӯрда бошад. Ин буд, ки шаби ҷиҳилу якӯм суфраро рангинтар кард ва шаробҳои кӯҳнаро ба миён овард ва зиёдтар аз ҳад ба Саид шароб дод. Хуб ки маст ва беҳол шуд, як лагати қоим [1] ба камараш зад ва дилу ҷигари

---

[1] Қоим — мустаҳкам

мурғро қай кард. Фаврӣ бардошт шуст ва худаш хӯрд ва шабро ҳамон ҷо монд.

Субҳ, ки Саид бедор шуд, нигоҳ зери сараш кард, дид, аз ашрафӣ хабаре нест. Фаҳмид, ки чӣ балое ба сараш оварданд. Ҳеҷ худашро гум накард. Ба тавре ки касе нафаҳмад, по шуд ва рафт аз қасри духтари подшоҳ ва ҳатто аз он шаҳр.

Рӯзҳо дар биёбонҳо ва манзилҳо ҳайрону саргардон мегашт, то расид ба канори шаҳре. Дид, се нафар ҷавон бо ҳам даъво доранд ва доду бедод роҳ андохтанд. Саид рафт пеш гуфт:

— Чӣ хабар аст?

Гуфтанд:

— Мо се бародарем, сари тақсими мероси падар даъвоямон шудааст. Худо туро расонд, ки даъвои моро ҳал кунӣ.

Саид гуфт:

— Шумо кӣ ҳастед?

Гуфтанд:

— Мо писарони Шамъун ҳастем.

Пурсид:

— Падари шумо чӣ тавр шуд?

Гуфтанд:

— Падари мо ба ҳавои дилу ҷигари мурғи саодат хонаи зани хоркаш рафт. Вале сар ва дилу ҷигари мурғро писарҳои хоркаш хӯрда буданд. Падари мо ба зани хоркаш гуфт: «Бачаҳоро биёр шикамашонро пора кун. Инҳоро аз шиками онҳо берун биёр, бидеҳ бихӯрам». Зани хоркаш то рафт бачаҳоро биёварад, онҳо гурехтанд. Падари моро ҳам авқоташ талх шуд, шиками занро пора кард, вале аз доду бедоди зан ҳамсояҳо фаҳмиданд, тӯи хона рехтанд, падари моро ҳам куштанд. Саид гуфт:

— Худо раҳматаш кунад, оқибат ба хайр шуд. Ҳоло сари чӣ даъво доред?

Гуфтанд:

— Сари қолинча ва анбон ва сурмаи ҳазрати Сулаймон.

Гуфт:

— Инҳо қобиле надоранд, ки саратон бигӯ-магӯ бикунед.

Гуфтанд:

— Ту хабар надорӣ! Ин асбобҳо ба дунъё меарзанд. Он ки қолинча аст, вақте рӯяш бишинӣ ва бигӯй: «Ё ҳазрати Сулаймон, маро ба фалон ҷо бибар», мебарадат. Кулоҳ ҳам ба исми ҳазрати Сулаймон, ҳар чи хӯрокӣ аз ӯ бихоҳӣ, ба ту медиҳад. Сурмаро ҳам вақте ба чашм кашидӣ, касе туро намебинад.

Саид гуфт:

— Инҳо бояд паҳлуи як нафар бошад ва он як нафар бояд аз ҳама зирангтар ва чобуктар бошад. Ҳоло ман як сангеро меандозам васати биёбон, ҳар кӣ зудтар давид он сангро овард, ӯ зирангтар аст ва ин асбобҳо моли ӯст.

Се бародар розӣ шуданд. Саид ҳам тамоми қувваашро ҷамъ кард ва санге васати биёбон андохт. Инҳо ҳамин ки давиданд ба тарафи санг, ин анбон ва сурмадонро бардошт ва рафт рӯи қолинча. Гуфт: «Ё ҳазрати Сулаймон, маро бибар ба қасри Дилором». Фаврӣ қолинча ба ҳаво баланд шуд ва Саидро ба қасри Дилором расонд.

Бачаҳои Шамъун баргаштанд, диданд, э вой! «Ҷо тар аст ва бача нест». Бо лабу лунҷи овезон омаданд сари ҷояшон.

Аммо Саид анбон ва қолинчаро дар як гӯша пинҳон кард ва сурмаро ба чашм кашид, рафт тӯи утоқи Дилором. Иттифоқан зӯҳр буд. Дилором наҳор хабар карда буд. Дастурхон густурда буданд, машғули хӯрдан буд. Саид рӯ ба рӯяш нишаст ва шурӯъ кард аз ин тарафи табақ луқма задан. Якбора Дилором хабардор шуд, ки он тарафи табақ холӣ мешавад ва гоҳе ҳам дасте тӯи табақ ба дасташ мехӯрад, бедуни ин ки соҳибашро бубинад. Тарсид, ваҳшат кард, ба забон омад:

— Эй, касе ки тӯи ин утоқ ҳастӣ, намедонам инсӣ, ҷинсӣ, ҳар кӣ ҳастӣ, туро қасам медиҳам ба он касе ки мепарастӣ, аз парда биё берун ва худатро ошкор кун.

Саид ҳам сурмаро аз чашмаш пок кард, худашро нишон дод. Диломро то чашмаш ба Саид хурд, гуфт:

— Саид, туй? Маро воқеан дилам барои ту танг шуда буд. Бехуд куҷо рафтӣ, маро танҳо гузошта?

Бано кард забонбозӣ кардан ва лоф задан. Саиди бечора фиреб хӯрд, хаёл кард, рост мегӯяд. Аз он тараф ҳусн ва ҷамоли Диловом маҷол намедод, ки ӯ фикре ба кору ҳоли худаш бикунад. Дар ҳар сурат бовар кард, ки Дилором хотирхоҳаш аст. Дилором дунболаи забонбозии худашро тамом накард, бано кард ширинзабонӣ кардан ва зимнан пурсид:

— Бигӯ, бубинам, чӣ тавр ин ҷо омадӣ?

Саиди содда тафсили қолинча ва анбону сурмадонро аз сир то пиёз барояш таъриф кард.

Чанд рӯзе аз ин муқаддима гузашт. Як рӯз Дилором гуфт:

— Саид, ман муддатҳост орзу дорам, биравам ба кӯҳи Қоф, як гардише бикунам. Хуб шуд, василааш ба дасти ту фароҳам омад. По шав, бо ҳам рӯи қолинча бинишинем, як гардиши муфассале дар кӯҳи Қоф бикунем ва баргардем.

Саид гуфт:

— Чӣ зарар дорад? По шав биравем.

По шуданд, рӯи қолинча нишастанд ва рафтанд ба кӯҳи Қоф. Он ҷо расиданд, чашмае диданд. Дилором гуфт:

— Ҳоло ки ин ҷо омадем, ҳайф аст тӯи ин чашма наравем. Биё, лухт шавем, биравем тӯи чашма.

Саид гуфт:

— Хеле хуб.

Дилором гуфт:

— Пас ту аввал бирав тӯи чашма, баъд ман меравам. Барои ин ки мехоҳам, тан ва бадани туро тӯи об бубинам.

Саид лухт шуд ва рафт васати чашма. Дилором сурмадон ва анбонро бардошт, омад рӯи қолинча ва гуфт: «Ё ҳазрати Сулаймон, маро ба қасри худам бирасон». То Саид омад фикре бикунад, Дилором ба қасри худаш расида буд.

Бечора Саид аз чашма омад берун, ҳоло на роҳи пеш дораду на роҳи пас. Дар ҳар сурат либосҳоро пӯшид ва қадре роҳ рафт, расид ба канори дарьё. Дуд аз дилаш дар омад, ки: «Аз ин дарьё ва кӯҳ

ман чӣ тавр метавонам бигузарам ва ба ҷое бирасам?» Аз рӯи ноумедӣ гирифт зери дарахте хобид. На хоб буд, на бедор, ки дид дуто кабӯтар рӯи дарахт бо ҳам ҳарф мезананд. Якеашон гуфт:

— Хоҳар.

Он яке гуфт:

— Ҷон хоҳар.

Гуфт:

— Ин писарро, ки зери дарахт хобидааст, хуб мешиносӣ?

Гуфт:

— Не.

Гуфт:

— Ин ҳамон Саид, бародари Саъд аст. Гӯли Диломро хӯрда ва ҳар чи дошта, аз чанг додааст, ҳоло ба ин рӯз афтодааст, ки роҳи наҷоте надорад. Аммо агар аз чӯбу пӯст ва барги ин дарахт ҳамроҳаш бибарад, хеле корҳо мекунад. Пӯсти ин дарахт барои ин хуб аст, ки ҳар кас ба пояш бимолад, аз дарьё метавонад гузарад. Чӯби ин дарахтро ба ҳар касе ки бизанӣ, хар мешавад, дубора бизанӣ, одам мешавад ва баргаш ҳам давои чашми кӯр ва гӯши кар аст.

Саид хушҳол шуд ва по шуд аз пӯст ва чӯбу барги дарахт бардошт ва миқдоре аз пӯсти дарахт ва барги дарахт бардошт ва миқдоре аз пӯсти дарахт ба пояш молид. Аз дарьё гузашт, то расид ба як шаҳр. Дид, аҳли шаҳр бо ҳам гуфтугӯ мекунанд. Пурсид:

— Чӣ хабар аст?

Гуфтанд:

— Духтари подшоҳи ин шаҳр чанд рӯз аст кар шудааст ва шабу рӯз аз ин ғусса дорад. Гирья мекунад ва наздик аст, дилкаф шавад. Подшоҳ ҳам, чун ҳамин як фарзандро дорад, ҳолашро намефаҳмад. Аз қафои ҳар ҳакиме ҳам фиристоданд, натавонистааст муолиҷа кунад.

Фаврӣ рафт ба тарафи қаср ва ба подшоҳ гуфт:

— Ман духтаратро муолиҷа мекунам.

Подшоҳ гуфт:

— Агар муолиҷа кунӣ, ӯро ба ту медиҳам.

Саид ҳам аз барги дарахт молид ба гӯши духтар ва духтар ҳам хуб шуд. Подшоҳ хушҳол шуд, дастур дод шаҳрро оин бастанд ва ҳафт шабонарӯз ҷашн гирифтанд ва духтарро ба Саид доданд.

Чанд рӯзе, ки аз ин муқаддима гузашт, Саид аз подшоҳ иҷозат хост, ки ба шаҳри Дилором биравад ва доди дилашро аз ӯ бигирад. Равона шуд, ба шаҳр расид. Роҳи қасрро пеш гирифт. Дами дари қаср дарбон омад, пешашро бигирад. Бо ҳамон чӯб дарбонро зад. Дарбон хар шуд. Саид якрост рафт тӯи утоқи Дилором. Дилоромро то чашмаш ба Саид хӯрд, гуфт:

— Эй, беадаб, чаро беиҷозат тӯи утоқи ман омадӣ? Саид гуфт:

— Омадам, саворат бишавам, борат кунам.

Садо зад канизҳояшро, ки биоянд инро берун кунанд. канизҳо рехтанд тӯи утоқ. Саид чӯбро гирифт ба Дилором ва чиҳил каниз зад. Ҳама ба сурати хар даромаданд ва ҳар ки омад бубинад, чӣ хабар аст, як чӯб хӯрд ва хар шуд. Касе ҷуръат накард биояд пеши Саид. Саид ҳам ин чиҳилу як харро хишти пухта бор кард, ин тараф ва он тараф фиристод, азият кард, то ба ҷон омаданд. Билохира Дилором розӣ шуд, ки сурмадон ва анбону қолинчаро пас бидиҳад ва дубора одам бишавад. Саид қабул кард, ба шарти он ки дилу ҷигари мурғи соадотро ҳам қай кунад.

Боре, Саид як чӯби дигар ҳам зад ба Дилором, Дилором одам шуд ва Саидро дар қасри худаш меҳмондорӣ кард. Саид ҳам ӯро дар ҳоли мастӣ лагат зад, дилу ҷигари мурғро, ки қай карда буд, шуст ва хӯрд. Савори қолинча шуд, омад паҳлуи зан ва падарзанаш. Баъд ба ин фикр афтод, ки суроғи падараш биравад. Рӯи қолинча нишаст ва рафт ба ватанаш, ҷое ки хона ва зиндагиашон буд. Вақте ки вориди хона шуд, дид падараш хоркаш аз ғами рӯзгор ва ғуссаи авлод кӯр шудааст. Аз он барги дарахт ба чашмаш молид. Чашмаш бино шуд. Падар хеле хушҳол шуд ва писараш Саидро дуо кард. Он вақт падаршро бардошт омад паҳлуи занаш ва ҳамагӣ ба суроғи Саъд рафтанд. Саъд, ки подшоҳи ботаҷри-

бае шуда буд, аз дидани падар ва бародар ва касу кори тоза хеле хушҳол шуд ва чиҳил рӯз онҳоро меҳмонӣ кард. Дар ин муддат аз шарҳи ҳоли худашон ба якдигар гуфтанд ва падарро бо камоли иззату эҳтиром пеши худашон нигоҳ доштанд. Саид ҳам ҳар вақт дилаш танг мешуд, ба дидани падару бародараш меомад.

Қиссаи мо ба сар расид, иншоолло ҳамон тавре ки инҳо ба ҳам расиданд, моҳо ҳам ба мурoду матлабамон бирасем.



*Аз Субҳи*

### ШОҲ ВА ВАЗИР

Рӯзе буд, рӯзгоре буд, шаҳре буд, шаҳрьёре буд. Зане дошт, ки дар хушкелӣ ҳамто надошт. Ҳам подшоҳ ӯро дӯст медошт ва ҳам ӯро барои шоҳ дилаш гаш ва заъф мерафт.

Ин подшоҳ як вазире дошт хеле бадчашм ва бадчинс, ки ӯ ҳам ошиқи зани подшоҳ буд. Аммо ҷуръати ин, ки инро ба касе бигӯяд, надошт. Барои ин ки медонист, агар ба гӯши шоҳ бирасад, риштааш мекунанд ва тиккаи бузургаш гӯшаш аст. Аммо шаб ва рӯз тӯи ин фикр буд, ки ҳар тавре бошад, подшоҳро пас бизанад ва худаш биояд сари ҷои подшоҳ ва доди диле аз висоли он зан бигирад.

Муддате гузашт, то як рӯз як дарвеши дуньёдидае, ки бо хеле чизҳо балад буд, вориди шаҳр шуд.

Он дарвеш ҳар рӯз васати майдони шаҳр маърака мегирифт ва мардумро даври худаш ҷамъ мекард ва корҳое мекард, ки мардум ангушт ба дандон ҳайрон мемонданд. Хабар ба подшоҳ бурданд, ки:

— Бале! Як дарвеш омадааст ва ин тавр корҳо мекунад.

Подшоҳ вазирашро хост ва гуфт:

— Бирав бубин, ин дарвеш кист ва чӣ кор мекунад? Ва ин ҷо омадааст, чӣ кунад?

Вазир рафт ва дарвешро дид ва омад паҳлуи подшоҳ, гуфт:

— Эй, подшоҳ! Ин дарвеш корҳои аҷибе мекунад. Чанд чашми корро балад аст, ки роҳ то донишн онҳо аст.

Подшоҳ гуфт:

— Бигир биёраш, то ман ҳам тамошое бикунам ва ҳам бубинам, чӣ корҳое мекунад.

Вазир рафт пеши дарвеш ва овардаш паҳлуи подшоҳ. Подшоҳ корҳои дарвешро дид ва тааҷҷуб кард, аммо ба дарвеш гуфт:

— Инҳо ки чизе нест. Ман аз ин болотарҳояшро ҳам дидам.

Дарвешро ба раги ғайраташ бархӯрд[1] ва гуфт:

— Ҳоло ки ин тавр аст, бигӯ утоқро хилват кунанд, то ман як коре бикунам, ки то рӯзи қиёмат ангушт ба даҳон бимонӣ.

Подшоҳ гуфт:

— Хилват.

Ҳама аз утоқ рафтанд берун ва хилват карданд. Подшоҳ ва дарвеш, ки танҳо монданд, дарвеш гуфт:

— Эй, подшоҳ, кори ман ин аст, ки аз ҷилд ва пӯсти худам дар меоям ва меравам тӯи пӯсти дигар. Ҳоло бигӯ як мурғ биоранд, то ман нишонат бидиҳам.

Подшоҳ гуфт мурғ оварданд. Дарвеш мурғро кушт. Баъд аз ҷилди худаш дар омад, рафт тӯи тани мурғ. Подшоҳ дид, аҷаб, мурғ ки мурда буд, зинда шуд ва банои «қуд-қуд»-ро гузошт ва дарвешро ҳам

---

[1] Ба раги ғайрат бархӯрдан — ҷӯш задани ғайрат, зиёд шудани ғайрат.

мисли мурда баданаш сард шуд ва канори утоқ афтод.

Чанд дақиқае гузашт. Дубора дарвеш аз ҷилди мурғ дар омад ва рафт тӯи ҷилди худаш. Боз мурғ мурда афтод ба замин ва дарвеш зинда шуд.

Подшоҳро аз кори дарвеш моташ бурд ва гуфт:

— Э, волло!

Ва бано кард ба дарвеш исрор кардан, ки:

— Ҳар чи мехоҳӣ, ба ту медиҳам, лемми[1] ин корро ёди ман бидеҳ.

Дарвеш гуфт:

— Як хуми хусравӣ тилло мехоҳам.

Подшоҳ розӣ шуд, як хуми тилло ба дарвеш дод. Дарвеш гуфт:

— Як шарти дигар ҳам дорад, ки ин матлабро набояд ба касе бигӯӣ ва бе иҷозати ман ҳам набояд ин леммро ёди касе бидиҳӣ.

Подшоҳ гуфт:

— Хеле хуб.

Дарвеш ҳам лемми ин корро ёди подшоҳ дод ва гуфт:

— Хуми хусравиро ҳам шаб ки ҳаво хуб торик шуд, тавре ки вазир нафаҳмад, бароям бифирист.

Подшоҳ дигар корашро гузошта буд замин. Ҳай тӯи ҷилди ин ва он мерафт. Вазир бохабар шуд ва фаҳмид, ки ин корро дарвеш ёдаш додааст. Пинҳонӣ фиристод аз ақиби дарвеш ва ба ӯ гуфт:

— Ҳар чи мехоҳӣ, ба ту медиҳам. Ин коре ки ба подшоҳ ёд додӣ, ёди ман ҳам бидеҳ.

Дарвеш, ки ошиқи дилхастаи духтари вазир буд ва бо ин либосу бо ин корҳо омада буд, ки духтарро ба чанг биоварад, гуфт:

— Ба як шарт ёдат медиҳам, ки духтари худатро ба ман бидиҳӣ.

Вазир аввал як каме дар ғазаб шуд ва баъд гуфт:

— Хеле хуб.

Ва рафт паҳлуи духтараш ва тафсилро ба духтараш гуфт. Духтар гуфт:

---

[1] Лемм — сир, тарз, усул.

— Падарҷон, ман ҳаргиз ҳамчун коре намекунам. Зани дарвеш намешавам. Барои ин ки миёни сару ҳамсар наметавонам, сар дар биоварам. Ту ба дарвеш бигӯ: «Агар духтари маро мехоҳӣ, ҳамон тавре ки расми шаҳри мост, бояд як хуми хусравӣ тилло биорӣ, духтарро бубарӣ.

Вазир гуфт:

— Хеле хуб.

Фардо дарвешро садо зад ва матлабро гуфт, ки:

— Ман ҳозирам, духтарамро ба ту бидиҳам. Вале духтарам розӣ нест. Мегӯяд, бояд як хуми хусрави тилло биоварӣ.

Дарвеш гуфт:

— Қабул дорам.

Вазир ҳам ба духтар гуфт:

— Ту худатро розӣ нишон бидеҳ. Вақте ки кори худамонро кардем, як кулоҳе ба сараш мегузорем [1].

Вазир ба дарвеш гуфт:

— Бирав, хумро биовар ва леммро ёди ман бидеҳ ва духтарро бардору бирав.

Дарвеш хушҳол шуд ва тамоми ин корҳоро кард. Аммо ҳамин ки хост дасти духтарро бигирад ва биравад, вазир гуфт:

— Ин тавр намешавад. Ман вазири подшоҳам. Васати мардум ангуштнамо ҳастам. Бояд тайёрӣ бубинем, аҳли вилоятро хабар кунем. В-онгаҳе як чилла [2] сабр кунем, баъд бисоти арӯсиро роҳ биандозем.

Боре, гуфтугӯяшон шуд, вазир баҳона гирифт ва зад дарвешро аз хона беруи кард. Дарвеш ҳам аз гуссаи духтар сар ба биёбон гузошт.

Ҳоло бишнавед аз вазир. Вазир вақте дарвеши бенаворо гӯл зад ва леммро аз ӯ ёд гирифт, рафт паҳлуи подшоҳ ва гуфт:

— Эй, подшоҳ, ин коре ки ту баладӣ, ман ҳам баладам. Аммо хуб нест муттасил рӯ ба рӯи ин ва он ин корро бикунӣ. Аммо барои ин ки аз ёдат наравад, вақте ки танҳо ҳастӣ, ин корро мекунем.

---

[1] Кулоҳ ба сар гузоштан — гӯл додан, фиреб додан.

[2] Чилла — чилаи зимистон.

мисли мурда баданаш сард шуд ва канори утоқ афтод.

Чанд дақиқае гузашт. Дубора дарвеш аз ҷилди мург дар омад ва рафт тӯи ҷилди худаш. Боз мург мурда афтод ба замин ва дарвеш зинда шуд.

Подшоҳро аз кори дарвеш моташ бурд ва гуфт:

— Э, волло!

Ва бано кард ба дарвеш исрор кардан, ки:

— Ҳар чи мехоҳӣ, ба ту медиҳам, лемми[1] ин корро ёди ман бидеҳ.

Дарвеш гуфт:

— Як хуми хусравӣ тилло мехоҳам.

Подшоҳ розӣ шуд, як хуми тилло ба дарвеш дод. Дарвеш гуфт:

— Як шарти дигар ҳам дорад, ки ин матлабро набояд ба касе бигӯӣ ва бе иҷозати ман ҳам набояд ин леммро ёди касе бидиҳӣ.

Подшоҳ гуфт:

— Хеле хуб.

Дарвеш ҳам лемми ин корро ёди подшоҳ дод ва гуфт:

— Хуми хусравиро ҳам шаб ки ҳаво хуб торик шуд, тавре ки вазир нафаҳмад, бароям бифирист.

Подшоҳ дигар корашро гузошта буд замин. Ҳай тӯи ҷилди ин ва он мерафт. Вазир бохабар шуд ва фаҳмид, ки ин корро дарвеш ёдаш додааст. Пинҳонӣ фиристод аз ақиби дарвеш ва ба ӯ гуфт:

— Ҳар чи мехоҳӣ, ба ту медиҳам. Ин коре ки ба подшоҳ ёд додӣ, ёди ман ҳам бидеҳ.

Дарвеш, ки ошиқи дилхастаи духтари вазир буд ва бо ин либосу бо ин корҳо омада буд, ки духтарро ба чанг биоварад, гуфт:

— Ба як шарт ёдат медиҳам, ки духтари худатро ба ман бидиҳӣ.

Вазир аввал як каме дар ғазаб шуд ва баъд гуфт:

— Хеле хуб.

Ва рафт паҳлуи духтараш ва тафсилро ба духтараш гуфт. Духтар гуфт:

---

[1] Лемм — сир, тарз, усул.

— Падарҷон, ман ҳаргиз ҳамчун коре намекунам. Зани дарвеш намешавам. Барои ин ки миёни сару ҳамсар наметавонам, сар дар биоварам. Ту ба дарвеш бигӯ: «Агар духтари маро мехоҳӣ, ҳамон тавре ки расми шаҳри мост, бояд як хуми хусравӣ тилло биорӣ, духтарро бубарӣ.

Вазир гуфт:

— Хеле хуб.

Фардо дарвешро садо зад ва матлабро гуфт, ки:

— Ман ҳозирам, духтарамро ба ту бидиҳам. Вале духтарам розӣ нест. Мегӯяд, бояд як хуми хусрави тилло биоварӣ.

Дарвеш гуфт:

— Қабул дорам.

Вазир ҳам ба духтар гуфт:

— Ту худатро розӣ нишон бидеҳ. Вақте ки кори худамонро кардем, як кулоҳе ба сараш мегузорем [1].

Вазир ба дарвеш гуфт:

— Бирав, хумро биовар ва леммро ёди ман бидеҳ ва духтарро бардору бирав.

Дарвеш хушҳол шуд ва тамоми ин корҳоро кард. Аммо ҳамин ки хост дасти духтарро бигирад ва биравад, вазир гуфт:

— Ин тавр намешавад. Ман вазири подшоҳам. Васати мардум ангуштнамо ҳастам. Бояд тайёрӣ бубинем, аҳли вилоятро хабар кунем. В-онгаҳе як чилла [2] сабр кунем, баъд бисоти арӯсиро роҳ биандозем.

Боре, гуфтугӯяшон шуд, вазир баҳона гирифт ва зад дарвешро аз хона берун кард. Дарвеш ҳам аз гуссаи духтар сар ба биёбон гузошт.

Ҳоло бишнавед аз вазир. Вазир вақте дарвеши бенаворо гӯл зад ва леммро аз ӯ ёд гирифт, рафт паҳлуи подшоҳ ва гуфт:

— Эй, подшоҳ, ин коре ки ту баладӣ, ман ҳам баладам. Аммо хуб нест муттасил рӯ ба рӯи ин ва он ин корро бикунӣ. Аммо барои ин ки аз ёдат наравад, вақте ки танҳо ҳастӣ, ин корро мекунем.

---

[1] Кулоҳ ба сар гузоштан — гӯл додан, фиреб додан.

[2] Чилла — чилаи зимистон.

Подшоҳ гуфт:

— Рост мегӯӣ.

Чанд рӯзе аз ин сӯҳбат гузашт. Як рӯзе вазир ба подшоҳ гуфт:

— Биё, биравем шикор. Аммо касеро ҳамроҳ намебарем. Агар хостем тӯи ҷилди ҳайвоне ё мурғе биравем, касе набинад.

Подшоҳ гуфт:

— Хеле хуб.

Ҳарду ба роҳ афтоданд. Вазир ду-се фарсахе подшоҳро аз шаҳр дур бурд ва расонд канори деҳе. Дар ин байн чашмаш ба оҳу хӯрд. Тохт кард ва оҳуро бо тир зад. Оҳу мурд ва афтод ба замин. Вазир гуфт:

— Подшоҳ, ҳоло вақташ аст, ки биравӣ тӯи ҷилди оҳу.

Подшоҳ гуфт:

— Рост мегӯӣ.

Аз асп пиёда шуд ва рафт тӯи ҷилди оҳу. Аз ин тараф подшоҳ рафт тӯи ҷилди оҳу, аз он тараф ҳам вазир рафт тӯи ҷилди подшоҳ ва бадани вазир афтод рӯи замин. Фаврӣ вазир, ки ба сурати подшоҳ даромада буд, бо тохт рафт ба деҳ.

Аҳли деҳ ба ҳавои «подшоҳ» ҳама пешаш саф бастанд. Ӯ ҳам гуфт:

— Ман бо вазир ба шикор омада будем. Якбора вазирро дилдард гирифт ва мурд. Ҳоло се-чаҳор нафар аз шумоҳо биоед, кӯмак кунед, ҷасадашро бибаред шаҳр, таҳвили зан ва бачаҳош бидиҳед [1].

Деҳотиҳо кӯмак карданд, ҷасади вазирро бурданд ба шаҳр. Зан ва бачаҳояш ҳам хеле гиръя карданд ва хокаш карданд.

Аммо вазир, ки тӯи ҷилди подшоҳ рафта буд, якрост омад ба тарафи қаср, ҳум-ҳума афтод тӯи қаср, ки шоҳ омад.

Ҳамаи «амала» ва «акараи» [2] дарбор ва «бодинҷондавриқобчинҳо» рафтанд пешаш таъзим карданд. Дами иморати қаср рикобашро гирифтанд ва аз асп пиёдааш карданд. Вазир дарҳол рафт ба тарафи ҳа-

---

[1] Таҳвил додан — супурдан.

[2] Амала ва акара — аҳлу аёл.

рамсаро. Ҳамон зани зебои подшоҳ, ки вазирро чашмаш думболи ӯ буд, то аз дур дид, ки шоҳ меояд, давид дами дар пешвозаш. Аммо ҳамин ки наздик шуд, дид, фақат ин рехту либос ва шаклу шамоили шоҳро дорад, вале он ҳоле ки подшоҳ дошт ва он бӯе ки подшоҳ медод, надорад ва намедиҳад. Аслан нафаҳмид, ки чи тавр шуд, ки дилаш хунуқ шуд.

Аммо вазир, ки тӯи ҷилди либос ва бадани шоҳ рафта буд, вақте ки чашмаш ба сару сурат ва тану бадан ва қадду андоми ин зан хӯрд, сару шонае гирифт ва ба дилаш гуфт: «Тамоми ин заҳматҳо барое ки ба висоли ин зан бирасам. Алҳамдуллило, ки расидам». Аммо ҳарчи бештар бо ин зан меҳрубонӣ мекард, зан бештар аз ӯ мегурехт ва аслан тарафаш намерафт ва шабу рӯз тӯи ғаму ғусса буд, ки: «Чаро маро аз ин мард хушам намеояд» ва дар фикри чора буд, ки бигузорад ва бигурезад.

Ҳоло бишнавед аз подшоҳ. Вақте подшоҳ рафт тӯи ҷилд ва ҷисми оҳу, вазир рафт тӯи ҷилди ӯ, подшоҳ фаҳмид, ки вазир ӯро фиреб додааст. Тарсид, ки мабодо бо тир бизанадаш ва якборагӣ худашро роҳат кунад. Ночор по гузошт ба гурез ва аз саҳрое мерафт, то расид ба ҷангале. Дид, зери як дарахт як тӯтии мурда афтодааст. Хушҳол шуд ва зуд аз ҷилди оҳу дар омад ва рафт тӯи ҷилди тӯтӣ. Пар зад, рафт рӯи дарахт нишаст ва ҳамроҳи тӯтиҳо шуд.

Рӯзҳо гузашт, то як рӯз, ки тӯи ҷангале бо тӯтиҳо аз дарахт боло ва поин мерафт, аз пушти дарахтҳо як шикорчиро дид. Ин тӯтӣ ба тӯтиҳои дигар гуфт:

— Ин шикорчӣ барои моҳо дом паҳн кардааст. Хуб аст, ки бигурезед.

Ҳама гурехтанд, аммо худаш омад рӯи замин нишаст ва мисли ине ки намедонад, гулчин-гулчин рафт, рафт, якбора афтод ба дом.

Шикорчӣ хушҳол ва хандон омад тӯтиро гирифт. Тӯтӣ нигоҳ кард, дид, ин шикорчӣ ба назараш ошно менамояд. Хуб зеҳнашро зеру рӯ кард, дид, ин ҳамон дарвеш аст, ки тӯи ҷилд рафтанро ёдаш додааст. Аммо ба рӯи худаш наоварад. Ҳамин қадар гуфт:

— Агар мехоҳӣ, аз бағали ман бароят фоидае бошад, маро бибар ба фалон шаҳр ва ба подшоҳи он ҷо ба сад ашрафӣ бифурӯш.

Шикорчӣ дид, исми шаҳреро мебарад, ки духтари вазир он ҷост ва бо подшоҳи он ҷо ошно шудааст. Ин ҳарфи тӯтӣ барқи умеде ба дилаш шуд ва гуфт: «Рост мегӯяд. Он ҷо меравам ва тӯтиро мефурӯшам ва агар шуд, чуғулии вазирро ҳам ба шоҳ мекунам». Тӯтиро бардошт, овард ба он шаҳр ва рафт паҳлуи подшоҳ. Подшоҳро аз тӯтӣ хушаш омад. Гуфт:

— Чанд?

Гуфт:

— Сад ашрафӣ.

Дар вақти ҳарф задан шикорчӣ аз подшоҳ дудила шуд, ки ин набояд он подшоҳ бошад ва ҳоло ахлоқаш мисли вазир аст. Аммо ба рӯи худаш наовард ва тӯтиро доду сад ашрафиро гирифт. Фаврӣ подшоҳ ғуломи худашро хост ва тӯтиро фиристод барои занаш, ки асбоби саргармиаш [1] бошад.

Вақте тӯтиро бурданд андарун ва занашро дид, хеле хушҳол шуд. Аммо дид, занаш хеле лоғар аст ва бедилу димоғ. Тӯтӣ гуфт:

— Хонум, шумо чаро тӯи фикред, чаро хафаед?

Гуфт:

— Бибитӯтӣ, даст аз дилам бардор. Ман дарде дорам, ки наметавонам, ба касе бигӯям.

Гуфт:

— Ба ман бигӯ.

Гуфт:

— Туро чӣ коре аз дастат меояд?

Гуфт:

— Шояд як коре битавонам бикунам.

Аз ин исрор, аз он инкор, билохира гуфт, ки:

— Ман зани подшоҳ будам ва дӯсташ медоштам, ҳамеша дилам паҳлуяш буд, то як рӯз, ки шоҳ бо вазир рафт ба шикор. Хабар оварданд, ки вазирро дилдард гирифт ва мурд. Баъд шоҳ омад тӯи андарун. Ман дидам, ҳол ва бӯи шоҳ, ки аз ӯ хушам меояд, дар ин нест. Фаҳмидам сирре тӯи кор ҳаст ва

[1] Асбоби саргармӣ — сабаби дилхушӣ, машғулият.

аз он рӯз то ҳоло, ки як моҳ аст, ман шабу рӯз ором надорам, тӯи фикр ва гусса ҳастам ва ин одам ҳам ҳар коре карда, маро бо худаш омӯхта ва меҳрубон кунад, натавонист ва ман ҳеҷ орзуе надорам ҷуз ин ки аз ин ҷо халос бишавам.

Тӯтӣ гуфт:

— Хонум, биё маро бӯ кун, бубин бӯи шавҳари туро медиҳам?

Зан омад пеш, тӯтиро бӯ кард ва ҳайрон шуд. Гуфт:

— Эй, вой! Бӯи худи подшоҳ аст.

Тӯтӣ гуфт:

— Ман худи подшоҳ ҳастам.

Ва тафсилро аз аввал то охир барои занаш гуфт. Зан гуфт:

— Ҳоло таклиф чист?

Гуфт:

— Имшаб ки вазир ояд паҳлуи ту, ту аввал дари қафаси маро боз бигузор, баъд як хурде ба рӯяш биханд ва рӯи хуш нишон бидеҳ. Баъд аз ту мепурсад: «Чӣ мехоҳӣ?». Бигӯ: «Дилам мехоҳад, мисли ҳамеша тамом сирру сарат паҳлуи ман бошад. Аммо ту баъд аз он ки аз шикор баргаштӣ, бо ман он тавре ки будӣ нестӣ». Он вақт мегӯяд: «На, ҳастам». Ту бигӯ: «Агар рост мегӯӣ, леммеро, ки дарвеш ёдат дод, ба ман ҳам ёд бидеҳ». Вақте ки розӣ шуд, боқиаш ба ман.

Зани подшоҳ ҳамин корро кард. Вақте ки подшоҳи дурӯғӣ розӣ шуд леммро ёди зан бидиҳад, зан зуд фиристод як саги сиёҳ оварданд ва куштанд. Он вақт вазир аз тӯи ҷилди подшоҳ дар омад, рафт тӯи ҷилди саг. Фаврӣ подшоҳ ҳам аз тӯи ҷилди тӯтӣ дар омад ва рафт тӯи ҷилди худаш ва гуфт:

— Эй, вазири бадҷинс, маро фиреб кардӣ, ҳоло сазоят ин аст, ки то умр дорӣ, саги сиёҳ бошӣ.

Зан хушҳол шуд ва подшоҳ фаврӣ фиристод аз қафои дарвеш. Вақте дарвеш омад, тафсилро ба дарвеш гуфт. Дарвеш ҳам тафсили хотирхоҳии худашро бо духтари вазир нақл кард. Подшоҳ дарвешро вазири худаш кард ва духтари вазири аввалиро ҳам

бароящ гирифт. Вазири бадҷинсро ҳам, ки саг шуда буд, дами дари тавила бастанд ва ҳар рӯз як тика устухон барояш меандохтанд ва як даст калтаки муфассал ҳам ба ӯ мезаданд, то мурд.

Боло рафтем мост буд, поин омадем дӯғ буд, қиссаи мо дурӯғ буд.





*Аз Суғд*

## КАЧАЛАК[1]

Яке буд, яке набуд, як пиразани фақир буд, як писар дошт ба исми Качалак. Як рӯз пиразан ба Качалак гуфт:

— Ман дар дунё дигар ҳеҷ орзуе надорам, ба ҷуз ин ки туро домод бубинам.

Качалак гуфт:

— Маро ҳам хеле дилам мехоҳад, ки ту дасте боло кунӣ ва барои ман як зани ҳисобӣ бигирӣ.

Гуфт:

— Киро бароят бигирам?

Гуфт:

[1] Качалак — калак, качал — кал.

— Агар хуб мехоҳӣ, ман ошиқи духтари подшоҳ шудаам ва аз ишқ шабу рӯз ором надорам. Ту бирав, барои ман духтари подшоҳро хостгорӣ кун.

Пиразан гуфт:

— Писарҷон, поятро ба андозаи гилемат дароз кун, мо куҷо, духтари подшоҳ куҷо! Магар ҳамчунин чизе ҳам мешавад?

Гуфт:

— Магар духтари подшоҳ ғайр аз одамизод аст? Ӯ ҳам мисли мо одам аст.

Пиразан гуфт:

— Бо вуҷуди ҳамаи ин ҳарфҳо духтари подшоҳро намегузоранд, ки мо нигоҳаш ҳам бикунем, чӣ бирасад бо ин ки дасташро бигирем биоварем тӯи хона. Духтари подшоҳро ё ба як шоҳзодаи ба исм ва расм медиҳанд, ё ба як касе ки хеле доро бошад ва сараш ба кулоҳаш биарзад.

Гуфт:

— Ин ҳарфҳо ба гӯши ман намедароянд. Ту бояд биравӣ ва духтари подшоҳро барои ман бихоҳӣ.

Ҳар чи ки нана насиҳаташ кард ва аз осмону ресмон барояш масал овард, ки: «Ин луқма аз гулӯи мо поин намеравад», Качалак ба харҷаш нарафт ва гуфт:

— Аллову билло бояд биравӣ хостгорӣ. Агар наравӣ, худамро тӯи чоҳ меандозам ва мекушам.

Пиразан ночор фардо субҳ зуд чодурро чоқчур кард [1] ва рафт ба тарафи қасри шоҳ.

Ҳоло бишнавед аз подшоҳ ва духтараш. Подшоҳ духтаре дошт хушкелу бонамак, ки дар ҳафт иқлим ба ном буд. Ҳар касе ҳам ки меомад хостгорӣ, подшоҳ санг ба пеши590 пояш меандохт ва як чизҳое мехост, ки ҳар касе мешунид, ҷо холӣ мекард.

Дар қасри подшоҳ пеши дари толори [2] берунӣ тӯи ҳавлӣ дуто тахтасанг буд. Яке моли фақиру бечораҳо, ки мерафтанд рӯяш менишастанд ва вақте подшоҳ медид, он рӯ нишастаанд, пуле, ноне, либосе ба онҳо медод ва ба забони дуогӯ равонаашон ме-

---

[1] Чодур чоқчур кардан — либоси идона пӯшидан, худро оро додан.

[2] Толор — пешдолон.

кард. Як тахтасанги дигар ҳам моли касоне буд, ки ба хостгории духтар меомаданд. Подшоҳ онҳоро мехост ва бо онҳо гуфтугӯ мекард.

Боре, пиразан рафт рӯи тахтасанги хостгорҳо нишаст. Вақте ки подшоҳ аз андарун омад ба тарафи берунӣ ва тӯи толор дами сутуне нишаст, чашмаш ба пиразан хӯрд, тааҷҷуб кард, ки ин пиразани фақир чаро рӯи тахтасанги хостгорҳо нишастааст. Подшоҳ фарошбоширо садо заду гуфт:

— Як чизе ба ин пиразан бидиҳед биравад. Ва баъд ҳам ба ӯ бигӯед, дигар рӯи ин тахтасанг нашинад.

Фаррошбошӣ гуфт:

— Қиблаи олам, ба саломат бошад! Вақте омад, рӯи ин тахтасанг бинишинад, мо ба ӯ гуфтем, ҷои ту ин ҷо нест, рӯи он яке бинишин. Гуфт: «Ман барои гадоӣ наомадам, кори дигар дорам».

Подшоҳ гуфт:

— Бигӯед биояд пеш, ҳарфашро бизанад.

Пиразан омад пеш, ба подшоҳ гуфт:

— Омадам, ки писарамро ба навкарӣ қабул кунӣ.

Подшоҳ хаёл кард, ки воқеан писараш мехоҳад, навкар дар хонаи подшоҳ бишавад. Дилаш ба ҳол ва вазъи пиразан сӯхт. Гуфт:

— Хеле хуб. Биояд, як коре дасташ медиҳем.

Пиразан дигар чизе нагуфт ва по шуд, омад паҳлуи писараш ва тафсилро барояш нақл кард. Качалак сари модараш дод зад, ки:

— Чаро матлабро соф ва пӯстканда нагуфтӣ? «Ба навкарӣ қабулаш кун» кадом аст? Мебоист, бигӯӣ: «Омадам хостгории духтарат барои писарам». Ин дафъа бирав ва ҳамин тавр бигӯ.

Пиразан хоҳу нохоҳ боз рафт рӯи санги хостгорӣ нишаст. Подшоҳ то дидаш, гуфт:

— Ҳо, пиразан, дигар чист?

Гуфт:

— Барои ҳамон кори писарам омадам.

Подшоҳ гуфт:

— Ман ки гуфтам як коре ба ӯ бидиҳанд!

Гуфт:

— Не, кор намехоҳад, духтари шуморо мехоҳад.

То ин гуфт, подшоҳро додаш ба ҳаво рафт, ки:

— Аҷаб замонае шудааст, ки як пиразани фақир духтари мисли ман подшоҳеро барои писараш мехоҳад!

Баъд ҳам авқотталхии зиёде кард ва ба пиразан ҷавоби сарболо дод. Пиразан ҳам рафт ва тамоми тафсилро барои Качалак гуфт. Качалак гуфт:

— Гӯш ба ин ҳарфҳо надеҳ. То се нашавад, кор нашавад. Фардо ҳам бирав.

Пиразан гуфт:

— Агар ин дафъа он ҷо пайдо бишавам, ҳисобам пок аст.

Качалак гуфт:

— Не! Агар маро дӯст дорӣ ва мехоҳӣ ҳамеша пахлӯят бошам, боз ҳам бояд биравӣ хостгорӣ.

Фардо субҳ боз пиразан роҳ афтод ва рафт рӯи санг нишаст. Ин дафъа дигар вақте ки подшоҳ омад тӯи берунӣ ва дами толору чашмаш ба пиразан хӯрд, оташин шуд ва рӯ кард ба вазирашу гуфт:

— Мебинӣ, раъиятҳои ман чи қадар пуррӯ[1] ҳастанд! Боз ҳам ин пиркафтар омада рӯи санги хостгорӣ нишастааст. Зуд бифирист мирқассоб биояд, забони ин занро аз паси каллааш дар оварад.

Вазир гуфт:

— Қиблаи олам ба саломат бошад. Фоида надорад, ки барои хотири духтарат пиразанеро бикушӣ. Ту ки баладӣ, санги бузург пеши пои хостгорҳо бианбозӣ. Инро ҳам яке аз онҳо ҳисоб кун. Як ҳарфе бизан, ки биравад думболи кораш.

Подшоҳ гуфт:

— Рост мегӯӣ.

Фаврӣ пиразанро хост ва аз ӯ пурсид:

— Чӣ мехоҳӣ?

Пиразан гуфт:

— Хоҳишам ҳамон аст, ки дирӯз гуфтам.

Подшоҳ гуфт:

— Ман агар мехостам, ки духтарамро ба ҳар кас, ки хостгорӣ мекунад, бидиҳам, то ҳоло ҳазор

---

[1] Пуррӯ — бешарм, беҳаё, берӯй.

дафъа дода будам. Аммо ман ба ҳар касе духтар намедиҳам. Ба касе духтарамро медиҳам, ки ҳам доро бошад ва ҳам як корҳое балад бошад, ки каси дигар натавонад. Агар писари ту ин тавр аст, бигӯ, биояд майдон ва агар на, моро ба хайру туро ба саломат.

Пиразан боз ҳам омад ва тафсилро ба писараш гуфт. Писар рафт тӯи фикр ва баъд аз модараш пурсид:

— Нана, ба ақли ту чӣ мерасад? Ман чи кор бикунам, ки ҳам як коре бикунам, ки касе балад набошад ва ҳам чанд шоҳӣ пул ба ҳам бизанем?

Модар гуфт:

— Ту бояд ҳаракат кунӣ, то худо баракат бидиҳад. По шав, то бигӯям чи кор кун.

Қачалакро баланд кард ва як пул дод, каме нахудчакишмиш рехт тӯи ҷеби Қачалак ва бо ҳам роҳ афтоданд ва аз дарвозаи шаҳр берун рафтанд ва гуфт:

— Фарзанд, ҳар ҷо ки нахудчакишмиш тамом шуд, ба ман бигӯ.

Қачалак ҳамин тавр мерафт ва нахудчакишмиш мехӯрд, то дами як чашмае ки расиданд, тамом шуд. Зуд ба модараш гуфт:

— Нана, тамом шуд.

Модараш гуфт:

— Сабр кун, бубинем, чӣ тавр мешавад.

Дар ин байн рафт канори чашма, то дасту рӯе тоза кунад ва обе бихӯрад, ки якбора дид, чашма як ғели бузурге зад ва аз байни об як дарвеше омад берун ва рӯ кард ба пиразану гуфт:

— Пиразан, ту кӣ ҳастӣ ва бо ин ҷавон ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

Пиразан тафсилро барояш гуфт. Дарвеш қабул кард, ки Қачалакро бибарад ва коре ёдаш бидиҳад ва ноне тӯи суфрааш бигузорад. Пиразан ҳам розӣ шуд. Қачалак ва дарвеш бо пиразан хайру хуш карданд. Пиразан баргашт, рафт ба тарафи хонааш ва дарвеш ҳам Қачалакро бардошт омад ба маҳалли худаш, ки як боғи бузурге буд. Вақте ки ба боғ расиданд, дарвеш зуд чандто дег сари бор гузошт. Баъд як киса қум овард ва сарашро кушоду тӯи ҳар дег

як хурде қум рехт ва об ҳам рехт рӯяш ва ба Качалак гуфт:

— Зери дегро алов кун.

Баъд аз як соат Качалак дид, дарвеш аз тӯи дегҳо хӯроке дар овард. Аз як дег палав, аз як дег ош, аз як дег хӯриш. Ҳайрон шуд, ки: «Чӣ тавр мешавад аз рег хӯрокҳои дуруст ва ҳисобӣ дар овард?». Хеле дилаш мехост, аз ин кор сар дар биоварад. Вале дарвеш хеле эҳтиёт мекард, ки Качалак ба ҳамон корҳои хизматгорӣ бирасад ва чизе ёд нагирад.

Як рӯз дарвеш, ки исмаш Кӯсаи Айёр буд, Качалакро фиристод пахлуи духтараш Марҷона, тӯи ҳавлие ки таҳи боғ буд. Духтар вақте Качалакро дид, беихтиёр ошиқаш шуд. Аз ин воқеа чанд рӯзе гузашт, то ин ки як рӯз Марҷона, ки сахт ошиқи Качалак шуда буд, ба ӯ гуфт:

— Эй, ҷавон, бидон, ки агар падари ман бифаҳмад, ту аз сару сӯи кораш сар дар овардӣ ва чизе мефаҳмӣ, туро тӯи деги оби ҷӯш ва даво меандозад ва ба сурати шимши [1] тилло дар меоварад. Ту бояд ҳамеша худатро ба нофаҳмӣ бизанӣ.

Качалакро ҳам мизон дасташ омад [2] ва ҳар вақт Кӯсаи Айёр аз ӯ саволе мекард ва мехост бифаҳмад инро, ҳушаш чи тавр аст, худашро мезад ба хархарӣ ва ҷавобҳои нодурусту нобаробар медод. Албатта Кӯсаро хушаш меомад. Аз қадим ҳам мегуфтанд: «Як муриди хар беҳтар аз як сандуқ зар».

Росташро ҳам ба шумо бигӯям, худоро ҳам аз бандаи хар ва маликро аз раъияти хар хушаш меояд.

Боре, ба ин шакл Кӯса дигар бо хотири ҷамъ рӯ ба рӯи Качалак корҳояшро мекард. Качалак ҳам аз як тараф тамоман ҳавосашро ҷамъ мекард, ки бубинад, кӯса чӣ тавр ин корҳоро мекунад ва ёд бигирад ва аз тарафи дигар ба Марҷона рӯ ҳам рехт ва асрору «фути косагариро» [3] аз забони ин берун мекашид

---

[1] Шимш — порчаи рехтаи метал.

[2] Мизон дасташ омад — дар ин ҷо ба маънои кори худро фаҳмид.

[3] Фути косагарӣ — дар ин ҷо ба маънои «нозукиҳои кор».

ва вердҳое ки ба дард мехӯрд, аз рӯи китоби Кӯса тӯи як баёзе барои худаш менавишт.

Баъд аз чиҳил рӯз як рӯз омад паҳлуи Кӯсаи Айёр, гуфт:

— Рухсат бидеҳ, биравам модарамро бубинам ва ҳоле аз ӯ бипурсам. Агар қисмат шуд, дубора ба ин ҷо баргардам.

Кӯсаи Айёр, ки аз шогирдаш розӣ буд, дилаш намехост, аз пешаш биравад. Гуфт:

— Нанаро бигузор, ҳамин ҷо паҳлуи худамон бош.

Гуфт:

— Не, бигузор биравам, иншоолло бармегардам.

Кӯса розӣ намешуд. Вақте дид, розӣ намешавад, худашро зад ба девонабозӣ ва нофармонӣ. Кӯса гуфт: «Эй, доду бедод! Ин яке чизе ёд нагирифта мехоҳад девона бишавад. Бояд гуфт, агар мехоҳӣ биравӣ, бирав». Ҳамин ки Качалак хост роҳ биафтад, Кӯса гуфт:

— Куҷо? Магар метавонӣ ба ин осониҳо баргардӣ сари ҷоят? Биё пеш, чашматро бибанд ва дастатро ба ман бидеҳ. Ҳамин тавре ки овардамат, баргардонамат.

Качалак гуфт:

— Бисьёр хуб.

Чашмашро баст, дасташро дод ба Кӯса. Кӯса верде хонд ва баъд аз як соат ба Качалак гуфт:

— Чашматро во кун.

То чашмашро во кард, худашро канори ҳамон чашмае дид, ки бо нанааш Кӯсаро рӯзи аввал он ҷо диданд. Качалак муаллақе зад ва дасти Кӯсаро бӯса кард ва омад ба тарафи хона.

Наздики ғуруб ба хона расид. Дар зад, модараш дарро во кард. Хеле хушҳол шуд, ки писараш сиҳат ва солим баргаштааст. Шоме дуруст кард ва бо ҳам хӯрданд ва муддате бо ҳам ҳарф заданд ва баъд хобиданд. Субҳ, ки шуд, Качалак гуфт:

— Нана, ман чизҳое ёд гирифтам ва ҳоло ба ҳар сурате ки бихоҳам, дар меоям. Барои ин ки як хурде пулдор шавем, як соати дигар меравӣ тӯи тавила. Як аспи арабии қиматӣ ҳаст. Онро мебарӣ тӯи майдон,

сад ашрафӣ мефурӯшӣ. Аммо бохабар бош, вақте ки фурӯхтӣ, авзорашро[1] аз гардан боз кунӣ ва биорӣ, мабодо ки бо авзораш бифурӯшӣ.

Нана гуфт:

— Хеле хуб.

Качалак вақте ин ҳарфро ба модараш гуфт, омад тӯи тавила ва фаврӣ верде хонд ва шуд ба сурати як аспи арабӣ. Модар ҳам омад, даҳанаи аспро гирифт ва бурд тӯи майдон. Аз қазо вазири подшоҳ бо маҳтараш омада буд ба майдон, то аспе бихаранд. Чашмаш ба ин асп хӯрд, хушаш омад ва пиразанро садо кард, гуфт:

— Аспро чанд мефурӯшӣ?

Гуфт:

— Бечаку чуна сад ашрафӣ.

Вазир кисаро во кард ва сад ашрафӣ дод ба пиразан ва пиразан омад, ки авзорро аз гардани асп бардорад, маҳтар гуфт:

— Чаро авзорашро бар медорӣ?

Гуфт:

— Магар намедонӣ? Ин асп ихтиёҷи авзор надорад ва худаш аз қафои ту меояд.

Маҳтар дид, рост мегӯяд. Асп ором ва мутеъ аз қафои вазиру худаш меояд. Вазир гуфт:

— Маълум мешавад, хеле наҷиб аст.

Маҳтар гуфт:

— Ман ки то ба ҳол асп ба ин қашангӣ надидаам. Ҳам сару синааш хуб аст, ҳам хуб думбол мегирад.

Вазирро аз хушҳолӣ дилаш нашуд, аспро савор бишавад. Бо маҳтар омаданд тӯи тавила, ки охири аспро дуруст кунанд. Ҳамин тавр ки маҳтар даст ба гардан ва кафали асп[2] мекашид, диданд, асп кучик шуд, то шуд ба андозаи як муш. Маҳтар ва вазир ҳайрон шуданд, ки чаро ин тавр шуд. Ақиби муш давиданд, ки муш рафт тӯи як сӯрох. Инҳо як хурде ба ҳам нигоҳ карданд ва аз тавила омаданд берун.

---

[1] Авзор — лаҷом, чилав, нӯхта.
[2] Кафали асп — ёли асп.

Аз он тараф пиразан аз майдон баргашта буд ва ҳанӯз дуруст аз хастагӣ дар наёмада буд, ки дид, писараш омад. Сад ашрафӣ бо авзор ба писараш дод. Качалак гуфт:

— Боракалло, наначон! Хуб кардӣ, ки авзорро аз гарданаш бардоштӣ, вагарна дастат дигар ба ман намерасид. Ҳоло гӯш кун. Фардо субҳ ки аз хоб по шудӣ, меравӣ тӯи тавила. Як қӯчқори ҷангист, мебарӣ панҷоҳ ашрафӣ мефурӯшӣ. Аммо ҳамон тавре ки гуфтам, ҳавосатро ҷамъ кун. Вақте фурӯхтӣ, авзорашро аз гарданаш боз кун ва бо худ биовар хона.

Нана гуфт:

— Хеле хуб.

Ва фардо тӯи тавила як қӯчқори ҷангӣ дид. Бурд бозор барои фурӯш. Аз қазо паҳлавони шоҳ ба бозор омад. То ин қӯчқорро дид, омад наздик гуфт:

— Пиразан, ин қӯчқор чанд?

Гуфт:

— Як калом, панҷоҳ ашрафӣ.

Паҳлавон аз кисаи камараш панҷоҳ ашрафӣ дар овард ба дасти пиразан гузошт. Пиразан ҳам зуд авзорро аз гардани қӯчқор во кард ва агар паҳлавон гуфт:

— Чаро авзорашро намедиҳӣ?

Гуфт:

— Ин қӯчқор омӯхтааст ва авзор намехоҳад, худаш аз ақиб меояд.

Паҳлавон дид, рост мегӯяд, хушҳол шуд ва қӯчқорро бурд сари гузар, бо як қӯчқори дигар даъво биандозад. Мардум ҷамъ шуданд ва қӯчқорҳоро оварданд васати майдон. Қӯчқорҳоро чашмашон ба ҳам афтод. Ҳар кадом ақиб-ақиб рафтанд. Баъд якдафъа ҳамла карданд ба ҳам. Қӯчқори паҳлавон бо шох зад тӯи паҳлуи он қӯчқор ва шикамашро пора кард ва худаш ба шакли дуд печид, рафт ба ҳаво. Паҳлавон ва мардум ҳама ҳайрон ва саргардон ангушт ба даҳон монданд.

Аз он тараф пиразан ҳам расид ба хона. Ҳанӯз нафас тоза накарда буд, ки писараш ворид шуд ва ин панҷоҳ ашрафиро ҳам аз нана гирифт. Баъд рӯ кард ба нана, гуфт:

— Фардо субҳ тӯи тавила як оҳу меояд. Мебарӣ майдон, саду панҷоҳ ашрафӣ мефурӯшӣ. Аммо ҳамон тавре ки ба ту гуфтам, ҳушьёр бош, авзорашро бардорӣ ва биоварӣ.

Фардо субҳ модари Качалак омад тӯи тавила. Дид, бале, як оҳуи хушчашми қашанге тӯи тавила аст. Аз қазо писари подшоҳ бо чандто ғуломи фаррош омада буд майдон. То чашмаш ба оҳу хӯрд, хушаш омад. Гуфт:

— Ин оҳуро барои ман бихаред.

Рафтанд назди пиразан, ки:

— Оҳуро ба чанд мефурӯшӣ?

Гуфт:

— Саду панҷоҳ ашрафӣ.

Саду панҷоҳ ашрафӣ доданд, оҳуро гирифтанд. Пиразан пеш аз ин ки оҳуро бидиҳад, авзорашро бардошт. Гуфтанд:

— Бигузор авзораш бошад.

Гуфт:

— Не, оҳу авзор лозим надорад, худаш ром ва омӯхта аст.

Писари подшоҳ фаврӣ ба яке аз ғуломҳо гуфт. Як хурде кишмиш бароиш бихарад, ки тӯи ҷебаш бирезад ва ба оҳу бидиҳад. Ғулом кишмиш харид ва тӯи ҷеби писари подшоҳ рехт. Писари подшоҳ даст мекард ба ҷебаш ва кишмиш дар меовард ва даҳони оҳу мегузошт.

Оҳу медавид аз ақибаш, явош-явош роҳи ҷебро пайдо кард ва дигар заҳмат ба писари подшоҳ намедод ва худаш сар мекард тӯи ҷеби писари подшоҳ мехӯрд. Писари подшоҳ ҳам хеле аз ин кори оҳу хушаш меомад. Дари ҷебашро ба рӯи оҳу боз нигаҳ медошт, ки як дафъа дид сару дасти оҳу рафт тӯи ҷебаш. Садоишро баланд кард, ки:

— Эй, ғуломҳо! Оҳу меравад тӯи ҷебам.

Ғуломҳо нигоҳ карданд, диданд сару дасти оҳу ва баъд ҳам тана ва пояш рафт тӯи ҷеби писари подшоҳ. Ғуломҳо ва фаррошҳо ва мардуме ки он ҷо буданд, тааҷҷуб карданд, ки ин чӣ ҳисобест? Дар ин байн писари подшоҳ даст кард тӯи ҷебаш, ки буби-

над аз оҳу хабаре ҳаст ё не. Якбора як гунҷишк аз ҷебаш берун парид ва рафт.

Боз ҳам пиразан аз он тараф вориди хона шуд ва пушти сараш Качалак омад ва пулҳоро аз нана гирифт ва гузошт рӯи он пулҳову баъд гуфт:

— Нана, фардо субҳ аз тӯи тавила як ҳар мебарӣ майдон. Сад ашрафӣ мефурӯшӣ. Аммо ҳамон тавр, ки ба ту гуфтам, вақте фурӯхтӣ, авзорашро бармедорӣ. Бо худат меорӣ.

Гуфт:

— Бисьёр хуб.

Фардо шуд. Пиразан аз тӯи тавила харро бардошт, бурд майдон, бифурӯшад. Аз қазо Кӯсаи Айёр ҳам омада буд тӯи майдон. То чашмаш ба пиразан ва хар хӯрд, матлабро то охираш хонд. Омад пеши пиразан ва хар.

Качалак, ки ба сурати хар шуда буд, аз дидани Кӯсаи Айёр поҳояш суст шуд. Аммо нана аслан Кӯсаро нашинохт. Боре, Кӯсаи Айёр гуфт:

— Пиразан, ин харро чанд мефурӯшӣ?

Гуфт:

— Сад ашрафӣ.

Гуфт:

— Бидеҳ ба ман.

Пиразан омад, авзорро аз гардани хар баровард. Дарвеш гуфт:

— Не, ман бо авзор мехарам.

Пиразан гуфт:

— Бо авзор намефурӯшам.

Гуфт:

— Сад ашрафӣ ҳам барои авзораш медиҳам.

Гуфт:

— Не, намефурӯшам.

Гуфт:

— Двист [1] ашрафӣ медиҳам, сесад ашрафӣ.

Хулоса, қимати авзорро то панҷсад ашрафӣ боло бурд. Ин ҷо дигар тамаъ чашми пиразанро кӯр кард ва розӣ шуд. Хари бадбахт ҳарчи ба пиразан нигоҳ кард, балки мақсадашро бифаҳмонад ва авзорро на-

---

[1] Двист — дусад.

фурўшад, пиразан нафаҳмид. Ё ба хотири пулҳо нахост бифаҳмад.

Кўсаи Айёр авзори харро гирифт ва гуфт:

— Маро хостӣ фиреб бидиҳӣ? Худатро ба соддагӣ ва хархарӣ задӣ? Аз лемм ва афсуни корҳо сар дар овардӣ ва даррафтӣ. Хаёл кардӣ гузари пўст ба бозори даббоғҳо [1] намеафтад? Сазоятро кафи дастат мегузорам!

Харро бардошт ва овард тўи боғ, ҳамон ҷое ки манзил дошт. Духтарашро садо зад, гуфт:

— Марҷона, биё.

Марҷона омад, аз ў пурсид:

— Ин харро мешиносӣ?

Марҷона як каме санҷидаш, гуфт:

— Качалак нест?

Гуфт:

— Чаро. Худаш аст!

Марҷона чун Качалакро дўст медошт, хеле дилаш сўхт ва бо худ гуфт: «Эй, доду бедод, ки species бобоям ўро мекушад». Тўи ин фикрҳо буд, ки Кўсаи Айёр садо зад:

— Марҷона, он кордро бардор биёр.

Марҷона чорае надошт. По шуд, кордро бардошт, ки барои падараш биоварад, ин фикр барояш пеш омад: «Чаро ман кордро бибарам, ки Качалакро бикушанд»? Бо баҳонаи ин ки кордро мехоҳад бишўяд, омад дами ҳавз ва кордро андохт тўи ҳавз. Кўса бано кард ба фош додан, ки:

— Корд шустан намехост, ту ҳам вақт пайдо кардӣ! Зуд бош, бирав тўи ҳавз дар ор!

Марҷона гуфт:

— Ман метарсам биравам тўи об.

Гуфт:

— Биё, авзори инро нигоҳ дор ва бохабар бош, аз гарданаш дар наояд, то ман биравам ва кордро аз тўи ҳавз дар биоварам.

То кўса рафт кордро дар биоварад, Марҷона авзорро суст кард, ки аз гардани хар дар биорад ва

[1] Даббоғ — касе ки пўстро барои пойафзол ва ғайра тайёр мекунад.

хар ба сурати кафтаре шуд ва парвоз кард. Кӯса омад, дид, шикор аз дасташ дררафта аст. Ӯ ҳам фаврӣ як уқоб шуд ва ақиби кафтарро гирифт. Як вақте кафтар пушти сарашро нигоҳ кард, дид, уқоб тез ба тарафи ӯ меояд. Тунд кард ва худашро расонд ба боғи подшоҳ ва як гули сурх шуд ва ба дарахти гул часпид. Лошахӯр ҳам ба сурати дарвеш шуд. Омад дари боғи подшоҳ. Аз қазо подшоҳ ҳам наздики дарахти гул рӯи фарши абрешим нишаста буд. Дарбонбошӣ омад пеш, ки:

— Қурбонат гардам, дарвеше омадааст дами дар.

Подшоҳ гуфт:

— Як чизе ба ӯ бидиҳед, биравад.

Омаданд, ба ӯ пул бидиҳанд, қабул накард. Гуфт:

— Ман пул намехоҳам. Он гули сурхеро мехоҳам, ки ба он дарахт аст ва мехоҳам, бо дасти худам бичинам.

Подшоҳ гуфт:

— Хеле хуб, бигӯед биояд, биравад ва бичинад.

Дарвеш омад, ки гулро бичинад, гул парид ба сурати як тика ёқут ба тоҷи подшоҳ часпид. Дарвеш гуфт:

— Қурбон, ин тикаи ёқутро мехоҳам.

Гуфт:

— Хеле хуб, ба ту бахшидам.

Тоҷашро бардошт, ки дарвеш ёқутро аз он биканад, ки ёқут ба сурати анор шуд ва таркид ва донадонаҳояш рӯи замин пахш шуд. Фаврӣ дарвеш ҳам ба сурати хурӯсе шуд, бано кард донаҳои анорро тунд-тунд барчиданд.

Ҳанӯз донаҳоро тамом накарда буд, ки яке аз донаҳо ба сурати шағоле шуд, бехи хекиртаки хурӯсро гирифт ва хафаяш кард. Подшоҳ ва онҳое ки давраш буданд, моту мабҳут, ангушт ба даҳон ҳайрон буданд, ки диданд шағол се давр даври худаш чархид, пӯсташ таркид ва аз пӯсти шағол як ҷавоне дар омад. Подшоҳ бештар дар ҳайрат монд. Рӯ кард ба вазир, ки:

— Ин кист?

Гуфт:

— Ин Качалаки пиразане аст, ки чанде пеш духтари қиблаи оламро хостгорӣ кард ва подшоҳ санг ба пеши пояш гузошт, ки: «Бояд шавҳари духтари ман ин тавру ин тавр бошад ва корҳои ғарибу аҷиб бикунад».

Подшоҳро аз Качалак хушаш омад. Аз ӯ пурсид:

— Тафсили ҳолатро бигӯ ва бигӯ, бубинем, ин дарвеш кӣ буд? Ин корҳо чӣ буд? Ва ин леммҳоро аз куҷо ёд гирифтӣ?

Качалак аз аввал то охир шарҳи ҳоли худро барои подшоҳ гуфт. Подшоҳро хеле хушаш омад ва гуфт:

— Ҳамон тавре ки ба модарат ваъда дода будам, сари қавлам истодам. Духтари ман моли ту.

Фиристоданд аз ақиби модари Качалак. Омад, машғули тайёрии арӯсӣ шуданд. Ҳафт шабонарӯз шаҳрро оин бастанд. Рӯзи ҳафтӯм дасти духтарро тӯи дасти Качалак гузоштанд ва чун подшоҳ писар надошт, Качалакро валиаҳди худаш кард.



*Аз Субҳӣ*

## КУРРАИ ДАРЬЁӢ

Яке буду яке набуд, як подшоҳе буд, як писар дошт, исмаш Малак Ҷамшед, ки ӯро аз тухми чашмаш бештар дӯст дошт, аз ҳар чизи паҳлӯяш азизтар буд. Ин писар даҳсола буд, ки модараш мурд ва писар аз ғуссаи модар шабу рӯз ором надошт ва ҳар коре мекарданд, аз фикри модар берун намерафт. Оқибат як одами доное ба подшоҳ гуфт:

— Агар битавонӣ барои ин писар як курраи дарьёӣ гир биёр, ки ҳамдамаш бошад. Хаёлаш роҳат мешавад. Подшоҳ фаврӣ вазирашро хост ва ба ӯ гуфт, ки:

— Ҳар тавре аст, бояд курраи дарьёӣ пайдо кунӣ.

Вазир гуфт:

— Ба чашм.

Ва омад беруи. Як-дуто аз навкарҳояшро, ки кор-омад буданд, фиристод канори дарьё. Ҳамин ки курраи дарьёӣ аз дарьё омад беруи, каманд андохтанд ва курраро гирифтанд ва якрост овардаид паҳлуи вазир. Ӯ ҳам бурд пеши подшоҳ. Подшоҳ хеле хушҳол шуд ва инъоми хубе ба вазир ва навкарҳояш дод. Вазир гуфт:

— Ин курраи дарьёӣ ба ивази об шарбат ва гулоб мехӯрад ва ба ҷои коҳу ҷав — заъфарон ва қанду набот ва мисли одамизод ҳам ҳарф мезанад.

Подшоҳ гуфт:

— Хеле хуб.

Ва Малак Ҷамшедро садо кард ва курраи дарьёиро дасташ супурд. Малак Ҷамшед аз ҳамон нигоҳи аввал аз курраи дарьёӣ бисьёр хушаш омад. Гуфт, утоқе барои курраи дарьёӣ дуруст кунанд. Як ташти тилло биоваранд барои об ва чандто қадаҳ барои заъфарон ва нуқлу наботаш. Малак Ҷамшед ҳар рӯз субҳ, ки ба мактабхона мерафт, саре ба курра мезад. Зуҳр ҳам ки барои наҳор меомад — ҳамин тавр, ғуруб ҳам ки бармегашт — ҳамин тавр.

Вақте ки подшоҳро фикраш аз Малак Ҷамшед осуда шуд, ба ин хаёл афтод, ки сару сурате ба кори худаш бидиҳад. Дасти як занеро бигирад ва биорад тӯи ҳарамсаро, ба ҷои модари Ҷамшед. Ҳамин корро ҳам кард. Як духтари ҷавону хушкелеро овард тӯи андаруи ва сокини ҳарам кард.

Як ду соле ки гузашт, Малак Ҷамшед қадду болое кашид ва шуд як ҷавон. Зани подшоҳ, ки зани падари Малак Ҷамшед бошад, писари шавҳарашро ба чашми дигаре нигоҳ кард ва тӯи ин фикр афтод, ки аз ӯ ком бигирад, вале Малак Ҷамшед эътиное ба ӯ накард ва дасти рад ба синааш гузошт.

Занак вақте ки пок ноумед шуд, бинои душманӣ ва озорро гузошт ва рафт тӯи хатти ин ки Малак Ҷамшедро нифла [1] кунад. Ин буд, ки бо ғуломбошӣ созиш кард ва ба ӯ дастур дод, ки васати ҳавлӣ сари роҳи Малак Ҷамшед як чоҳ биканаид ва тӯи чоҳ ханҷару шамшер рост бигузорад, баъд рӯяшро бипӯ-

[1] Нифла — нобуд, нест.

шонад, то Малак Ҷамшед бехабар он тӯ биафтад. Ғуломбошӣ чоҳро ҳамон тавре ки зани подшоҳ гуфта буд, дуруст кард ва рӯяшро пӯшонд.

Ғуруб Малак Ҷамшед ки аз мактаб омад ба хона ва аз рӯи одати ҳамешагӣ яксар рафт тӯи утоқи курраи дарьёй, дид, курраи дарьёй гирья мекунад. Пурсид:

— Чаро гирья мекунӣ?

Гуфт:

— Барои ин ки зани падари ту мехоҳад туро тӯи чоҳ биандозад ва сари роҳат чоҳ кандааст.

Малак Ҷамшед гуфт:

— Ин ки чизе нест[1]. Ман аз роҳи дигар меравам ба утоқам.

Инро ба курраи дарьёй гуфт ва дуто ҳабби набот даҳони курра гузошт ва аз роҳи дигар вориди утоқаш шуд.

Зани подшоҳ ки мунтазир буд, Малак Ҷамшед тӯи чоҳ биафтад, дид аз роҳи дигар омад. Ба худ гуфт: «Ин ки нашуд, бояд фикри дигаре кард».

Субҳ, ки шуд, ин тараф ва он тараф ба суроғи заҳри ҳалоҳил рафт, ки ба хӯроки шоми Малак Ҷамшед бирезад. Боз ғуруб, ки Малак Ҷамшед омад, яксар рафт суроғи курра. Боз дид, курра гирья мекунад. Пурсид:

— Чаро гирья мекунӣ?

Гуфт:

— Барои ин ки имрӯз зани падарат заҳри ҳалоҳил гир овардааст ва мехоҳад, шаб тӯи шоми ту бирезад.

Малак Ҷамшед гуфт:

— Ин ки чизе нест, намехӯрам.

Инро гуфт ва омад тӯи утоқаш. Шаб, ки синии шомашро оварданд, ба пешаш гузоштанд, пеш аз ин ки худаш бихӯрад, як луқма ба гурба дод. Ба маҳзи он ки гурба хӯрд, афтод ва чона андохту мурд. Малак Ҷамшед ҳам даст пеш нагузошт ва шаб гурусна

---

[1] Ин ки чизе нест — ин кори муҳим (мушкил) нест.

сарро замин гузошт ва субҳ по шуд ва рафт мактабхона.

Ғуломбошӣ субҳ, ки омад коса ва бӯшхоби[1] холиро бибарад, дид, даст нахӯрдааст. Рафт ва ба зани подшоҳ гуфт. Занак гуфт:

— Як ҳисобе тӯи ин кор ҳаст. Як касе хабар ба Малак Ҷамшед медиҳад. Агар ғалат накунам, ҳамин курраи дарьёист. Ҳоло ки ин тавр аст, бояд курраи дарьёиро аз миён бардошт.

Омад ғуломбоширо фиристод паҳлуи ҳакимбошӣ ва ба ӯ пайғом дод, ки:

— Худамро мезанам ба нохушӣ. Туро барои давову дармон меоранд. Вақте омадӣ болои сари ман бигӯ; «Давои дарди ин дил ва ҷигари курраи дарьёӣ аст».

Пайғомро ки ба ҳакимбошӣ фиристод, дастур дод, рахти хобашро паҳн кунанд, як каме зардчӯба ҳам молид ба сураташ, як ман нони хушк ҳам рехт зери рахти хобаш. Ин тарафу он тараф, ки ғел мехӯрд, нонҳо мешикастанд ва оҳу ноларо сар медод. Подшоҳро хабар карданд, фиристоданд думболи ҳакимбошӣ. Ҳакимбошӣ омад ва бо подшоҳ рафтанд сари нохӯш. Занак тӯи рахти хоб ним ғеле хӯрд ва нонҳои хушкро ба садо даровард. Ҳакимбошӣ гуфт:

— Рангу рӯяш, ки хароб аст, ҳеҷ, устухонҳояш ҳам шикастаанд ва нохушии ин ҳеҷ давое надорад, ҷуз дил ва ҷигари курраи дарьёӣ.

Подшоҳ гуфт:

— Чорае нест, бояд курраи дарьёиро кушт. Вақте ки Малак Ҷамшед рафт мактаб, қассоббоширо хабар кунед биояд ва инро бикушад ва бипоед, ки Малак Ҷамшед нафаҳмад. Барои ин ки агар бифаҳмад, намегузорад.

Ҳама гуфтанд:

— Хеле хуб.

Дар ин байн Малак Ҷамшед аз мактаб омад ва рафт ба суроғи курраи дарьёӣ. Дид, курраи дарьёӣ гирья мекунад ва аз рӯзҳои дигарӣ зиёдтару сахттар. Гуфт:

---

[1] Бӯшхоб — табақчаи чинӣ.

— Дигар чӣ хабар аст?

Гуфт:

— Зани падарат вақте ки фаҳмид, ҳар чизе ки мешавад ман ба ту мегӯям, фиребу найранг ҷӯр кардааст, ки аввал маро бикушад, баъд туро. Ва қарор ҳам гузоштанд, ки аслан ба ту нагӯянд ва нагузоранд бифаҳмӣ. Ҳатто ба устоди мактабдор гуфтанд, ки фардо наҳори туро ба мактабхона бифиристанд ва агар хостӣ биой хона, мактабдор нагузорад.

Малак Ҷамшед рафт тамоман тӯи фикру андеша ва гуфт:

— Ҳоло чӣ бояд кард?

Гуфт:

— Фардо се шия мекашам. Шияи аввал вақте ки маро аз утоқ берун меоваранд, шияи дуввӯм вақте ки даст ва пои маро мехоҳанд бибанданд, шияи севӯм вақте кордро ба гулӯям ошно мекунанд. Агар дар шияи аввал ва дуввӯм омадӣ, омадӣ. Вагарна, дидор ба қиёмат.

Малак Ҷамшед бо дили бирьён рафт ба мактаб. Аммо ҳавосаш ба ҷояш набуд. Ҳамааш мунтазири садои курраи дарьёӣ буд. Як соате гузашт, ки якбора садои шия ба гӯшаш хӯрд. Ранг аз рухсораш парид ва дилаш афтод ба тапу тӯп. Аз ҷо баланд шуд, ки биояд хона, огомираэ гуфт:

— Куҷо? Шумо имрӯз то ғуруб ҳақ надоред, ба хона биравед. Наҳоратонро ҳам меоваранд ин ҷо ва имрӯз мо меҳмони шумо ҳастем.

Тӯи ин қолмақолҳо[1] буданд, ки шияи дуввӯми курраи дарьёӣ ба гушаш расид. Беихтиёр шуд. Омад ба тарафи дар, ки биояд ба хона, мактабдор гуфт:

— Бачаҳо, бигиредаш, нагузоред биравад.

То бачаҳо рехтанд даври Малак Ҷамшед, ӯ ҳам аз ҷебаш як мушт шоҳии сафед дар овард ва рехт васати бачаҳо. Бачаҳо афтоданд ба шоҳии сафед ҷамъ кардан. Малак Ҷамшед ҳам худашро мисли боду барқ расонд ба ҳавлии боғча. Вақте расид, ки курра мехост, шияи севумро бикашад. То подшоҳро чашмаш ба Малак Ҷамшед афтод, ҳайрон шуд, ки

---

[1] Қолмақол — гуфтугӯй, ҷағал, ҷанҷол.

аз кучо фаҳмид. Малак Ҷамшед баной доду фарьёдро гузошт, ки:

— Чаро курраи дарьёии маро мехоҳед бикушед?

Подшоҳ гуфт:

— Чора нест.

Малак Ҷамшед гуфт:

— Охир, ман ин ҳама заҳмати ин курраро кашидам, нуқлу набот даҳонаш гузоштам. Орзу доштам, ки як рӯзе як хурҷин пули тиллову нуқра ва гавҳар рӯяш бигузорам, худам ҳам либоси ҷавоҳирнишон бипӯшам, як нимтоҷе ҳам сарам бигузорам, аз шаҳре ба шаҳре мусофират бикунам.

Подшоҳ гуфт:

— Қисмат набуд.

Малак Ҷамшед гуфт:

— Барои ин ки ин орзу дар дилам намонад, бигузор ман ба ҳамон даму дастгоҳ савори ин бишавам ва аққалан ду-се давр давраи ин боғ бигардам.

Подшоҳ гуфт:

— Хеле хуб.

Фаврӣ як хӯрҷин оварданд. Як тарафашро тилло ва нуқра пур карданд ва як тарафашро ҳам аз беҳтарин ҷавоҳироти хазина. Як даст рахти зарбафти марворидншон бо як нимтоҷ шамшери обутобдодан ҷавоҳирдор ҳам оварданд. Рахтҳоро пӯшид ва нимтоҷро ба сараш гузошт. Як давру ду давр ва се давр ва чаҳор ва панҷ... Подшоҳ гуфт:

— Зуд бош, биё поин. Қассоббошӣ мунтазир аст.

Малак Ҷамшед гуфт:

— Шоҳбобо, баъд аз шаш чист?

Гуфт:

— Ҳафт.

Гуфт:

— Бигир, ки аз даст рафт.

Даври ҳафтӯм курраи дарьёӣ дурхез кард ва аз девори боғ парид ва мисли бод сар ба биёбон гузошт. Подшоҳ ва вазирҳояш ва наздиконаш ангушт ба даҳан ҳоҷу воҷ монданд. Коре ҳам аз дасташон намеомад.

Боре, Малак Ҷамшед савор бар курраи дарьёӣ ба тохт си-чиҳил фарсах роҳ рафт, то расид ба канори

шаҳре. Беруни шаҳр тӯи саҳро аз курра пиёда шуд. Дид, як бачачӯпоне гӯсфанд мечаронад. Пул ба ӯ дод ва либосашро харид. Баъд ҳам як барра аз ӯ харид, ва шикамбаашро пок кард ва кашид ба сараш, либосашро ҳам пӯшид. Курраи дарьёӣ гуфт:

— Ҳоло ту дигар ба ман эҳтиёҷе надорӣ. Як мушт аз мӯи ман бигир. Ҳар вақт, ки дилат барои ман танг шуд, ё кори лозиме доштӣ, як мӯро оташ бизан, ман меоям паҳлуи ту.

Малак Ҷамшед гуфт:

— Хеле хуб.

Ва асбобҳову хӯрҷинро рӯи курра гузошт ва хайру хуше бо ӯ кард ва омад рӯ ба шаҳр. Аввали шаҳр боғе дид, ҷӯи обе тӯяш мерафт. Омад дари боғро пайдо кард. Ҳарчи дар зад, дид, касе ҷавобе намедиҳад. Аз тарқиши дар нигоҳ кард, дид, боғи хушманзараи бузурге аст. Аз берун як ҷӯи об ҳам меравад тӯ. Малак Ҷамшед вақте дид, ҳар чи дар мезанад касе ҷавоб намедиҳад, обро лойолуд кард. Як каме ки гузашт, дид дари боғ во шуд ва як боғбони пире сарашро берун овард ва бано кард доду бедод кардан, ки:

— Писар, магар мараз дорӣ ё мехоҳӣ моро ба куштан бидиҳӣ, ки обро гилолуд мекунӣ? Магар намедонӣ, ин ҷо боғи подшоҳ аст ва ҳар рӯз аср духтарҳояш меоянд гардиш? Агар бубинанд, об лойолуд аст, падари моро аз гӯр дар меоранд.

Малак Ҷамшед гуфт:

— Волло ман одами ғарибе ҳастам, касе ҳам надорам, биёбонгардам. Имрӯз ин ҷо сар даровардам. Ман чӣ медонам, ин ҷо куҷост ва моли кист.

Боғбонро дилаш ба ҳоли писар сӯхт ва гуфт:

— Мехоҳӣ, паҳлуи ман бимонӣ ва шогирди ман бошӣ?

Малак Ҷамшед гуфт:

— Оре.

Гуфт:

— Аммо ба шарти ин ки даст ба асо роҳ биравӣ ва коре накунӣ, ки худат ва маро ба куштан бидиҳӣ.

Гуфт:

— Хеле хуб.

Ва Малак Ҷамшед шуд шогирди боғбон.

Аз қазо ин подшоҳе ки боғ моли ӯ буд, сето духтар дошт, яке аз яке хушкелтар. Хусусан кучикӣ, ки тӯи ҳафт иқлим ҳамто надошт. Расми ин се духтар ин буд, ки баъд аз зуҳрҳо, ки офтоб бармегашт, аз қаср меомаданд, тӯи боғ қадаме мезаданд ва гардише мекарданд ва баъд меомаданд канори ҷӯ. Онҳо бароишон қолинча паҳн мекарданд ва асрона ҳозир мекарданд. Гаҳе менишастанд то вақти офтобзардӣ. Он вақт бармегаштанд ба қаср. Ҳар рӯз ҳам вақте ки онҳо менишастанд, боғбон барои ҳар кадом як дастагул дуруст мекард ва мебурд ба пешашон мегузошт.

Як рӯз Малак Ҷамшед исрор кард, ки:

— Бигузор имрӯз дастагулҳоро ман дуруст кунам.

Боғбон гуфт:

— Ту наметавонӣ ва метарсам, бад дуруст кунӣ ва моро аз нон хӯрдан биандозӣ.

Гуфт:

— Хотирҷамъ бош, баладам.

Азбаски исрор кард, боғбон гуфт:

— Хеле хуб, аммо дастагули духтари кучикро дуруст кун. Он дуторо худам дуруст мекунам.

Малак Ҷамшед розӣ шуд. Як дастагули қашанг ва покиза дуруст кард. Болои дастагулро ба сурати тоҷ дар овард ва як гули қирмизоташӣ ҳам васаташ зад ва дод дасти боғбон. Боғбон бо дуто дастагуле ки худаш дуруст карда буд, рафт пеши духтарҳо. Баъд аз таъзими болобаланде дастагулҳоро гузошт рӯи фарш ва баргашт. Духтарҳо дастагулҳоро даст гирифтанд ва нигоҳи диққатангезе ба дастагули севумӣ карданд, дар ҳайрат монданд, ки: «Ин боғбон аз куҷо ин салиғаро [1] пайдо кардааст, ки дастагули шоҳона мебандад».

Фаврӣ садояш заданд ва аз ӯ пурсиданд:

— Ин дастагулро кӣ бастааст?

Гуфт:

— Шогирди ман.

---

[1] Салиға — табъ.

Гуфтанд:

— Магар ту шогирд ҳам дорӣ?

Гуфт:

— Бале, бародарзодае доштам. Муддатҳо буд, аз ӯ бехабар будам. Ҳоло чанд рӯзе аст, ки пайдояш кардам. Овардамаш паҳлуи худам ва шогирдам кардам.

Духтарҳо гуфтанд:

— Аз фардо бигӯ, ҳар сето дастагулро ӯ дуруст кунад.

Боғбон гуфт:

— Ба чашм.

Омад тӯи утоқ, тафсилро барои Малак Ҷамшед нақл кард. Малак Ҷамшед ҳам фардо ҳар чи ҳунар дошт, гузошт рӯи дастагулҳо. Сето дастагул баст, ки ҳар кас медид, мот мемонд ва аз диданаш сер намешуд. Вақте духтарҳои подшоҳ ин дастагулҳоро диданд, бо ҳам гуфтанд: «Ин боғбон дурӯғ мегӯяд. Ин корҳо кори шогирди боғбон нест». Ба боғбон гуфтанд:

— Фардо дастагулҳоро бидеҳ ҳамон шогирдат биоварад.

Гуфт:

— Хеле хуб.

Фардо ки шуд, ба шогирдаш гуфт:

— Дастагулҳоро имрӯз худат бояд бибарӣ. Аммо аз барои худо беадабӣ накунӣ, ки асбоби заҳмати ман бишавад.

Малак Ҷамшед фардо сето дастагул аз рӯзи пеш беҳтар дуруст кард ва бурд пеши духтарҳо. То чашмаш ба духтарҳо хӯрд, таъзим кард, баъд гулҳоро рӯи даст овард то наздики духтарҳо. Ҳар даста гулеро ба пеши пои як духтар гузошт ва заминро бӯсиду пас-пасӣ рафт даҳ қадам дуртар, даст ба сина истод. Духтарҳо аз одоби ин ҷавон тааҷҷуб карданд, ки: «Ин чӣ шогирди боғбоне аст? Мисли ин ки сад сол пешхидмати махсуси подшоҳ будааст!»

Боре, дафъаҳои пеш, ки боғбон гулҳоро мебурд, ҳар кадомашон як сиккаи нуқра медоданд. Он дафъа ба Малак Ҷамшед яки як ашрафӣ доданд.

Ду-се рӯзе гузашт. Як рӯз боғбон гуфт:

— Ман имрӯз мехоҳам биравам бозор, кор дорам. Духтарҳои подшоҳ ҳам рафтаанд шикор. Машғули корат бош. Агар ҳам дилат танг шуд, хостӣ гардиши боғ бикунӣ, имрӯз айбе надорад.

(Дигар хабар надошт, ки духтари кучик бемор аст ва нарафтааст ба шикор).

Боғбон рафт ба бозор. Малак Ҷамшед чун даҳ-понздаҳ рӯзе буд, ки курраро надида буд, дилаш ҳавои дидорашро карда буд ва мӯи курраро оташ зад, курра омад. Малак Ҷамшед либоси зарбафти подшоҳиро ба тан кард ва тоҷ ба сараш гузошт ва шамшерро кашид ва савори курра шуд. Ҳафт, ҳашт-даҳ дафъае даври боғ гардиш кард ва си-чиҳил дарахтеро бо шамшер андохт. Ба хаёли худаш, ки боғ хилват аст ва касе ӯро намебинад. Аммо дигар хабар надошт, ки духтари кучики подшоҳ аз болои панҷараи[1] қаср ӯро тамошо мекунад. Духтар вақте ки дид, ки як ҷавоне ба ин сару вазъ ва сиккаву сурат савора боғро зеру рӯ мекунад, маҳв ва моташ шуда буд ва чашмаш ҳама ҷо думболи ӯ буд ва ҳайрон шуда буд, ки ин ҷавон бо ин хушкелӣ кист? Ин ҷо омадааст, чӣ кунад? Як дил на, сад дил ошиқи ӯ шуда буд.

Малак Ҷамшед хуб ки савориашро кард, либосҳояшро дар овард, тоҷашро ҳам бардошт, гузошт рӯи курра ва курраро ҷавобаш дод ва рахти кӯҳнаҳоро пӯшид ва шикамбаи гӯсфандро ба сараш кашид ва рафт думболи кораш. Тамоми инҳоро духтар аз он боло медид. Он вақт фаҳмид, ки ин писар шогирди боғбон нест ва писари подшоҳе аст. Духтари кучик ӯро ба чашм дид ва ба дил ошиқ шуд.

Аср, ки хоҳарҳо аз шикор баргаштанд ва даври ҳам нишаста буданд, духтари кучик гуфт:

— Мо ҳоло ҳар кадомамон бояд як шавҳаре дошта бошем. Падари мо ба фикри мо нест. Касе ҳам нест ба ёдаш биандозад, ки ин духтарҳо шавҳар мехоҳанд. Бояд фикр кард, ки моро шавҳар бидиҳанд.

Он дуто гуфтанд:

---

[1] Панҷара — тиреза.

— Рост мегӯӣ, чӣ кор кунем, ки ба ӯ бифаҳмонем?

Гуфт:

— Ман дуруст мекунам.

Фиристод сета харбуза оварданд. Яке нуқсондор, яке ҳам расида ва яке ҳам тозарас. Тӯи як синӣ гузошт ва барои подшоҳ фиристод. Подшоҳ чизе нафаҳмид Вазирашро хост, ки:

— Духтарҳои ман як ҳамчу коре кардаанд. Ман мақсади инҳоро намефаҳмам.

Вазир гуфт:

— Матлаб равшан аст. Харбузаи бузург моли духтари бузургӣ аст. Мехоҳад, бигӯяд: «Муддатест аз вақти шавҳар кардани ман гузашт». Харбузаи расида ҳам моли духтари васатӣ аст, мегӯяд: «Бояд ҳоло шавҳар дошта бошам». Харбузаи тозарас ҳам моли кучики аст, мегӯяд: «Ҳоло вақти шавҳар кардани ман аст».

Подшоҳ гуфт:

— Рост мегӯянд. Ман корашонро рӯ ба роҳ мекунам.

Фардо ҷорчӣ ба бозору майдонҳо андохтанд, ки: «Шоҳ мехоҳад, духтарҳояшро шавҳар бидиҳад. Тамоми ҷавонҳои безан биоянд, аз майдони пеши қаср бигузаранд, то ҳар кадомро, ки духтарҳо писандиданд, бо ӯ арӯсӣ кунанд».

Фардо ки шуд, ҷавонҳо омаданд, аз пеши қаср рад шуданд. Подшоҳ ҳам дасти ҳар духтаре як туринҷ дод ва гуфт:

— Ҳар ҷавонеро, ки писандидед, туринҷро ба синаи ӯ бизанед ва ӯ шавҳари шумо бошад.

Гуфтанд:

— Бисьёр хуб.

Духтари бузург туринҷро тӯи синаи писари вазири дасти рост зад. Духтари миёна тӯи синаи писари вазири дасти чап зад. Аммо духтари кучик ба синаи хеҷ кас назад. Ҳеҷ кадомро написандид. Подшоҳ гуфт:

— Ҷаро якеро аз ин ҷавонҳо барои худат ҷудо накардӣ?

Гуфт:

— Он касе ки ман мехоҳам, инҳо нестанд.

Шоҳ гуфт:

— Дар гӯша ва канор ҳар кӣ ҳаст, биоред.

Рафтанд ин тараф он тараф, ҳар кӣ буд, оварданд. Миёни онҳо шогирди боғбон ҳам буд, ки ҳамон Малак Ҷамшед бошад. Духтари кучикро то чашмаш ба Малак Ҷамшед хӯрд, турин҆ҷро даври сар гардонд ва маҳкам зад ба синаи Малак Ҷамшед. Шоҳ ва вазирҳо ва тамоми мардуме ки он ҷо буданд, моташон бурд, ки ин ҳама ҷавонҳои қашанг аз пеши ин гузаштанд, ҳеҷ кадомро написандид, аммо вақте рафтанд, ин качал-шогирди боғбонро оварданд, туринҷро ба синаи ӯ зад. Подшоҳ асабонӣ шуд:

— «Халоиқ ҳар чӣ лоиқ», бизанед, берунаш кунед, биравад бо ҳамон качал сар кунад!

Духтари кучикро аз қасри салтанатӣ ва утоқи оина фиристоданд тӯи утоқи кохгилини боғбон. Аз он тараф ҳам шаҳрро оин бастанд ва барои он дуто писару дуто духтар ҳафт шабонарӯз чароғонӣ карданд ва шаби ҳафтӯм ҳарду арӯсу домодро даст ба даст доданд.

Аммо подшоҳ аз ғуссаи духтари кучик ба хуни худаш меҷӯшид. Охири кор ҳам нохуш шуд. Шавҳархои он дуто духтар аввал ҳарфе ки ба занҳои худашон заданд, ин буд, ки: «Агар рафтед тӯи боғ ва хоҳари кучикро дидед, эътино накунед». Подшоҳ асири рахти хоб шуд ва ҳар чӣ ҳаким оварданд ва давову дармон карданд, ҳолаш хуб нашуд, то он ки як ҳакиме ки хеле пир буд, гуфт:

— Чун подшоҳро аз ғуссаву хаёл иштиҳояш аз байн рафтааст, ҳама нохушиаш аз андешаи духтари кучик аст. Бояд гӯшти шикори тоза ва агар бишавад, калаву почаи оҳу бихӯрад. Он ҳам бояд домодҳояш шикор кунанд ва аз дасти духтарҳояш бихӯрад, то маълум бишавад, дасти кадом як аз инҳо хуб аст.

Подшоҳ фармон дод, домодҳояш ба шикор биравандд. Ҳар кадом рафтанд паҳлуи махтари шоҳ, як аспе хостанд. Махтар ҳам як аспи тезраву шикориро ба писари вазири дасти рост дод, яке ба писари вазири дасти чап. Аз камондор ҳам тиру камони

шикор гирифтанд. Дар ин байн Малак Ҷамшед расид ва гуфт, ки:

— Як асп ҳам ба ман бидиҳед.

Як каме писарҳои вазир масхарааш карданд, як хурде ҳам маҳтар ва барои масхара як ёбуи [1] ланг бо як тиру камони шикаста ҳам ба Малак Ҷамшед доданд.

Малак Ҷамшед омад беруни шаҳр, ёбуро сар дод ба саҳро ва камонро ҳам андохт як тараф ва мӯи курраи дарьёиро оташ зад. Курра ҳозир шуд, гуфт:

Мехоҳам чодири бузурге зада бишавад ва тамоми шикоре ки тӯи ин саҳро ҳаст, пушти чодири ман ҷамъ бишаванд.

Курра гуфт:

— Бисьёр хуб.

Ҳамин корро кард. Як саропардаи [2] қуббатилло зада шуд. Васати саропарда ҳам дар болои тахт Малак Ҷамшед бо тоҷ ва рахти подшоҳӣ такья карда буд.

Писарҳои вазир ҳар чӣ саҳроро зеру рӯ карданд, оҳуе надиданд, то як рӯз аз дур чашмашон ба саропарда хӯрд. Аспҳоро тохт карданд ба тарафи саропарда. Диданд, як подшоҳи ҷавон тӯи саропарда аст ва тамоми ҳайвоноти саҳро пушти саропардааш. Рафтанд ба пеш ва таъзим карданд. Малак Ҷамшед пурсид:

— Оҳой, чӣ мегӯед?

Гуфтанд:

— Қурбонат гардем. Подшоҳи ин вилоят мариз аст. Ҳаким гуфтааст, ки мо оҳуе шикор кунем ва гӯшташро барояш бибарем, шояд хуб бишавад.

Малак Ҷамшед гуфт:

— Тамоми ин ҳайвонот моли ман аст ва ман ҳам аз гӯшти инҳо ба ҳеҷ кас намедиҳам, магар ба ғуломҳои худам. Агар шумо мехоҳед, бояд ғуломи ҳалқабаргӯши ман бошед, то ман ба шумо гӯшти оҳу бидиҳам.

---

[1] Ёбу — аспи логар, «мурданӣ».
[2] Саропарда — чодари шоҳӣ.

Инҳо як хурде дудила шуданд ва ба ҳам нигоҳ карданд ва оҳистекак гуфтанд: «Кӣ мефаҳмад, ки мо ғуломи ин ҷавон шудем. Мегӯем ғуломи ту ҳастем ва гӯшти оҳуро аз ӯ мегирем». Гуфтанд:

— Ҳозирем ғуломи ту бишавем.

Гуфт:

— Пас зуд бошед, пироҳанҳои худатонро дар оред, то ман ба китфи шумо мӯҳри ғуломии худамро бизанам.

Бечораҳо аз ночорӣ розӣ шуданд. Малак Ҷамшед ҳам мӯҳри худашро ба китфи онҳо зад. Баъд омад дуто оҳу гирифт ва сар бурид. Сарашонро нигоҳ дошт ва танаашонро дод ба онҳо ва дар вақти сар буридан гуфт: «Шикорро мазааш ба каллааш».

Аз он рӯз тамоми мазаи гӯшти шикор тӯи каллааш рафт.

Боре, дуто писари вазир лаши[1] оҳуро бардоштанд ва оварданд хона ва доданд бипазанд, ки занҳошон барои подшоҳ бибаранд. Малак Ҷамшед ҳам фаврӣ дуто калларо овард ва дод бор карданд. Духтарбузургӣ аввал гӯшти оҳуро бурд барои шоҳ. Шоҳ хӯрд ва ҳолаш тафовуте накард. Ҳамин тавр духтари васатӣ. Баъд аз зуҳри ҳамон рӯз духтари кучикӣ каллаи оҳуро бурд барои падараш. Аввал подшоҳ намехост, ба ҳузури худаш роҳаш бидиҳад ва аз дасташ чизе бихӯрад. Вале вазир гуфт:

— Қиблаи олам, ба саломат бошад. Ҳоло вақти дил шикастани ин духтар нест. В-онгаҳе, шояд дасташ хуб бошад.

Подшоҳ қабул кард. Калларо ба пешаш гузоштанд, бано кард хӯрдан. Дид, ҳам хеле хушмазааст ва ҳам ҳолаш беҳтар шуд ва ҷон гирифт. Мехост, по бишавад, роҳ биравад, наздиконаш хушҳолӣ карданд ва хулоса, подшоҳро ҳолаш хуб шуд ва аз фардо роҳии шикор шуд. Аз он тараф ҳам Малак Ҷамшед боз мӯи курраи дарьёиро оташ зад. Вақте ҳозир шуд, гуфт:

---

[1] Лаш — танаи ҳайвони куштаи пӯст кандашуда ва даруназш холӣ кардашуда.

— Бояд дар он маҳаллае ки саропарда барои ман зада шуд, қасре сохта бишавад. Аз қасри подшоҳ олитар ва хиштҳояш яке аз тилло бошад, яке аз нукра.

Қаср сохта шуд. Малак Ҷамшед бо занаш омад он ҷо ва пас аз муддате овоза тӯи шаҳр печид, ки тоҷирзодае дар беруни шаҳр қасре сохтааст, ки аз қасри подшоҳ ҳам беҳтар аст. Мардум даста-даста меомаданд тамошо. Ин хабар ба гӯши подшоҳ расид. Ӯ ҳам ҳавас кард, биравад, он қасрро бубинад.

Як рӯз бо вазирҳо ва домодҳояш роҳ афтод ба тарафи қаср. Вақте ки назди қаср расид, ҳуш аз сараш рафт аз қашангии қаср. Подшоҳ рафт тӯ. Фаврӣ Малак Ҷамшед як шаддаи марворид ва як ангуштар аз санги қиматӣ пешкаши подшоҳ кард. Подшоҳ дид, ҳеҷ ҳамчун ангуштаре надида аст, тааҷҷуб кард, хеле хушҳол шуд. Ба ӯ гуфт:

— Ту меҳмони манӣ ва расида ба вилояти манӣ, ҳар коре дорӣ, бигӯ, рӯ ба роҳ кунам ва ҳар чӣ меховӣ, бихоҳ.

Малак Ҷамшед гуфт:

— Ман чизе намехоҳам, ҷуз дуто ғуломи зархариди худам, ки дар хидмати подшоҳ ҳастанд.

Подшоҳ ҳайрон шуд, ки:

— Ғуломони зархариди ту паҳлуи ман ҳастанд?

Гуфт:

— Бале.

Гуфт:

— Киҳо?

Гуфт:

— Ин ду ҷавон.

Писари вазири дасти рост ва вазири дасти чапро нишон дод. Гуфт:

— Падари инҳо вазир ва худашон ҳам домоди ман ҳастанд.

Гуфт:

— Домоди подшоҳ ҳастанд, ҳастанд, вале ғуломи ман ҳам ҳастанд. Бовар намекунӣ, бигӯ, лухт шаванд.

Подшоҳ гуфт:

— Лухт шавед, бубинем.

Вақте луxт шуданд, дид, рӯи китфи инҳо мӯҳри ғуломии Малак Ҷамшед аст. Подшоҳро ҳолаш хароб[1] шуд ва афтод. Духтараш, ки зани Малак Ҷамшед буд, дастпоча шуд. Омад дасту пояшро молид. Вақте ки подшоҳ чашмашро во кард, духтари хурдакашро дид, саргардон монд. Пурсид:

— Ту ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

Гуфт:

— Ин ҷо манзили ман аст ва ин ҳам шавҳари ман аст.

Он вақт тафсили ҳоли Малак Ҷамшедро аз аввал ҳамон тавре ки шунида буд, барои падараш таъриф кард. Подшоҳ хушҳол шуд. Малак Ҷамшед ҳам мӯҳри ғуломии худашро аз рӯи китфи домодҳои подшоҳ бардошт. Подшоҳ фармон дод, ки шаҳрро оин бибанданд ва ҳафт шабу ҳафт рӯз чароғон кунанд ва Малак Ҷамшедро ҳам ҷонишини худаш кард. Малак Ҷамшед баъд аз чиҳил рӯз ба вилояти худаш рафт ва падарашро, ки аз ғами ӯ кӯр шуда буд, бо тӯтиёи дарьёӣ дармон кард ва зани падарро ба сазои худаш расонд ва ҷонишини падараш шуд. Соле шаш моҳ дар вилояти падараш буд ва соле шаш моҳ паҳлуи падарзанаш, то вақте подшоҳи ҳарду вилоят шуд.

Ин буд саргузашти Малак Ҷамшед, ки покон аз пирон ва равдон[2] аз зодон сина ба сина нақл кардаанд ва мо[3] пас аз садҳо сол онро ба рӯи коғаз овардем.



---

[1] Хароб — вайрон, бад.
[2] Равдон — равандагон, ҷаҳонгаштагон.
[3] Яъне худи Субҳӣ.



*Аз Субҳи*

## НАМАДӢ

Яке буду яке набуд, ҳазор сол пеш аз ин марде буд, як зани бисьёр хубе дошт. Тамоми асбоби хушӣ, зиндагӣ ва роҳатиашон фароҳам буд, ҷуз он ки бача надоштанд. Ғуссаи инҳо ҳамин буд. Ҳар чи ҳам назру ниёз ва давову дармон мекарданд, фоида надошт. Охир зан ба шавҳараш гуфт:

— Ҳоло ки қисматамон нест, худамон бачадор бишавем, беҳтар ин аст, ки як бача аз сари роҳ бардорем.

Мард гуфт:

— Ин фоида надорад. Нашунидӣ, бузургони мо аз қадим чӣ гуфтанд:

«Фарзанди касе намекунад фарзандӣ,

Гар тавқи тилло ба гарданаш барбандӣ».

Зан гуфт:

— Не, ин тавре нест, ки ту мегӯӣ. Мумкин аст як бачаеро биоварем ва бузургаш бикунем. Ҳамон тавре ки мо ӯро дӯст дорем, ӯ ҳам моро дӯст дошта бошад.

Чанд рӯзе аз ин гуфтугӯ гузашт. Як рӯз мард омад аз дари хона берун, дид, рӯи сукӯи[1] дари хона як бачаро қундоқ[2] карда гузоштаанд, хеле қашанг, бо чашмҳои обӣ ва гесӣ гулобтанӣ, гирья мекунад. Маълум шуд бачаро сари роҳ гузоштаанд. Бағалаш кард, бача сокит шуд ва лабханде зад. Бачаро овард тӯи хона ва ба занаш гуфт:

— Биё, ин бачае, ки аз худо мехостем.

Зан хушҳол шуд ва об гарм кард. Бачаро шуст ва либосҳояшро иваз кард. Дид, духтар аст. Ин духтар тӯи хонаи онҳо ба нозу неъмат бузург шуд, то расид ба синни шонздаҳсолагӣ. Мо намедонем, дуруст фаҳмид, ки инҳо падару модари аслии кориаш ҳастанд ё не, дар ҳар сурат аз гӯшаву канорҳо баъзе ҳарфҳо ба гӯшаш мехӯрд ва ин матлаб барои ӯ як дарди саре буд. Хиҷолат ҳам мекашид, аз ин бобат аз падару модар саволе бикунад. Дар ин байн модараш сахт нохуш шуд ва рӯз ба рӯз ҳолаш бадтар мешуд.

Як рӯз ин духтарро садо кард ва гуфт:

— Фарзанд, маро дигар офтоб лаби бомам аст, рафтанӣ ҳастам. Баъд аз ман албатта падарат як зане лозим дорад. Як ҳалқа ангуштар ба ту медиҳам. Ба ангушти васатии ҳар зане ки рафт, онро барои падарат хостгорӣ кун ва ҷои ман биёр.

Ин ҳарфро ба шавҳараш ҳам зад ва ҳалқаи ангуштарро ба ӯ дод ва баъди чанд рӯз аз ин дунё рафт. Албатта он духтар хеле ғусса хӯрд, мард ҳам хеле дилтангӣ кард.

Вақте ки ҳафта ва чиллаи занро гузаронданд, духтар ба ин хона ва он хона афтод ба хостгорӣ. Ан-

---

[1] Сукӯ — сурфача, ҷои нишаст.

[2] Кундоқ — лӯлак, печондашуда.

гуштарро ба дасти ҳар кӣ кард ё барои ангушташ танг буд, ё кушод. Ҳайрон монд, ки чи кор бикунад.

Як рӯзе ки духтар бе хаёл тӯи айвони хона нишаста буд ва ба ангуштар бозӣ мекард, ,беихтиёр ангуштарро даст кард [1]. Дуруст қолиби дасташ буд. Омад, биорад берун, дид, бо заҳмат дар меояд. Мехост дар биоварад, ки падараш аз берун расид. Духтар барои ин ки падар набинад, зуд даструмолашро печонд даври ангушташ. Падар ворид шуд, гуфт:

— Э, вой, чаро ангуштатро бастӣ?

Гуфт:

— Буридам.

Гуфт:

— Чӣ тавр буридӣ, бубинам?

Духтар хост бигӯяд, чизе нест, аҳамияте надорад. Вале падараш дасташро гирифт ва даструмолро аз дасташ боз кард. То дид, ангуштар дасти ӯст, гуфт:

— Алҳамдуллило, роҳат шудам. Ту бояд зани худам бишавӣ. Худо туро шонздаҳ сол пеш дар хонаи ман фиристод барои ҳамчунин рӯзе.

Духтар гуфт:

— Ту маро бузург кардӣ. Ҳаққи падарӣ ба гардани ман дорӣ.

Гуфт:

— Инҳо ҳарф аст. Занам васият кард, ки ин ангуштар андозаи ангушти ҳар касе бошад, ҳамонро бигир. Дигар инҳо зиёдӣ аст.

Хулоса, аз духтар инкор, аз мард исрор. Вақте ки духтар дид, даст намекашад, гуфт:

— Хеле хуб, ман ҳозирам. Аммо на ба ин зудиҳо ва ба ин осониҳо. Бояд сабр кунӣ, тайёрии муфассале барои ман бубинӣ. Охир ман духтарам. Ман ҳам орзу дорам. Аз ҳоло то чиҳил рӯз сабр мекунӣ. Дар ин муддат асбоби арӯсиро фароҳам мекунӣ. Баъд аз чиҳил рӯз арӯсиро роҳ меандозем.

Мард гуфт:

— Бисьёр хуб.

---

[1] Даст кардан — ин ҷо «ба даст андохтан».

Аз ин тараф духтар фиристод чанд нафар мақнӣ[1] оварданд ва аз утоқи худаш дод чоҳе канданд ва роҳи зеризаминӣ канданд ба хандақи шаҳр.

Ҳар чи дар ин муддат асбобу либос ва ҷавоҳир модараш барояш харида буд, ё ин мард ба ӯ дода буд, бурд дар он роҳи зеризаминӣ гузошт. Аз тарафи дигар ҳам рафт бозор, суроғи устоди намадмол ва дастур дод:

— Як либоси галу кушод ва як ҷуфт кафш ва як кулоҳе ки биояд то рӯи гардан, фақат ҷои чашму даҳон дошта бошад, барои ман дуруст кун. Аммо хеле қашангу моҳирона дуруст кун, ки ҳар вақт инҳоро мепӯшам, ҳар кӣ мебинад, хаёл накунад, либос аз намад аст, хаёл кунад, аслан ҷонваре аст ба ин сурат.

Намадмол гуфт:

— Бисьёр хуб.

Ва воқеан хуб дуруст кард. То ин корҳо мураттаб шуд, чиҳил рӯз ҳам тамом шуд. Мардак омад тӯи хона, ки:

— Фардо чиҳил рӯз мӯҳлати ту тамом мешавад. Ман ҳам тамоми бозургони ин шаҳрро ба арӯсӣ ваъда гирифтам.

Гуфт:

— Бисьёр хуб, ман ҳам ҳозирам.

Дигар ин мард хел ба хел ширинӣ ва мева харид. Чандто ошпази мардона овард. Дегҳои палав ва хӯришро бор гузоштанд. Алмос ва ҷавоҳирот барояш харид. Як гарданбанди марворид овард ва ҳамаро дод ба ӯ ва гуфт:

— Имшаб ин либосҳоро бипӯш ва ин ҷавоҳиротро бизан.

То корҳоро мураттаб кард, ғуруб шуд ва сари меҳмонҳо во шуд. Занҳо ва қавму хешҳои мард ҳам омаданд. Машшота ҳам омад, духтарро ороиш кард ва либос пӯшонид.

Намедонед, вақте ин духтарро ороиш карданд ва либосҳоро ба ӯ пӯшонданд, ҷавоҳиротро ба сару синааш заданд, чӣ шуда буд! Ба моҳ мегуфт: «Ту

---

[1] Мақнӣ — устое ки ҷӯи зеризаминӣ дуруст мекунад.

дар нае, ки ман дар биоям!» Мардак ҳам ки ба ин сурат духтарро дид, хушҳол шуд, ба дилаш гуфт: «Воқеан занам хуб коре кард, ки мурд ва илло[1], ин духтар ба ин хушкелӣ ва нозанинӣ аз чангамон дар мерафт».

Духтар ҳаҷларо утоқи худаш муайян карда буд. Пеш аз вақт як хики шира бурда буд, он ҷо гузошта буд ва ин хики шираро либос пӯшонда буд ва чашму абрӯ барояш кашида буд. Хобонда будаш тӯи рахти хоб.

Боре, шом хабар карданд. Мардум ва меҳмонҳо омаданд, хӯрданд. Шом ки тамом шуд, як-дуто аз занҳо домодро оварданд тӯи ҳаҷла, ки даст ба даст бидиҳанд. Домод вориди ҳаҷла шуд. Дид, як шамъи камнуре месӯзад, утоқ зиёд равшан нест. Арӯс ҳам тӯи рахти хоб хобида аст. Авқоташ талх шуд, ки:

— Аҷаб духтари беадабе ҳастӣ! Эҳтиром ба ман намегузорӣ. Ба пешвози ман баланд намешавӣ. По шав!

Дид, ҷавоб намеояд. Як лагат зад ба арӯс, дид, аслан ҷавоб намедиҳад. Яки дигар зад, дод кашид, ки:

— Хиҷолат бикаш, баланд шав!

Дид, садо намеояд. Гуфт:

— Ба ман беэътиноӣ мекунӣ? Ҳоло ҳаққатро дастат медиҳам.

Чоқуро кашид аз ҷебаш ва зад шиками «арӯс»-ро пора кард. Занҳое ки ақиби сараш буданд, давиданд, ба пеш, ки:

— Э, вой, хок бар сарамон! Ин чӣ коре буд кардӣ?

Ҳум-ҳума ва садо берун рафт. Меҳмонҳо ҳоҷу воҷ шуданд. Се-чаҳорто шамъи дигар оварданд, ки арӯсро тӯи утоқи дигар бибаранд ва ҷарроҳ биёранд, шикамашро бидӯзанд. Зимнан мардак ҳам хеле пушаймон шуд, ки: «Ин чӣ коре буд мо кардем? Шиками духтари ба ин нозаниниро пора кардем. Ҷаҳаннам, ки пешвози мо по нашуд. Ҳоло ба меҳмонҳо чӣ бигӯем?» Мардум ҳам рехтанд давру

---

[1] Ва илло — вагарна.

вари утоқи ҳаҷла. Як-ду нафар ҳам суроғи ҷаррохбошӣ рафтанд, ки биоянд шиками иеро бидӯзанд.

Вақте ки шамъҳоро равшан карданд ва омаданд, иеро баланд кунанд, ҳамаро моташон бурд. Диданд, «арӯс» хики шира будааст. Меҳмонҳо ҳайрон, ки: «Ин чӣ ҳисобест? Арӯс чӣ тавр хики шира шуд?» Мардак хиҷолат кашид ва қисса тӯи шаҳр печид. Ӯ ҳам дигар натавонист, тӯи мардум сар бар биоварад. Гузошт, аз шаҳр рафт.

Аз он тараф духтар вақте дид, мардакро ба тарафи ҳаҷла меоранд, омад тӯи утоқ, фаршро баланд кард ва рафт тӯи роҳи зеризаминӣ. Шабро то субҳ он ҷо монд, субҳ либосҳо ва асбобҳояшро тӯи он намад ҷой дод, худаш ҳам рафт тӯи намад ва кулоҳу кафшро кашид ба сару пояш. Аз хандақи шаҳр берун омад. Аз бероҳа сар ба биёбон гузошт. Чандин моҳ дар биёбонҳо мегашт, то расид ба канори чашмаобе. Гуфт: «Беҳтар ин аст, чанд рӯзе ин ҷо бимонам». Рӯзи дуввӯм, ки канори чашма нишаста ва меваҳои ҷангалиро мешуст, ки бихӯрад, дид, аз дур чанд савор меоянд. Аз инҳо тарсид ва ба ҳазор заҳмат рафт болои дарахте ки он ҷо буд. Саворҳо, ки пешопеши онҳо писари подшоҳи он шаҳр буд, расиданд. Писари подшоҳ аспро бурд канори чашма, ки об бидиҳад. Акси Намадӣ аз болои дарахт афтода буд, аспи писари подшоҳ рам кард. Писари подшоҳ нигоҳ ба боло ва поин кард, болои дарахт Намадиро дид, поин—аксашро, гуфт:

— Зуд, биё поин! Агар дер биҷунбӣ, гарданатро мезанам.

Намадӣ омад поин. Писари подшоҳ ва ҷавонҳо, ки давру вараш буданд, аз рехти ӯ хандаашон гирифт. Писари подшоҳ бо ҳамроҳонаш гуфт:

— Баргардем ба шаҳр. Иеро ба ҷои шикор мебарем хона.

Намадиро ба пеши яке аз аспҳо гузоштанд, овардандаш ба хонаи подшоҳ. Зани подшоҳ, ки модари он писар буд, аз писараш пурсид:

— Ин чист?

Гуфт:

— Ин Намадӣ, шикори имрӯзи мост. Инро бигузор тӯи утоқи канизҳо ва тӯи ошпазхонаҳо, барои худаш бигардад.

Намадӣ ҳам он ҷо бекор мегашт, то як рӯзе яке аз айён ва «думкулуфтҳои» шаҳр барои писараш бисоти ақдкунон роҳ андохта буд. Аз зани подшоҳ ҳам хоҳиш ва таманно карда буд, ки ба маҷлиси ақд биояд. Зани подшоҳ рахтҳои ҳарир ва атласро пӯшид, ҷавоҳироташро ҳам ба сару сина зад. Бо «дунгу фингаш» хост, аз қаср биояд берун, биравад арӯсӣ, Намадӣ омад пешаш, ки:

— Хонум, куҷо меравӣ?

Гуфт:

— Арӯсӣ.

Гуфт:

— Маро ҳам бибар.

Гуфт:

— Воҳ, мурдашӯй, туро ба ин рехт бибарам ақдкунон? Дигар чӣ? Ба назарам, мехоҳӣ мардумро заҳракаф кунӣ? Бирав, гум шав! Беҳуда худатро масхара накун.

Хонум инро гуфт ва рафт ақдкунон. Аз он тараф Намадӣ рафт як гӯша, аз тӯи ҷилдаш даромад ва сару танашро шуст ва либосҳояшро пӯшид. Ҷавоҳироташро зад ва рафт ба тарафи маҷлиси ақдкунон. Ҳамин ки вориди маҷлис шуд, тамоми аҳли маҷлис ба пешвозаш баланд шуданд ва ҳайрон буданд, ки духтари ба ин хушкелӣ ва муташахисӣ[1] кист. Соҳибхона давид ба пеш, болои маҷлис паҳлуи зани подшоҳ ҷояш нишон дод. Тамоми касоне, ки он ҷо буданд, ҳуш ва ҳавосашонро дода буданд ва аз диданаш сер намешуданд. Муддате гузашт, навбати рақс шуд. Духтарҳо ба чарх афтоданд, ин ҳам афтод тӯяшон, ҳуш аз сари ҳама рафт, ҳама якдилу якҷон гуфтанд:

— Мошоолло, мошоолло, ҳазору як бор мошоолло! Худо туро ба соҳибат бубахшад.

---

[1] Муташахис — аз калимаи «шахсият». Ин ҷо ба маънои «шахсияти баланд».

Баъд аз рақс пеш аз ин ки маҷлис ба ҳам бихӯрад, ин духтар шитобон по шуд, омад ба тарафи қасри подшоҳ. Рафт ҳамон гӯша, ки ҷилу ҷиҳозашро пинҳон карда буд, либосҳояшро дар овард ва рафт тӯи ҷилди намадиаш. Пушти сараш ҳам зани подшоҳ расид. Рафт тӯи андарун, писарашро хост, гуфт:

— Эй, писарҷон, имрӯз хонаи фалон айён маҷлиси ақд буд. Дар байни меҳмонҳо як духтаре буд, аз ҷамол ва камол[1] бе мислу монанд. Ман ки ҳанӯз сурате ба ин қашангӣ надидам, хеле муташахис. Аммо нашинохтам, ки духтари кист. Хеле дилам мехоҳад, онро барои ту бигирам. Ҳайф аст, аз чанголамон дар биравад.

Писар гуфт:

— Намешавад, ман ӯро бубинам?

Гуфт:

— Чаро намешавад? Ҳафтаи дигар ҳамон ҷо арӯсӣ аст. Мумкин аст, он духтар ҳам биояд. Ман аз соҳибхона хоҳиш мекунам, ки барои ту ҷое тӯи ғурфаи толор дуруст кунад, ки рӯи духтарро дуруст ва ҳисобӣ бубинӣ.

Ҳамин корро кард ва барои писари подшоҳ тӯи ғурфа ҷо дуруст карданд.

Боз рӯзи арӯсӣ хонум, ки хост аз қаср биравад арӯсӣ, Намадӣ гуфт:

— Хонум, куҷо меравед?

Гуфт:

— Меравам арӯсӣ.

Гуфт:

— Ман ҳам меоям.

Хонум гуфт:

— Хеле пуррӯ шудаӣ! Бимир, дар ҷоят ист. Фузулӣ ҳам накун.

Инро гуфт ва рафт арӯсӣ. Писараш ҳам рафт тӯи ғурфа нишаст. Духтарҳо вақте фаҳмиданд, писари подшоҳ омадааст, хеле хушҳол шуданд, ҳудашонро пеш андохтанд.

[1] Ҷамол ва камол — афту андом, қаду қомат.

Намадӣ ҳам мисли он дафъа либос пӯшид ва ҷавоҳир зад, рафт ҳамон ҷо, арӯсӣ. Боз ҳам соҳибхона давид бурдаш боло-болоҳо, паҳлӯи зани подшоҳ нишондаш. Писари подшоҳро то чашмаш ба ин духтар хӯрд ҳуш аз сараш рафт. Дид, модараш дуруст гуфтааст!

Боре, баъд аз муддате боз духтарҳо пӯ шуданд, ба рақс афтоданд. Дигар имрӯз чун писари подшоҳ ҳам тамошо мекард, нозу ғамзаи зиёдтар мекарданд. Намадӣ ҳам ҳамроҳи онҳо буд. Дар охир ҳам барои хушмазагӣ духтарҳо арақчинҳоро бардоштанд, ки шобош [1] кунанд. Намадӣ ҳам арақчини худашро бардошт. Аз болои ғурфа писари подшоҳ ангуштари алмосашро аз ангушташ дар овард, андохт тӯи арақчини ӯ. Писари подшоҳ ва зани подшоҳ хаёлашон ин буд, ки то маҷлис ба ҳам нахӯрда, аз ин духтар нишонаи ҷо ва манзил бипурсанд, ки кӣ ҳастӣ, аз чӣ хонаводае ҳастӣ. Вале то ба худашон ҷумбиданд, диданд, духтар нест. Ғуссадор ва авқотталх омаданд қаср, аз фардо тамоми шаҳрро зеру рӯ карданд, хонаҳоро одам фиристоданд. Диданд, аслан хабар ва осоре аз ӯ нест. Мисли ине ки мурғ шуду ҳаво рафт, моҳӣ шуду дарьё рафт. Дигар писари подшоҳ аз он баъд на хоб дошт ва на хӯрок. Ҳамааш дар фикри он буд. Баъд аз он ки аз пайдо кардани духтар маъюс шуданд, модараш ҳар духтареро хост, барояш бигирад, зери бор нарафт [2] ва ҳамааш дар фикру хаёл буд. Охираш аз зӯри дилтангӣ қасд кард, ки чанд рӯз бо баҳонаи шикор биравад аз шаҳр берун. Ба модараш гуфт:

— Тайёрии сафари чандрӯзаи маро аз озуқа бигир, ки ман хаёли шикор дорам ва мехоҳам дар шикоргоҳ ду-се рӯзе бимонам. Чандто нони ширмол, як-дуто мурғи бирьён бароям дуруст кун.

---

[1] Шобош — ҳаводор, пуле, ки дар тӯи меҳмонҳо ба мутрибу раққосаҳо медиҳанд.

[2] Зери бор нарафтан — розӣ нашудан, қабул накардан.

Модараш дастур дод, орд хамир кунанд, шир ҳам бидиҳанд ба дасташ. Хамир ки вар омад [1], худаш биояд бо дасти худаш шашто ноне барои писараш бипазад.

Зани подшоҳ бо дасти худаш инҳоро ба танӯр баст. Шашто нонро дуруст кард. Намадӣ омад, гуфт:

— Хонум, бигузоред якеро ҳам ман дуруст кунам.

Гуфт:

— Бирав гум шав! Чӣ номаъқулӣ? Кӣ рағбат мекунад, ки хамире ки ту дуруст кардай, нонашро бихӯрад?

Гуфт:

— Айб надорад, хонум. Илоҳи қурбонат биравам, бигузор якеашро ҳам ман дуруст кунам.

Писари подшоҳ мешунид. Гуфт:

— Модарҷон, дилашро нашикан. Бигузор дуруст кунад.

Гуфт:

— Хеле хуб. Биё, дуруст кун.

Ин вақте омад нон дуруст кунад, ангуштарро байни нон гузошт, ангуштари алмоси писари подшоҳро. Баъд нонҳоро пухтанд. Ҳафт нон тӯи суфра бастанд, доданд ба дасти суфрадорбошӣ. Фардояш писари подшоҳ бо ғуломy навкарҳояш рафт ба шикорғоҳ. Се-чаҳор рӯз он ҷо монданд. Ҳар чи озуқа доштанд, хӯрданд. Рӯзи охир писари шоҳ гӯрусна шуд. Ба суфрадорбошӣ гуфт:

— Як чизе дуруст кун, бихӯрем.

Гуфт:

— Нон надорем.

Пурсид:

— Як тика ҳам надоред?

Ҷавоб дод:

— Фақат ноне ки Намадӣ дуруст кардааст.

Гуфт:

— Чора чист? Ҳамонро биёр.

---

[1] Вар омадан — расидан, дамидан.

Вақте нонро доданд дасти писари подшоҳ, аз васат нонро нисф кард, ангуштар парид берун. Писари подшоҳ бардошт, дид, ҳамон ангуштарест, ки тӯи арӯсӣ шобош дода буд. Фаҳмид, ки матлаб куҷост. Фаврӣ дастур дод:

— Баргардем шаҳр!

Савор шуданд, ба тохт омаданд шаҳр. Дар қаср пиёда шуданд ва рафт андарун тӯи утоқи худаш. Модарашро хост. Гуфт:

— Модарҷон, мужда бидеҳ, ки духтарро пайдо кардам.

Гуфт:

— Куҷост?

Гуфт:

— Ҳамин ҷост.

Садо зад:

— Намадиро бигӯед биояд.

Намадӣ омад. Гуфт:

— Зуд бош, аз ин ҷилди намад биё берун.

Гуфт:

— Барои чӣ биёям берун?

Гуфт:

— Зуд бош! Барои ин ки ба ту мегӯям.

Намадӣ гуфт:

— Хеле хуб. Пас шумоҳо биравед тӯи як утоқи дигар.

Намадӣ аз тӯи намад омад берун. Сару гардан ва дасту рӯяшро шуст, либосҳояшро пӯшид ва ҳафт қалам ороиш кард, ҷавоҳироташро зад ва рафт паҳлӯи писари подшоҳу модараш. Модар дид, бале худаш аст. Фаврӣ як утоқ барояш муайян кард ва ду канизу як ғулом ҳам барои хидматаш фиристоданд ва машғули тайёрии арӯсӣ шуданд. Асбоби арӯсӣ, ки фароҳам шуд, шоҳ ҳукм кард, шаҳрро оин бастанд, ҳафт шабонарӯз чароғонӣ карданд. Бисоти арӯсиро роҳ андохтанд, рӯзи ҳафтӯми ҷашн ин дуторо даст ба дасти ҳам доданд ва солҳо бо хубиву хушӣ зиндагӣ карданд.

Қиссаи мо ба сар расид, умедворем, ҳамон тавре ки онҳо ба ҳам расиданд, шумо ҳам ба мурoду матлабатон бирасед.



*Аз Субҳӣ*

## КАДУИ ҒЕЛҒЕЛИЗАН

Яке буду яке набуд, як пиразане буд, як духтаре дошт. Ин духтарашро ақд кард ва ба шавҳар дод. Шавҳари духтар дар беруни шаҳр манзил дошт. Баъд аз арӯсӣ дасти занашро гирифт ва ба манзили худаш бурд.

Муддате ки гузашт, пиразанро дилаш барои духтараш танг шуд. Чодур чокчур кард ва ба роҳ афтод. Аз дарвоза ки берун рафт, як гурге сари роҳи пиразанро гирифт ва ба ӯ гуфт, ки:

— Эй пиразан, хуб омадӣ, биё ки ман туро бихӯрам.

Пиразан гуфт:

— Эй, гург, ту ҳоло маро нахӯр. Бигузор, биравам хонаи духтарам, палав бихӯрам, чалав бихӯ-

рам, қима бихӯрам, қирма бихӯрам[1], чоқ бишавам, гунда бишавам. Он вақт меоям, ту маро бихӯр.

Гург қабул кард ва піразан ба роҳ афтод. Чанд қадаме ки рафт, як паланг ҷулӯи пиразан сабз шуд ва гуфт:

— Эй, пиразан, хуб омадӣ! Биё ки ман туро бихӯрам.

Пиразан гуфт:

— Эй, оқо паланг, ту ҳоло маро нахӯр. Бигузор биравам хонаи духтарам, палав бихӯрам, чалав бихӯрам, қима бихӯрам, куку бихӯрам, моҳӣ бихӯрам, чоқ бишавам. Он вақт меоям, ту маро бихӯр.

Паланг ҳам қабул кард ва боз ҳам пиразан ба роҳ афтод.

Каме ки болотар рафт, як бабр ҷулӯи роҳи пиразанро гирифт ва гуфт:

— Эй, пиразан, хуб омадӣ! Биё, ки ман туро бихӯрам.

Пиразан ғуфт:

— Эй, оқо бабр, ту ҳоло маро нахӯр. Бигузор биравам хонаи духтарам, палав бихӯрам, чалав бихӯрам, қима бихӯрам, қирма бихӯрам, куку бихӯрам, моҳӣ бихӯрам. Он вақт меоям, ту маро бихӯр.

Бабр ҳам қабул кард ва пиразан ба роҳ афтод. Наздикиҳои хонаи духтараш як шер ҷулӯи пиразанро гирифт ва гуфт:

— Эй, пиразан, куҷо меравӣ? Хуб омадӣ! Биё, ки ман туро бихӯрам.

Пиразан гуфт:

— Эй, оқо шер, ту ҳоло маро нахӯр. Бигузор биравам хонаи духтарам, палав бихӯрам, қима бихӯрам, қирма бихӯрам, чоқ бишавам, гунда бишавам. Он вақт меоям, ту маро бихӯр.

Шер ҳам қабул кард ва пиразан рафт, рафт, то расид ба хонаи духтараш.

Чанд рӯзе онҷо буд. Палав хӯрд, чалав хӯрд, қима хӯрд, қирма хӯрд, куку хӯрд, моҳӣ хӯрд ва хуб чоқу гунда шуд.

---

[1] Палав, чалав, қима, қирма — номи хӯрокҳо.

Аммо духтараш фақат як утоқ дошт. Баъд аз муддате ки гузашт, ба модараш гуфт:

— Чаро пас гашта хонаи худат намеравӣ? Мехоҳӣ, шавҳарам талоқам бидиҳад?

Пиразан ҳам асли моҷароро барои духтараш таъриф кард.

Фардо субҳ шавҳари духтар як кадуи бузург харид ва хона овард. Духтараш сари кадуро бардошт, тӯи кадуро хуб холӣ кард ва ба модараш гуфт:

— Биё бирав тӯи ин каду, то туро ғел бидиҳам биравӣ.

Пиразан рафт тӯи каду ва духтар як ғел ба каду дод. Каду ғелғелзанон омад, то расид паҳлуи шер. Шер гуфт:

Эй, кадуи ғелғелизан
Ин ҷо надидӣ пиразан?

Пиразан аз тӯи каду ҷавоб дод:

Валло надидам пиразан,
Билло надидам пиразан
Як ғелам бидеҳ то ман биравам

Шер як ғели гунда ба пиразан дод. Пиразан роҳ афтод, то расид паҳлӯи бабр. Бабр гуфт:

Эй, кадуи ғелғелизан,
Ин ҷо надидӣ пиразан?

Пиразан гуфт:

Валло надидам пиразан,
Билло надидам пиразан
Як ғелам бидеҳ, то ман биравам

Бабр ҳам як ғелаш дод ва каду ҳам ғелғелзанон омад, то расид паҳлуи паланг. Паланг гуфт:

Эй кадуи ғелғелизан,
Ин ҷо надидӣ пиразан?

Пиразан гуфт:

Валло надидам пиразан,
Билло надидам пиразан
Як ғелам бидеҳ, то ман биравам.

Паланг ҳам кадуро ғел дод ва каду расид паҳлуи гург.

Гург гуфт:

Эй, кадуи ғелгелизан,
Ин ҷо надидӣ пиразан?

Пиразан ҷавоб дод:

Валло надидам пиразан,
Билло надидам пиразан
Як ғелам бидеҳ, то ман биравам.

Гург ҳам омад ва як ғел ба каду дод. Иттифоқан каду ба як санге хӯрд ва шикаст. Пиразан аз тӯи каду берун афтод. То чашми гург ба пиразан афтод, фаврӣ омад болои сараш, ки пиразанро бихӯрад. Вале пиразан гуфт:

— Эй, оқо гург, ҳоло ки ин тавр шуд, пас бигузор ман ба ҳаммом биравам ва баъд биоям, ту маро бихӯр.

Гург қабул накард ва гуфт:

— Ту дурӯғ мегӯӣ.

Баъд қарор гузоштанд, ки бо ҳам бираванд. Дутой бо ҳам роҳ афтоданд. Вақте ба ҳаммом расиданд, пиразан гургро овард болои оташдони ҳаммом ва як мушт хокистари доғ тӯи чашми гург рехт. Гургро кӯр кард ва худаш ҳам гурехт.

Қиссаи мо ба сар расид, зоғи ало ба хонааш нарасид.



*Аз Субҳӣ*

## НАХӮДӢ ВА ДЕВ

Зан ва шавҳаре буданд, ки бача надоштанд ва хеле ҳам бача мехостанд.

Як рӯз занак омад, дизин[1] обгӯшт[2]-ро тӯи танӯр бигузорад. Як нахӯд аз дизӣ парид берун, шуд ба сурати як духтар. Иттифоқан ҳамон вақт занҳои ҳамсоя омада буданд тӯи хонаи инҳо. Якеашон, ки аз ҳоли ин зан хабар надошт, ё хабар дошт, мехост, азияташ кунад, гуфт:

— Хоҳар, ту ҳам духтаратро бифирист, бо духтарҳои мо бираванд саҳро хӯшачинӣ.

Ин ҳам оҳе аз дил кашид ва гуфт:

---

[1] Дизӣ — хумча (хурма), хуми майда.
[2] Обгӯшт — хӯрокест тақрибан ба шӯрбо монанд.

— Хоҳар! Магар намедонӣ, ки моро ӯҷоқамон кур аст [1]?

Дар ин байн нахӯд аз тӯи танӯр ба забон омад:

— Наначон, пас ман киям? Маро бо онҳо бифирист!

Ин хеле хушҳол шуд ва рафт аз танӯр овардаш берун. Дид, дуруст сураташ андозаи як нахӯд аст. Овардаш берун, тамизаш кард ва рахт ба ӯ пӯшонд ва исмашро ҳам гузошт. «Нахӯдӣ» ва бо бачаҳои ҳамсоя фиристодаш ба саҳро барои хӯшачинӣ. Инҳо то ғуруб тӯи саҳро хуша ҷамъ мекарданд. Ғуруб ки шуд, духтарҳо ба Нахӯдӣ гуфтанд:

— Биё, биравем.

Нахӯдӣ гуфт:

— Ҳоло зуд аст.

То шаб шуд, ҳамин ки хостанд роҳ биафтанд, деве онҳоро дид. Омад ҷулӯ.

— Саломалекӯм, Нахӯдӣ хонум, шумо куҷо, ин ҷо куҷо?

Тӯи дилаш гуфт: «Хӯроки хубе пайдо кардам. Инҳоро мебарам, дусад рӯз чизҳои хуб медиҳам, бихӯранд. Вақте хуб ҷон гирифтанд ва чоқ шуданд, мехӯрамашон». Баъд рӯ кард ба ин духтарҳо, гуфт:

— Шумоҳо ки дигар наметавонед биравед хонаҳоятон, гург шуморо пора-пора мекунад. Биёед, имшаб меҳмони ман бошед, фардо субҳ биравед хонаҳоятон.

Нахӯдӣ гуфт:

— Хеле хуб, меоем.

Дастаҷамъӣ [2] рафтанд хонаи дев. Ӯ ҳам барояшон рахти хоб андохт, хобиданд. Як соате гузашт, дев садояшро баланд кард:

— Кӣ хоб аст, кӣ бедор?

Нахӯдӣ гуфт:

— Ман бедорам.

Гуфт:

— Пас чаро намехобӣ?

Гуфт:

---

[1] Ӯчоқамон кур аст — дегамон оташ надорад — дар ин ҷо ба маънои «оилаи мо фарзанд надорад».

[2] Дастаҷамъӣ — якҷоя, ҳамагӣ.

— Ман хонаи худамон ки будам, модарам бароям як бўшхоб ҳалво дуруст мекард ва як даврӣ [1] нимру [2], ман мехўрдам ва мехобидам.

Дев по шуд, рафт, ҳалво ва нимру овард. Гузошт ҷулўи Нахўдӣ. Нахўдӣ ҳам духтарҳоро садо кард, ки:

— Бачаҳо, по шавед, бихўред!

Инҳо ҳалво ва нимруро хўрданд ва хобиданд.

Боз баъд аз як соати дигар дев гуфт:

— Кӣ хоб аст, кӣ бедор?

Нахўдӣ гуфт:

— Ҳама хобиданд, Нахўдӣ хонум бедор аст.

Гуфт:

— Пас чаро намехобӣ?

Гуфт:

— Ман хонаи худамон ки будам, модарам баъд аз шом аз дарьёи Нур ва кўҳи Булўр бо ғалбер бароям об меовард.

Дев по шуд, як ғалбер бардошт ва рафт ба тарафи дарьёи Нуру кўҳи Булўр. Вақте ба он ҷо расид, ки субҳ шуда буд.

Нахўдӣ ҳам бо духтарҳо по шуданд, асбобҳои қиматии девро бардоштанд ва роҳ афтоданд. Васати роҳ Нахўдиро ёдаш омад, ки як қошуқи тилло аз ёдаш фаромўш шудааст. Ба инҳо гуфт:

— Биравед хона, ман биравам, он қошуқи тиллоро ҳам биоварам.

Баргашт, омад хонаи дев. Дид, дев аз авқотталхӣ як гўша афтода, аслан таком намехўрад. Рафт, ки қошукро бардорад, аз садои тақу туқ дев ба худ омад. Дид, Нахўдӣ аст. Гирифташ. Дами дасташ як ҷувол буд. Ўро кард тўи ҷувол ва дарашро маҳкам баст ва рафт, ки аз ҷангал химча биорад, Нахўдиро бизанад. Нахўдӣ тунду фера дари ҷуволро шикофт ва омад бузғолаи девро кард тўи ҷувол ва сарашро дўхту худаш рафт як кунҷе пинҳон шуд.

---

[1] Даврӣ — зарф барои бирьён кардан.

[2] Нимру — тухмбирьён.

Дев омад химчаро гирифт ва аз рӯи ҷувол бано кард бузғоларо задан. Бузғола ҳай садо мекард. Дев ҳам мегуфт:

— Ҳоло тақлиди бузғола мекунӣ? Пас сабр кун!

Он қадар зад, то бузғола мурд. Баъд дари ҷуволро боз кард, дид, эй доду бедод! Бузғолае ки аз ҷонаш бештар дӯст дошт, кушта. Гуфт:

— Ҳоло ҳақатро дастат медиҳам!

Омад Нахӯдиро пайдо кард ва гуфт:

— Бемаъталӣ зинда ва пӯстнոканда мехӯрамат! Худат бигӯ, чӣ тавр бихӯрамат?

Гуфт:

— Агар аз ман мешунавӣ, танӯрро оташ кун, як нони тоза бипаз. Маро бигузор байни нони тоза.

Дев бо авқотталхӣ гуфт:

— Ой, ба чашм! Ҳамин корро мекунам.

Танӯрро оташ кард. Ордро ҳам хамир кард ва рафт, ки бипазад. Нахӯдӣ аз пушти сар телааш дод тӯи танӯр. Зуд дари танӯрро гузошт. Танӯр то нисф оташ буд. Дев бирьён шуд. Нахӯдӣ ҳам қошуқи тилло ва чизҳои дигар, ки он ҷо монда буд, бардошт, овард хонаашон ва саргузашти худашро барои модараш нақл кард.



*Аз Суғд*

## ГУЛИ ЗАРД

Подшоҳе буд, як духтар дошт, аз ҳама чиз таъмин. Вале чун модар надошт, ғамнок буд ва ҳар чи ҳам подшоҳ дилдориаш медод, меҳрубониаш мекард, фоида намебахшид ва лаб ба ханда намекушод.

Рӯзе подшоҳ аз берун омад тӯи андарун ва ба одати ҳамешагиаш рафт тӯи утоқи духтар. Дид, имрӯз духтар аз ҳар рӯз ғамгинтар аст. Гуфт:

— Духтарҷон, бигӯ, бубинам, дардат чист, ки ин тавр ғамгинӣ? Матлабе дорӣ, бигӯ, чизе дилат мехоҳад, ба забон биёр. Ҳар чӣ мехоҳӣ, аз шири мурғу ҷони одамизод бароят фароҳам мекунам.

Духтар гуфт:

— Волло, худам ҳам намедонам, дилам чӣ мехоҳад. Аммо агар ту иҷозат бидиҳӣ, ман чанд рӯзе ба шикор биравам, эҳтимол дорад, дилам боз шавад ва ҳолам ҷо биояд.

Шоҳ гуфт:

— Чӣ зарар дорад.

Чандто аз духтарҳои ҳамсинну соли худашро бо чандто аз хоҷаҳои ҳарамсаро ва даҳто ғулом ҳамроҳаш фиристод, ки чанд рӯзе бо баҳонаи шикор саре ба саҳро бизананд ва гаште ба дашт. Шояд иншооллоҳ як каме ба нишот биояд.

Ҷонам барои шумо бигӯяд, дар соате ки ситорашиносҳо муайян карда буданд, савор шуданд ва аз шаҳр берун рафтанд. То наздикҳои зӯҳр расиданд, канори як рудхона, ки чандто дарахт ҳам давру бараш буд. Хулоса, ҷои босафое буд. Духтари подшоҳ ба духтарҳо ва канизҳое, ки ҳамроҳаш буданд, гуфт:

— Ин ҷо ҷои босафое аст. Ҳамин ҷо чодир мезанем ва мемонем, то бубинем, баъд чӣ мешавад.

Ғуломҳо поин омаданд ва чодири духтари шоҳ ва духтарҳои дигарро ҳамон ҷо заданд ва каме дуртар чодирҳои худашонро заданд ва баъд рафтанд сари корҳои дигар. Наҳор тайёр карданд ва баъд аз наҳор ҳама чун хаста буданд ва ҳаво гарм буд, як чӯрт хобиданд. Ҳамаро хобашон бурд, магар духтари подшоҳ, ки дароз кашида буд ва фикр мекард. Вақте ки дид хобаш намебарад, омад канори ҷӯ. Дар ин байн дид, як гули зарди дурушт[1] рӯи об меояд. Ҳуш ва ҳавосаш рафт, паҳлуи гул ва ба ҳавои гул канори ҷӯро гирифт ва мерафт, то як ҷое битавонад, гулро аз об бигирад.

Бедуни ин ки мултафит[2] шавад, ҳамин тавр чанд соате гул дар об ва ин дар хушкӣ мерафтанд, то якбора ба худ омад, дид офтоб ғуруб мекунад ва ин аз чодиру банду бисот ва ғуломy каниз дур афтодааст. Гуфт: «Эй доди бедод! Ин чӣ коре буд, ки ман кардам? Ҳоло дар ин биёбон шаби торик

---

[1] Дурушт — бузург, калон.

[2] Мултафит шудан — фаҳмидан, огоҳ шудан.

яку танҳо ман чӣ хоке ба сарам бирезам? Куҷо бихобам, ки аз шарри ҷонвар[1] дар амон бошам?!»

То ин фикрҳоро мекард, ҳаво торик шуд, ситораҳо ба чашмакзанӣ афтоданд. Духтар нигоҳе ба ин тараф ва он тараф андохт, то як дарахтеро дид. Рафт ба тарафи дарахт ва баромад болои он.

Иттифоқан маҳтобшаб ҳам буд ва биёбон ҳам холӣ аз сафо набуд. Ҳанӯз ҷояшро васати шохаҳо маҳкам накарда буд, ки дид, садои занги хачир ва пои асп меояд. Чанд дақиқае нагузашт, ки як дастае бо бору бутик ба он ҷо расиданд. Ҷулӯтар аз ҳама ҷавоне буд баландболо, хушсимо, савори аспи сафед, ҳафт-ҳашт-даҳ нафар савор ҳам дунболаш. Нагӯӣ ин писари подшоҳи як иқлиме будааст, ки роҳро гум кардааст ва ба хадаму[2] ҳашам гузораш ба ин ҷо афтода буд. Писари подшоҳро аз ин маҳал хушаш омад ва дастур дод, ки ҳамон ҷо бор биандозанд ва чодир бизананд. Ғуломҳо ва саворҳо пиёда шуданд ва аввал барои писари подшоҳ як чодир заданд, баъд ба кори чодири худашон ва обдорхона[3] расиданд. Иттифоқан чодири писари подшоҳ дуруст зери ҳамин дарахте воқеъ шуда буд, ки духтар рӯяш буд.

Расми ин писар ин буд, ки баъд аз тулӯи офтоб як чӯрте мезад, баъд по мешуд, шом мехӯрд. Як ду-се соате бо ину он ҳарф мезад, баъд мехобид ва субҳ хеле зуд ҳам аз хоб баланд мешуд.

Вақте ки писари подшоҳ хоб буд, суфрадорбошӣ маҷмааи шоми[4] писари подшоҳро овард, тӯи чодираш гузошт ва рафт, то ҳар вақт ки бедор шуд, бихӯрад. Духтар ки аз боло мепоид, вақте ки суфрадорбошӣ маҷмааро гузошт ва рафт, ин омад, серу пур аз палав ва хӯриш ва афшора хӯрд ва дубора рафт болои дарахт. Ним соат баъд писар бедор

---

[1] Ҷонвар — ҳашарот; дар ин ҷо ба маънои кас ва чизҳои зараррасон.

[2] Хадам — хизматгорҳо.

[3] Обдорхона — ошпазхонаи сафарӣ.

[4] Дар Эрон расм аст, ки тамоми масолеҳи шом ӗ наҳорро дар зарфҳои махсус андохта ба рӯи лаълии хеле калон гузошта меоранд.

шуд. Дид, шоме ки барояш овардаанд, даст хўрдааст. Авқоташ талх шуд ва суфрадорбоширо садо зад, пурсид, ки:

— Касе ба шоми ман даст зада буд?

Гуфт:

— Ман намедонам.

Пешхидматҳоро хост. Ҳама қасам хўрданд, ки: «Мо даст нагузоштем». Писари подшоҳ дигар чизе нагуфт ва шомро хўрд ва баъд аз як соати дигар хобид.

Субҳ омаданд, аз ў иҷозати ҳаракат бигиранд. Гуфт:

— Маро аз ин ҷо хушам омадааст. Ду-се рўзе бимонем, бад нест.

Монданд. Шаб ки шуд, ба қарори шаби пеш шомро гузоштанд тўи чодир. Боз духтар омад поин, нисфашро хўрд ва рафт болои дарахт. Писар ҳам қолу мақоли муфассале роҳ андохт ва пешхидматҳоро ба ҳақорат гирифт. Онҳо ҳам қасами ҷалола хўрданд, ки: «Мо хабар надорем». Ҳамин тавр то шаби севўм писари подшоҳ ба худаш гуфт: «Зери ин коса нимкосае ҳаст». Ҳеҷ ба рўи худаш наовард ва хобид. Шаби баъд аз аввали ғуруб гирифт дароз кашид ва худашро ба хоб зад, то он ки маҷмааи шомро оварданд. Баъд аз он дид, як духтаре мисли панҷаи офтоб аз дарахт омад поин ва якрост омад тўи чодир ва бемузоиқа[1] шурўъ кард ба хўрдан. Вақте тамому камол[2] хўрд, баланд шуд, ки биравад болои дарахт. Писар дасташро гирифт ва гуфт:

— Хайр бошад, шумо кӣ ҳастед? Ин ҷо чӣ кор доред?

Духтар шарҳи ҳолашро аз аввал то охир барои писари подшоҳ гуфт. Писари подшоҳ аз дидани ин духтар хеле хушҳол шуд ва тўи дилаш гуфт: «Агар ин аҳл дар биёяд[3], барои ман аз ҳар зане беҳтар аст, ки модарам мехоҳад, бароям бигирад». Боре, бо духтар меҳрубонӣ кард ва гуфт:

---

[1] Музоиқа — шарм, мулоҳиза.
[2] Камол — дар ин ҷо серу пур.
[3] Аҳл дар омадан — амалӣ шудан, иҷро шудан.

— Намехоҳад[1] бираві болои дарахт, ҳамин ҷо тӯи чодир паҳлуи ман бош.

Яке ду соат машғули сӯҳбат ва дарди дил буданд, то ҳардуро хоб гирифт. Писари подшоҳ шамшерашро кашид, васати рахти хоб гузошт, худаш ин тараф хобид ва духтар он тараф.

Ду-се рӯзе инҳо бо ҳам он ҷо зиндагӣ карданд. Вале духтар субҳҳо дер аз хоб по мешуд.

Як шаб писари подшоҳ ба духтар гуфт:

— Мо фардо субҳ зуд аз ин ҷо ҳаракат мекунем. Ту ҳам агар майл дорӣ, бо ман бошӣ, субҳ зуд бедор шав, корҳоямонро бикунем ва роҳ биафтем.

Субҳ зуд писар бедор шуд. Дид, духтар хобида. Ба ғуломи махсусаш гуфт:

— Бирав, аз саҳро як даста гули зард бичин ва биёр.

Ғулом рафт, як даста гули зард овард. Писари подшоҳ гулҳоро рехт рӯи духтар. Шамшерашро ҳам гузошт зери сараш ва як коғазе ҳам навишт, ки: «Мо вақте хостем роҳ биафтем, ту хоб будӣ. Бедорат накардем. Аммо агар дилат ҳавои маро кард, як ҷуфт кафши оҳанин бипӯш ва як асои фӯлодӣ даст бигир. Он қадар бигард, то маро пайдо кунӣ». Охири коғаз ҳам як шеъри ишқу ошиқӣ навишт. Писар роҳ афтод ва чанд фарсахе ҳам рафт, вале ҳанӯз духтар хобида буд. Наздикҳои зуҳр буд, ки духтар тӯи чодир чашм во кард, худро танҳо ба он ҳол дид. По шуд, коғазро хонд. Оҳ аз дил кашид ва лаб ба дандон газид. Ҳайрону саргардон намедонист, чӣ кор бикунад, ки аз дур ҷӯпонеро дид, гӯсфанд мечаронд. Ҷӯпонро садо зад. Ҷӯпон омад ҷулӯ. Гуфт:

— Ин чодир ва қуббаи тиллоро ба ту медиҳам, ба шарте ки ту он кулоҳ ва капанги[2] ҷӯпониатро ба ман бидиҳӣ.

Ҷӯпон гуфт:

— Чӣ айб дорад.

---

[1] Намехоҳад — ин ҷо «лозим нест», «набояд».
[2] Капанг — ҷомаи намадин, чакмаи.

Кулоҳу капангро гирифт ва шамшерро ҳам зери қапанг баст ва роҳ афтод. Зарангие ки кард, ин буд, ки ради поҳои инҳоро гирифт ва рафт. Ҳоло чӣ сахтиҳое дар роҳ дид, чӣ мусибатҳо кашид, пират медонад. Ҳар чӣ бар сари Рустаму Исфандиёр дар ҳафт хон омад, ба сари ин духтар омад, тӧ расид ба шаҳри писар. Омад, пояшро аз дарвоза дарун бигузорад, дарвозабон ҷулӯяшро гирифт ва гуфт:

— Ҷавон! (Ин ки либоси чӯпонӣ пӯшида буд, хаёл кард, ки мард аст). Ҳукм-ҳукми подшоҳ аст, ки ғарибе вориди ин шаҳр нашавад. Беҳтар аст, аз ҳамон роҳе ки омадӣ, баргардӣ.

Духтар дид, бо чӣ ҷонканӣ худашро ба ин ҷо расонида аст, ҳоло мегӯяд, ғариб қадаған аст [1], тӯи ин шаҳр биравад. Бано кард ба дарвозабон аҷзу илтимос кардан ки:

— Ман коре ба кори касе надорам, аҳли деҳоти ин шаҳрам. Ин қадарҳо ғариб нестам. Мехоҳам, биравам тӯи ин шаҳр, аз ин ва он чиз бигирам, шикамамро сер кунам.

Дарвозабонро дилаш ба ҳоли ин сӯхт ва гуфт:

— Ҳоло ки ғариб нестӣ, бирав.

Духтар бо ҳамон вазъ, бо кулоҳ ва капанги чӯпонӣ вориди шаҳр шуд. Чанд рӯзе ҳар тараф гашт, ки писари подшоҳро бубинад, натавонист, ва ба ҳар даре зад, нашуд ва роҳе пайдо накард. Навмед шуд, хаёли баргашт дошт, ки якбора расид дари ҳаммоме. Дид, фаррош ва ясавул ва қаровул дари ҳаммом саф кашидаанд. Касеро ҳам намегузоранд, ҷулӯ биояд. Чӯбҳо ба дастҳо, мардумро пас ва пеш мекунанд. Аз яке явошакӣ пурсид:

— Чӣ хабар аст? Ин бозиҳо чист инҳо дар меоваранд?

Гуфт:

— Охир, писари подшоҳ омадааст ҳаммоми арӯсӣ.

Духтар аз як тараф хушҳол шуд, ки билохира инро пайдо кард, вале аз «ҳаммоми арӯсӣ» хеле дилхун ва ғуссадор шуд. Тӯи ин фикрҳо буд, ки якбора ҳой ва ҳуи фаррошҳо баланд шуд ва тахти

---

[1] Қадаған аст — манъ аст.

равонеро оварданд ҷулӯи дари ҳаммом. Писари подшоҳ савор шуд. Дасти росташ як писари вазир нишаст, дасти чапаш як писари вазири дигар. Як даста ҳам савори асп шуданд ва роҳ афтоданд. Мардум ҳам аз ҳар тараф ҳуҷум оварданд, инҳоро бубинанд. Духтар ки ҳоло ба сурати чӯпон аст ба ҳазор заҳмат аз пушти ҷамъият худашро оварда ҷулӯ. Ҳар тавре буд, чашм андохт тӯи чашми писари подшоҳ ва чашми ӯро ҳам ба худ гирифт ва бано кард ба хондани он шеъре ки писари подшоҳ зери коғаз навишта буд. Писари подшоҳ вақте шеърро шунид ва хуб чӯпонро варандоз кард[1], фаҳмид, ки ҳамон духтар аст. Дастур дод, тахти равонро нигоҳ доранд ва чӯпонро савор кунанд. Инҳое ки ин вару он вари писари подшоҳ буданд, авқоташон талх шуд. Ба писари подшоҳ гуфтанд:

— Ин кист, овардӣ паҳлуи мо нишондӣ?

Писари подшоҳ гуфт:

— Нигоҳ ба сурати зоҳир ва либосаш, ки моли чӯпонист, накунед. Ин хеле аҳамият дорад. Баъд хоҳед фаҳмид.

Дар ҳар сурат писари подшоҳ ин чӯпонро овард то тӯи қаср. Модараш то чашмаш хӯрд ба ӯ гуфт:

— Ин кист, овардӣ бо худат? Одам қаҳтӣ аст, инро овардӣ? В-онгаҳе, бисоти арӯсии туро роҳ меандозем. Як одами нобоберо наёр, ки вазир ва вузарои падарат эрод бигиранд.

Ин матлабро ин ҷо дошта бошед. Бишнавед аз арӯсии писари подшоҳ. Ин писари подшоҳ як духтари хола дошт, ки гузашта аз ин ки сифату сурати хубе надошт, писари подшоҳро аз ӯ хушаш намеомад, вале модараш исрор дошт, ки ин духтарро писар бигирад. Писар ҳар чӣ мехост рад кунад, модар исрор мекард ва хулоса бо зӯр ба писар қабулонданд, ки бояд ту онро бигирӣ. Ва агар хуб бихоҳед, бидонед, ҳамон мусофирате ки кард ва ба бероҳа ҳам афтод ва бо он духтар бархӯрд кард, ҳамааш барои фарор аз ин арӯсӣ буд.

---

[1] Варандоз кардан — аз назар гузаронидан, санҷидан.

Дарди саратон надиҳам. Риштаи матлаб сари дароз дорад.

Вақте аз сафар баргашт, боз модараш исрор кард, ки зуд бош, таклифи духтари холаатро маълум кун ва дасташро бигир, биёр ба бағалат. Вагарна, ширамро ҳалолат намекунам.

Ба ҳар таҳсеву наҳсе[1] буд, ин ҳиноро ба ришаш бастанд ва бисоти арӯсиро мураттаб карданд. Ба ҳаммом ва ҳинобандонаш ҳам фиристоданд, ки имшаб не, фардо шаб инҳоро даст ба даст бидиҳанд ва биандозандашон тӯи ҳаҷлахона.

Ин бечора вақте аз ҳаммом берун омад, ҳамон тавре ки бароятон нақл кардем, духтари номбаршударо дар либоси чӯпонӣ дид ва доғаш тоза шуд ва ӯро бо худаш ба қаср овард. Фардо шаб, ки шаби арӯсӣ буд, модари писар омад, ки дигар имшаб ин чӯпонро равона кун.

Писар гуфт:

— Не, дасташро бигир бубар боғ. Дами истахр, он ҷо барояш фарш ва фарош биандоз, роҳат бошад.

Модарро авқоташ талх шуд:

— Чӣ дастурҳо ба ман медиҳӣ! Фардо бояд ин ҷо як боргоҳ барои кӯр ва качалҳои шаҳр дуруст кунем»?.

«Чӯпон», ки ин ҳарфҳоро шунид, авқоташ талх шуд ва по шуд, роҳи пиллаҳои[2] қасрро гирифт ва омад поин. Рафт васати боғ канори истахр зери дарахти бед ва кулоҳу капанги чӯпониашро гузошт канор ва аз бору бандилаш либосҳои худашро, ки ҳамроҳ дошт, дар овард ва пӯшид ва ҳафт қалам ороиш кард. Он вақт шамшере ки писари подшоҳ ба ӯ дода буд, гузошт ба шикамаш. Шикамаш пора шуд. Хун фаввора зад, ҳамон ҷо афтод.

Аз он тараф писари подшоҳро бо арӯс даст ба даст доданд ва оварданд тӯи толор, паҳлӯи ҳам бишинонанд. Писар дид, дилаш меҷӯшад. Беихтиёр арӯсро вел кард, омад тӯи боғ. Духтарро ба он ҳол дид, он ҳам бемаъталӣ бо ҳамон шамшер шиками

---

[1] Таҳсу-наҳс — росту дурӯғ.
[2] Пилла — поймонак.

худашро пора кард ва афтод ҳамон ҷо. Арӯс дид, домод рафт тӯи боғ ва наомад. Ба ҳавои ӯ по шуд, омад, ки он басотро дид. Наърае кашид ва беҳуш афтод.

Модари писар ва падари писар ва аҳли андарун ҷамъ шуданд. Духтар ва писарро ба он ҳол ва арӯсро беҳуш диданд. Моташон бурд, ки ин духтар кист ва ин чӣ ҷазое буд, ки бар сарашон омадааст? Ҳамон тавре ки моту мабҳут хушкашон зада буд, шуниданд, кабӯтаре рӯи ҳамон дарахти бед ба кабӯтари дигар мегӯяд:

— Хоҳарҷон!

Он як ҷавоб дод:

— Ҷони хоҳар!

Мегӯяд:

— Ин духтари подшоҳ аст, ки ба ишқу ҳавои писари ин подшоҳ ба либоси чӯпонӣ ба сурогаш омада ва ҳарду аз ишқи ҳам шикамҳои худашонро пора карданд. Аммо агар фаврӣ шикамҳои инҳоро бахия бизананд [1] ва аз пӯсти соқи ин дарахт бимоланд ба ҷои бахия, фаврӣ хуб мешаванд.

Инҳо ки зери дарахт буданд, фаврӣ ҳамин корро карданд. Ҳардуи инҳо хуб шуданд ва бисоти арӯсии муфассале роҳ андохтанд. Духтари холаро ҳам фиристоданд, рафт, зани писари аму шуд.

Ҷиҳил рӯз, ки аз арӯсӣ гузашт, духтар хоҳиш кард, ки:

— Маро дилам барои падарам танг шудааст. Хуб аст, биравем ва ӯро бубинем.

Писар гуфт:

— Чӣ зарар дорад.

Бо «дангу фанг» роҳ афтоданд. Норасида ба шаҳр духтар тафсили кор ва ҳоли худашро ва омадани писари подшоҳро муфассал навишт ва барои падараш фиристод. Падараш ҳам баъд аз гум шудани духтар ҳар чӣ пайҷӯӣ карда буд, ба ҷое нарасида буд ва маъюс рӯзро шабу шабро рӯз мекард. Вақте ки номаро хонд, хушҳол шуд ва бо тамоми вузаро ва аъёни вилоят пешвоз рафтанд. Инҳоро бо

[1] Бахия задан — дӯхтан.

ҷоҳу ҷалоли зиёд вориди шаҳр карданд ва чиҳил рӯз меҳмонии муфассале аз инҳо карданд ва подшоҳ хушҳол буд, ки: «Илоҳо шукр, духтар ба шодмонӣ расид». Чун ворисе надошт, писари подшоҳро валиаҳди худаш кард. Чанд соле нагузашт, ки баъд аз он ду подшоҳ аз дунъё гузаштанд, ин писар ҷои ҳардуро гирифт ва ду иқлимро зери як нигин даровард.



*Аз Субҳӣ*

## НАМАКӢ

Яке буду яке набуд, пиразане буд, ҳафтто духтари расидаи қаду нимқад дошт. Ҳафтӯмӣ, ки аз ҳама хушкелтар буд, исмаш Намакӣ буд. Инҳо канори шаҳр, тӯи хонае зиндагӣ мекарданд, ки ҳафтто дар дошт. Ҳар шаб навбати яке аз ин духтарҳо буд, ки вақте мехоҳанд бихобанд, дарҳоро ворисӣ кунад ва бибандад.

Як шаб, ки навбати Намакӣ буд, ин дона-дона дарҳоро баст, то расид ба дари ҳафтӯмӣ. Дигар ҳиммат накард, дари ҳафтӯмро бибандад. Бо худаш гуфт: «Тӯи хонаи мо ҷуз ҳафтто духтари дами бахт чӣ ҳаст, ки дузди дағале биояд ва бибарад?» Рафт сарашро гузошт ва хобид.

Нисфҳои шаб ки шуд, пиразан аз садои хирру нафас бедор шуд. Гуфт:

— Кие ин вақти шаб омадааст хонаи мо, ки ин тавр мисли ғўл садои нафасаш меояд?

По шуд, нигоҳ кард. Дид, як деви нахарошидаву натарошида аз дари ҳафтўм ворид шудааст. Банди дилаш пора шуд. Гуфт: «Диди, ин ҷуз ба ҷигарнишаста Намакӣ дарро набаст. Ин меҳмони нохонда омад тўи хонаи мо». Фикри инро мекард, садои наррадев баланд шуд:

Ҳай бар шумо, ҳу бар шумо,
Кафши дарида бар шумо,
Меҳмон расида бар шумо
Ҷой надорад дар шумо?

Модари Намакӣ гуфт:

Гесатро бибуранд, Намакӣ,
Хунатро бирезанд, Намакӣ!
Ба тахт намоӣ, Намакӣ!
Ба бахт бисўзӣ, Намакӣ!
Шаш дарро бастӣ, Намакӣ,
Як дарро набастӣ, Намакӣ.

Зуд бош, бирав дари утоқи панҷдариро барои дев во кун.

Намакӣ бо тарсу ларза аз ҷояш по шуд ва рафт дари утоқи панҷдариро во кард, девро бурд тўи утоқ ва зуд омад тўи ҷояш хобид. Боз дев садояшро баланд кард:

Ҳай бар шумову ҳу бар шумо,
Кафши дарида бар шумо,
Меҳмон расида бар шумо,
Ҷавоне надорад дар шумо?
Ноне надорад бар шумо?

Модари Намакӣ гуфт:

Гесатро бибуранд, Намакӣ,
Ба тахт намоӣ, Намакӣ
Ба бахт бисўзӣ, Намакӣ,
Шаш дарро бастӣ, Намакӣ,
Як дарро набастӣ, Намакӣ.

---

[1] Гес — гесу, мўй.

Зуд бош, по шав, шоми шабӣ барои дев дуруст кун.

Бечора Намакӣ баланд шуд ва нисфишабӣ барои дев хокинае [1] дуруст кард ва нон об зад ва бурд барои дев. Дев тамоми инҳоро як луқма кард ва боз садояшро баланд кард:

Ҳай бар шумову ҳу бар шумо,
Кафши дарида бар шумо.
Меҳмон расида бар шумо,
Хобе надорад дар шумо?

Пиразан гуфт:

Гесатро бибуранд, Намакӣ,
Хунатро бирезанд, Намакӣ,
Ба тахт намонӣ, Намакӣ,
Ба бахт бисӯзӣ, Намакӣ.
Шаш дарро бастӣ, Намакӣ,
Як дарро набастӣ, Намакӣ.
Дандат[2] нарм шавад, Намакӣ.

По шав, барои меҳмон рахти хоб дуруст кун!

Намакӣ ҳам по шуд ва лаҳофи турма [3], ташки [4] махмал ва муттакои [5] атлас, ки ҷиҳози арӯсии нанааш буд, барои дев андохт, ки тӯяш бихобад. Дев рафт тӯи рахти хоб ва боз садояшро баланд кард:

Ҳай бар шумо, ҳу бар шумо,
Кафши дарида бар шумо,
Меҳмон расида бар шумо,
Ҳамхоб надорад дар шумо?

Модари Намакӣ гуфт:

Гесатро бибуранд, Намакӣ,
Хунатро бирезанд, Намакӣ,
Ба тахт намонӣ, Намакӣ,
Ба бахт бисӯзӣ, Намакӣ.
Шаш дарро бастӣ, Намакӣ,
Як дарро набастӣ, Намакӣ.

---

[1] Хокина — номи хӯрок.
[2] Данда — қабурға.
[3] Лаҳофи турма — кӯрпа аз матои зарбофт.
[4] Ташк — болопӯш, рӯйҷо, ҷойпӯш.
[5] Муттако — болишти гирдшакл.

По шав, дандаат нарм бишавад, ҳамхоби меҳмон шав!

Бадбахт Намакӣ по шуд ва рафт тӯи рахти хоб бағали дев хобид. Ду соате ки гузашт, дев по шуд ва Намакиро гузошт тӯи халтааш ва аз хона рафт берун. Намакӣ дид аҳволаш бад аст, вале чора надорад, бояд бисӯзаду бисозад. Як майдоне ки роҳ рафтанд, ба дев гуфт:

— Маро бигузор замин, дастбахок нишинам.

Дев халтаашро гузошт замин ва Намакиро дар овард. Намакӣ дид, ҳаво торик аст ва чашм ҷоеро намебинад. Чаҳор-панҷто тикасанг гузошт тӯи халта ва худаш рафт, болои дарахте қоим шуд. Дев ҳам ба хаёли ин ки Намакӣ тӯи халта аст, халтаро кашид ба пушташ ба роҳ афтод. Як каме ки роҳ рафт, дид, Намакӣ сангинӣ[1] мекунад. Гуфт:

— Намакӣ, чаро сангинӣ мекунӣ?

Дид, ҷавобе намедиҳад. Авқоташ талх шуд ва халтаро гузошт замину даруншро во кард. Дид, эй вой: «Ҷо тар асту бача нест». Авқоташ талхтар шуд ва роҳи рафтаро баргашт ва ин тараф, он тараф бӯ кашид, то Намакиро болои дарахт пайдо кард ва дубора гузошт тӯи халта ва дари халтаро қуре ва маҳкам баст ва роҳ афтод. Рафт, рафт, то расид ба як қасри бузурге болои кӯҳе. Он ҷо Намакиро замин гузошт ва аз тӯи халта дар овард.

Намакӣ дид, чӣ қасре. Ҳеҷ подшоҳе ин даму дастгоҳро ба хоб ҳам надидааст. Дев ба Намакӣ гуфт:

— По шав, ҳамроҳи ман биё, то тӯи ин қаср сайрат бидиҳам.

Аз шохаш дастакалид дар овард ва рафт ба суроги утоқҳо. Дона-донаро во кард ва нишони Намакӣ дод. Намакиро аз дидани утоқҳо чашмаш сиёҳӣ рафт. Чизҳое дид, ки ҳеҷ вақт хаёл намекард ба хоб ҳам бубинад. Аз ҷавоҳирот, аз либосҳои зарбафт, аз сиккаҳои тилло ва нуқра, аз зинатҳои занона ҳатто як-ду утоқ ҳам пур буд аз хӯрокӣ ва озуқа. Хулоса, дев тамоми утоқҳоро даруншонро во кард ва

---

[1] Сангинӣ — вазнинӣ.

нишони Намакӣ дод. Ҷуз ду утоқро, ки ҳар чи Намакӣ исрор кард, ба харҷ нарафт. Дев дубора дасткалидро ба шохаш банд кард ва ба Намакӣ гуфт:

— Агар сохтӣ бо ман, ва зани ман шудӣ, тамоми инҳо моли ту аст. Ва агар на, мекушам ва мехӯрамат.

Намакӣ аз тарс ё заранги гуфт:

— Албатта ки месозам. Кист, ки аз молу давлат бигузарад?

Намакӣ ба сурати зоҳир худашро розӣ нишон дод, вале барои халосии худаш мехост чора кунад. Аз он тараф ҳам хеле дилаш мехост, бифаҳмад, тӯи он ду утоқ чист. Дев вақте ки Намакиро розӣ дид, хеле хушҳол шуд. Гуфт:

— Бидон, ки мо, девҳо, ҳафт рӯз як маротиба серу пур мехӯрем ва ҳафт рӯз пушти сари ҳам мехобем ва ҳафт рӯз ҳам бедорем ва ҳоло навбати хоби ман аст. Зонуятро биёр ҷулӯ, сарамро бигузорам рӯяш, ки аз ҳар муттакое барои ман беҳтар аст. Ман ҳафт рӯз мехобам. Баъд бедор мешавам. Он вақт таклифи зиндагиамонро маълум мекунем. Ту ҳам, агар хобат гирифт, саратро бигузор рӯи сари ман бихоб. Фикри гуруснагӣ ҳам накун, ки ҳавои ин ҷо тавре аст, ки ҳафтае як бор бештар касе гурусна намешавад.

Намакӣ гуфт:

— Бисьёр хуб.

Ва зонуяшро зери сари дев гузошт ва дев ба хоб рафт. Намакӣ фикр кард, ки: «Ман дар ин ҳафт рӯз, ки ин наррадев хоб аст, хеле корҳо метавонам бикунам. Беҳтар аст, ки аз ҳамин ҳоло сари девро рӯи замин бигузорам ва по шавам, фикре ба ҳоли рӯзи сиёҳам бикунам». Явошакӣ сари девро рӯи замин гузошт ва дастакалидро аз шохаш дар овард. Рафт дари утоқҳоро во кард. Як дафъаи дигар бо дили ҷамъ ва сари фурсат ҷавоҳирҳоро тамошо кард. Баъзеҳоро ба гарданаш овезон кард ва ҷулӯи оина рафт, ки худашро бубинад. Баъзеҳоро ба даст ва бозӯяш андохт. Аз он тараф сиккаҳои тиллоро ҷулӯяш тӯб кард, мушт-мушт мебардошт, мерехт, намедонист, чӣ кор бикунад.

Дар ин байн якбора ба ёди он ду утоқ афтод, ки дев дарашонро во намекард. Фаврӣ аз ҷояш баланд шуд ва калидҳояшро пайдо кард ва ба суроғашон рафт. Утоқи аввалро во кард, моташ бурд. Барои ин ки як даста аз духтарҳое, ки дар хушкелӣ мислу монанд надоштанд, дар утоқи зиндон дид, ки ҳама занҷир ба гардан ва кунда ба по буданд. Инҳо то Намакиро диданд, фарьёд карданд:

— Хотунҷон! Шумо куҷо, ин ҷо куҷо?

Намакӣ шарҳи ҳоли худашро аз аввал то охир барои онҳо таъриф кард. Баъд аз духтарҳо пурсид:

— Шумоҳо ин ҷо чӣ кор мекунед?

Онҳо гуфтанд:

— Нигоҳ ба кундапо ва занҷири гардани мо накун. Падарҳои мо ҳар кадом барои худашон дар шаҳре шаҳриёре ҳастанд. Мо ҳам ҳар кадом гирифтори ин дев шудем ва вақте ки розӣ нашудем, ки занаш бишавем, моро ба ин рӯзи сиёҳ андохт.

Намакӣ гуфт:

— Ҳоло ки ин тавр аст, ман занҷир ва кундаро аз гардан ва пои шумо бармедорам ва шуморо халос мекунам ва то сари ҳафта, ки дев аз хоб бедор мешавад, шумо худатонро ба як ҷои амне расондаед.

Инҳо гуфтанд:

— Роҳамон хеле дур аст. Мо метарсем, ки дубора гирифтори ин наррадев бишавем. Он вақт дигар моро зинда намегузорад.

Намакӣ гуфт:

— Бубинем, чӣ тавр мешавад.

Дар ин миён як саги занҷирӣ дид. Гуфт: «Ин ҳайвонро ҳам халос мекунам. Шояд ба дарди ман бихӯрад». Ҳамин ки занҷирро аз гардани саг бардошт, якбора садое мисли таркидани бодкунак баланд шуд ва аз чилди саг як ҷавони хушкели хушобуранг дар омад. Намакӣ ва духтарҳо ҳама моту мабҳут ангушт ба даҳон монданд, ки ин кист. Худи писар ба забон омад, ки:

— Ман писари фалон подшоҳам, мо ҳафт бародарем ва барои ҳар кадом ҳам қасри махсусе падарамон сохта буд ва хаёл дошт, барои мо арӯсӣ кунад, ки ман гирифтори ин дев шудам.

Пурсиданд:

— Чӣ тавр? Чаро?

Гуфт:

— Як шаб ман тӯи қаср хобида будам. Қасри ман ҳафт дар дошт ва дами ҳар даре як қаровул бо шамшери кашида истода буд. Иттифоқан қаровули ҳафтӯмро хобаш гирифт, шамшерашро гузошт зери сараш ва хобид. То хобаш бурд, дев омад тӯ ва маро гирифту рӯи шохаш гузошт ва овард ин ҷо. Норасида тозиёнаро кашид ба ҷони ман, ҳоло назанӣ, кай бизанӣ. Гуфтам: «Чаро мезанӣ? Гуфт: «Барои ин ки дар толеи ман навишта, ки куштани ман ба дасти ту аст ва ман бояд то рӯзе, ки қирони ман аст, туро нигаҳ дорам ва он рӯз ивази ин, ки ту маро бикушӣ, ман туро бикушам». Баъд ҳам маро тилисм кард ва бо ин занҷир баст ва ба сурати саг даровард ва он тавре ки ман фаҳмидам, ҳамин як-ду рӯзе бештар ман зинда нестам.

Намакӣ гуфт:

— Эй доду бедод! Агар ин дев бедор бишавад, ман чӣ кор кунам?

Шоҳзода гуфт:

— Ин тавре ки ман шунидам, паҳлуи утоқи мо утоқест, ки ҳавзи булӯрӣ васати он аст ва дар он ҳавз як моҳии қирмизӣ аст, ки шишаи умри ин дев тӯи шиками он моҳӣ аст.

Намакӣ гуфт:

— Калиди ин утоқҳо ҳама паҳлуи ман аст.

Гуфт:

— Пас зуд дарро во кун!

Намакӣ дари утоқро ки во кард, ҳама диданд, дуруст аст. Ҳавзи булӯрӣ васати утоқ аст. Як моҳии қирмиз тӯи ҳавз аст. Шоҳзода даст кард тӯи ҳавз, моҳиро бигирад. Моҳӣ дар мерафт. Билохира гирифтор шуд. Ин ҷо моҳӣ гирифтор шуд, он ҷо дев аз хоб парид, дастпоча омад ба тарафи инҳо, аммо чӣ фоида, шоҳзода шиками моҳиро пора карда буд ва шишаи умри девро дар оварда буд ва сари даст гирифта буд.

Дев, ки ин авзоъро дид, дуд аз дилаш дар омад, ки: «Эй қазо ва қадар! Кори худатро кардӣ». Бано кард ба шоҳзода аҷзу илтимос кардан, ки:

— Ҳар чӣ бихоҳӣ, медиҳамат, ба шарте ки шишаи умрро ба ман бидиҳӣ.

Шоҳзода гуфт:

— Аввал коре ки мекунӣ, ин духтарҳоро аз ҳар ҷо ки овардӣ, мебарӣ, мегузорӣ сари ҷояшон, то баъд бигӯям чӣ кор кун.

Дев аз ночорӣ қабул кард. Ҳамаро бурд сари ҷояшон ва омад паҳлуи шоҳзода. (Дигар маълум аст, қавму хешҳои ин духтарҳо чӣ қадар хушҳол шуданд). Вақте дев нафари охириро расонд ва баргашт, пурсид:

— Дигар чӣ кор кунам?

Шоҳзода гуфт:

— Бирав кунҷи ҳавлӣ тамошо кун, чӣ тавр шишаи умри туро мешиканам.

Дев то омад ба худаш биҷунбад, шоҳзода шишаи умрашро зад ба замин. Ӯ ҳам дуд шуд ва рафт ба ҳаво.

Шоҳзода, ки як дил не, сад дил ошиқи Намакӣ шуда буд, берударвосӣ ба Намакӣ гуфт:

— Ман мисли туеро дар осмон мекофтам, дар замин пайдо кардам. Ҳар тавре ҳаст, бояд зани ман бишавӣ ва бояд зудтар биравем вилояти мо, то ҳам падар ва модари ман хушҳол бишаванд ва ҳам бисоти арӯсиро роҳ биандозем.

Намакӣ, ки дилаш аз шоҳзода ошуфтатар ва олуфтатар буд, гуфт:

— Ман ба шарте зани ту мешавам ва ҳама ҷо бо ту меоям, ки аввал модар ва хоҳарҳоямро бубинам.

Шоҳзода қабул кард. Намакиро бурд паҳлуи модар ва хоҳарҳояш. Намакӣ тафсили ҳоли худаш ва шарҳи қасри девро аз сир то пиёз барояшон нақл кард. Онҳо хеле хушҳол шуданд. Баъд қарор шуд, ки дастиҷамъӣ бираванд вилояти шоҳзода. Боре, дусе рӯзе монданд ва хастагӣ дар карданд. Баъд ҳамагӣ — Намакӣ ва модараш ва шаш хоҳараш рафтанд ба вилояти шоҳзода.

Аз дарвозаи шаҳр ки ворид шуданд, диданд, мардум ҳама сиёҳ пӯшиданд. Намакӣ пурсид:

— Чаро аҳли вилояти шумо ҳама сиёҳ пӯшидаанд?

Шоҳзода гуфт:

— Ҳукман барои хотири ман аст, ки ду сол аст, гум шудаам ва аз ман хабаре надоранд.

Ҳамин тавр ҳам буд. Боре, шоҳзода вориди қаср шуд ва яксар ба побӯсии падараш рафт. Подшоҳро то чашмаш ба писари гумшудааш хӯрд, аз ҳол рафт. Ҳамин тавр модари писар. Аммо рехтанд, онҳоро ба ҳол оварданд.

Ҳоло биё тамошо кун, ки ҳарамсарои подшоҳ шуда ғулғулаи Рум. Зан ва мард, бузургу кучик давру вари шоҳзодаро гирифтанд ва хушҳолӣ мекунанд. Подшоҳ аввал коре ки кард, фармон дод, то кӯси[1] шодӣ бизананд. Мардум ҳам либоси сиёҳро аз таналон дар оранд. Баъд шоҳзода саргузашти худашро аз рӯзе ки гирифтори дев шуда буд, то охир барои модару падар ва қавму қабила гуфт. Подшоҳ хеле хушҳол шуд. Рӯ кард ба занаш, ки модари писарҳо бошад, гуфт:

— Мо пеш аз он ки шоҳзода гум бишавад, хаёл доштем, барои ӯ ва бародарҳояш арӯсӣ кунем. Вале он вақт қисмат набуд. Ҳоло ки шоҳзода (чашми душман кӯр) ба саломатӣ баргашт, бояд арӯсии онҳоро барпо кунем. Байни инҳо ҳар кадом духтареро ки мехоҳанд, мо дасташонро бигирем ва бигузорем тӯи дасти инҳо.

Зани подшоҳ тафсилро барои шоҳзода ва бародарҳояш гуфт. Ӯ ҳам гуфт:

— Ман ғайр аз Намакӣ касеро намехоҳам.

Хулоса, дарди саратон надиҳам, «дару тахта ҷуфт шуда буд». Ҳар кадом аз бародарҳои шоҳзода яке аз хоҳарҳои Намакиро аз зери чашм гирифта буд ва ошиқ шуда буд. Бисоти арӯсиро роҳ андохтанд. Ҳафт шабонарӯз шаҳрро оин бастанд ва чароғонӣ карданд. Шаби ҳафтӯм подшоҳ дасти Намакӣ ва хоҳаронашро гирифт ва гузошт тӯи дасти шоҳзода ва бародарҳояш ва гуфт:

---

[1] Кӯс — табл, нақораи калон.

— Ин занҳои шумо, бо ҳам пир бишавед ва аз ҳам сер нашавед.

Ҳар кадом аз ин духтарҳо тӯи қасре рафтанд ва то буданд, ба хубӣ ва хушӣ зиндагӣ карданд.

Қиссаи мо ба сар расид, зоғи ало ба ҳрнааш нарасид.



*Аз Субҳӣ*

## БУЗӢ

Яке буду яке набуд, хайёте[1] буд, ки дар ин дори дунъё сето писар дошт. Инҳо дар дӯкон вардасташ[2] буданд.

Як рӯз ин хайёт як бузи мода харид, ки субҳ ба субҳ ширашро бичӯшанд ва қотиқи нонашон кунанд. Вақте ин бузро харид, қарор гузоштанд, ки ҳар рӯз яке аз ин писарҳо субҳ бузро бибарад ба саҳро, бичаронад, ғуруб биоварад хона ва тӯи тавила бибандадаш.

Рӯзи аввал навбати писари бузург буд. Бузро тӯи чаманҳо чаронд, сер ва пур хӯронд, то ғуруб шуд. Ғуруб ки шуд, гуфт:

[1] Хайёт — дӯзандаи либос.
[2] Вардаст — дастьёр, шогирд.

— Бузй, сер шудй?

Гуфт:

— Бале. Он қадар хўрдам, ки тўи шикамам ба андозаи як барг ҷои холй намонда аст.

Писар гуфт:

— Ҳоло ки ин тавр аст, биравем хона.

Таноби бузиро гирифт ва овардаш хона, бурдаш тўи тавила баст. Омад тўи утоқ паҳлуи бобояш. Бобояш пурсид:

— Бачаҷон, бузй хуб сер шуд?

Гуфт:

— Бале. Он қадар хўрдааст, ки ҷои як барг тўи шикамаш нест.

Падар барои ин ки хуб мутмаин бишавад [1], рафт тўи тавила, аз бузй пурсид:

— Сер шудй?

Бузй гуфт:

— Чй тавр сер шудам? Магар тўи санг ва кулўхҳо алаф пайдо мешавад, ки ман бихўрам сер бишавам? Маро бурд васати санг ва кулўхҳо баст. Ҳай ин вар он вар ҷустам, алафе гирам наёмад, бихўрам.

Падарро авқоташ талх шуд. Чўберо бардошт ба ҳавои писари бузург, ки:

— Эй, дурўғгў, магар ман ба ту нагуфтам, ин ҳайвонро бибар сер кун? Ин тавр ҳарфи маро шунидй? Ҳайвонро гурусна гузоштй! Ҳоло дурўғ ҳам мегўй?

Писар омад, ҳарф бизанад, падарро ҷараш гирифт [2] ва гуфт:

— Ёллоҳ, аз хонаи ман бирав берун!

Писар ночор омад берун.

Фардо навбати писари дуввўмй расид. Хайёт гуфт:

— Бачаҷон, ту дигар мисли бародарат накун. Инро бибар тўи сабзаҳо бичарон. Бигузор сер ва пур бихўрад.

Писар гуфт:

— Эй, ба дида миннат.

---

[1] Мутмаин шудан — дурусттар боварй ҳосил кардан.
[2] Ҷар гирифтан — аз ғазаб худро гум кардан.

Бузиро оварД тӯи саҳро ва андохташ ба чаманзор, то гуруби офтоб. Гуфт:

— Бузӣ, сер шудӣ? Агар сер шудӣ, биравем хона.

Ӯ гуфт:

— Оре, он қадар сер шудам, ки нигоҳ ба алаф мекунам, бадам меояд.

Писар бузро оварД хона ва бурд басташ тӯи тавила.

Боз хайёт пурсид:

— Бачаҷон, буз хуб сер шуд?

— Бале он қадар, ки нигоҳ ба алаф мекард, бадаш меомад.

Гуфт:

— Бигузор худам биравам, аз ӯ бипурсам.

Хайёт омад тӯи тавила, пурсид:

— Бузӣ, сер шудӣ?

Гуфт:

— Чӣ тавр сер шавам? Магар ба девори боғ алаф сабз мешавад, ки ман бихӯрам, сер бишавам? Маро бурд канори девори боғ баст. Ҳай ин тараф он тараф фук задам, чизе гирам наёмад, бихӯрам.

Падараш авқотталх шуд. Чӯбро гирифт ба ҳавои писари васатӣ, ки:

— Эй, дурӯғгӯ, магар ба ту нагуфтам, ин ҳайвонро бибар, сер кун? Ин тавр ҳарфи маро шунидӣ, ҳайвонро гурусна гузоштӣ? Ҳоло дурӯғ ҳам мегӯӣ?

Писар омад, ҳарф бизанад, падараш хекиртакашро гирифт ва гуфт:

— Ёллоҳ, ту ҳам аз хонаи ман бирав берун!

Писар ҳам ночор берун омад.

Фардо навбати писари саввӯмӣ расид, писари кучик. Хайёт гуфт:

— Бачаҷон! Ту дигар мисли он дуто накун! Ин ҳайвонро бибар, бигузор баъд аз ду рӯз як алафи серӣ бихӯрад.

Писар гуфт:

— Ба чашм.

Ва бузиро бурд ба саҳро, кардаш тӯи сабзаҳо, гуфт:

— Бузӣ, то метавонӣ, бихӯр.

Бузӣ то ғуруб чарид. Он вақт писар гуфт:

— Агар сер шудӣ, биравем ба хона.

Гуфт:

— Бале, ҳамчунон сер шудам, ки дигар аз алаф зада шудам.

Гуфт:

— Ҳоло ки ин тавр аст, биравем хона.

Таноби бузиро гирифт, оварда хона. Боз ҳам хайёт аз писараш пурсид:

— Бачаҷон, бузӣ сер шуд?

Гуфт:

— Бале, он қадар, ки аз алаф зада шуд.

Гуфт: «Боз ҳам эҳтиёт кунам, аз ӯ бипурсам».— Рафт тавила, аз бузӣ пурсид:

— Сер шудӣ?

Гуфт:

— Магар оби рудхона алаф меоварад, ки ман бихӯрам, сер бишавам? Писарат маро канори рудхона баст. Ман имрӯз дигар ранги алаф ва сабзӣ надидам.

Падарро авқоташ талх шуд ва ин писарро ҳам мисли он дуто аз хона берун кард.

Ҳоло дигар хайёт монда ва буз. Фардо субҳ гуфт:

— Бузӣ, имрӯз дигар худам мебарамат саҳро, тӯи алафҳо сар медиҳамат, то шикаме аз азо дар биёрӣ.

Фардо шуд. Бузиро бурд саҳро, сараш дод тӯи чаман, ҷое ки алафҳои тару тоза зиёд буд. То офтобзардӣ бузӣ мечарид. Он вақт хайёт пурсид:

— Бузӣ, сер шудӣ?

Гуфт:

— Бале, он қадар сер шудам, ки то як ҳафтаи дигар ҳам майл ба алаф надорам.

Хайёт хушҳол шуд ва Бузиро оварда хона, бурд тӯи тавила басташ. Вақте ки хост аз тавила биёяд берун, чун одат карда буд, аз Бузӣ бипурсад, «сер шудӣ», аз ӯ пурсид:

— Бузӣ, имрӯз дигар сер шудӣ?

Бузи ҳам чун одат карда буд, дурӯғ бигӯяд, гуфт:

— Чӣ тавр сер шудам? Магар замини шӯразор алаф берун медиҳад, ки ман бихӯрам, сер бишавам?

Хайётро моташ бурд. Фаҳмид, ки ин буз аз рӯзи аввал дурӯғ гуфтааст ва ин бачаҳояшро беҳуда аз хона берун кардааст. Ба Бузӣ гуфт:

— Сабр кун ҳаққатро дастат бидиҳам, бадҷинси дурӯғгӯ! Бачаҳои маро биёбонмарг кардӣ! Балое сарат биоварам, ки то дуньё дуньёст, шарҳашро аз сина ба сина бисупоранд ва аз варақ ба достон бинависанд.

Фардо субҳ зуд омад, об овард. Сари Бузиро хуб бо об тар кард, баъд теғи ҳиндиро даст гирифт, сари бузиро аз таҳ тарошид, дуруст мисли кафи даст, ки барои намуна як мӯ ҳам тӯяш пайдо нашавад. Он вақт шаллоқро[1] бардошт ва афтод ба ҷонаш. Ҳоло назанӣ, кай бизанӣ. Бузӣ ба ҷиғу виг афтод ва бетоқат шуд. Аз ҳирсаш мехи тавилаашро канд. Чаҳорто дасту по дошт, чаҳортои дигар ҳам қарз кард ва гурехта рафт.

Бачаҳо рафтанд, буз рафт, хайёт монд ва хона ва дӯкони холӣ. Ғуссадор субҳ то ғуруб тӯи дӯкон бо худаш ҳай ҳарф мезад ва фикру хаёл мекард. Шаб ҳам дар хона як гӯша нола мекард.

Ҳоло чанд калима аз саргузашти бачаҳо бишнавед. Писари бузургӣ, ки аз хона омад берун, рафт ба як шаҳри дигаре ва рафт дӯкони як мисгаре ва сафедгариро ёд гирифт. Як рӯз омад паҳлӯи устодаш. Гуфт:

— Устодҷон, рухсат?

Устод гуфт:

— Чӣ?

Гуфт:

— Маро дилам танг шудааст. Мехоҳам, дастатро бибӯсам ва биравам аз ин шаҳр берун.

Устод гуфт:

— Чӣ зарар дорад? Дасти ҳақ ба ҳамроҳат. Ҳар ҷо меравӣ, бирав. Ман чун аз ту розӣ будам, як дег ва як кафгир ба ту ёдгорӣ медиҳам, ба шарте ки қадрашро бидонӣ.

Гуфт:

— Магар чист, ки қадрашро бидонам?

---

[1] Шаллоқ — қамчин, тозиёна.

Гуфт:

— Хосияти гарибе дорад. Хосияташ ин аст: вақте кафгирро ба дег мезанӣ ва мегӯӣ: «Ғизо ҳозир бишавад», ба андозаи ҷамъияте ки ҳастанд, ва дег палав ва хӯришҳои рақам ба рақам бо бӯшқоб дар меояд, даври суфра чида мешаванд ва ҳар бӯшқобе, ки тамом шуд, худаш меравад тӯи дег, дубора пур берун меояд, то вақте ки соҳибаш сер бишавад.

Писар дегу кафгирро гирифт ва дасти устодро бӯсид ва роҳ афтод, ба худ гуфт: «Тамоми заҳматҳое ки мардум мекашанд, барои як тика нонест, ки бигиранд ва луқмаи шикамашон бикунанд. Алҳамдулилло, мо ба як чизе расидем, ки то рӯзи қиёмат барои тухм ва тарка ва касбу корамон бас аст! Балки аз сарашон меояд ва аз пояшон дар меравад. Пас ҳоло ки ин тавр аст, беҳтар аст, биравам ба суроғи падарам. Аҷаб не ҳамин тавре ки дили ман барон вай танг шудааст, ӯро ҳам дилаш ҳавои маро кардааст, авқотталхиаш ҳам тамом шудааст». Роҳ афтод, омад ба суроғи падар.

Тӯи роҳ ба корвонсарои «Меҳмонкаш» наздики вилояташ расид. Рафт тӯи корвонсаро, дид ҷамъияти зиёде аз мусофир тӯи корвонсаро ҳастанд ва ҳар кадом гӯшае бор андохтанд ва дегҳоро бор гузоштанд ва тайёрии шоми шаб мебинанд. Ӯ рафт як гӯшае, барои худаш нишаст. Дег ва кафгирро ҳам ҷулӯяш гузошт. Онҳое ки наздик буданд, вақте дидандаш дегашро бор нагузошта, дилашон баҳолаш сӯхт. Шомашон ки дам кашид ва ҳозир шуд, ба ӯ таклиф карданд, ки:

— Бисмилло, бифармо.

Ӯ ҳам таклифи инҳоро рад кард. Гуфт:

— Ман майл надорам. Шумо бифармоед ин ҷо. Ҳар чӣ майл дошта бошед, бароятон ҳозир кунам.

Инҳо гуфтанд:

— Чӣ тавр ҳозир кунӣ?

Гуфт:

— Бифармоед, то бубинед.

Инҳо омаданд, давраш нишастанд. Ӯ ҳам суфрае паҳн кард. Кафгирро зад ба дег гуфт: «Ғизо, ҳозир шав!» Ба андозаи ҷамъияте ки даври суфра

нишаста буданд, аз дег бӯшқоби палав ва хӯриш дар омад, он қадар, ки то ҳама сер шуданд. Мардум ки ӯро диданд, тааҷҷуб карданд. Даҳон ба даҳон гуфтанд, то ба гӯши корвонсаройдор расид. Ӯ ба худ гуфт: «Ҳар тавре ҳаст, бояд дегу кафгирро аз чанги ӯ дар биоварам». Сабр кард, то ҳама хобиданд. Писар ҳам хобид. Дид, бале, дегу кафгирро синаи девор гузоштааст, худаш ҳам масти хоб аст. Рафт аз тӯи анбораш як дег ва кафгир ба ҳамон андоза дар овард, гузошт ҷои онҳо, онҳоро бурд, гузошт анбор. Субҳ ки шуд, мусофирҳо бору бандили худро бастанд ва роҳ афтоданд. Ӯ ҳам роҳ афтод. Ғуруби ҳамон рӯз расид ба шаҳри худашон. Яксар рафт ба тарафи хонаи падараш. Дар зад, ворид шуд. Падарашро то чашмаш ба ин хӯрд, ашки шодӣ тӯи чашмаш ҳалқа зад. Писарашро бағал гирифт ва хушомад гуфт ва шукри худоро ба ҷо овард, аҳволпурсӣ кард, ки:

— Хуб, писарҷон, бигӯ, бубинам, ин муддат куҷо будӣ? Чӣ кор мекардӣ? Чӣ барои мо савғот овардӣ?

Писар гуфт:

— Дар фалон шаҳр будам, мисгарӣ мекардам. Дег ва як кафгир ҳам бароят овардам.

— Гуфт:

— Хуб, мисгарӣ ҳунари хубест, нону наво ҳам дорад, аммо савғоти дигар гирд наёвардӣ, ки дегу кафгир овардӣ?

Гуфт:

— Ин дегу кафгир ба дуньёе меарзанд, барои ин ки ҳар хел хӯрдание ки бихоҳӣ, фармон медиҳӣ ва кафгирро ба дег мезанӣ, бароят ҳозир мешавад. Ҳоло ту фардо наҳор тамоми қавму хешҳоро ваъда бигир, то ман ҳунари инро нишон бидиҳам.

Падар гуфт:

— Хеле хуб.

Фардои он рӯз қавму қабиларо ваъда гирифт. Зӯҳр ҳама омаданд. Ӯ ҳам суфраи гулоние[1] андохт ва дегу кафгирро овард майдон ва бо обутоби махсус кафгирро ба дег зад, фармони ғизо дод. Дид, хабаре нашуд: «Эй, вой, чаро ин тавр?» Сахт-

[1] Суфраи гулонӣ — суфраи гулгун, суфрае ки дар рӯяш расмҳои гул кашида шудааст.

тар зад, маҳкамтар гуфт. Дид, абадан хабаре нашуд. Худаш хиҷолат кашид ва падарашро авқоташ талх шуд. Қавму хешҳояш ҳам ӯро масхара карданд ва хандидандy рафтанд. Писар рафт ба фикр ва фаҳмид, ки соҳиби корвонсаро дег ва кафгирашро зад.

Аммо писари дуввӯмӣ аз пеши падар ки рафт, рафт як ҷое, паҳлуи осиёбоне шогирд шуд, дил ба кор дод. Эҳтироми осиёбонро нигаҳ дошт. Баъд аз муддате ба осиёбон гуфт:

— Агар иҷозат бидиҳӣ, ман чун хеле вақт аст, падарамро надидаам, дилам барояш танг шуда аст. Хуб аст, биравам ӯро бубинам.

Осиёбон гуфт:

— Бисьёр хуб. Чун ман аз ту розӣ ҳастам, дар ин муддат ҳам бо сидқу сафо паҳлуи мо будӣ, ман як хар ба ту медиҳам. Аммо мабодо бизаниаш ё чизе бораш кунӣ.

Гуфт:

— Ҳамчун харе ба чӣ дарди ман мехӯрад?

Гуфт:

— Ҳо, ту хабар надорӣ. Ин аз он харҳост, ки ашрафӣ ба ту медиҳад.

Гуфт:

— Чӣ тавр?

Гуфт:

— Ин тавр, ки як чодири шаб паҳн мекунӣ рӯи замин. Ин забонбастаро ҳам мебарӣ васати чодиршаб, баъд дастатро баланд мекунӣ, се дафъа ин вердро мехонӣ: «Очӣ мачӣ, лотарчӣ». Хар бано мекунад ар-ар кардан ва тилло рехтан.

Гуфт:

— Магар шиками хар зарробхона [1] аст?

Гуфт:

— Инҳоро дигар ман намедонам. Хосияти ин хар ин аст.

Писар хушҳол шуд. Сару риши осиёбонро бӯсид ва омад ба тарафи вилояташ.

Даст бар фазо, ӯ ҳам расид ба корвонсарои «Меҳмонкаш» Рафт тӯи корвонсаро. Мехи тавилаи харро

---

[1] Зарробхона — ҷое ки пул дуруст мекунанд.

болои сараш кӯбид. Нишаст бо мусофирҳо ба сӯҳбат кардан, то вақти шом расид. Ин ба онҳо таклиф кард, ки:

— Ҳар чӣ мехоҳед, бигӯед корвонсаройдор биоварад. Ҳама ҳам меҳмони ман.

Фурсат ҳам надод, касе ҷавоби таклифашро бидиҳад. Худаш корвонсаройдорро рафт овард.

— Бигӯ, барои мо чандто мурғи бирьён ва як даврӣ хокинаи асал ва як суфра лавош[1] ва чандто кулча биоваранд.

Корвонсаройдор рафт овард, вале тааҷҷуб кард, ки ин лӯтӣ, ки ин тавр вилхарҷӣ[2] мекунад, кист? Баъд аз шом ва шабчеҳра ҳамин ки хостанд бихобанд, корвонсаройдор омад, ба ҳисобу китобаш бирасад. Аз ӯ мутолибаи пул кард. Ӯ ҳам гуфт:

— Ин ҷо бинишин, ман ҳоло пулатро медиҳам.

Ба хаёли худаш корвонсаройдорро он ҷо нишонд, худаш харро бурд як канори хилвате ва чодиршаб паҳн кард, вердро хонд, як хурде ашрафӣ ҷамъ кард, омад сари ҷои аввалиаш, вале аз ин нуқта ғофил буд, ки корвонсаройдор «зоғи сиёҳи ӯро чӯб зад» ва фаҳмид куҷо рафт ва чӣ кор кард. Корвонсаройдор нисфҳои дили шаб, ки ҳама хоб буданд, омад аз тавилааш як хар ба шакли ҳамин хар овард ва ба ҷои он хар баст ва онро бурд тӯи тавила.

Субҳ мусофирҳо роҳ афтоданд, ӯ ҳам роҳ афтод. Ғуруби ҳамон рӯз расид ба хона. Падар ва бародар аз диданаш шод шуданд ва хушҳолӣ карданд. Падар аз ӯ пурсид:

— Хуб, бигӯ, бубинам, ин муддат куҷо будӣ? Чӣ кор мекардӣ? Чӣ барои мо савғот овардӣ?

Гуфт:

— Фалон ҷо будам, осиёбонӣ мекардам. Як хар ҳам бароят савғот овардам.

Падар гуфт:

— Хар бароям савғот овардӣ? Мехостӣ, як чизе биоварӣ, ки ин ҷо камьёб бошад? Чизе ки фаровон аст тӯи ин шаҳр — хар!

---

[1] Лавош — нони тунук.

[2] Вилхарҷӣ — саховатмандӣ, сахигӣ, кушодадастӣ.

Гуфт:

– Ин аз он харҳо нест. Хосияти ин хар ин аст ва ин. Ҳоло ту фардо тамоми қавму хешҳоро хабар кун, то ман ҳунари ин харро нишон бидиҳам.

Падар ҳам тамоми қавму хешҳоро хабар кард, аз бузургу кучик ҷамъ шуданд. Писар боно кард аз ҳол ва ҳунари хар таърифкардан. Баъд васати ҳавлй чодиршабро паҳн кард ва харро бо таъвилу тафсили тамом овард васати чодиршаб ва дасташро баланд кард, ведро хонд: «Очй, мачй, лотарчй!» Вале ҳеҷ фоида надошт. На хар ар-аре кард ва на як пули сиёҳ дод. Писар хиҷолат кашид ва падар авқотталх шуд, қавму хешҳо масхарабозй дар оварданд ва рафтанд. Он вақт фаҳмид, ки корвонсаройдор харашро иваз кардааст.

Аммо писари севўм. Инро ҳам вақте падараш берун кард, рафт, рафт тўи як шаҳре, шогирди харрот шуд. Чун харротй резакорй ва нозуккориаш зиёд буд, аз он ду бародари дигараш бештар паҳлўи устод монд. Дар ин зимн онҳое ки аҳли вилояташ буданд ва ба ин шаҳр меомаданд, инро ҳам мешинохтанд, он чй аз ҳоли он ду бародар шунида буданд, хусусан аз ҳуққае ки корвонсаройдор ба онҳо зада буд, барояш таъриф карданд.

Боре, вақте хуб санъати харротиро ёд гирифт, рўзе рафт паҳлуи устод. Одоб ва эҳтиром гузошт, заминбўсй кард. Гуфт:

— Устодҷон, агар рухсат бидиҳй, маро дилам ҳавои падарамро кардааст ва мехоҳам биравам, ўро бубинам. Дуньёст, мабодо чашмашро бипўшад ва ман як дафъаи дигар чашмам тўи чашмаш наафтад.

Харрот гуфт:

— Бисьёр хуб. Чун шогирдии маро аз дилу ҷон кардй, ман ҳам як чизи хуб ба ту ёдгор медиҳам. Ва он кисаест, ки тўяш як чумоқ[1] аст.

Писар гуфт:

— Чумоқ ба чй дарди ман мехўрад?

Гуфт:

---

[1] Чумоқ — калтакча.

— Ҳо, чумоқ ба чӣ дардат мехӯрад? Ба худо, агар дуньёро дошта бошӣ ва инро надошта бошӣ, корат зор аст. Ин чумоқро хосияташ ин аст: ҳар ҷо ки гирифтор шудӣ, ё хостӣ ҳаққи худатро аз касе бигирӣ, ки зӯрат ба ӯ намерасад, даст рӯи киса мегузорӣ ва мегӯӣ: «Чумоқ, аз киса дар ой!» Ки чумоқ аз киса дар меояд, тӯ сари муддаии ту мехӯрад, ки лаҳу лурда[1] ва ҳалокаш кунад.

Писар хушҳол шуд ва роҳ афтод. Ин ҳам мисли он ду бародар васати роҳ ба корвонсарои «Меҳмонкаш» расид. Рафт як гӯшае нишаст ва кисаву чумоқашро гузошт ҷулӯяш ва бано кард таъриф кардан. Ҷамъият ҳам давру вараш гирифтанд. Дид корвонсаройдор ҳам миёни инҳост. Гуфт:

— Эй, мардум, тӯи ин дори дуньё халқатҳои аҷиб ва ғарибе аст, ки одам вақте мешунавад, моташ мебарад. Аз ҷумла мегӯянд, дег ва кафгире ҳаст, ки ҳар тавр хӯроке дилат бихоҳад, аз тӯяш дар меояд. Мегӯянд, харе ҳаст, ки ар-ар мекунад ва ашрафӣ берун медиҳад. Ман надидам, шунидам, аммо он чӣ ман тӯи ин киса дорам, рӯдасти ҳамаи онҳост.

Корвонсаройдор хушҳол шуд, гуфт: «Мо, ки ин дуторо гир овардем, бояд ба ҳар шевае ҳаст, инро ҳам гир биоварем». Сабр кард, то тамоми мусофирҳо хобиданд. Омад болои сари писар, дид хоб аст ва киса зери сараш аст. Хушҳол шуд. Явошакӣ дасташро бурд ба тарафи киса, ки бикашад аз зери сари писар берун...

Нагӯ писар худашро зада буд ба хоб, то дасташ рафт ба тарафи киса, ки ӯ дасташро гирифт ва гуфт: «Чумоқ, аз киса дар ой!». Чумоқ омад берун. Ҳоло нахӯрӣ ту сари ин, кай бихӯрӣ! Корвонсаройдор гуфт:

— Ғалат кардам, намехоҳам.

Гуфт:

— Ғалат кардан надорад. Бирав дегу кафгир ва харро ҳам зуд биовар.

Гуфт:

— Дег чӣ? Хар чӣ?

---

[1] Лаҳу лурда — маҷақу майда.

Гуфт:

— Пас бихӯр!

Корвонсаройдор дид, чумоқ раҳм надорад, гуфт:

— Медиҳам.

Гуфт:

— Зуд.

Хулоса, хару дегро гирифт ва ҳамон шабона роҳ афтод ба сӯи хона. Субҳ расид. Овардандаш тӯ, даври ҳам нишастанд, ношто оварданд. Падар пурсид:

— Хуб, бигӯ, бубинем, куҷо будӣ ва чӣ кор мекардӣ? Савғот чӣ овардӣ барои ман?

Гуфт:

— Фалон шаҳр будам, харротӣ мекардам. Савғот ҳам як чизи ҳисобӣ овардам.

Гуфт:

— Чӣ чизи ҳисобӣ?

Гуфт:

— Чумоқ.

Гуфт:

— Магар ман наметавонистам, як шоха аз дарахт биканам, як чумоқ дуруст кунам, ки барои ман чумоқ овардӣ?

Гуфт:

— Ин аз он чумоқҳо, ки дидӣ, нест. Аз баракати ҳамин чумоқ буд, ки ман дег ва хари бародарҳоро гирифтам.

Баъд шурӯъ кард тафсилро аз сар то по нақл кардан. Падар ва бародарҳо хушҳол шуданд, гуфтанд:

— Ҳоло бояд ин чизҳоро ба рухи қавму хешҳо бикашем, то бидонанд, мо дурӯғ нагуфтем.

Барои зӯҳр падар тамоми қавму хешҳоро ба наҳор ваъда гирифт. Писари бузург дег ва кафгирро гузошт майдон, тамоми ҷамъиятро хӯрок дод. Баъд он як чодиршабро паҳн кард ва харро овард миёна ва ашрафиҳоро миёни касбу ва кораш қисмат кард. Хулоса, то дили шаб бигӯ ва биханд доштанд. Он вақт по шуданд, рафтанд хонаҳояшон.

Шаби дуввум, ки худашон даври ҳам буданд, аз ҳар тараф сӯҳбат мекарданд. Писари бузургӣ хеле бо мулоҳиза ва тарсу ларз пурсид:

— Ҳо, чумоқ ба чӣ дардат мехӯрад? Ба худо, агар дуньёро дошта бошӣ ва инро надошта бошӣ, корат зор аст. Ин чумоқро хосияташ ин аст: ҳар ҷо ки гирифтор шудӣ, ё хостӣ ҳаққи худатро аз касе бигирӣ, ки зӯрат ба ӯ намерасад, даст рӯи киса мегузорӣ ва мегӯӣ: «Чумоқ, аз киса дар ой!» Ки чумоқ аз киса дар меояд, тӯ сари муддаии ту мехӯрад, ки лаҳу лурда[1] ва ҳалокаш кунад.

Писар хушҳол шуд ва роҳ афтод. Ин ҳам мисли он ду бародар васати роҳ ба корвонсарои «Меҳмонкаш» расид. Рафт як гӯшае нишаст ва кисаву чумоқашро гузошт ҷулӯяш ва бано кард таъриф кардан. Ҷамъият ҳам давру вараш гирифтанд. Дид корвонсаройдор ҳам миёни инҳост. Гуфт:

— Эй, мардум, тӯи ин дори дуньё халқатҳои аҷиб ва ғарибе аст, ки одам вақте мешунавад, моташ мебарад. Аз ҷумла мегӯянд, дег ва кафгире ҳаст, ки ҳар тавр хӯроке дилат бихоҳад, аз тӯяш дар меояд. Мегӯянд, харе ҳаст, ки ар-ар мекунад ва ашрафӣ берун медиҳад. Ман надидам, шунидам, аммо он чӣ ман тӯи ин киса дорам, рӯдасти ҳамаи онҳост.

Корвонсаройдор хушҳол шуд, гуфт: «Мо, ки ин дуторо гир овардем, бояд ба ҳар шевае ҳаст, инро ҳам гир биёварем». Сабр кард, то тамоми мусофирҳо хобиданд. Омад болои сари писар, дид хоб аст ва киса зери сараш аст. Хушҳол шуд. Явошакӣ дасташро бурд ба тарафи киса, ки бикашад аз зери сари писар берун...

Нагӯ писар худашро зада буд ба хоб, то дасташ рафт ба тарафи киса, ки ӯ дасташро гирифт ва гуфт: «Чумоқ, аз киса дар ой!». Чумоқ омад берун. Ҳоло нахӯрӣ ту сари ин, кай бихӯрӣ! Корвонсаройдор гуфт:

— Ғалат кардам, намехоҳам.

Гуфт:

— Ғалат кардан надорад. Бирав дегу кафгир ва харро ҳам зуд биёвар.

Гуфт:

— Дег чӣ? Хар чӣ?

---

[1] Лаҳу лурда — маҷақу майда.

Гуфт:

— Пас бихӯр!

Корвонсаройдор дид, чумоқ раҳм надорад, гуфт:

— Медиҳам.

Гуфт:

— Зуд.

Хулоса, хару дегро гирифт ва ҳамон шабона роҳ афтод ба сӯи хона. Субҳ расид. Овардандаш тӯ, даври ҳам нишастанд, ношто оварданд. Падар пурсид:

— Хуб, бигӯ, бубинем, куҷо будӣ ва чӣ кор мекардӣ? Савғот чӣ овардӣ барои ман?

Гуфт:

— Фалон шаҳр будам, харротӣ мекардам. Савғот ҳам як чизи ҳисобӣ овардам.

Гуфт:

— Чӣ чизи ҳисобӣ?

Гуфт:

— Чумоқ.

Гуфт:

— Магар ман наметавонистам, як шоха аз дарахт биканам, як чумоқ дуруст кунам, ки барои ман чумоқ овардӣ?

Гуфт:

— Ин аз он чумоқҳо, ки дидӣ, нест. Аз баракати ҳамин чумоқ буд, ки ман дег ва хари бародарҳоро гирифтам.

Баъд шурӯъ кард тафсилро аз сар то по нақл кардан. Падар ва бародарҳо хушҳол шуданд, гуфтанд:

— Ҳоло бояд ин чизҳоро ба рухи қавму хешҳо бикашем, то бидонанд, мо дурӯғ нагуфтем.

Барои зӯҳр падар тамоми қавму хешҳоро ба наҳор ваъда гирифт. Писари бузург дег ва кафгирро гузошт майдон, тамоми ҷамъиятро хӯрок дод. Баъд он як чодиршабро паҳн кард ва харро овард миён ва ашрафиҳоро миёни касбу ва кораш қисмат кард. Хулоса, то дили шаб бигӯ ва биханд доштанд. Он вақт по шуданд, рафтанд хонаҳояшон.

Шаби дуввӯм, ки худашон даври ҳам буданд, аз ҳар тараф сӯҳбат мекарданд. Писари бузургӣ хеле бо мулоҳиза ва тарсу ларз пурсид:

— Бобо, ман ҳар чизеро тӯи ин хона сари ҷояш мебинам, ҷуз бузӣ. Он куҷост?

Падар, аз шумо чӣ пинҳон, як хурде аз бачаҳояш хиҷолат кашид ва гуфт:

— Бале, он бадҷинс дурӯғгӯ дар омад. Ман ҳам сазояшро додам. Саршро тарошидам ва калтаки муфассале ба ӯ задам. Он ҳам фарор[1] кард. Аз қароре ки шунидам, аз ин ҷо ки фарор мекунад, мебинад, ба сари тарошида ҷулӯи сару ҳамсар наметавонад, сар дар биоварад. Меравад биёбон. Тӯи лонаи рӯбоҳе қоим мешавад. Вақте рӯбоҳ меравад хонааш, мебинад, аз таҳи лона тӯи торикӣ як ҷуфт чашм барқ мезанад ва зил-зил ба ӯ нигоҳ мекунад. Аз тарсаш поро мегузорад ба фарор. Васати роҳ ба як хирс мерасад. Хирс мегӯяд: «О шайх[2] рӯбоҳ, куҷо?» мегӯяд: «Омадам биравам тӯи хонаам, дидам, як ҷонвари аҷибу ғарибе он ҷост». Хирс мегӯяд: «Баргард, биравем, бо ҳам берунаш кунем». Вақте ки бар мегарданд, хирс ҳам аз ин метарсад. Дутоӣ фарор мекунанд. Тӯи роҳ ба як занбӯре мерасанд. Занбӯр мебинад о шайх ва кадхудо (рӯбоҳ ва хирс) фарор мекунанд. Аз онҳо мепурсад: «Куҷо бо ин аҷала[3]? Онҳо тафсилро мегӯянд. Занбӯр мегӯяд: «Баргардед, ман шуморо аз шараш роҳат мекунам». Инҳо мегӯянд: «Мо бо ин ҳайкал тарсидем, натавонистем коре бикунем, ту чӣ мекунӣ?» Занбӯр гуфт:

«Филфил[4] набин чӣ рез аст.
Бишкан, бубин, чӣ тез аст».

Хирс ва рӯбоҳ рӯи замин, занбӯр ҳам рӯи ҳаво роҳ афтоданд ба тарафи хонаи рӯбоҳ. Онҳо бо тарсу лазр дари лона истоданд. Занбӯр «виз»-кунон рафт тӯ, як гардиши ҳавоӣ кард, баъд васати сари тарошидаи буз нишаст, як неши ҳисобӣ зад, ки сари буз оташ гирифт ва тӯ «ҷилизу вилиз» афтод ва шионкунон омад берун. Мисли барқу бод сар ба биёбон гузошт ва то ҳал касе нафаҳмидааст, чӣ тавр шуд ва куҷо рафт.

---

[1] Фарор ё фирор кардан—гурехтан.
[2] О шайх — оқо шайх.
[3] Аҷала — тезӣ, шитобонӣ.
[4] Филфил — қаланфур, мурч.

Писарҳо қаш-қаш заданд ба ханда. Падар гуфт:

— Дар ҳар сурат мо корамонро тӯ дуньё кардем ва ҳукми офтоби лаби бомро дорем. Аммо шумо, бачаҳо қадри ин чумокро бидоред.

Қиссаи мо тамом шуд.

Боло рафтем, мост буд, поин омадем дӯғ буд, қиссаи мо дурӯғ буд.

Боло рафтем, дӯғ буд, поин омадем мост буд, қиссаи мо рост буд.





## БИРАВ, БАХТАТРО БЕДОР КУН

Ду бародар буданд, ки баъд аз марги падар мероси ўро байни худ тақсим намуданд. Бародари хурдӣ ба айшу нўш афтод ва дере нагузашт, ки мероси падараш тамом шуд. Ночор назди бародараш рафт ва гуфт:

— Эй, бародар, насиҳатҳои бародаронаи туро нашунидам ва акнун ба бадбахтӣ афтодам. Ба ман кўмаке кун: Вагарна, аз гуруснагӣ хоҳам мурд.

Бародари меҳтар[1] гуфт:

— Гарчи медонам, ёрӣ кардан ба ту суде надорад, чун боз ба ҳамон нофаҳмиҳои нахустинат оғоз хоҳӣ кард. Вале меравӣ дар хориҷи шаҳр, дар фа-

[1] Меҳтар — бародари калонӣ.

лон саҳро, назди фалон ҷавони чӯпон ва ба фалон нишона даҳ меш ва панҷ модагов мегирӣ ва онҳоро василаи маоши худ месозӣ.

Кеҳтар[1] ӯро дуо гуфт ва ба тарафи саҳро равона шуд. Ҳама ҷо рафт, то ба ҳамон ҷавони чӯпон расид ва нишонаи бародарро ба вай дод ва гуфт:

— Даҳ меш ва панҷ гов бидеҳ.

Ҷавон гуфт:

— Ман номаи бародаратро намехонам ва ба дастури вай рафтор намекунам.

Ҷавон дар ғазаб шуд ва гуфт:

— Ту кистӣ ва чӣ ҳақ дорӣ, фармони бародарамро иҷро накунӣ?

Чӯпон гуфт:

— Ман бахти ӯ ҳастам, ӯ ҳар чӣ дорад, аз давлати ман аст. Агар ту ҳам мехоҳӣ, мисли ӯ бошӣ, бирав бахтатро бедор кун.

Гуфт:

— Ту рост мегӯй, вале ҷои ӯро ман намедонам.

Чӯпон бо ангушти дасти рост нуқтае дар уфуқи он саҳро нишон дод ва гуфт:

— Он ҷо пои он тахтасанг хобидааст. Бирав бедораш кун.

Ҷавон хушҳолона ва шитобон рӯ ба он тараф ниҳод ва рафт. Ҳамин ки миқдоре роҳ паймуд, ба шере расид, ки аз шиддати дард менолид. Шер ба ӯ гуфт:

— Эй, ҷавон, ба куҷо меравӣ?

Гуфт:

— Меравам, бахтамро бедор кунам.

Шер гуфт:

— Аз барои худо, вақте ӯро пайдо кардӣ, аз ман саломаш бирасон ва бигӯ ба фарьёдам бирасад, ки аз шиддати дарди сар мурдам. Давои ман ҳар чӣ ҳаст, бигӯяд, то ба дармонаш бирасам.

Ҷавон гуфт:

— Ба дида миннат!

Ва рафт. Қадре ки рафт, ба аспе расид, ки дар мазраае мечарид. Асп ба ӯ гуфт:

---

[1] Кеҳтар — бародари хурдӣ.

— Эй ҷавон, куҷо меравӣ?

Гуфт:

— Меравам, бахтамро бедор кунам.

Асп гуфт:

— Аз барои худо аз ман саломаш бирасон, ки ман муддатҳост дар ин чаманзори васеъ чаро мекунам ва ҳар чӣ бештар мехӯрам, лоғартар мешавам. Бигӯяд, давои дарди лоғарии ман чист.

Қадри дигар ки роҳ рафт, расид ба дарахти кучике, ки дар пои чашмаи оби зулол ва сарде рӯида буд. Дарахт ба ӯ гуфт:

— Эй, ҷавон, ба куҷо меравӣ?

Гуфт:

— Меравам, бахтамро бедор кунам.

Дарахт гуфт:

— Эй, ҷавон, аз барои худо, аз ман саломаш бирасон ва бигӯ, ки ман муддатҳост, пои ин чашма рӯидаам ва ба ҳама хубии хок ва гуворои обе ки дар пои решаам равон аст, ҳеҷ баланд намешавам. Давои рушдам[1] чист?

Ҷавон гуфт:

— Ин ҳам ба дидан миннат.

Ва рафт. Рафт, рафт, то расид ба пои ҳамон тахтасанге, ки чӯпон ба ӯ нишон дода буд. Дид, ҷавони зебое дар он ҷо зери соя хобидааст. Ӯро бо нӯги пой зад ва фарьёд кашид:

— Бас аст, чаро ин қадар мехобӣ? Бархез!

Ҷавон аз хоб парид ва гуфт:

— Кистӣ?

Гуфт:

— Ман фалон ҷавонам. Магар ту бахти ман нестӣ?

Гуфт:

— Оре, мақсадат чист?

Гуфт:

— Ҳанӯз мепурсӣ, мақсадам чист? Ту бигӯ, бубинам, чаро хобидаӣ?

Бахти ҷавон гуфт:

---

[1] Рушд — баландшавӣ, расиш, калоншавӣ, бузургшавӣ.

— Бисьёр хуб, то ҳоло хобида будам, ҳоло ҳам бедор шудам: Мехоҳӣ чӣ кунӣ?

Гуфт:

— Мехоҳам, коре кунӣ, ки охир мо ҳам як кореву як боре ва як пуле пайдо кунем. Ин ки вазъаш нашуд, ки ту бихобӣ ва ман даст хушк, фақир ва бадбахт бигардам.

Гуфт:

— Хуб, ҳоло дигар бедор шудам. Бирав, ки кору борат чоқ аст.

Ҷавон гуфт:

— Дар ин роҳи худ ба шереву аспе ва дарахте бар хӯрдам ва саломат расонданд ва чунину чунон паём доданд.

Гуфт:

— Дар боби дарахт, ба ӯ саломи маро мерасонӣ ва мегӯӣ, дар пои ту ганҷе аз зар пинҳон аст, ки монеи рушди туст. Зарҳоро аз хок боло биандоз ва бо камоли суръат рушд хоҳӣ кард. Ба асп бигӯ, танҳо хӯрдану чаридан кифоят намекунад. Як нафар савори лоиқ, ки рӯзе чанд соат бар пушти ту савор шавад, туро роҳ бибарад ва тохту тоз намояд, лозим аст ва тӯле нахоҳад кашид, ки фарбеҳ хоҳӣ шуд. Ба шер аз ман салом мерасонӣ ва мегӯӣ, доруи ту хӯрдани мағзи сари марди аҳмақ аст. Онро ба даст овар, бихӯр ва ба зудӣ шифо хоҳӣ ёфт.

Ҷавон бо бахти худ хайру хуши гарме кард ва баргашт, то ин ки расид ба дарахт ва пайғоми бахташро ба ӯ гуфт. Дарахт гуфт:

— Эй, ҷавон, ман ки наметавонам, ин зарҳоро берун бирезам. Биё, ту ҷавонмардӣ кун ва онҳоро берун биёр ва барои худат бигир.

Ҷавон гуфт:

— Магар ман бекорам? Маро бахтам нав бедор шудааст. Чӣ эҳтиёҷе ба ин зар дорам?

Инро гуфту роҳи худро пеш гирифт, то расид ба асп. Ба асп низ пайғоми бахти худро расонд. Асп гуфт:

— Эй, ҷавон, чӣ беҳтар аз ин? Ту ки пиёда ҳастӣ ва роҳи дарозе ҳам пеш дорӣ, биё маро бигир ва ба пуштам савор шав ва ба шаҳри худат равон шав.

Ман ҳама рӯз ба ту саворӣ медиҳам ва ҳама шаб ба ин чаманзор боз мегардам ва чаро мекунам ва бомдодон ки мешавад, назди ту меоям ва ба ин тартиб ҳам ман истифода аз вуҷуди ту мекунам ва ҳам ту, бедуни ин ки барои ман як харҷе бикунӣ.

Ҷавон гуфт:

— Магар бекорӣ? Ё маро бекор ҳисоб мекунӣ, ки биоям ранҷи савории туро ба он ки бахтам бедор шудааст, ба дӯш кунам?

Инро гуфт ва роҳи худро пеш гирифту рафт, то расид ба шер. Шер ҳанӯз аз шиддати сардард менолид. Ҷавон хушҳол буд, ки давои дардашро аз бахташ пурсидааст ва ин ҳайвони бечораро аз дарди мараз[1] осуда хоҳад сохт. Рафт пеши шер ва гуфт:

— Эй, шер, бахтам саломат расонд ва гуфт, давои дарди ту хӯрдани мағзи мардуми нодон аст.

Шер гуфт:

— Ҳоло бигӯ, бубинам, чӣ гуна рафтӣ ва чӣ гуна омадӣ?

Ҷавон тамоми тафсили рафтан ва бозгаштани худро ба шер гуфт. Шер фикре кард ва гуфт:

— Хуб, эй, ҷавон, аз ту инсоф мехоҳам. Касе ки аспи ба он хубӣ ва роҳвариро, ки ба майли худ ҳозир ба саворӣ додан аст, аз даст диҳад ва пиёдаравиро аз савории асп беҳтар донад ва зарҳоро бо ин осонӣ аз даст бидиҳад, оё дар дунё нодонтар ва аҳмақтар аз ӯ ҳам ёфт мешавад? Давои дарди сари ман мағзи сари туи аҳмақи нодон аст!

Ин бигуфт ва панҷаи тавонои худро ба тарафи ӯ дароз кард ва даридаш ва мағзи сарашро берун кашид ва хӯрд ва аз ранҷи дард раҳо ёфт.

---

[1] Мараз — касалӣ, беморӣ.

Қисми дуюм

# ЛАТИФАҲО







## ХУБ ОВАРДӢ

Ҳакиме ҳар рӯз дар маҳкама[1] менишаст, тамоми маризҳое[2], ки ба ӯ муроҷиат мекарданд, музди муолиҷа ба ӯ надода мерафтанд ва ӯ ба «ҳакиммуфтӣ» маъруф шуда буд.

Рӯзе маризе ба маҳкама омад ва оҳу нолаи бисьёр мекард. Ҳаким гуфт:

— Оқо, шуморо чӣ мешавад? Чӣ маразе доред?

Гуфт:

— Ҳакимбошӣ, бод овардаам[3] ва хеле дар заҳматам.

Ҳаким хандида гуфт:

[1] Маҳкама — ин ҷо ба маънои муолиҷахона.
[2] Мариз — шахси бемор.
[3] Бод овардам — шикамам бо ҳаво пур шудааст.

— Бобоҷон, хуб овардӣ. Боз ту, соири[1] маризҳо, ки ҳамеша дастхолӣ меоянд ва чизе намеоваранд. Хуб овардӣ боз ту!

## АЗ ЧАШМИ КАНДАИ ГУРГ ИБРАТ ОМӮЗ

Шере ва гурге ва рӯбоҳе муттафиқан ба шикор рафтанд. Гове ва бузе ва харгӯше сайд карданд. Аз тарафи шер муқаррар шуд, ки гург шикорҳоро байни он се тақсим кунад. Гург гуфт:

— Гов, ки бузург ва фарбеҳ аст, саҳми аълоҳазратшоҳ, буз ки мутавасатҷусса[2] аст, барои ман ва харгӯши кучик барои рӯбоҳ, ки аз ҳама кучиктар аст.

Шер хашмгин шуд, панҷа андохт ва ду чашми гургро аз бех дар овард. Рӯ ба рӯбоҳ кард ва гуфт:

— Инак, ту қисмат кун!

Рӯбоҳ ба хок афтод ва таъзими қироне кард ва гуфт:

— Аълоҳазрато, ин амри возеҳ аст. Гови кӯҳӣ барои наҳори рӯз, буз барои ғизои шаб ва харгӯш асронаи аълоҳазрати ҳумоюнӣ аст.

Шер гуфт:

— Офарин бар ту бод! Аз куҷо илми тақсимро бо ин хубӣ омӯхтӣ?

Рӯбоҳ бо камоли тавазӯъ арз кард:

— Аз чашми кандаи гург ибрат омӯхтам.

[1] Соир — дигарон.
[2] Мутавасатҷусса — миёнҷусса, нисбат ба гов хурд.

## УСТУХОН ЛОИ ЗАХМ[1] МЕГУЗОРАД

Шахсе ба замин афтод, устухони пояш шикаст ва гӯшти он захмдор шуд. Ба ҷаррохе муроҷиат кард. Ҷарроҳ устухонҳои шикастаро ба ҷои худ андохт ва захмро бахия зад ва баст ва ба ӯ дастур дод, ки ҳама рӯз барои шустушӯи захм ба маҳкамаи ӯ муроҷиат кунад. Маҷрӯҳи бечаво муддатҳо ҳама рӯз мерафт ва меомад ва ҳар дафъа ҷарроҳ барои шустушӯи ҷароҳат маблаге мегирифт, то ин ки рӯзе бар ҳасби иттифоқ ҷарроҳро ба болини маҷрӯҳе бурданд ва писари ҷарроҳ расидагӣ ба кори мариҳзои падар менамуд. Ҳамин ки навбат ба маҷрӯҳи мазкур расид ва захми ӯро боз ва муоина кард[2], аз заҳири осор пай бурд, ки дар даруни захм устухони хурде вуҷуд дорад. Фавран захмро шикоф дода, хурдаустухонро бо минқош беруи кашид ва захми ӯро дубора бахия зад ва шуст ва баст ва маҷрӯҳеро ки то он рӯз аз шиддати дард ҳама соат менолид, осуда ва роҳат намуд ва дастури ҷоме барои шустушӯ дода, ӯро аз омаду рафт ба маҳкамаи падараш роҳат кард.

Ҷарроҳ омад. Писар шарҳи кори худро як ба як барои ӯ медод, то ин ки ба шарҳи амали худ роҷеъ ба захми пои он марди маҷрӯҳ расид. Ҳамин ки шарҳи онро баён кард, ҷарроҳ беихтиёр дасти таассуф ба ҳам гузошт. Ба писар хитоб намуд:

— Эй, аҳмақ, тасаввур кардӣ, ман аз вуҷуди он хабар надоштам? Ман худи онро лои захмаш гузошта будам, то ин ки муддате аз серпулиаш истифода бикунам ва ту имрӯз боби ин истифодаро фақат аз рӯи ҷаҳлу нодонӣ бар рӯи ман бастӣ, «гови нӯхмакшири» маро аз даст додӣ.

---

[1] Лои захм — байни захм, байни яра.
[2] Муоина кардан — аз назар гузаронидан.

## «ИН АБРА, ТО БИРАВАМ КАЛЛАҚАНДАШРО БИОРАМ»

Гӯянд, шахсе рӯзе назди хайёте рафт ва абрае ба ӯ дод, то барояш қабое бидӯзад.

Пас аз он ки хайёт андозаашро гирифт, соҳиби абра аз ӯ ҷӯёи мизони учратӣ[1] қабо шуд. Хайёт гуфт:

— Худовандо марҳум падаратро раҳмат кунад, эшон ҳар вахт барои духтани қабо ба ман муроҷиат мефармуданд, як абра ва як каллақанд ба унвони учрат ба ман марҳамат мекарданд.

Соҳиби абра чун «тамаъи устод хайётро аз кирми муртазӣ алӣ[2] бештар дид», гуфт:

— Бисёр хуб, ин абра, то биравам каллақандашро ҳам биоварам.

## «АГАР МАН ХИКРО ВЕЛ КУНАМ, ХИК МАРО ВЕЛ НАМЕКУНАД»

Гӯянд, чанд нафар рафиқ, дар завраке нишаста, рӯи оби дарьё машғули сайру гашт буданд. Аз дур чизе дар болои об намоён шуд ва ҳар як дар бораи чӣ будани он тахмине карданд. Яке аз онҳо гуфт:

— Ба ақидаи ман, ин хики шира аст.

Рафиқонаш инкор карданд ва ба чизҳои дигар нисбат доданд. Касе ки гуфта буд, хики шира аст, фавран лухт шуд ва гуфт:

— Ҳоло ба шумо исбот хоҳам кард.

Ва худро дар об андохт ва шинокунон ба тарафи хик рафт. Вале ҳамин ки ба он расид, дид, хик нес-

[1] Учрат — андозаи дастмузд, музди меҳнат, ҷӯёи мизони учрати қабо шуд — музди дӯхти ақтакро пурсид.
[2] Кирми абрешим аз қади худ бештар хӯрок металабад.

ту хирс аст, ки дар об афтодааст. Бечора сахт тарсид ва банои фарорро гузошт. Вале хирс, ки гарқ мешуд ва аз паи чора мегашт, ба ӯ расид. Бо ҳар ду даст пояшро гирифт. Бечора мард ҳар чанд зӯр зад, ба тарафи завраҳ биравад, хирс монеи ӯ буд. Рафиқонаш, ки дар завраҳ нишаста буданд, намедонистанд, ки ин хик нест, балки хирс аст, ки ба пои ӯ часпида аст. Ӯро фарьёд карданд, ки:

— Эй, бобо, хикро вел кун ва биё, ҳоло хики шираро мехоҳӣ чӣ кор кунӣ?

Мард дар ҷавоби онҳо гуфт:

— Агар ман хикро вел кунам, хик маро вел намекунад.



## «ИНШООЛЛО БУЗ АСТ»

Охунде аз лаби наҳре мегузашт. Саге ки дар оби наҳр афтода ва хис шуда[1] буд, дар ҳамон ҷое ки охунд мегузашт, аз об берун омад ва худро такон дод. Чанд қатра об аз бадани саг ба домани охунд расид. Охунд, ки вақти намозаш дер шуда буд ва барои адои он аҷала мекард, чун дид, вақт кам аст ва барои иваз кардани ҷомааш вақти зиёде меравад, рӯяшро аз тарафи саг баргардонд ва гуфт: «Иншоолло буз аст»[2].

---

[1] Хис шудан — тар шудан.

[2] Аз рӯи қонуни ислом саг ҳаром шумурда мешавад ва махсусан таршуда.

## «АВВАЛ ЧОҲРО БИКАН, БАЪД МАНОРАШРО БИДУЗД»

Дар наздикии Сабзавор маноре ҳаст, маъруф ба Мил ё Манори Хусравгирд. Гӯянд, аҳолии Садҳаро ба хаёли дуздидани манори Хусравгирд афтода буданд. Садто хари қавӣ ва тавоно бо худ бардоштанд ва онҳоро ба тарафи манор бурданд ва ба радиф дар пои манор нигаҳ доштанд ва ба фикри он афтоданд, ки онро ба рӯи харҳо бигузоранд ва ба деҳи худ бибаранд.

Дар миёни онҳо пире буд хирадманд ва ҷаҳондида. Гуфт:

— Бародарон, шумо чоҳашро кандед, ки ҳоло манорашро медуздед?

Онҳои дигар қадре фикр карданд, диданд, пирамард рост мегӯяд. Аввал бояд чоҳро бикананд, то битавонанд, вақте манорро дуздиданд, дар он ҷо пинҳонаш кунанд ва ин масал аз он ҷо пайдо шуд.

## «АГАР «ҚОРЕ», КУНӢ ВА АГАР «ҚУРЕ», ПУЛ ДОДАМ ВА МЕХӮРАМАТ»

Гӯянд, лоре[1], ки то кунун рӯи шаҳрро ба чашм надида буд, вориди Исфаҳон шуд ва ҳамин ки дар муқобили дӯкони сабзифурӯшӣ[2] расид ва сабзиҳои хушобу ранги дӯконро дид, дилаш ҳавои хӯрдани сабзӣ кард. Миқдоре харид ва рафт аз дӯкони нонвой чанд дона нон харид ва ба тарафи масҷиде рафт, нишаст ва шурӯъ кард ба хӯрдан. Аз иттифоқи рӯзгор дар миёни сабзиҳо қурбоқае буд.

[1] Лор — номи яке аз қабилаҳои сокинони ҷануби Эрон.
[2] Сабзифурӯшӣ — сабзавотфурӯшӣ.

Лор ба хаёли ин ки ин ҳайвон ҳам ҷуз сабзиҷот аст, онро бардошт ва лои нон гузошт то бихӯрад. Ҳамин ки онро дар даҳон бурд ва бо дандон газид, қурбоқа «қору қуре» кард. Лор бо лаҳҷаи худаш гуфт:

— Агар қоре кунӣ ва агар қуре кунӣ, пул додам, хӯрамат.

## «АГАР ИН МАНАМ, ПАС КУ КАДУИ ГАРДАНАМ?»

Гӯянд, шахсе ҳавои сафар кард. Занаш гуфт:

— Метарсам, худатро гум кунӣ.

Он шахс гуфт:

— Пас чӣ бояд кард?

Зан гуфт:

— Бояд аломате ба худат бибандӣ.

Рафт кадуе овард, онро сӯрох кард ва ресмоне аз он гузаронд ва ба гардани шавҳараш овезон кард ва ӯро равонаи роҳ намуд. Марди мусофир пас аз чанд рӯз ба шаҳре расид. Вориди масҷиде шуд ва аз хастагӣ хобид. Марди шӯхе кадуи гардани ӯро дид ва фаҳмид, ки матлаб аз чӣ иборат аст. Фаврӣ кордчаи худро аз ҷеб баровард ва банди кадуро бурида кадуро бурд. Марди мусофир бедор шуд. Чашмаш ба синааш афтод, дид, каду нест. Сахт парешон шуд ва гуфт:

— Агар ин манам, пас ку кадуи гарданам?

## «АГАР МАРДӢ БИРАВ САРИ ДАСТАИ ҲОВАНРО[1] БИШКАН»

Гӯянд вақте жолаи бисьёр дуруште бориданги-рифт ва яке аз донаҳои хеле дурушташ ба сари мулло, ки иттифоқан тос ва качал буд, хӯрд, дард дар дили ӯ печид. Шитобон ба хона даромад ва ба тарафи ошпазхона давон-давон рафт ва дастаи ҳованро бардошт, рӯ ба осмон нигоҳ дошт... ва гуфт:

— Худовандо, агар мардӣ, биё сари дастаи ҳованро бишкан ва илло шикастани сари ман, ки коре надорад.

## «ИН ШУТУРРО ДАР ХОНАИ ДИГАРЕ БИХОБОН»

Шутуре аз шутурҳои хазонаи салтанатӣ бо бораш гум шуд. Марде онро ёфта ба хонаи худаш бурд ва борашро дар ҷои амне пинҳон кард ва бароп он ки касе нафаҳмад, шутурро шабонгоҳ аз хона беруи бурд ва онро ба яке аз маҳаллаҳои дурдаст бурда, хост, муқобили дари хонаи бечорае бихобонад. Ногаҳон соҳиби хона даррасид ва ба чигунагии матлаб бӯ бурд. Гуфт:

— Оқоҷон, хеле бубахшед, узр мехоҳам. Ин шутурро дар хонаи дигаре бихобон.

---

[1] Дастаи ҳован — дастаи ӯғур.

## «ИН ТАВРЕ КИ БОДАШ МЕОЯД, ҲЕҶ»

Шахсе саргарми хӯрдани қовут[1] буд. Боди сахте вазида, қовутро пароканда кардан гирифт. Дигаре ба ӯ расид ва гуфт:

— Чӣ мехӯрӣ?

Гуфт:

— Ин тавре ки бод меояд, ҳеҷ.

## «ИН ВАЪДАХОСТ, КИ ҲАЗРАТИ СУЛАЙМОН ВА ҚУРБОҚҚАҲО МЕДОД»

Вақте қурбоққаҳо бо ҳам ҷамъ шуданд ва ба хидмати ҳазрати Сулаймон шарафъёб шуданд, арз карданд:

— Ё бани оллоҳ, мо лухт ва урьёнем, дар зимистон аз шиддати сардии ҳаво дар азобем ва дар тобистон аз гармии офтоб табу тоб. Аз пешгоҳи худованд бихоҳ, то қабое ба мо ато фармояд ва аз заҳмати сардии зимистон ва меҳнати гармии тобистон наҷотамон бахшад.

Ҳазрати Сулаймон онҳоро ба ваъдаву қавли хеш дилгарм сохта, шодону пойкӯбон боз гардонд. Вале қурбоққаҳо ҳар рӯз ҷамъ мешуданд ва мерафтанд пеши он ҳазрат ва мегуфтанд:

— Ё бани оллоҳ, «қубо», «қубо»[2].

---

[1] Ковут — хӯроки тафриест, ки аз нахӯд ва қанду ҳили кӯбида тайёр карда мешавад.

[2] Аҳли Исфаҳон қаборо «қубо» талаффуз мекунанд.

Боз Сулаймон бо ваъдаҳои чарб[1] ва ширин онҳоро қонеъ месохт ва боз мегардонд ва билохира ҳам ба аҳди худ вафо накард.

Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки аз он замон то кунун дида мешавад, қурбоққаҳо ҳар вақте ки ба ёди ваъдаҳои ҳазрати Сулаймон меафтанд, мегӯянд: «қубо», «қубо».

## «БЕҲТАР АЗ ИН НАМЕХОНАД»

Се нафар барои дуздидани зардолуи шакарӣ вориди боғе шуданд, вале дар байни тамоми дарахтҳои он боғ фақат як дарахти зардолуи бепайванд мева дошт ва аз зардолуи шакарӣ асаре дида намешуд. Ночор ба дуздидани нақду мавҷуд шурӯъ карданд. Як нафар аз онҳо барои такон додани шохаҳо болои дарахт рафт ва ду нафар барои ҷамъ кардани мева пои дарахт монданд. Дар ин байн сару каллаи боғбон аз дур падидор шуд. Ду нафаре ки дар пои дарахт буданд, по ба фароз гузоштанд. Вале чун фурсат наёфтанд, аз боғ берун раванд, яке аз онҳо дар зери шиками улоғе паноҳ бурд ва дигарӣ худро дар ҷӯи кучике андохт. Боғбон назди аввалӣ рафт ва гуфт:

— Мардак, кистӣ? Ин ҷо чӣ мекунӣ?

Ҷавоб дод:

— Ман курраҳарам.

Боғбон гуфт:

— Эй, аҳмақи нодон, ин хар ки нар аст.

Гуфт:

---

[1] Чарб — чарбу; ваъдаи чарб — ваъдаи равғанин, болохонадор.

— Бошад, чӣ монеъ дорад? Ман аз назди на-наам қаҳр кардам, пеши бобоям омадам.

Боғбон назди дуввумӣ шитофт. Гуфт:

— Ту дигар кистӣ?

Гуфт:

— Ман сагам.

Боғбон гуфт:

— Пас ин ҷо чӣ мекунӣ?

Гуфт:

— Ин маълум аст. Як касе аз ин тараф мегу-зашт, маро ин ҷо гузошт ва рафт.

Пас аз он назди севумӣ, ки рӯи дарахт кўп кар-да[1] ва пушти шохаҳо худро пинҳон карда буд рафт. Гуфт:

— Ту бигў, бубинем, кистӣ?

Гуфт:

— Ман булбулам.

Боғбон гуфт:

— Агар булбулӣ, як дам бихон бубинем.

Мардак садои худро баланд кард ва банои ашў-лахониро гузошт. Боғбон гуфт:

— Ҷим шав! Булбул ки ба ин бадӣ намехонад.

Гуфт:

— Эй, аҳмақ, магар намедонӣ? Булбуле ки хў-рокаш зардолуи нопайванд аст, беҳтар аз ин наме-хонад.

## «БИМИР ВА БИДАМ»

Заргаре шогирде дошт, бисьёр танбал, ки ҳар чанд бо ташвиқ ё таҳдид мехост ўро ба кор водор кунад, шогирд зери бори кор намерафт ва ҳар дам

[1] Кўп кардан — худро ҷамъу ғун кардан мисли мавҷее, ки мурғ мехоҳад бихобад.

танбалӣ ва сустии худро узр меовард ва бо ҳар восита амри устодро иҷро намекард.

Рӯзе устод ӯро ба кори дамидан гузошт ва фикр кард, ки ҳар тавре ки шавад, ӯро зери бори кор бибарад. Писарак қадре ки дамид, гуфт:

— Устод, хаста шудам. Иҷозат бидеҳ, қадре биншинам ва бидамам.

Устод гуфт:

— Биншин ва бидам.

Писарак нишаст ва баной дамиданро гузошт, вале дубора ҳавсалааш сар рафт ва гуфт:

— Устод, иҷозат бидеҳ бистам ва бидамам.

Гуфт:

— Бист ва бидам.

Чанд дақиқае ки гузашт, аз нав гуфт:

— Устод, бубахшед, поҳоям нотавон шуд. Иҷозат бидеҳ, ки бихобам ва бидамам.

Устод бедуни ин ки хашмгин шавад, бо камоли хунсардӣ ба вай гуфт:

— Ту бидам, бимиру бидам.

## «БА ХАР ДОДАН НОТАВОНӢ, БА КУШТАНИ ХУДАМ ЗАРАНГӢ»

Лори хоркаш рӯзе як пуштора хор канд ва пушт карда ба тарафи деҳ рафт. Дар байни роҳ хаста шуд. Бори худро рӯи замин гузошт ва ба он такья кард ва ба фикр фарӯ рафт. Дарҳои зиндагии хештанро сахт баста дид[1] ва оҳе аз таҳи дил кашид ва фарьёде кашид: «Ҳе, худо! Ё харе бидеҳ ё марге». Иттифоқан дар ҳамин асно порасанге аз кӯҳ

[1] Яъне дар боран сахтии рӯзгораш фикр кард.

канда шуд ва ба тарафи вай сарозер гардид. Лор аз мушоҳидаи ин ҳол сахт тарсид ва фарьёд зад:

— Ба хар додан нотавонӣ, ба куштани худам заранги?

## «БЕЛАМРО ПОРУ[1] КУН»

Марди фақир ва нотавон мехост ҳазрати Хизрро бубинад ва домани вайро бигирад ва илоҷи фақру бадбахтии худро аз вай бихоҳад.

Мутобиқи маъмул чиҳил рӯз субҳи саҳар аз хоб бармехост ва ҷорӯбе ба даст мегирифт ва дари хонаро ҷорӯб ва обпошӣ мекард ва дар зимни ин амал дуо ва сура мехонд. Рӯзи чиҳилу якӯм пас аз анҷоми амали ҳаррӯза пирамардеро дар баробари худ дид ва ба ӯ гуфт:

— Чӣ корай?

Пир гуфт:

— Раҳгузарам ва роҳе дар пеш дорам.

Пирамард низ дар навбати худ аз марди фақир пурсид:

— Ту чикорай ва бомдодон ба ин зудӣ дар ин ҷо чӣ мекунӣ?

Он мард гуфт:

— Ман марди коргар ва фақире ҳастам ва дар асари фақру бекорӣ ранҷи бисьёр мебарам. Тибқи назре ки кардаам, чиҳил рӯз аст, дари ин хонаро ҷорӯб мекунам ва об мепошам ва дуо мекунам, балки ҳазрати Хизрро бубинам ва ҳоҷатамро ба ӯ арз кунам.

Пир гуфт:

---

[1] Пору — курчак, бели чӯбин.

— Фарз кун, ман Хизр ҳастам. Чӣ ҳоҷате дорӣ?

Он мард, ки боварaш намеомад, ин пир ҳамон Хизр бошад, ки дар роҳи дидори ӯ чунин ранҷи дарозеро кашидааст, гуфт:

— Бо фарз ки намешавад, ту ҳазрати Хизр бошӣ.

Пир гуфт:

— Ҳоло чунин фарз кун.

Мард гуфт:

— Намешавад фарз кард.

Пир гуфт:

— Бад нест, ки акнун озмоише бикунӣ.

Бечора мард аз камҳавсалагӣ ва ғазаб беихтиёр гуфт:

— Ин беламро пору кун.

Ва ишора ба белаш кард, ки дар канори дари хона гузошта буд. Пир гуфт:

— Бисьёр хуб. Нигоҳ кун, чӣ мебинӣ.

Он ҳам вақте нигоҳ кард, дид, ростӣ белаш пору шудааст. Ҳамин ки рӯй баргардонд, то домани ӯро бигирад ва бибӯсад, дид, пир ғайб зад. Бо чашми гирьён ва дили бирьён дохили хона шуд ва воқеаро барои занаш нақл кард. Зан дудаста ба сари шавҳараш зад ва гуфт:

— Хоки олам бар сарат! Чиҳил рӯз ранҷ бурдӣ, ки понздаҳ риёл[1] белро бидиҳӣ ва панҷ риёл порурo бигирӣ.

## ҲАМЧУН ДЕГ БАРОИ ҲАМЧУН ЧУҚУНДАР[2]

Рӯзе як нафар аз аҳолии Исфаҳон, ки чуқундари он ба ширинӣ ва хубӣ маъруф аст, бо як нафар аз аҳолии Кошон гарми сӯҳбат ва дарди дил буданд ва

[1] Риёл — андозаи пул.
[2] Чуқундар — лаблабу.

аз ҳар тараф сӯҳбат мекарданд, то ин ки марди исфаҳонӣ доманаи сӯҳбатро ба чуқундарҳои хубу аълои худаш бурд ва гуфт:

— Имсол дар Исфаҳон маҳсули чуқундар бисьёр хуб шудааст. Ба тавре ки дар яке аз мазораи он чуқундаре сабз шуд, ки тамоми аҳли ободиро ба ҳайрат андохт. Чаро ки дар бузургӣ ва гунд̣агиву азамат аз гумбади Масҷидшоҳ ҳам пеш афтод.

Кошонӣ фақат изҳори тааҷҷуб кард ва гуфт:

— Бале, ишколе надорад, мумкин аст. Дар табиат аз ин чизҳо бисьёр дида шудааст.

Ва баъд ӯ ҳам роҷеъ ба саноеи Кошон огози сухан ниҳод ва гуфт:

— Як вақте дар бозори мисгарҳои Кошон дидам деге ба бузургӣ нисфи Майдоншоҳи Исфаҳон месозанд. Тақрибан як ҳазор мисгар тӯи ин дег кор мекарданд. Ба тавре ки аз хориҷ дида намешуданд ва фақат садои чакушашон ба гӯш мерасид ва як ҳазор нафар ҳам дар хориҷи он кор мекарданд....

Исфаҳонӣ риштаи сухани кошониро бурид ва гуфт:

— Чунин чизе маҳол аст ва аслан чунин деге ба чӣ кор меояд?

Кошонӣ гуфт:

— Тааҷҷубе надорад ва чаро бояд маҳол бошад? Барои пухтани чуқундар ба он бузургӣ ва азаматӣ шумо ғайр аз ин дег чизи дигар ба дард намехӯрад. Ҳамчун дег барои ҳамчун чуқундар аст.

## ПУЛРО НИШОНАШ БИДИҲЕД

Як нафар аз раъияти Ланҷони Исфаҳон як рӯз бори нахуст ба шаҳр омада буд, то каме биринҷ бифурӯшад. Дар мавқеи бозгашт роҳи худро дар кӯчаҳои мазрааи Алиобод, ки дар наздикии пули Мир-

нон аст, гум карда буд ва намедонист, аз кадом тараф биравад, то ба пули номбурда бирасад. Ҳайрон ва саргардон аз ҳар тараф мерафт, то ба як нафар бархӯрд ва аз ӯ роҳеро ки ба пул мерафт, пурсид. Он мард бо камоли кушодарӯӣ гуфт:

— Бифармоед, то ман ҳамроҳи шумо биоям ва роҳро нишон бидиҳам. Чаро ки ин роҳ печу хами зиёде дорад ва худи шумо наметавонед, пайдо кунед.

Ланҷонӣ дуои бисьёр ба ӯ кард ва ба иттифоқ ба роҳ афтоданд то ба пули Мирнон расиданд. Исфаҳонӣ гуфт:

— Бародар, инак ин пул, ҳар куҷо мехоҳед, биравед.

Ланҷонӣ, ки ин эҳсонро аз ӯ дид, банои дуо кардан ва изҳори шукргузорӣ намуд ва дар поён гуфт:

— Ман аҳли фалон қарияи Ланҷон ҳастам. Агар рӯзе гузоратон ба он тараф афтод, ташриф оред хонаи мо, то мо аз хиҷолат дар биоем.

Исфаҳонӣ гуфт:

— Албатта саъй хоҳам кард, ки хидмат бирасам.

Инро гуфтанд ва бо якдигар хайру хуш карданд.

Чанд моҳе баъд ланҷонӣ дар хонаи худ нишаста буд. Дид, дар мезананд. Гуфт:

— Кист?

Кӯбанда гуфт:

— Ба Машдӣ[1] Рамазон Алӣ бигӯед, Каблой Ҳусайн исфаҳонӣ аст, ҳамон касе ки пулро ба шумо нишон дод.

Машдӣ фавран аз ҷо бархост ва бо суръат рафт дарро боз кард ва рӯи Каблой Ҳусайнро бӯсид ва саломи гарму ҷӯшоне бо ӯ кард ва гуфт:

— Бифармоед, бифармоед, хуш омадед! Хона хонаи худатон аст.

Исфаҳонӣ дохил шуд. Дар ҳоле ки ҳай мегуфт:

— Ростӣ, Машдӣ, намедонӣ чӣ қадар дилам ҳавоятро карда буд, чӣ қадар дилам мехост, як бо-

---

[1] Машдӣ — шахсе, ки имоми Машҳадро зиёрат кардааст.

ри дигар туро бубинам. Дигар тоқат наёвардам, дилам бароят як зарра шуда буд. Ман ҳам зану бачаро партофтаму омадам.

Машдӣ ҳам бо қалбу забони соддаи худ изҳори ташаккур ва хушомад ва «моро шарафманд кардед» гуфта меҳмонро пазируфт.

Боре, Каблои Исфаҳонӣ чанд рӯз дар он ҷо монд. Машдӣ ҳам аз ӯ пазироии гарме кард, то билохира О Каблой рӯзе хайру хуше кард ва ба тарафи шаҳр баргашт.

Чанде нагузашт, боз рӯзе Машдӣ Рамазон Алӣ дар хона нишаста буд, дид садои кӯбидани дар баланд шуд. Садо зад, гуфт:

— Кист?

Кӯбанда гуфт:

— Ба Машдӣ Рамазон Алӣ бигӯед, Каблой Ҳусейни исфаҳонӣ аст, ки пулро ба шумо нишон дод.

Бечора ланҷонӣ боз ҳам бо рӯи кушода баланд шуд ва рафт дарро боз кард ва хушомади гарме ба ӯ гуфт ва чанд рӯзе аз ӯ пазирой кард ва боз О Каблой пас аз чанд рӯзи шикамчаронӣ ба шаҳр боз гашт.

Муддате ки беш аз як-ду моҳ набуд, гузашт. Як рӯз Машдӣ дар хона нишаста буд, дид, садои дар баланд шуд, гуфт:

— Кист?

Кӯбанда гуфт:

— Каблой Ҳусейн, ҳамон касе ки пулро нишон дод.

Ланҷонӣ бархост, рафт дарро боз кард. Дид, О Каблой дар ин дафъа худашон, ки ташриф овардаанд ҳеҷ, зан ва чанд нафар фарзандашро ҳам ба дунбол андохта омадаанд. Бисьёр ҳайрат кард, вале ба онҳо «хуш омадед» «мушараф фармудед»-и гарме гуфт ва худаш ва занаш аз О Қаблой ва бачаҳояш чанд рӯз пазироии гарме карданд, вале дар ин дафъа диданд, О Каблой мисли ин аст, ки аслан хаёли бозгашт надорад.

Бечора ланҷонӣ, ки зореи заҳматкаше беш набуд ва қувваи ин ҳама пазироиро надошт, билохира

аз заҳмати харҷи онҳо ҷонаш ба лаб расид. Рӯзе фикре ба сараш омад ва ба О Каблой гуфт:

— Имрӯз гаште мехоҳем бизанем.

Ва фавран чанд улоғ ҳозир кард ва О Каблой ва зану бачаҳояшро савор кард ва худ аз пешу онҳо аз пас ҳама ҷо рафтанд, то муқобили пулҳои чорбоғи Исфаҳон сар дар овардand.

Машдӣ Рамазон Алӣ дар ин ҷо аз хар пиёда шуд ва ба О Каблой Ҳусейн рӯ кард ва гуфт:

— Қаблоиҷонам, ту як пул ба ман нишон додӣ, ман ҳам ин пулро ба ту нишон медиҳам, ки дигар бо ҳам хурде ҳисоб надошта бошем ва барои ҳамеша ҳисобамон баробар шуда бошад.

О Қаблоиро «ҳаво дасташ омад» ва хайру хуш кард ва рафт ва минбаъд асбоби заҳмати ланҷониро фароҳам наёвард.

## ТУ АЗ ТӮ МАН АЗ БЕРУН

Гӯянд, Мулло Насриддин се гӯсфанд барои фурӯш ба бозор бурд ва шахси ринде, ки аз ҳамоқати мулло огоҳ буд, харидори онҳо шуд. Пеш омад ва саломи гарме ба мулло кард ва гуфт:

— Ҷаноби мулло, ин гӯсфандҳоро ба чанд дирам мефурӯшӣ?

Мулло гуфт:

— Ба даҳ дирам.

Шахси ринд гуфт:

— Ба ин қимат харидам.

Ва даст дар ин ҷеб ва он ҷеб ва ин бағалу он бағали худ кард. Муддате ба ҷустуҷӯи пул буд. Охир гуфт:

— Эй вой, фаромӯш кардаам, кисаи пуламро ҳамроҳ биоварам. Бисьёр хуб, айбе надорад. Ман

ин ду гӯсфандро мебарам ва ин дигариро ба гарав нигоҳ медорӣ, то ман баргардам ва пули гӯсфандонро дода ва гӯсфанди гаравии худро боз гирам.

Мулло ки дид, муштарии хартар аз ӯ наметавонад ба даст орад, то гӯсфандони шаш дирам қиматро ба баҳои даҳ дирам бифурӯшад, аз ин муомила хушҳол шуд ва муддате он ҷо ба интизор нишаст, вале тадриҷан офтоб ғуруб кард ва харидор пайдо нашуд. Мулло фаҳмид, ки фиреб хӯрдааст ва бо ҳамон як гӯсфанду ҳолати ҳазин ва андӯхгин ба сӯи хона боз гашт.

Аз тарафи дигар дар ҳамон вақте ки мулло саргарми он муомилаи ширин буд, марди ҳаллоҷе [1] дар хонаи ӯ омада аз занаш харидори панба шуд. Зан панбакӯҳнаҳои хонаро ҷамъ кард ва тарозуро ҳозир кард. Онҳоро кашиданд, аз ду ман ду мисқол кам буд. Ҳаллоҷ гуфт:

— Ман ин панбаро ба шарте мехарам, ки ду мани пурра бошад.

Зани мулло гуфт:

— Зарар надорад.

Ва фавран гӯшворҳои тиллоии худро, ки се мисқол буд, рӯи панбаҳо андохт ва гуфт:

— Ин ҳам як мисқол зиёдтар.

Ҳаллоҷ аз ин муомила бисьёр хушҳол шуд. Фавран пули панбаро дод ва бо суръати ҳар чи тезтар онро бардошту бурд. Шаб ки шуд, мулло ба хона бозгашт. Зан тафсили муомиларо ба шӯяш гуфт ва дар хотима чунин баён кард:

— Чашмаш кӯр, мехост, барои ду мисқол панба муомиларо, бо ин ки як дирам суд дошт, ба ҳам бизанад ва ман чунин ҳиллае ба кор бурдам ва муомиларо ба поён расондам.

Мулло ҳам шарҳи муомилаи рӯзонаи худро барои занаш баён кард ва гуфт:

— Азизам, ту аз тӯ ман аз берун. Даст ба дасти ҳамдигар медиҳем, ки балки иншоолло коре аз пеш бибарем.

---

[1] Ҳаллоҷ — кӯрпадӯз, пахтасавокун.

## ТУ БА ИН ХАРИЯТ ФАҲМИДӢ ВА МО НАФАҲМИДЕМ

Гӯянд, Саъдӣ номе рӯзе дар яке аз хиёбонҳои Исфаҳон ба тифли хурдсоле бархӯрд. Дид, ду дона ашрафӣ дар даст дорад ва онҳоро болову поин меандозаду бо онҳо бозӣ мекунад. Ё деги тамаъаш ба ҷӯш омад, ё барои имтиҳони мизони ҳуши тифл ба кӯдак гуфт:

— Э, бачаҷон, яке аз инҳоро ба ман бидеҳ.

Тифл, ки бисьёр заранг буд, гуфт:

— Қадре садои хар бикун, то бидиҳам.

Саъдӣ ба ин тарафу он тарафи хиёбон нигоҳ кард ва ҳамин ки касеро дар он наздикӣ надид, баноиар-ар карданро гузошт ва баъд гуфт:

— Ҳоло ба аҳди худ вафо кун.

Тифлак гуфт:

— Аҷаб, ту бо ин харият фаҳмидӣ, ки инҳо чизи хубеанд, вале ман ба ин одамиам нафаҳмидам.



## ТУ ДАББААТРО ОВАРДӢ,[1] КИ МАН РАВҒАНАШ НАКАРДАМ?

Гӯянд, дар Симиран, ки дар сарҳадди хоки Исфаҳон ва форс ҳаст, имомзодаест [2], ки муқобили гардана кӯҳе воқеъ шудааст ва дар қадим яке аз макони маъруфи duздон буд. Вақте шахсе аз аҳолии Симиран ду хик равғани чароғ дошта, ки барои фурӯш мебурд ва бояд аз он гардана бигузарад, ҳамин ки ба наздикии гардана расид, гуфт:

— Ё имомзода, назре мекунам, ки аз ин гардана ба саломат бигузарам. Ҳамин ки ба он тарафи

[1] Дабба овардан — аз қавл баргаштан дар муомила.
[2] Имомзода — мазор, қабри имом.

гардана расидам, миқдоре аз ин равғанҳоро вақфи ту мекунам.

Иттифоқан дар он рӯз гарданаи мазкур аз дуздҳо холӣ буд ва мардак ба саломат гузашт ва муқобили имомзода расид. Назре ки карда буд, ба ёдаш афтод, вале чун шахси хасисе буд, ба худ фикр кард: «Имомзода чӣ ҳоҷат ба равғани ман дорад? Ӯ бузург аст ва барои бузургон ин назрҳо лозим нестанд». Бо ҳамин сухан ва ҳамин тарз ӯ худро қонеъ кард ва рафт. Ҳамин ки аз имомзода ним фарсахе дур шуд, пои улоғаш лағжид ва улоғ ба замин хӯрд. Хикҳо афтоданду пора шуданд ва равғани онҳо рӯи замин рехт.

Бечора мард бо дили шикаста рӯяшро ба тарафи имомзода баргардонд ва гуфт:

— Ё имомзода, ту даббаатро овардӣ, ки ман равғанаш накардам?

## ЧӢ БЕПУЛЕ АСТ, КИ ЯК ТУМАН ТӮИ ҶЕБАШ НАДОШТА БОШАД

Гӯянд, тоҷире ҳама рӯз ғуломи сиёҳашро думболи мутолибот[1] мефиристод ва ғулом ба ҳар ҳуҷрае ки аз ҳуҷраҳои таҷҷори тарафҳисоб ба он тоҷир мерафт ва мутолиба мекард, ба ӯ мегуфтанд: «пул надорем». Марди содда бовар мекард ва бармегашт ва ба арбоби худ мегуфт:

— Надоштанд ва надоранд.

Тоҷир фаҳмид, ки чун ғулом худаш ҳеҷ гоҳ пул дар ҷебаш надорад, тасаввур мекунад, ҳама кас ҳам

[1] Мутолибот кардан — талаб кардани қарзҳо.

мисли ӯ бепуланд. Барои ҳамин як туман пули сафед ба ӯ дод ва гуфт:

— Ҳамеша онро дар ҷеби худ нигоҳ дор ва агар аҳьёнан як қироне ҳам аз он харҷ кардӣ, ба ман бигӯ, то боз ба ту пул бидиҳам.

Аз он рӯз сар карда ғулом ба ҳар ҳуҷрае, ки мерафт ва мегуфтанд, пул надорем, мегуфт:

— Чӣ бепуле аст, ки як туман тӯи ҷеб надошта бошад?

Ва истодагӣ мекард, то пулро бигирад.

## ҲАЛЛОҶИ ГУРГ ШУДААСТ

Шахсе ҳаллоҷ аз шаҳре ба деҳе барои ҳаллоҷӣ мерафт. Замин аз барф пӯшида ва ҳаво бисьёр сард буд. Иттифоқан дар байни роҳ ба гурги гуруснае бархӯрд. Гург ба тарафи вай ҳамла овард. Бечора ҳаллоҷ сахт тарсид ва бар худ биларзид, вале бедуни ин ки дасту пои худро гум кунад, дар фикри чора афтод. Хост бо камон ба вай ҳамла кунад. Дид, камон тоқати баробарӣ бо бадани гургро надорад ва зуд мешиканад. Ногаҳон фикре мисли барқ аз назараш гузашт. Ба рӯи замин нишаст ва бо тӯхмоқ банони задаиро ба зеҳи камон гузошт, то гург аз садои он битарсад ва бигурезад. Иттифоқан «тири тадбираш ба ниппон расид» ва гург аз садои камон тарсиду гурехт. Ҳамин ки ҳаллоҷ фарори ӯро дид, аз задани тӯхмоқ даст кашид. То ин ки он хост ҳаракат кунад, гург, ки сахт гурусна буд, бозгашт ва дубора ба вай ҳамла кард. Ҳаллоҷ ба ночор амали худро аз нав сар кард ва гургро боз фарор дод ва хулоса, ҳар дам, ки аз тӯхмоқ задан даст мекашид,

гурги гурусна ба худ ҷуръат дода ба ҳаллоҷ ҳамла мекард.

Бечора ҳаллоҷ аз субҳ то шаб кораш ҳамин буд, то билохира гург хаста шуд ва аз ин шикори ваҳшатангез даст кашид ва паи шикори дигаре рафт ва ҳаллоҷ дастхолӣ ба хона бозгашт. Занаш пурсид:

— Имрӯз ба хона чӣ овардӣ?

Гуфт:

— Ҳеҷ.

Гуфт:

— Чӣ тавр?

Гуфт:

— Барои ин ки имрӯз ҳаллоҷи гург будам.

## ХУДО ШАРРЕ [1] БИДИҲАД, КИ ХАЙРИ МО ДАР ОН БОШАД

Гӯянд, зоҳиде гове аз бозори чорпоён харид ва рӯ ба хонаи худ мерафт. Дузде ӯро дид ва аз қафояш равон шуд, то ҳилае ба кор барад ва говашро бибарад. Дар асной роҳ ба шахсе расид ва гуфт:

— Кистӣ?

Гуфт:

— Ман девам, ки ба либоси одамизод даромадаам то хуни зоҳидро бирезам.

Он гоҳ дев пурсид:

— Ту кистӣ?

Дузд гуфт:

— Ман марди айёрпешаам. Зоҳидро таъқиб мекунам, то говашро бидуздам.

Дар ин асно шаб сар расид. Зоҳид ба хонаи худ омад ва говро басту об ва алафаш дод ва ба хобгоҳи

[1] Шарр — мусибат, бало, ғазаб.

худ рафт, то даме истироҳат кунад. Дузд фикр кард, ки: «Агар пеш аз он ки ӯ говро бибарад, дев даст ба куштани зоҳид дароз кунад, шояд хешони зоҳид бедор шаванд ва ӯ натавонад ва «тири тадбираш» дар бурдани гов ба хато равад». Аз он тараф дев низ ба худ гуфт: «Агар дузд говро берун барад шояд аз садои суми он зоҳид бедор шавад ва тири муродаш ба нишон нарасад». Билохира назди дузд омад ва ба ӯ гуфт:

— Ту бояд қадре сабр кунӣ, то ман кори зоҳидро бисозам. Онгоҳ говро бибарӣ.

Дузд гуфт:

— Ҳамон беҳ, ки ту қадре дар иҷрои нияти хеш сабр кунӣ, то ман қаблан говро бибарам ва ту кори худро бисозӣ.

Оқибат миёни онҳо ихтилоф афтод ва сари анҷоми корашон ба даъво кашид, ки дузд фарьёд зад.

— Эй, зоҳид! Бедор бош, дар ин ҷо деве аст, ки мехоҳад, хуни туро бирезад!

Дев ҳам бонг баровард:

— Ин ҷо дузде аст, ки гови туро мехоҳад, бибарад.

Зоҳид бедор шуд ва аҳли хонаводаи худро фарьёд зад ва бедор кард.

Дузд ва дев аз тарси ҷон ба ночор фарор карданд ва зоҳид рӯ ба аёлу атфоли худ карду гуфт:

— Худованд шарре бидиҳад, ки хайри мо дар он бошад.

## ХАДАР ВА РОҲИ ШУШТАР

Гӯянд, марде Хадар ном вақте дар шаҳри Исфаҳон рӯзгор бар ӯ сахт гирифт, кори ӯ ба ҷое расид, ки маҷбур ба тарки Исфаҳон шуд ва роҳи Хузистон-

ро пеш гирифт. Пас аз заҳматҳои бисьёр ва ранҷи бешумор, ки дар байни роҳ дид, билохира вориди шаҳри Шуштар шуд. Дар ҳоле ки аз моли дуньё диноре барои ӯ боқӣ намонда буд, парешон ва саргардон гирди кӯчаҳои он шаҳр мегашт, ки ногаҳон дид, аз хонае садои шиюну гирьяву зорӣ бархост. Пурсид, дар ин хона чӣ хабар аст?

Гуфтанд:

— Марде Кадар ном аз аҳолии Исфаҳон дар ин ҷо буд, бисьёр доро ва бефарзанд. Инак мурд ва тамоми сарвати ӯ ба айёли вай хоҳад расид.

Хадарро фавран фикри шайтонӣ ба назараш расид. Мустақиман ба тарафи хонаи Кадар равон гашт ва бедуни таҳаммул вориди хона шуд ва яксар ба тарафи тобути ҷаноза, ки дар васати манзил гузошта буданд, рафт ва ҳаме тӯи сари худ зад, гиребонашро пора кард ва шору шиюнкунон ҳай мегуфт:

— Эй, бародари бекасам! Эй, бародари ғариб мурдам. Эй, бародарҷон...

Дар ин вақт ба тобут расида, худро рӯи ҷаноза андохт ва мегуфт:

— Эй, бародар, чаро ин қадар зуд мурдӣ ва ҳасрати дидори туро ба домани қиёмат кашондӣ? Бародар, садҳо манзил роҳро пиёда ба ишқи дидорат паймудам. Чӣ ранҷҳое ки дидам ва чӣ дардҳои ғурбат ки кашидам? Эй, бародар, чӣ бадбахт ва чӣ бенасиб будам!..

Ва ҳамин тавре ки инхоро паси ҳам мегуфт, мисли абри баҳорӣ қатраҳои ашк аз чашмаш мерехтанд.

Зани Кадар ва мардуме ки дар сари ҷаноза ҳозир буданд, хаёл карданд, найранге дар кор бошад, вале вақте он сели сиришкро дар чашмони ӯ диданд, дигар шакке барои онҳо боқӣ намонд, ки ин шахс бародари Кадар аст. Иттифоқан, вақте ки номи ӯро пурсиданд, ва гуфт Хадар аст ва номи Хадарро ба Кадар наздик диданд, яқини қатъӣ ҳосил карданд, ки бародарии ӯ ба Кадар рост аст ва махсусан зани Кадар вақте ки дид, Хадар ҷавоне аст баландболо ва хушкелv тавоно, бештар ризо ба бародарии

ӯ дода, худро дар домани ӯ андохт ва гирьякунон мегуфт:

— Эй, Хадарҷон, зудтар наёмадӣ, ки бародарат ғариб намирад? Чаро зудтар наёмадӣ, ки «оби калимаи шаҳодат»-ро худат дар гулӯи ӯ бирезӣ?

Хадар низ ин ҳарфҳоро ки мешунид ва махсусан ин наздикии зан ва ба ҳадаф[1] расидани тири тадбирро ки дид, агар то кунун ашкҳои ҳила ва найранг аз чашмаш мерехт, аз ин рӯ ба рехтани сели сиришки шодӣ аз чашмонаш шурӯъ кард, то билохира мардум гирди ӯ ҷамъ шуданд ва шурӯъ ба таскину андарз ва насиҳат додан ба ӯ намуданд, ки:

— Дар сари ҷаноза гиристан бас аст. Ҷанозаро наметавон маътал кард. Бояд ҳарчӣ зудтар шуста ва ба гӯр супурда шавад.

Вале Хадар магар ризо ва ба дурӣ аз ҷанозаи бародар тан дар медод! Мегуфт:

— Агар чунин аст, маро ҳам бо ӯ ба хок бисупоред ва аз ин зарбат, ки ба қалбу рӯҳам ворид шудааст, якбора роҳатам кунед.

Билохира, бо ҳар заҳмате буд, ӯро аз сари ҷаноза дур сохтанд ва чанд нафар дастҳои ӯро гирифтанд, ки он қадар тӯи сар ва мағзи худ назанад ва мӯҳои сару риши худро наканад ва фавран ҷанозаро ҳаракат доданд, аз хона ба тарафи гӯристон бурданд.

Хадар бо ҳар тадбир буд, насиҳатгарони худро розӣ сохт, ки ӯро ҳам бигузоранд, ба қабристон биравад, ки вақте мехоҳанд ҷасадро дохили қабр кунанд, лоақал рӯи бародарашро пас аз солҳои фироқ бубинад. Онҳо ҳам розӣ шуданд ва ӯро сари қабри мурда оварданд ва ҳамин ки ҷанозаро аз мурдашӯйхона оварданд ва кафанро аз рӯяш қафо бурданд, ки вайро дохили қабр кунанд. Хадар то чашмаш ба рӯи «бародар» афтод, чунон шору шиюнеро андохт, ки гӯё саҳрои Карбало ва Рӯзи Ошуро[2] дар он ҷо барпо шуд ва он тавре ки халқ мегӯяд, ҳатто сангҳои қабристон ҳам ба гирья афтоданд.

---

[1] Ҳадаф — нишон.

[2] Рӯзи Ошуро — рӯзи вафоти Ҳусейн.

Боре, ҳар тавре шуда, Хадарро аз рӯи ҷасад ақиб бурданд ва онро дохили қабр карданду ба хок супурданд. Хадарро бо зани «бародараш», ки ӯ ҳам дар навбати худ гирьяву зорӣ ва изҳори беқарории тамом менамуд, вале дида аз дидаи Хадар бар намегирифт, манзил бурданд. Хулоса, айёми сегонаи азодорӣ дар миёни гирьяву зориҳои Хадар ва зани Кадар ба анҷом расид ва аз рӯзи чорӯм муқаддимоти ишқбозии Хадар бо зани Кадар шурӯъ шуд. Зани Кадар аз як тараф медид, «бӯи гулро аз кӣ ҷӯяд, аз гулоб». Аз тарафи дигар ҳам далел надорад, бева бимонад ва ба ин зудӣ шавҳаре ба ин хушкелӣ ва хушқадду қомат аз куҷо пайдо намояд ва махсусан худро ба ин далел ба ин орӯсӣ ва изҳори ишқ розӣ месохт, ки вақте бано шавад, Хадар вориси моли Кадар бошад, чаро вориси айёли ӯ набошад? Ва хулоса, бо ин тартиб ин ба зери бори арӯсӣ бо Хадар тан дод ва пас аз муддате расман ва ошкор ба ақди ӯ даромад ва Хадар ба ин ҳилаву найранг соҳиби молу сарвати бузурге ва зани зебову қашанге шуд.

Ва аз он рӯз то ҳоло мегӯянд: «Ҳар чӣ дорӣ, ба Хадар деҳ, ки Хадар марди худост».

## ХАРАШ КАРД

Гӯянд, амири шаҳре бениҳоят зандӯст буд ва Мулло Насриддин аз ин ҷиҳат ӯро насиҳат мекард, то ин ки амир насиҳати ӯро пазируфта, аз сӯҳбат ва маҷолисат бо занон эътироз намуд. Пеши амир канизаке буд, зирак ва соҳибҷамол. Рӯзе аз амир сабаби эътирози ӯро ҷӯё шуд. Амир гуфт:

— Мулло бо насиҳатҳои худ сабаби эътирози ман шуд.

Каниз гуфт:

— Маро ба вай бибахш, то ӯро ром кунам.

Амир чунин кард ва канизак хеле писанди мулло шуд. Вале ҳарчанд хост, ба ӯ дастдарозӣ кунад, каниз дасташро рад мекард ва аз худ мероид, то билохира ба мулло гуфт:

— Агар дар муҳаббати ман устуворӣ ва висоли маро хостгорӣ, бигузор то қадре бар дӯши ту савор шавам.

Мулло ин матлабро саҳл шумурд ва розӣ шуд. Канизак гуфт:

— Ба шарти ин ки бар пушти ту зин гузорам ва лаҷом бар даҳонат занам.

Мулло гуфт:

— Ҳар чӣ мехоҳӣ, бикун.

Канизак, чун ӯро мутеи худ ёфт, касеро хидмати амир фиристод ва ӯро аз воқеа огоҳ сохт ва худ зин бар пушти мулло гузошт ва ӯро лаҷом карду рӯи ӯ савор шуд ва гирди хонааш мегардонд, то ногаҳон амир вориди хона шуд ва мулоро ба он ҳолати зор дид. Гуфт:

— Ту моро ҳамеша аз маҷолисат бо занон манъ мекардӣ, чӣ шуд, ки ту худат бадин сон асири занон гардидӣ?

Мулло гуфт:

— Бале, насиҳати ман ба амир аз ҳамин рӯ буд, ки як вақте ӯро чун ман «хар насозанд».

## ХОҲӢ НАШАВӢ РАСВО, ҲАМРАНГИ ҶАМОАТ ШАВ

Гӯянд, вақте бо асари як балои осмонӣ тамоми мардуми шаҳре девона шуданд. Ба ҷуз як нафар, ки қаблан аз он шаҳр хориҷ шуда буд. Ҳамин ки ба он ҷо боз гашт, авзои ғариберо дид: дид, мар-

дум тамоман лухт ва урьён мегарданд. Баъзеҳо хандон ва рақскунон дунболи якдигар мераванд. Дигарон аз дару девор ва шохзори дарахтон доиман боло мераванд ва поин меоянд. Иддае[1] якдигарро ба боди дашному калтак гирифтаанд, анвои озор ва азиятро ба якдигар мерасонанд ва хулоса, ҳар як нишонаи девонагии худро нишон медиҳанд. Бечора моту мабҳут ва саргардон дар гӯшае истода, шоҳиди ин манзара буд ва ангушти ҳайрат ба дандон мегазид. Ногоҳ як нафар аз девонагон ба ӯ наздик шуд. Чун ӯро дорои либос дид, қадре хира ба ӯ нигоҳ кард ва фарьёд кашид:

— Ҳай девонаро... Ҳай девонаро...

Ҳамин ки девонаҳо ин ҳарфро шуниданд, давон-давон аз ҳар тараф омаданд ва ӯро мисли нигини ангуштаре дар миён гирифтанд ва садои «ҳай девона, ҳай девона»-ро бардоштанд. Ҳамин ки ӯ мехост, аз дасти онҳо бигурезад, як нафар аз девонагон пеш рафт, дасти ӯро гирифт ва кашон-кашон ба тарафи ҷамъият бурд. Ҷамъият ҳам ӯро пеш ронданд ва «ҳай девонаро, ҳай девонаро» мегуфтанд. Бечора марди оқил, ки асиру дастгири чунин иддаи девонагон гардида буд ва роҳи фарорро аз ҳар тараф бар худ баста медид, ғайр аз ин чорае надид, ки худ низ ҳамранги ҷамоат бишавад ва аз шарри онҳо роҳат шавад. Ҳамон тавре ки ӯро мекашиданд ва мебурданд, тадриҷан либосҳои худро дар овард ва дур андохт, то ин ки монанди онҳои дигар лухт ва урьён гардид. Онгоҳ худ низ ҳар дам боло мепарид ва мегуфт:

— Ҳай девонаро, ҳай давонаро.

Ҳамин ки девонагон инро диданд, раҳояш карданд ва аз ӯ даст кашидаиду пароканда шуданд. Он бечора ҳам бо ин найранг аз миёни ҷамоати ҷон ба саломат халос шуд.

---

[1] Идда — қисм, гурӯҳ.

## ХУДАШРО ШАРИКИ ШАШТОИҲО КАРД

Тоҷире чанд нафар аз руфақои худро ба хӯроки шашандоз[1] барои сарфи шом даъват намуд ва ба ғуломи сиёҳи худ фармон дод, ки ба хона биравад ва ба хонуми худ дастури тайёрии хӯроки шашандоз бидиҳад. Ғулом равон шуд. Дар байни роҳ ба худ ҳисоби меҳмонҳоро кард ва чун дид, бо оқои худаш шаш нафар мешаванд, ба худ гуфт:

«Оқо аҷаб иштибоҳе кардааст, манро ҳисоб накардааст, вагарна мегуфт, «ҳафтандоз бипазед». Ҳамин ки ба хона расид, ба хонум гуфт:

— Оқо гуфт, имшаб меҳмон дорам ва барои шом «ҳафтандоз» бипазед.

Хонум мақсади ӯро нафаҳмид ва ҳарфашро далели ҳамоқаташ донист ва шоми дигаре тайёр кард.

Вақте тоҷир бо меҳмонҳои худ ворид шуданд ва соати сарфи ғизо расид ва шом оварданд, дид, шашандозе дар миён нест. Аз ин мавзӯъ сахт хашмгин шуд ва ғуломи худро хост ва аз ӯ пурсид:

— Магар нагуфтӣ шашандоз тайёр кунанд?

Ғулом гуфт:

— Нагуфтам, чаро ки ту иштибоҳ карда будӣ.

Тоҷир гуфт:

— Чӣ гуна иштибоҳ карда будам?

Ғулом гуфт:

— Ман дидам, худат ва меҳмонҳоят шашто мешавед ва маро ҳисоб накардӣ. Ман ҳам омадам ба хонум гуфтам, ҳафтандоз бипазад.

Ҳарфи ғулом ҳанӯз тамом нашуда буд, садои ханда дар миёни он ҷамъият бархост ва аз он рӯз ин масал соир гардидааст. Ҳар касе худро шарики иддае бикунад, ки дар байни онҳо нест, ҳамин масалро барояш меоранд ва мегӯянд: «Худашро шарики шаштоиҳо сохтааст».

---

[1] Шашандоз — хӯрокест, ки онро аз сабзӣ ва биҳӣ тайёр мекунанд.

## ХУДКАРДАРО ТАДБИР НЕСТ

Марде осиёбон дар беруни шаҳр осиёе дошт ва аз ҳар куҷо гандум ба тарафи шаҳр ҳамл [1] мешуд, дар осиёи ӯ хӯрд ва орд мешуд ва осиёбон истифодаи хубе мебурд.

Рӯзе аз рӯзҳо, ки саргарми кораш буд, як ғӯли биёбонӣ вориди осиё шуд ва рафт дар як гӯшаи осиё нишаст ва бано кард ба осиёбон нигоҳ кардан.

Осиёбон пурсид:

— Исми ту чист?

Ғӯл гуфт:

— Исми ту чист?

Осиёбон гуфт:

— Исми ман «худам» аст.

Ғӯл гуфт:

— Номи ман ҳам «худам» аст.

Осиёбон ҳар чи кӯшид ва ҳар найранге ба кор бурд, ғӯлро аз осиё берун кунад, нашуд. Ғӯл аз ҷои худ такон нахӯрд ва кам-кам асбоби заҳмати осиёбон шуд. Ҳар коре ки ӯ мекард, ғӯл ҳам айнан ҳамон корро мекард. Масалан, осиёбон об мехӯрд, ғӯл ҳам об мехӯрд; нон мехӯрд, ғӯл ҳам нон мехӯрд; ҳарф мезад, ғӯл ҳам айнан ҳамон ҳарфҳоро мезад. Хулоса, ба ҳар коре даст мезад, ғӯл ҳам даст мезад ва ба истилоҳи мардум дарди сар барои ӯ шуда буд.

Бечора осиёбон оҷиз шуд ва ночор ба дӯсти оқил ва ботадбире ки дошт, мурочиат кард ва дарди дилашро ба ӯ гуфт. Рафиқ дастуре ба ӯ дод ва гуфт:

— Агар ин корро мувофиқи дастури ман анҷом диҳӣ, бедуни шак аз шарри ӯ раҳо хоҳӣ ёфт.

Осиёбон шоду хушҳол ҳама ҷо омад, то ба осиё расид ва фавран як зарф пур аз нафт [2] дар як тарафи осиё гузошт ва як зарф айнан ҳамон шакл вале пур аз об дар тарафи дигар. Як қутӣ кебрит [3]

---

[1] Ҳамл — барорбарӣ.
[2] Нафт — карасин.
[3] Кебрит — гӯгирд.

пои он зарф гузошт ва як қутӣ кебрити дигар пои ин зарф. Онгоҳ омад пои зарфи об нишаст ва бано кард обҳоро ба худаш молидан. Ғӯл ҳам фавран бархост ва пои зарфи нафт нишаст ва ба тасвири он ки осиёбон нафтро ба худаш мемолад, бано кард нафтҳоро ба худаш молидан, то нафт тамом шуд. Онгоҳ осиёбон қутии кебритро бардошт ва кебрите аз он дар овард ва оташ зад ва онро наздики либоси худ бурд. Чун либосаш бо об тар буд, оташ нагирифт.

Ғӯл ҳам кебрите равшан кард ва наздики баданаш бурд, аммо чун тамоми баданаш нафтӣ шуда буд, оташ гирифт. Ғӯл доду фарьёдро роҳ андохт. Ғӯлҳои биёбонӣ, ки дар он наздикиҳо буданд, аз садои ӯ хабардор гардиданд ва рехтанд тӯи осиё. Хостанд, хомӯш кунанд, аммо нафт бисьёр буд ва хомӯш намешуд. Ночор аз ӯ пурсиданд:

— Чӣ касе ин балоро ба сарат овард?

Гуфт:

— «Худам».

Албатта медонед, ба тасаввури ин ки номи осиёбон «худам» аст. Ғӯлҳо гуфтанд:

— Чи гуна мешавад, ки худат чунин балоро бар худат биоварӣ?

Ғӯл нолакунон гуфт:

— Худам ки накардам, «худам» кард.

Ғӯлҳо гуфтанд:

— Агар худат кардӣ, чашмат кӯр, бисӯз, ки худкардаро тадбир нест.

Ин бигуфтанду бозгаштанд ва ғӯл сӯхта хокистар шуд.

## ДАРАИ МУЛЛО, ДУБОРА БИСМИЛЛО

Гӯянд як нафар муллои исфаҳонӣ бо як нафар лори бахтиёрӣ[1] барои анҷоми коре ба тарафе сафар карданд. Дар байни роҳ ба деҳкадае расиданд ва кадхудои он деҳ ба сарфи шом онҳоро даъват кард. Мулло бисьёр камхӯр буд ва лор басе пурхӯр. Ҳамин ки саргарми хӯрдани шом шуданд, тӯле накашид, ки ҷаноби мулло даст аз хӯрдан кашид ва шукри худоро ба ҷо овард. Соири меҳмонон низ аз рӯи расму одат ба эҳтироми мулло даст кашиданд ва гумоштагони кадхудо суфраро барчиданд. Лори бечора, ки ҳанӯз чанд луқма ба меъдаи худ нарасонда буд ва дид сабаби ин сер нашуданаш ҷаноби мулло буд, кинаи ӯро дар дил гирифт ва ҳамин ки фардо аз деҳкада берун рафтанд, лор банои шикоятро аз рафтори ӯ гузошт. Мулло гуфт:

— Чӣ кунам? Ман тавопоии беш аз ин хӯрданро надорам.

Лор гуфт:

— Ман коре мекунам, ки аз ин баъд тавоно шавӣ.

Мулло изҳори шукр намуд. Лор сокит шуд. Ҳамин ки қадре роҳ рафтанд, ба васати дарае расиданд. Лор чумоқро ба ҷони муллои бадбахт кашид. Мулло банои илтимос ва дархостро гузошт ва гуфт:

— Маро ин дафъа бубахш. Қавл медиҳам, ки минбаъд ман тобеъи ту хоҳам буд ва то ту сер нашавӣ, аз хӯрдан даст накашам.

Лор ба ин шарт ӯро бахшид ва роҳи худро пеш гирифтанд, то ба деҳкадаи дигаре расиданд.

Кадхудои ин ҷо ҳам онҳоро ба шом даъват кард. Ҳамин ки сари суфра нишастанд, мулло барои ин ки зуд сер нашавад, ба мулоимат банои хӯрданро гузошт. Вале ҳарчанд хӯрд, дид, лор аз хӯрдан даст боз намедорад. Баночор даст кашид. Вале лор, ки нигарон ва дар интизори чунин ҳаракате буд, фавран гуфт:

[1] Бахтиёр — номи хонадони хониест дар ҷануби Эрон.

пои он зарф гузошт ва як қутӣ кебрити дигар пои ин зарф. Онгоҳ омад пои зарфи об нишаст ва бано кард обҳоро ба худаш молидан. Ғӯл ҳам фавран бархост ва пои зарфи нафт нишаст ва ба тасвири он ки осиёбон нафтро ба худаш мемолад, бано кард нафтҳоро ба худаш молидан, то нафт тамом шуд. Онгоҳ осиёбон қутии кебритро бардошт ва кебрите аз он дар овард ва оташ зад ва онро наздики либоси худ бурд. Чун либосаш бо об тар буд, оташ нагирифт.

Ғӯл ҳам кебрите равшан кард ва наздики баданаш бурд, аммо чун тамоми баданаш нафтӣ шуда буд, оташ гирифт. Ғӯл доду фарьёдро роҳ андохт. Ғӯлҳои биёбонӣ, ки дар он наздикиҳо буданд, аз садои ӯ хабардор гардиданд ва рехтанд тӯи осиё. Хостанд, хомӯш кунанд, аммо нафт бисьёр буд ва хомӯш намешуд. Ночор аз ӯ пурсиданд:

— Чӣ касе ин балоро ба сарат овард?

Гуфт:

— «Худам».

Албатта медонед, ба тасаввури ин ки номи осиёбон «худам» аст. Ғӯлҳо гуфтанд:

— Чи гуна мешавад, ки худат чунин балоро бар худат биоварӣ?

Ғӯл нолакунон гуфт:

— Худам ки накардам, «худам» кард.

Ғӯлҳо гуфтанд:

— Агар худат кардӣ, чашмат кӯр, бисӯз, ки худкардаро тадбир нест.

Ин бигуфтанду бозгаштанд ва ғӯл сӯхта хокистар шуд.

## ДАРАИ МУЛЛО, ДУБОРА БИСМИЛЛО

Гӯянд як нафар муллои исфаҳонӣ бо як нафар лори бахтиёрӣ[1] барои анҷоми коре ба тарафе сафар карданд. Дар байни роҳ ба деҳкадае расиданд ва кадхудои он деҳ ба сарфи шом онҳоро даъват кард. Мулло бисьёр камхӯр буд ва лор басе пурхӯр. Ҳамин ки саргарми хӯрдани шом шуданд, тӯле накашид, ки ҷаноби мулло даст аз хӯрдан кашид ва шукри худоро ба ҷо овард. Соири меҳмонон низ аз рӯи расму одат ба эҳтироми мулло даст кашиданд ва гумоштагони кадхудо суфраро барчиданд. Лори бечора, ки ҳанӯз чанд луқма ба меъдаи худ нарасонда буд ва дид сабаби ин сер нашуданаш ҷаноби мулло буд, кинаи ӯро дар дил гирифт ва ҳамин ки фардо аз деҳкада берун рафтанд, лор бинои шикоятро аз рафтори ӯ гузошт. Мулло гуфт:

— Чӣ кунам? Ман тавоноии беш аз ин хӯрданро надорам.

Лор гуфт:

— Ман коре мекунам, ки аз ин баъд тавоно шавӣ.

Мулло изҳори шукр намуд. Лор сокит шуд. Ҳамин ки қадре роҳ рафтанд, ба васати дарае расиданд. Лор чумоқро ба ҷони муллои бадбахт кашид. Мулло бинои илтимос ва дархостро гузошт ва гуфт:

— Маро ин дафъа бубахш. Қавл медиҳам, ки минбаъд ман тобеъи ту хоҳам буд ва то ту сер нашавӣ, аз хӯрдан даст накашам.

Лор ба ин шарт ӯро бахшид ва роҳи худро пеш гирифтанд, то ба деҳкадаи дигаре расиданд.

Кадхудои ин ҷо ҳам онҳоро ба шом даъват кард. Ҳамин ки сари суфра нишастанд, мулло барои ин ки зуд сер нашавад, ба мулоимат бинои хӯрданро гузошт. Вале ҳарчанд хӯрд, дид, лор аз хӯрдан даст боз намедорад. Баночор даст кашид. Вале лор, ки нигарон ва дар интизори чунин ҳаракате буд, фавран гуфт:

---

[1] Бахтиёр — номи хонадони хониест дар ҷануби Эрон.

— Дара, мулло! (Яъне мулло, дараро ба хотир дошта бош)

Ва мулло низ ба шунидани ин калима гуфт:

— Дубора бисмилло.

Ва хоҳу ноҳоҳ шурӯъ ба хӯрдан намуд ва хулоса, то муддате ки ин ду нафар бо ҳам дар ин мусофират буданд, дар сари ҳар суфра ки менишастанд, ин ду ҷумла байни онҳо радду бадал мешуд.

## ДАСТБУРИДА ҚАДРИ ДАСТБУРИДАРО МЕДОНАД

Гӯянд, ба ҳукми доруға дасти касеро буриданд, дасти худро бардошт ва бедуни камтарин оҳу нолае фарор кард. Дар байни роҳ ногаҳон чашмаш ба дасти буридаи дигаре афтод ва баной гиристану нолаву фарьёд карданро гузошт. Шахсе аз ӯ пурсид:

— Чӣ шуд, ки дар мавқеи буридани дасти худ наноли́дӣ ва акнун доду бедоде роҳ андохтӣ?

Гуфт:

— Хомӯш, ки дигарон аз сӯзи дили ман хабар надоштанд ва танҳо ин шахс аст, ки чун дасташ буридааст, қадри дасти буридаамро медонад ва мефаҳмад, чӣ мусибате ба сари ман омадааст.

## ДАСТАГУЛ БА ОБ ДОД

Гӯянд, марде дар деҳкадае менишаст, ки бисьёр шум ва бадқадам буд ва дар ҳар коре ки қадам мегузошт ва дар ҳар амре ки мудохила мекард, мумкин набуд, он кор расво ва он амр хароб нашавад. Масалан, агар дар маҷлиси арӯсӣ ворид мешуд, онро ба маҷлиси мотам бармегардонд ва агар дар як ҷаласаи меҳмонӣ дохил мешуд, онро ба ҷаласаи ҷангу калтакзанӣ табдил менамуд. Агар мехост, ду нафарро сулҳ бидиҳад, якбора бо ҳам душман мешуданд ва агар гиреҳеро аз кори касе кушоданӣ мешуд, кори ӯ бештар гиреҳ мехӯрд ва ин маънӣ на танҳо дар байни мардуми деҳкадаи худаш, балки дар тамоми деҳкадаҳои атроф маъруф буд.

Рӯзе бародараш, ки кадхудои деҳкадае буд, ба деҳкадаи ҳамсоя рафт, то духтари кадхудои он ҷоро барои писари худ номзад ва ақд бикунад. Хонаводаи духтар ба анҷоми ин васлат [1] ба шарте розӣ шуданд, ки ҳамон марди шум ва бадқадам аз оғоз то поёни арӯсӣ ба кори васлат мудохила накунад ва дар маҷлиси ақд ба ҷашни арӯсӣ қадам нагузорад.

Хонаводаи домод шартро пазируфтанд ва ба амуи домод гуфтанд ва ӯ ҳам бедуни ин ки аз ин пешниҳод дилгир бишавад, аҳд дод ва ҳамин ки мавқеи арӯсӣ расид, ду рӯз пештар ба яке аз деҳотҳои дигар рафт, то вақте ки арӯсӣ ба поён бирасад.

Субҳи рӯзе ки дар шаби он арӯсии бародарзодааш воқеъ шуда буд, сахт аз вазъи зиндагии худ ғамгин ва дилгир шуд. Дар дил менолид, ки чаро ӯ бояд шум ва бадқадам бошад, ки ҳатто дар арӯсии бародарзодааш роҳаш надиҳанд, то ӯ ҳам дар айшу ишрати онҳо шарикат кунад, дасте афшонад ва ё рақсе кунад. Дар ин асно чашмаш ба буттаи гул афтод, ки дар боғчаи рӯбарӯи ӯ намоён буданд. Бо дидани он ба хаёл афтод, ки дастагули қашанг бибандад ва онро рӯи наҳре, ки аз ин деҳкада ба деҳкадаи худашон равон буд ва иттифоқан

[1] Васлат — васл шудан, зану шавҳарӣ.

аз дохили ҳавлии бародараш мегузашт, биандозад ва ҳоло ки натавонист, бо ҳузури худ ҳидмате бикунад ва табрике ба арӯсу домод бигӯяд, лоақал бо ин васила[1] нияти худро анҷом дода бошад.

Дастагулро хеле зебо ва қашанг баст ва рӯи оби наҳр андохт ва об дар фосилаи ду-се соат онро ба деҳкада ва хонаи бародараш расонд. Аҳолии хона бо камоли гармӣ саргарми анҷоми ташрифоти арӯсӣ буданд. Созу табл ва карнай мезаданд ва ба оҳанги он рақс мекарданд.

Дар ин байн бачаҳо, ки яке бародари кучики домод ва дигарӣ хоҳари кучики арӯс буданд, дар канори наҳр бозӣ мекарданд. Чашмашон ба дастагул афтод. Ҳар як бар дигарӣ пеш меҷастанд ва дасти худро дароз мекарданд, то онро бигиранд. Вале бар асари аҷала ва тасодуфи рӯзгор афтоданд дар сардоб ва чун наҳр бисьёр чуқур буд ва ҷараёни об тез бедуни ин ки садои онҳо дар миёни ҳумҳумаи меҳмонон ва тамошочиён ва аҳли манзил ба гӯш бирасад, об онҳоро бо худ бурд ва хафа кард. Чанде баъд деҳқоне ки дар хориҷи ободӣ машғули обьёрӣ буд, ҷасади беҷони онҳоро аз рӯи об гирифт ва чун писари кадхудоро шинохт, ҳар ду ҷанозаи тифлро ба назди ӯ овард ва таҳвили падарону модарони бадбахти онҳо дод ва маҷлиси арӯсиро, ки то он дақиқа дар мунтаҳои шӯру шодӣ идора мешуд, ба мотаму гирья табдил намуд.

Баъдҳо хонаводаи арӯс ва домод донистанд, ки ҷаро бачаҳоҷ онҳо ғарқ ва дастхуши марг шуданд. Фаҳмиданд, ки пешомади он азо бо он ҳама пешбиниҳо ва эҳтиётҳо боз ҳам натиҷаи амали он марди шум ва бадқадам буда аст, ки ба қасди анҷоми хидмате дастагуле ба об дода буд.

[1] Васила — восита, тарз, роҳ.

## ДАЪВО САРИ КӮРПАЧАИ МУЛЛО БУД

Гӯянд, шабе мулло Насриддин хобида буд. Садои ғавғое аз кӯча ба гӯшаш расид. Бархост, кӯрпачаро бар сар кашид ва аз хона берун рафт, то сабаби ғавғоро бифаҳмад. Иттифоқан ғавғокунандагон ҷамъи маст буданд, ки дар кӯча гиребони якдигарро гирифта фарьёд мезаданд. Ҳамин ки муллоро ба он сурат диданд, кӯрпачаро аз сараш кашиданд ва по ба фарор гузошта, онро бо худ бурданд. Мулло бедуни ин ки онҳоро таъқиб кунад, ба хона бозгашт.

Занаш аз ӯ пурсид:

— Чӣ хабар буд?

Гуфт:

— Хомӯш, ин ҳама ғавғо бар сари кӯрпачаи мо буд. Онро ҳам кашиданд ва бурданд!

## ДЕР ҶУНБИДА БУДАМ, ХУДАМРО ҲАМ БУРДА БУДАНД

Рӯзе мулло Насриддин аз роҳ мегузашт, дар ҳоле ки гов ва улоғеро ресмон баста ва ба дунболи худ мекашид. Ду нафар мард ва як нафар зан, ки шуғли онҳо дуздӣ буд, бо ҳам ҳамдаст шуданд, ки гову харашро бидузданд. Як нафар аз онҳо дунболи мулло афтод ва нӯхтаи говро боз карду ӯро бурд. Тӯле накашид, ки дузди дуввӯмӣ ба мулло расид ва гуфт:

— Мулло, ҳавосат куҷост, ки говатро бурданд?

Мулло ҳамин ки нигоҳ кард ва дид, говаш нест, аз ӯ пурсид.

— Онро куҷо дидӣ?

Дузд нишонае нишон дод, ки мухолифи хати ҳаракати гов ва дузди шарикаш буд ва гуфт:

— Дар ҳамин наздикӣ пушти теппа мерафтанд.
Мулло гуфт:
— Пас барои ризои худо ин харро нигоҳ дор, то ман баргардам.

Ва дунболи гов рафт. Дузди дуввум улоғашро бардошт ва ба ҳамон роҳе ки рафикаш рафта буд, рафт. Мулло муддате роҳ рафт ва ҳамин ки дид, ба гову дузд наметавонад бирасад, ба ҷои аввалаи худ бозгашт. Вале дид, «ҷо тар асту бача нест» ва аз он марду улоғаш кучиктарин асаре ба ҷо намондааст. Аз ин ҷо фаҳмид, ки ӯ шарики дузди аввалӣ буд ва ба ин найранг молашро дуздидаанд. Роҳи худро пеш кашид ва рафт. Дар асвои роҳ дид, зане сари чоҳе нишастааст ва сахт гиръя мекунад. Наздики ӯ рафт ва ҷӯёи сабаби гиръяаш шуд. Зан гуфт:
— Омадам сари ин чоҳ, об бардорам, гӯшвораи тиллоим дар даруни он афтод.

Муллоро дил ба ҳоли вай сӯхт ва гуфт:
— Ғам махӯр, ман гӯшвораатро ба ту ҳоҳам дод.

Фавран либосҳоро канд ва рафт даруни чоҳ. Зан ҳам либосҳояшро бардошт ва шитобон фарор кард. Мулло ҳарчанд дар чоҳ ҷустуҷӯ кард, аз гӯшвора асаре надид. Аз чоҳ дар омад берун, дид, на зан ҳасту на либосҳояш. Бечора сахт хашмгин шуд. Чӯби дасташро, танҳо чизе ки аз дороиаш боқӣ гузошта буданд, бардошт ва даври сараш мечархонд ва мерафт. Вақте ба наздикии деҳкадаи худ расид ва касонаш ӯро лухту урьён диданд, ки асои худро гирди сараш мегардонад, аз вай пурсиданд:
— Ин чӣ ҳол аст ва ин гардонидани чӯбро чӣ сабаб?

Гуфт:
— Хомӯш, агар дер меҷунбидам, дуздон худамро ҳам мебурданд.

## ДИГАРОН КИШТАНД МО ХӮРДЕМ, МО МЕКОРЕМ, ДИГАРОН БИХӮРАНД

Рӯзе пирамарде, ки қариб ба 80 даромада буд, саргарми киштани донаҳои чормағз буд. Анушервон — подшоҳи додгари сосонӣ, ки савора аз он сӯй мегузашт, ҳамин ки ӯро дар ҳоли анҷоми ин амал дид, аз ӯ пурсид:

— Эй, пир, бо он ки медонӣ солҳои зиёде мегузарад, то ин дарахти чормағз борвар гардад ва аз самари худ туро баҳравар кунад, ин чи заҳмати беҳуда ва чи ранҷи беҳосил аст, ки бар худ ҳамвор мекунӣ?

Деҳқони солхӯрда дар ҷавоб арз кард:

— Шоҳаншоҳо, дигарон киштанд, мо хӯрдем, мо мекорем, то дигарон бихӯранд.

Шоҳро ин сухан хушаш омад ва рӯ ба хазинадори худ кард ва гуфт:

— Як сад ашрафӣ ба вай ато кун.

Пир арз кард.

— Аълоҳазрато, дигарон киштанд, мо хӯрдем, мо коштем то дигарон бихӯранд. Вале аз ҳосили он на танҳо дар зиндагии худ хӯрдем, балки барои хешу ақрабои худ низ захира кардем, то онҳо низ ба роҳатӣ бихӯранд.

Шоҳро ин сухан беш аз пеш хушоянд афтод ва фармуд, то яксад ашрафии дигар ба ӯ бибахшанд.

Дар ҳоле ки пирамард хост, лаб ба сухан кушояд, Бузургмеҳр арз кард:

— Аълоҳазрато, биравем. Вагарна, ҳозирҷавобӣ ва ҳушёрии ин пирамард бепоён аст, ки агар муколимаи подшоҳ ба ҳамин шакл идома ёбад, дере нахоҳад гузашт, ки хазина тиҳӣ кунад.

## РАВҒАНИ ЧАРОҒ, КИ РЕХТААСТ, ВАҚФИ ИМОМЗОДА МЕКУНАД

Гӯянд, рӯзе шахсе зарфи равған дошт ва аз муқобили имомзодае мегузашт. Ҳамин ки рӯ ба рӯи дари имомзода расид, зарфи равған аз дасташ афтод рӯи замин ва равғанҳои он рехт. Он шахс рӯ ба имомзода кард ва гуфт:

— Ё имомзода фалон, ин равған ҳам вақфи қандилҳои[1] ту.

Инак ин масалро дар мавриди касе эрод кунанд, ки чизи надоштаро ба дигарӣ бибахшад.

## РАФТЕМ БА ҲАЗОРУ ЯК ДАРА, НАДИДЕМ ОДАМИ ДУСАРА

Дар наздикии шаҳри Исфаҳон дар фосилаи якфарсангӣ тарафи ҷануби шаҳр, ки ба тарафи Шероз меравад, як идда теппаҳо ва оббурдҳои зиёде ҳаст. Ин қисмат номи Ҳазору як дара дорад.

Дар байни авоми Исфаҳон маъруф аст, ки як вақте Ҳазору як дара маҳалли сукунати деве шуда буд ва ҳама шаб ин дев гирди дараҳо мегашт ва ҳар куҷо одамизодеро, ки хоб бошад меёфт, кафи пои ӯро бо забони аррамонанди худ мелесид ва хунашро мемакид, то вақте ки ҷон бидиҳад ва ба ҳамин ҷиҳат мусофирони ин роҳ то он ҷо, ки қудрат доштанд, мекӯшиданд, то рӯз равшан буд, худро аз он дараҳо хориҷ кунанд ва ба манзиле бирасонанд, то ин ки бар ҳасби иттифоқ ду нафар мусофир дар дараҳои мазкур шабгир гардида роҳро гум карданд

[1] Қандил — як навъи чароғ.

ва бар асари хастагии зиёд ночор шуданд, ки шабонгоҳро дар он ҷо ба рӯз бирасонанд. Муддате нишастанд, ки хобашон набарад ва ба нақли достонҳои ширин пардохтанд. Вале саранҷом хоб бар онҳо ғалаба кард ва ба ҳукми зарурат маҷбур шуданд, бихобанд. Як нафар аз онҳо марде буд, боҳуш. Ба дигарӣ гуфт:

— Бародар, ман имшаб чунон ҳилае ба кор барам, ки дев бо мо ҳеҷ коре натавонад бикунад.

Онгоҳ рафиқи худро хобонид ва худ низ аз тарафи муқобил хобид ва поҳои рафиқашро дар почаи тунбони[1] кушоди худаш кард ва поҳои худро низ дар почаи тунбони ӯ ниҳод. Бо ин тариқ пойҳои худро пинҳон карданд ва хотирҷамъ хобиданд.

Дере нагузашт, ки дев бӯи одамизодро ҳис кард ва ҳама ҷо дунболи он бӯ рафт, то ба он ду расид, вале ҳарчи аз паи поҳои онҳо гашт, мақсади худро наёфт. Ночор ангушти ҳайрат ва таассуф ба дандон газид ва гуфт:

— Гаштем ба Ҳазору як дара, надидем одами дусара.

## ПАҲЛАВОНИ НАНА

Гӯянд, рӯзе паҳлавоне вориди шаҳре шуд ва ба ҳокими шаҳр худашро муаррифӣ[2] карда ҳамоварде[3] хост. Ҳоким амр дод, ҷор заданд, ки ҳар кас розист ба гӯштин гирифтан бо фалон паҳлавон, худро муаррифӣ кунад. Чун паҳлавонҳои коркар-

[1] Тунбон — шалвори деҳқонӣ.
[2] Муаррифӣ кардан — шинос кардан.
[3] Ҳамовард — касе ки мехоҳад дар муқобили каси дигар истодагарӣ кунад, довталаб.

даи он шаҳр шӯҳрати он паҳлавонро шунида буданд ва медонистанд, ки дар зӯрозмоӣ ва гӯштин ҳарифи он нахоҳанд шуд, аз муаррифии хеш худдорӣ карданд, вале ҷавоне ки тоза вориди зӯрхона шуда буд, аз рӯи хомӣ ва ғурури ҷавонӣ худро муаррифӣ кард ва ҳокими шаҳр ҳар чанд ӯро насиҳат кард, ки аз ин хаёл баргард, ҷавон зери бор нарафт ва насиҳатҳои онро нашунид.

Ӯ намедонист, ки танҳо зӯри бозӯ ва нерӯи бадан дар ин гуна аҳвол ба кор наояд, балки собиқии тулонӣ ва фунуни кор лозим аст. Боре, рӯзро муайян карданд. Мардуми шаҳр атрофи майдони гӯштингириро фаро гирифтанд ва паҳлавонон бо баданҳои урьён вориди майдон шуданд. Мардуми шаҳр, ки ҳайкали барандоза ва бозувони тавонову азулоти[1] ба ҳампечидаи паҳлавони шаҳри худашонро диданд, аз ҳар тараф бонгҳои шодӣ баровардаид ва ба пешрафти паҳлавони худашон умедвор шуданд. Вале ба маҳзи ине ки ду ҳариф вориди кори зӯрозмоӣ шуданд, тӯле накашид, ки паҳлавони корозмуда яке аз фунуни гӯштингириро ба кор бурд ва паҳлавони ҷавони бетаҷрибаро баланд кард ва пушти ӯро ба хок нишонд.

Бечора ҷавон сар афканд ва шармсору нолон аз майдон хориҷ шуд ва давон-давон ба тарафи хонаи худашон шитофт. Ҳамин ки дохил шуд, модарро ба мусобиқаи гӯштин талабид ва то он зани бадбахт омад бигӯяд, ман он паҳлавон нестам, ки ту интиқоми шармсории худро аз ман боз гирӣ, ӯро баланд кард ва ба сахтӣ бар замин куфт. ба тавре ки мӯҳраҳои пушташ шикаст ва аз ин кори ҷаҳолатомези писар ҷон дод.

[1] Азулот — расулат, мушак.

## ТО НЕЪМАТЕРО НАХӮРӢ, ШУКРАШРО БА ҶО НАЁВАР

Гӯянд, агар рӯбоҳ гурусна шавад, худро ба монанди мурда рӯи замин меандозад ва шикамашро пур аз бод мекунад, баданашро рост нигоҳ медорад ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба худ ҳаракате намедиҳад ва ба ин тариқ ҳайвонот ё мурғони ҳавоиро фиреб медиҳад. Вақте ки ба ӯ наздик шаванд, бармеҷаҳад ва онҳоро сайд мекунад.

Рӯзе рӯбоҳи модае сахт гурусна шуд, ҳамин ҳиларо ба кор бурд ва зоғе ӯро дар ин ҳол дид. Хаёл кард, мурдааст, вале аз он ҷое ки зоғ дар миёни паррандагон ба ҳушьёрӣ маъруф аст, эҳтиётро аз даст надода ба худ гуфт: «Мабодо рӯбоҳ ҳила карда бошад». Пеш омад ва бо минқори худ хате даври ӯ кашид ва рафт, ба худ гуфт: «Фардо меоям, агар ба ҳамин ҳол дар миёни хат хобида бошад, маълум мешавад, ки мурдааст. Чашмашро дар меорам ва бо камоли лаззат нӯши ҷон мекунам». Ҳамин ки зоғ аз назар нопадид шуд, рӯбоҳ аз миёни хат хест ва рафт. Рӯзи дигар зудтар боз гашт ва ба ҳамон ҳоли рӯзи гузашта дар миёни хат хобид. Соате баъд зоғ омад ва рӯбоҳро ба ҳамон ҳоли пеш дид. Яқин кард, ки мурдааст. Бо хотири ҷамъ ва осуда пеш омад ва бар сари ӯ нишаст, то чашмашро дар оварад ва луқмаи ҳалоли хеш созад, ки ногоҳ рӯбоҳ барҷаст ва ӯро гирифт. Зоғ дид, аҳволаш бад аст, ба худ гуфт: «Чӣ марде буд, ки зи зане гум буд. Барои навъи зоғӣ нанге болотар аз ин нест, ки рӯбоҳи модае як тан аз онҳоро бо чунин найранги хеш шикор созад. Бояд ман ҳам ӯро фиреби хеш созам».

Ва гуфт:

— Эй, рӯбоҳ, ҳоло ки маро бо ин ҳилаи шайтонӣ ба дом овардӣ, гӯштам бар ту ҳалол. Лекин бояд бидонӣ, ки ҳар неъматеро худованд чунин бар игон касе ато фармояд, ки нахуст шукри худовандро бигӯяд ва сипас ба хӯрдани он неъмат шурӯъ намояд.

Рӯбоҳ ба ҳама зиракӣ ба сухани зоғ фирефта шуда хост, бигӯяд: «Ҳамдулло ё алҳамдулиллоҳи раббул оламин», ки даҳонаш боз шуд ва зоғ берун омад ва бо хотири осуда рӯи шохаи дарахте нишаст. Рӯбоҳ гуфт:

— Эй, зоғ, маро фиреб додӣ ва рафтӣ. Вале бидон, ки ҳар зиёне ақлро зиёд мекунад. Ман ҳам бо худам аҳд кардам, ки аз ин пас нохӯрда шукр накунам.

## ТУХМДУЗДЕ ШУТУРДУЗД МЕШАВАД

Рӯзе тифле чанд дона тухми мурғ аз хонаи ҳамсоя дуздид ва ба хонаи худ овард. Модараш тухмҳоро дар дасти ӯ дид. Пурсид:

— Инҳоро аз куҷо овардӣ?

Кӯдак ҳақиқатро баён кард. Модараш тухмҳоро аз дасти ӯ гирифт ва бо забони нарм ӯро маломат кард ва дар охир гуфт:

— Мабодо дигар аз ин корҳо бикунӣ.

Ва ба ҷои ин ки тухмҳоро ба соҳибаш боз гардонад ва дарси ибрати дигаре ба кӯдаки худ бидиҳад, онро ба ошпазхона бурд ва пухт ва бо ҳамроҳи ӯ хӯрд. Писарак ин рафтори модарашро дид, фардо низ чанд адад зиёдтар дуздид ва ба хона овард. Модараш боз ҳамчун рӯзи пеш маломат кард, вале аз гирифтану пухтану хӯрдани тухмҳо ҳам дареғ накард ва хулоса, кор ба ҷое расид, ки дуздӣ одати кӯдак шуд.

Рӯзе писар шутуреро дуздид ва иттифоқан ба даст афтод. Ӯро ба маҳкамаи қозӣ кашиданд. Қозӣ баъд аз исботи гуноҳаш ба буридани дасти вай амр дод. Бечора ҷавон, ки ҳеҷ гоҳ чунин рӯзе ва

чунин мӯъҷизоте барои худ пешбинӣ ва тасаввур намекард, аз кардаҳои хеш сахт пушаймон шуд ва фарьёд баровард:

— Ё қозӣ, агар мехоҳӣ бо инсоф доварӣ кунӣ, амр кун, то дасти модарамро бибуранд, чаро ки ман бегуноҳам ва поёни тухмдуздӣ шутурдуздӣ мешавад.

Қозӣ тавзеҳ [1] хост ва ҷавон матлабро ҳамон тавре ки буд, баён кард. Қозиро дил ба ҳоли вай бисӯхт ва ӯро бегуноҳ гуфт ва модарашро сахт ҷазо дод.

## «АЗ ОТАШЕ, КИ АФРӮХТАМ, ХУДАМ СӮХТАМ»

Рӯбоҳе ва шағоле дар биёбоне бо ҳам зиндагӣ мекарданд. Шағол хеле танумандy қавӣ ва пурзӯр, вале бисьёр танбал буд ва рӯбоҳ, баръакс заъиф ва камбунья [2] ва дар айни ҳол зарангу зирак буд. Боре, шағол ҳамаи рӯз мехобид ва рӯбоҳ шикор мекард, вале мавқеи хӯрок, ки мерасид, шағол бо дасту по ва сар рӯбоҳи нотавонро ба ақиб меронд ва худ ба танҳоӣ сайди ӯро мехӯрд ва рӯбоҳ ҷуз нигоҳ кардан ва ҳасрат хӯрдан чораи дигаре надошт. Билохира, рӯбоҳ оҷиз шуд ва ба хаёл афтод, то ҳилае ба кор барад ва шағоли бешуурро дар доми макри хеш андозад. Рӯзе назди ӯ омад ва гуфт:

— Бародар, мо солҳои дарозест, ки дар ин биёбон бо иттифоқ зиндагӣ мекунем. Чӣ беҳтар аз ин, ки аҳду паймон бо ҳам бибандем ва дасти дӯстӣ ва иттиҳод ба якдигар бидиҳем, то агар рӯзе

---

[1] Тавзеҳ додан — шарҳ додан, равшан кардани матлаб.

[2] Камбунья — нотавон, хароб.

хатар аз ҷонибе ояд, якдилу якҷиҳат дар рафъи он кӯшиш кунем.

Шағол раъйи ӯро пазируфт. Рӯбоҳ гуфт:

— Ақди ин гуна аҳдҳо ҳеҷ расми дигаре напазирад, балки нахуст дар фалон чашма таҳорат кунем ва баъд аз рӯи хирмани оташ, ки қаблан афрӯхтаем, биҷаҳем. Ҳар кас дар иҷрои аҳди худ ба роҳи ботил наравад ва пойдориро аз даст надиҳад, аз он оташ ба саломат мегузарад ва ҳар кас аз оғози хаёл дурангӣ ва дурӯягиро дар хаёли худ дошта бошад, дар он оташ бисӯзад.

Шағоли ситамкор, ки аз рӯи сидқу сафо тан ба бастани ақд дода буд ва аз тарафи худ хотирҷамъ буд, монеъае дар иҷрои ин ташрифот надид ва таслим шуд. Рӯбоҳ ӯро бурд назди чашмае, ки чашмаи нафт буд ва ҳар ду ба иттифоқ бутаи зиёде ҷамъ карданд ва дар каноре оташ заданд. Пас аз он қарор шуд, ки дар чашма дароянд ва таҳорат кунанд. Вале рӯбоҳ чун медонист, чашма чӣ чашмаест, бинои лангиданро гузошт ва аз «дарди» дасту по шурӯъ ба нолидан намуд. Шағол гуфт:

— Ҷон бародар, ба ту чӣ шуд? Худо озор надиҳад.

Рӯбоҳ гуфт:

— Хоре дар поям рафтааст ва аз он бим дорам, ки агар дар оби чашма равам, захмам чирк кашад ва азиятам бидиҳад. Ҳамон беҳ, ки ту ба танҳоӣ дар чашма таҳорат кунӣ ва ман дар дилам таҳорат кунам.

Шағоли фарбеҳу нодон ҳарфи рӯбоҳро қабул кард ва дар оби чашма таҳорат карда омад берун. Рӯбоҳ дастаҳоро рӯи хок зад ва худ барҷаста аз оташ пеш афтод ва бо як хез аз рӯи он гузашт ва танҳо қадре аз мӯҳои зери шикамаш сӯхт. Дар ин мавқеъ шағоли аҳмақ бо бадани нафтолуд тамоми қувваи худро барои ҷастан ҷамъ кард. Қадре пас рафт ва пеш омад ва хез зад, то ба он сӯи оташ ҷасте зад. Вале оташ тамоми баданашро гирифт. Бечора шағол месӯхт ва ба ҳар тараф медавид, ки чорае бинад.

Соири ҳайвонот аз ин манзара ба шигифт [1] омаданд. Як тан аз онҳо вақте ки шағол аз назди вай давон-давон мегузашт, пурсид:

— Бародар, ин оташ аз куҷо ба ҷони ту афтода аст?

Гуфт:

— Хомӯш! Аз оташе ки худ афрӯхтам, худ сӯхтам.

### АЗ ИН ДУМБУРИДА ҲАР ЧӢ ГӮЙ, МЕОЯД

Гӯянд, аз шахсе пурсиданд, ки:

— Хирс мезояд, ё тухм мегузорад?

Гуфт:

— Аз ин думбурида ҳар чӣ гӯӣ, меояд.

### АГАР ХУДАМ БУДАМ, ПИСАР МЕЗОИД

Гӯянд, шахсе аз аҳолии атрофи Исфаҳон ба сафар рафта буд. Ҳамин ки бозгашт, ба ӯ гуфтанд, ки занат духтаре зоидааст. Гуфт:

— Агар худам будам, писар мезоид.

[1] Шигифт — Тааҷҷуб.

## БОЛОЯТРО ДИДАМ, ПОИНАТРО ҲАМ ХОҲАМ ДИД

Гадое дар хонае биёмад, дар зад ва пораи ноне талаб кард. Зани соҳибхона аз болои бом сарашро поин намуд ва гуфт:

— Хайр аст, имрӯз бирав, фардо биё, то ман ҳам поин бошам ва нонат бидиҳам.

Гадо гуфт:

— Хонум, бубахш, болоятро дидам, поинатро ҳам хоҳам дид.



## «БА ҲАМА «БАЛЕ» БА МО ҲАМ «БАЛЕ»»?

Бозургоне варшикаст [1] шуд ва қарздоронаш ӯро ба ҷавобгарӣ ба пеши қозӣ талабиданд. Бозургон ба як нафар вакили дуовии [2] забардаст мурочиат кард ва чораи кори худро аз ӯ хост. Вакил гуфт:

— Вақте дар маҳзари қозӣ меой, қозӣ ва ҳар кас ҳар пурсише аз ту карданд ва ҳар чӣ ба ту гуфтанд, дар ҷавоби онҳо танҳо мегӯӣ «бале». Мабодо ба ғайр аз он чӣ, ки ман ба ту дастур медиҳам, калимае бар забон ронӣ ва сухане дар посухи онҳо бигӯӣ. Чӣ гуфтам? Фаҳмидӣ?

Бозургон гуфт:

— Бале.

Вакил гуфт:

— Агар аз ту пурсиданд: «Пулҳои худро чӣ кардӣ?» Чӣ хоҳӣ гуфт?

---

[1] Варшикаст шудан — тамоми сармояро аз даст додан.

[2] Дуовӣ — ҳимоякунанда, сафедкунанда.

Варшикаста гуфт:

— Бале!

Вакил гуфт:

— Агар гуфтанд: «Колаҳоеро, ки ба ту фурӯхтем, чӣ кардӣ?» Чӣ хоҳӣ гуфт?

Тоҷир гуфт:

— Бале.

Вакил барои имтиҳони ӯ гуфт:

— Заҳри мор, ин чӣ навъ ҷавоб гуфтан аст? Чаро ҷавоби мардумро намедиҳӣ?

Варшикаста гуфт:

— Бале, бале...

Вакил гуфт:

— Офарин, дарси худро хуб ёд гирифтӣ. Ҳоло биё, қарор ва мадори кори худамонро бидиҳем.

Бозургон паймоне ба ӯ баст, ки маблағи мухтасаре нақдан ба ӯ бедиҳад ва бақияро пас аз муваффақият адо кунад ва фардо ба маҳзари қозӣ рафт ва дар ҷавоби қозӣ ва ҳар яке аз қарздорони худ ҳар чӣ гуфтанд ва ҳар чӣ пурсиданд, фақат гуфт: «Бале» ва «бале», то ин ки қозӣ ва қарздорон саранҷом ба танг омаданд ва қозӣ гуфт:

— Маълум мешавад, бадбахти варшикаста гуноҳе надорад, чаро ки аз шиддати ғаму андеша ақлу фаҳми худро аз даст дода ва девона шудааст.

Қарздоронро низ дил ба ҳоли ӯ сӯхт ва аз қарзҳои худашон гузаштанд. Ӯ дар зоҳир ғамгин ва дилафгор, вале дар ботин шоду хуррам ба хонаи худ боз гашт.

Фардои он рӯз вакил дар манзили вай рафт. Пас аз боз шудани дар ва омадани бозургон дар остони дар бедуни ин ки саломе ва муроате бикунад, дар ҷавоби саломи вакил гуфт:

— Бале.

Вакил аз ҳоли ӯ пурсид. Гуфт:

— Бале.

Гуфт:

— Худоро шукр, ки муваффақ шудӣ. Ҳоло қисми боқимондаи ҳақамро бидеҳ.

Гуфт:

— Бале.

## БОЛОЯТРО ДИДАМ, ПОИНАТРО ҲАМ ХОҲАМ ДИД

Гадое дар хонае биёмад, дар зад ва поран ноне талаб кард. Зани соҳибхона аз болои бом сарашро поин намуд ва гуфт:

— Хайр аст, имрӯз бирав, фардо биё, то ман ҳам поин бошам ва нонат бидиҳам.

Гадо гуфт:

— Хонум, бубахш, болоятро дидам, поинатро ҳам хоҳам дид.

## «БА ҲАМА «БАЛЕ» БА МО ҲАМ «БАЛЕ»»?

Бозургоне варшикаст[1] шуд ва қарздоронаш ӯро ба ҷовобгарӣ ба пеши қозӣ талабиданд. Бозургон ба як нафар вакили дуовии[2] забардаст муроҷиат кард ва ҷораи кори худро аз ӯ хост. Вакил гуфт:

— Вақте дар маҳзари қозӣ меоӣ, қозӣ ва ҳар кас ҳар пурсише аз ту карданд ва ҳар чӣ ба ту гуфтанд, дар ҷавоби онҳо танҳо мегӯӣ «бале». Мабодо ба ғайр аз он чӣ, ки ман ба ту дастур медиҳам, калимае бар забон ронӣ ва сухане дар посухи онҳо бигӯӣ. Чӣ гуфтам? Фаҳмидӣ?

Бозургон гуфт:

— Бале.

Вакил гуфт:

— Агар аз ту пурсиданд: «Пулҳои худро чӣ кардӣ?» Чӣ хоҳӣ гуфт?

[1] Варшикаст шудан — тамоми сармояро аз даст додан.
[2] Дуовӣ — ҳимоякунанда, сафедкунанда.

Варшикаста гуфт:
— Бале!
Вакил гуфт:
— Агар гуфтанд: «Колаҳоеро, ки ба ту фурӯхтем, чӣ кардӣ?» Чӣ хоҳӣ гуфт?
Тоҷир гуфт:
— Бале.
Вакил барои имтиҳони ӯ гуфт:
— Заҳри мор, ин чӣ навъ ҷавоб гуфтан аст? Чаро ҷавоби мардумро намедиҳӣ?
Варшикаста гуфт:
— Бале, бале...
Вакил гуфт:
— Офарин, дарси худро хуб ёд гирифтӣ. Ҳоло биё, қарор ва мадори кори худамонро бидиҳем.
Бозургон паймоне ба ӯ баст, ки маблағи мухтасаре нақдан ба ӯ бедиҳад ва бақияро пас аз муваффақият адо кунад ва фардо ба маҳзари қозӣ рафт ва дар ҷавоби қозӣ ва ҳар яке аз қарздорони худ ҳар чӣ гуфтанд ва ҳар чӣ пурсиданд, фақат гуфт: «Бале» ва «бале», то ин ки қозӣ ва қарздорон саранҷом ба танг омаданд ва қозӣ гуфт:
— Маълум мешавад, бадбахти варшикаста гуноҳе надорад, чаро ки аз шиддати ғаму андеша ақлу фаҳми худро аз даст дода ва девона шудааст.
Қарздоронро низ дил ба ҳоли ӯ сӯхт ва аз қарзҳои худашон гузаштанд. Ӯ дар зоҳир ғамгин ва дилафгор, вале дар ботин шоду хуррам ба хонаи худ боз гашт.
Фардои он рӯз вакил дар манзили вай рафт. Пас аз боз шудани дар ва омадани бозургон дар остони дар бедуни ин ки саломе ва муроате бикунад, дар ҷавоби саломи вакил гуфт:
— Бале.
Вакил аз ҳоли ӯ пурсид. Гуфт:
— Бале.
Гуфт:
— Худоро шукр, ки муваффақ шудӣ. Ҳоло қисми боқимондаи ҳақамро бидеҳ.
Гуфт:
— Бале.

Вакил ҳар чӣ гуфт, ӯ дар посух гуфт: «Бале». Тоқати вакил тоқ шуд ва гуфт:

— Ба ҳама «бале», ба мо ҳам «бале»?!

Варшикаста гуфт:

— Бале, бале...

## ҲОҶӢ, МО ҲАМ ШАРИКЕМ

Гӯянд, мавқее ки ҳоҷиҳо аз роҳи Мадина ба Макка мерафтанд, ҳамин ки вақти шомашон расид, дар яке аз маҳаллаҳои роҳ манзил карданд ва дегҳои палав ё ошро сари бор гузоштанд. Ногаҳон як даста араби натарошидаву нахарошида бо сусморе ё муши саҳрой ба даст расиданд ва онҳоро дар деги ош ё палав андохтанд ва гуфтанд:

— Ҳоҷӣ, мо ҳам шарикем.

Ва чун ҳоҷиҳои бадбахт ҳаргиз ҳозир ба хӯрдани палави сусмор ё оши муш нашуданд, маҷбур шуданд, ки деги палав ё оши нимпухтаро якҷо таҳвили он арабҳо диҳанд ва худ ё сари бе шом замин бигузоранд, ё тайёрии гизои дигаре бикунанд.

## ҲОЛО КИ НАМЕШАВАД, ШЙРА БИДЕҲ

Шахсе алкунӣ [1] назди баққоле рафт. Чанд шоҳӣ ба ӯ дод ва гуфт:

— Мо, мо. Мо, мо, мо, мо...

[1] Алкунӣ — шахсе ки дар ҳарф задан забонаш мегирад.

Вале ҳарчанд кӯшид, ки бигӯяд «мост», забонаш ёрӣ накард ва ночор гуфт:

— Ҳоло ки намешавад, шира бидеҳ.

### РАҲМАТ БА КАФАНДУЗДИ АВВАЛӢ

Гӯянд вақте дар яке аз шаҳрҳо дузде пайдо шуд, ки шабҳо ба гӯристон мерафт ва гӯри мурдаҳои навро мешикофт ва кафанҳои онҳоро мебурд.

Мардуми шаҳр ба ҳоким шикоят карданд ва ӯ пас аз муддате ва заҳмати зиёде кафандуздро дастгир кард ва вайро ба сазои кирдори зишти худ расонид. Вале чанде нагузашт, дузди дигаре пайдо шуд, ки илова бар дуздидани кафани мурдагон худи мурдаро ҳам аз қабр берун меандохт.

Ин рафтори ношоиста мардумонро чунон ранҷур ва озурда кард, ки гуфтанд:

— Раҳмат ба кафандузди аввалӣ!

### «РАҲМОН САР БА САР»

Шахсе ба шахсе расид ва гуфт:
— Номат чист?
Гуфт:
— Раҳмон.
Дуввӯмӣ пурсид:
— Номи ту чист?

Аввалӣ гуфт:
— Абдулраҳмон.
Дуввӯмӣ гуфт:
— «Абд»-аш вел. «Раҳмон»-аш сар ба сар.

## САДОЯШ СУБҲ БАЛАНД МЕШАВАД

Дузде машғули арра кардани дари хонае буд. Пурсидандаш:
— Чӣ кор мекунӣ?
Гуфт:
— Камонча мезанам.
Гуфтанд:
— Пас чаро садо надорад?
Гуфт:
— Садояш субҳ баланд мешавад.

## ҚӮЗ[1] БОЛОИ ҚӮЗ

Як нафар кӯзапуште вориди ҳаммоме шуд. Дид, бисоти арӯсии ҷинҳо барпост. Фавран худро дар миён андохт ва бозӣ рақсидан, чапак задан ва масхарабозиро гузошт. Ҷинҳоро аз ин рафтор хуш омад ва ба подоши он қӯзи ӯро бардоштанд ва дар тоқчаи ҳаммом гузоштанд.

[1] Қӯз — кӯзаи пушт.

Фардо ин хабар дар шаҳр печид. Кӯзапушти дигареро деги тамаъаш ба ҷӯш омад. Ними шаб дохили ҳаммом шуд. Ҷамъияти ҷинҳоро фароҳам дид. Бедуни ин ки аз сабаби ҷамъ шудани онҳо хабардор шавад, машғули рақсидан ва по кӯбидан ва хандаҳои баланд ва қаҳ-қаҳҳои аҷиб шуд.

Иттифоқан дар ин шаб ҷамоати ҷинҳо дар ҳаммом маҷлиси мотам доштанд ва бинобар ин аз рафтори вай басе ранҷиданд ва ба сазои беадабии ӯ кӯзи кӯзапушти аввалиро аз тоқча бардоштанд ва болои кӯзи ӯ гузоштанд.

## ЯКИ ДИГАР БИЗАНӢ, ҲЕҶ ДОРАМ

Шахсе аз аҳолии Исфаҳон миқдори шиша ва кӯзаҳои сафолиниро ба хар бор карда мехост, аз дарвозаи шаҳр барояд. Дарвозабон ҷулӯи ӯро гирифт ва чӯбе ба бораш заду гуфт:

— Чӣ дорӣ?

Соҳиби бор гуфт:

— Агар яки дигар бизанӣ, ҳеҷ дорам.

## БИШНАВ ВА БОВАР НАКУН

Гӯянд, шахсе аз шахсе хоҳиш кард, сандуқи шишаеро ба дӯш гирифта аз зинапояи баланде ба болохонае бибарад... Он шахс гуфт:

– Барои ман чӣ фоида дорад ва чӣ музде хоҳӣ дод?

Соҳиби сандуқ гуфт:

— Се насиҳат ба ту хоҳам кард, ки сармояи ин дунъё ва охиратат бошад.

Он шахс қабул кард ва сандуқро пушторa кард. Аз дӯ поймонак ки рафт боло, истод ва гуфт:

— Насиҳати аввалиро бигӯ.

Соҳиби сандуқ гуфт:

— Агар касе гуфт, насия беҳтар аз нақд аст, бишнав ва бовар макун.

Ҳомили сандуқ чанд поймонаки дигар боло рафт ва гуфт:

— Насиҳати дуввӯмро бигӯ.

Гуфт:

— Агар касе гуфт, пули сиёҳ беҳтар аз пули сафед аст, бишнав ва бовар накун.

Дар ин байн ин шахс чанд поймонаки охирро боло рафт. Истод ва гуфт:

— Насиҳати саввӯмро бифармо.

Гуфт:

— Агар касе гуфт, нахӯдоб беҳтар аз палаву кабоб аст, бишнав ва бовар накун.

Ҳомили сандуқ ба соҳиби сандуқ гуфт:

— Ман ҳам мехоҳам, насиҳате ба ту бикунам.

— Гуфт:

— Бигӯ.

Ҳомил шонаи худро аз зери бор раҳо кард. Сандуқ афтод ва дар асноя афтодан ва ба замин хӯрдани он гуфт:

— Агар касе ҳам гуфт, дар ин сандуқ як шишаи солим боқӣ мондааст, бишнав ва бовар накун.

Касим Сайдо

# Рубоиёт ва Чистонҳо





Садо кардӣ, ба қурбони садоят,
Бибуррам чодаре то соқӣ поят,
Бибуррам чодаре аз пардаи дил,
Ки номаҳрам набина соқи поят.

Қади сарви худат ҳам додӣ, дилбар,
Гули боғат ба чидан додӣ, дилбар.
Натарсидӣ зи фардои қиёмат,
Ҷавонеро ба куштан додӣ, дилбар.

Расидам ба дами айвонот, эй вел [1]
Шунидам ғул-ғули қальёнат [2], эй вел.
Тасаддуқ кун, наю қальён бигардон,
Ману қальён балогардонат, эй вел

Веле мехом[3], ки зулфош бур бошад,
Қадаш чун тарак лимур[4] бошад.
Қадаш чун тарак лимури боғӣ,
Муҳаббат дошта бошад, дур бошад.

Дило, бигзар зи тан, ҷоне ба даст ор,
Фидо кун ҷону ҷононе ба даст ор.
Ба ҳар олудадомоне мазан чанг,
Бирав, покизадомане ба даст ор.

— Аё духтар, ки бобоят гадоя
Ду чашми наргисат кори куҷоя?
— Чӣ мехоҳӣ, ки бобоям гадоя?
Ду чашми наргисам доди худоя.

Расидам дар сари девори боғе,
Ба тӯи боғ месӯза чароғе,
Бидидам булбули сабзи хушовоз,
Зада зону ба зонуи калоғе.[5]

---

[1] Вел — ёр, маҳбуба.
[2] Қальён — чилим.
[3] Мехом — мехоҳам.
[4] Тарак лимур — навдаи лиму.
[5] Калоғ — зоғи ало.

Агар дурам ман аз ту, эй паризод,
Фаромӯшам накун зинҳор, зинҳор.
Ҳамун аҳде, ки бо ту баст ошиқ,
Вафодорам, агар хастӣ вафодор.

Аз ун[1] боло меод[2] чодарсафеде,
Қаде дора мисоли барги беде.
Ба ун чодарсафед чизе нагӯед,
Аз ун чодарсафед дорам умеде.

Ба қурбуни ҳанои пушти дастат,
Ту қальён чоқ макун[3] месӯза дастат,
Ту қальён чоқ макун аз баҳри ошиқ,
Худам чоқ мекунам, медам ба дастат.

Ту ки ёрию ноёрӣ, чӣ ҳосил?
Гули сурхию пурборӣ, чӣ ҳосил?
Агар ёқуту марворид бирезӣ,
Ту, ки ёри дилозорӣ, чӣ ҳосил?

Фироқи духтарой хуб сохт корам,
Рабуд аз каф инони ихтиёрам.
Пас аз чанд сол, баъд аз фавти ошиқ,
Гулу сабза бирӯяд аз мазорам.

---

[1] Ун — он.
[2] Меод — меояд.
[3] Чоқ кардан — пур кардан, тайёр кардан.

Ба сайри боғ рафтам, бохтам ман,
Назар бар навгуле андохтам ман.
Илоҳӣ, дидаи ошиқ шавад кӯр,
Ки дилбар омаду нашнохтам ман.

Худо гар бол медод, мепаридам,
Ҳамин зудӣ ба дилбар мерасидам.
Ақиқ буд гар ба дасти дилбари ман,
Ба ҳар қимат, ки медод, мехаридам.

Сабоҳию сабоҳию сабоҳӣ,
Ки дандуни гулам дандуни моҳӣ,
Агар як шаб ба пахлуят бихобам,
Беҳ аз сад соли тахти подшоҳӣ.

Агар сад тири ноз аз дил барояд,
Макун бовар, ки оҳ аз дил барояд,
Пас аз сад солу баъд аз фавти ошиқ,
Ҳанӯз овози дил бар дилбар ояд.

Ту бачакафтарӣ, ман чӯҷаи боз,..
Ба ту кам мерасад, бар ман кунӣ ноз?
Ту чӯҷакафтарӣ, ҷои ту чоҳе,
Манам бозам, ки бар шоҳин кунам ноз.

Сарам бар кураи оҳангаруна,
Дилам болои ҳар ду хоҳаруна.
Агар хурдтар ба ман нозе расуна,
Калутар[1] булбули ширинзабуна.

Ало духтар, ду чашми хира дорӣ,
Таноб бар гардани гусола дорӣ.
Таноб аз гардани гусола бардор,
Чӣ миннат бар мани бечора дорӣ?

Дилам танг аст мисоли чашми ғилбол,
Рухам зард аст мисоли коҳи девол,
Рухам зард асту аҳволе надорам,
Ба ғайр аз ту дигар ёре надорам.

Сари кӯҳи баланд алмос, алмос,
Муроди ман бидеҳ, эй ҳазрат Аббос.
Муроди ман бидеҳ, ки бемуродам,
Ки хирман кӯфтаму бандури бодам[2].

Сафар дар пеш дорам, дида вопас,
Намешад рост дилгӯӣ ба ҳар кас.
Агар мурдам, бинвисан мазорам,
Фалонӣ мурда аз доғи фалон кас.

---

[1] Калутар — калонтар.
[2] Бандури бод — интизори бод.

Дилам месӯзад, ҷоно то сари ноф,
Агар бовар надорӣ, сина бишкоф,
Дилам бурдӣ, дигар дар қасди ҷонӣ,
Азизон, ҳар чӣ мебинед, ба инсоф.

Ситора сар заду моҳ ҳам ба думбол,
Бузурги қофила [1] кай мекунад бор?
Бузурги қофила лангар биронад,
Ки ёрам кӯдак асту монда думбол.

Аҷаб моҳе миёни осмун аст,
Аҷаб як духтаре ҳамсоямун аст.
Дилам меход гул аз боғаш бичинам,
Аҷаб сагбачае дарвозабун аст!

Ду вел дорам, ки ҳар ду дар Ҷамолӣ,
Яке аз Гавкӣ, яке мозандаронӣ [2].
Ба қурбони сари гавкӣ бигардам,
Диламро бурдааст мозандаронӣ.

Ду-панҷ рӯз аст, ки бӯи гул наёмад,
Садои чаҳ-чаҳи булбул наёмад.
Биред [3] аз боғбони гул бипурсед,
Чаро булбул ба сӯи гул наёмад.

---

[1] Бузурги қофила — сардори қофила.

[2] Ҷамол, Гавк, Мозандарон — номҳои маҳал дар Эрон.

[3] Биред — биравед.

Сари кӯҳи баланд хуш хилвате буд,
Туро бар мо медодан, неъмате буд.
Туро бар мо надодан, доду бедод,
Ки ишқам мекунад ҳар дам туро ёд.

Лабат қанду даҳонат ширу хурмо,
Ту ваъдае чунин бар мо нафармо.
Агар ки ваъдаҳот ҳама чунинанд,
Канори ваъдаҷот[1] мурдам зи сармо.

Каманд андозаму оям ба бунат,[2]
Бигирам гӯшаи тахти равунат
Агар шамшер бибананд қавмдунат,
Ба дандун вар канам[3] хол аз лабунат.

Шаби моҳ [4] аз туву моҳ дидан аз ман.
Лаби лаъл аз туву бӯсидан аз ман.
Агар хоҳӣ, ки хешунат нафаҳманд,
Ишора аз туву фаҳмидан аз ман.

Чӣ будам? — Сӯзани дасти ту будам,
Миёни панҷаву шасти ту будам.
Аҷал умад, ки ҷунамро бигирад
Надодам чун ки побасти ту будам.

[1] Ваъдаҷот — ваъдаҷоят, ҷои ваъдаат.
[2] Бун — бом.
[3] Вар кандан — бар кандан.
[4] Шаби моҳ — маҳтобшаб, шаби маҳтоб.

Велум, то ту найӣ ман нахандам,
На сурме чашм кунам, на сар бибандам.
Қасам хӯрдам сари шоҳи вилоят,
Ба ҷои аспи шоҳон ҳар набандам.

Ба сайли[1] боғ рафтам, бохтам ман,
Назар бар навгуле андохтам ман.
Илоҳӣ дидан фоиз[2] шавад кӯр,
Ки ёрам омаду нашнохтам ман.

Ало духтар, намешиносӣ худоро,
Парешун кардаӣ зулфи дуторо.
Ҳанӯз дандуни ҳафтсола накандӣ,
Ба зиндун кардаӣ мурғи ҳаворо.

Гули сурхам, чаро аз ман рамидӣ?
Магар ҳарфи баде аз ман шунидӣ?
Ягон ҳарфи баде бар ту нагуфтам
Чаро меҳру муҳаббатро буридӣ?

Нигоринам лаби об рахт мешушт,
Ду дас[3] ангуштару собун кафи мушт.
Дамодам мезанад чашмак абар[4] мо,
Ду чашми наргисаш охир маро кушт.

---

[1] Сайл — сайр.
[2] Фоиз — бадбин, бадкин.
[3] Дас — даст.
[4] Абар — сӯй, тараф.

Сарам дард мекунад сарвар биёред,
Табиб аз мулки Искандар биёред
Табиб аз мулки Искандар начандон,
Наботе аз лаби дилбар биёред.

Гули сурхам, чаро хобию нолӣ?
Биё қисмат кунем дарде, ки дорӣ.
Биё қисмат кунем, бешаш ба ман деҳ,
Ки ту кучиктарӣ тоқат надорӣ.

Чӣ хуш бошад, ки баъд аз интизорӣ,
Ба умеде расад умедворе?
Аз он хуштар, аз он беҳтар чӣ бошад,
Ки ногаҳ мерасад ёре ба ёре.

Ало духтар, ду чашми зоғ дорӣ,
Сабад бар дасту майл аз боғ дорӣ,
Сабад бар дасту майл аз боғи мо кун,
Бидеҳ бӯсаву дардамро даво кун.

Дили танге, ки ман дорам, кӣ дорад?
Рухи зарде, ки ман дорам, кӣ дорад?
Яке гӯяд, ки зардии замина,
Худам донам, ки доғи нозанина.

Велам танҳо нишаста бар лаби ҷӯ,
Гуле аз об гирифта мекунад бӯ.
Гули аз об гирифта бӯ надорад,
Худам ғунча шавам, дилбар кунад бӯ.

Ало духтар, ту модар дорӣ ё на?
Нишуна аз бародар дорӣ ё на?
Аз он бӯсаҳо, ки додӣ тӯи долун,
Намедунам, ба хотир дорӣ ё на?

Агар ёри манӣ, шаб дар куҷой?
Суроғат мекунам бозори шой,[1]
Агар ёри манӣ, тарки сафар кун,
Тараҳҳум бар мани хунинҷигар кун.

Сари чашма, ки обум додӣ, эй вел,
Мисоли ришта тобум додӣ, эй вел,
Ки чанд вақте ба пои ту давидам,
Ба як лаҳза ҷавобум додӣ, эй вел.

Аз ин кӯча гузар кардам каму беш,
Муҳаббатҳои вел мисли аввал нес [2].
Нашуд хилват ки ман аз вел бипурсам,
Димоғ тов додани вел бесабаб нес.

---

[1] Шой — шоҳӣ.
[2] Нес — нест.

Ду зулфунат бувад толи [1] рубобам,
Чӣ мехоҳӣ аз ин ҳоли харобам?
Агар бо ман сари ёрӣ надорӣ,
Чаро ҳар нима шав ой ба хобам?

Дуто сарви буланд будем вари ҳам,
Ҷудо гаштему ҳар ду мехӯрем ғам.
На дастам мераса, ки гул бичинам,
На ӯ болобуланд, қад мекунад хам.

Дилам аз роҳи дурӣ муттасил монд [2],
Наёмад дилбару доғаш ба дил монд,
Наёмад дилбари дурии боқир,
Ду поям то камарбандам ба гил монд.

Ду чашмунум ба чашмуни вел уфтод,
Чӣ маҳтобе, ки дар боғи гул уфтод.
Ҷулӯдор [3] қофила лангар бирунен,
Ки кори мо дар ин ҷо мушкил уфтод.

Илоҳӣ, рахна бар сандун кунад ишқ,
Ду сад мулки ҷаҳон вайрун кунад ишқ,
Палангун чанг резанд, фил дандун,
Миравс [4] бар гардани шерун кунад ишқ.

---

[1] Тол — тор.
[2] Муттасил мондан — аз васл маҳрум мондан.
[3] Ҷулӯдор — сардори корвон.
[4] Миравс — мӯҳраи гардан; як навъи гулӯбанд ин ҷо «Тавк».

Ба пушти бунам омад хирмани гул,
Худаш гул буду ҷомаш нақши булбул.
Агар хоҳӣ, ки гул дар бар бигирӣ,
Бикун сабру сабурию таҳаммул.

Вели кучекаки гардан чу шиша,
Ки меҳрат аз дилам канда намеша.
Ки меҳрат бар дилам ҷо карда хеле,
Давонда болу карда почу реша.

Ба кӯҳи Лор чӯпунӣ кунам ман,
Биё, аз ёр меҳмунӣ кунам ман.
Дарорам қучаке[1] сардори қуҷо,
Ба даври ёр қурбунӣ кунам ман.

Ҳавои Лор кардӣ, почалогу,[2]
Маро бемор кардӣ, почалогу.
Маро бемор кардӣ, ман бимирум,
Ту фикри ёр кардӣ, почалогу.

— Калоғи сарсиё, думби ту нимӣ,
Аз ин ҷо рад шудӣ, ёрам надидӣ?
— Аз ин ҷо рад шудам, ёри ту дидам,
Савор мебуду мерафт дар ғарибӣ.

[1] Қӯчак — Сирка, саркардаи рама.
[2] Почалогу — позук.

Дилам бурдию диддорим накардӣ,
Ғамам додию ғамхорим накардӣ.
Надодӣ тушаи роҳи биёбун,
Сифоришти[1] забониям накардӣ.

Худовандо, ту шаҳбоз офаридӣ,
Ту кабку булбулу боз офаридӣ.
Чаро ошиқ аз и дардо намира?
Парирухсору шаҳбоз офаридӣ.

Буто, аз ту рӯи ҳолӣ надорам,
Зи «айну» «шину», «қофат» беқарорам.
Ба «тову» «бо» гирифторам шабу рӯз,
Ба ҷуз аз «лому» «бо» [2] дармон надорам.

Дар кӯча велам, ҳайрону мастам,
Сари шом то саҳар сармо нишастам.
Ба сар вақтам наёмад бесафо вел,
Агар таркат накардам, бутпарастам.

Шунидам булбуле дар доми сайёд,
Ҳаме аз ишқи гул мекард фарьёд.
Ки: «Эй сайёд, дар доми балоям,
Ба рӯи гулрӯхе ман мубталоям».

---

[1] Сифоришт — супориш.

[2] Айн, шин қоф, то бо, лом — ҳуруфҳои алифбои форсӣ.

Вели болобуландам донаи нор,
Миёни мову ту як лои девор.
Миёни мову ту қосид намеход,
Ҳама субҳу пасӣ[1] оям ба дидор.

Дами оғуши велам ҷуфтсафедор,
Ҳама субҳу пасин оям ба дидор.
Шунидам меваи боғат фурӯшин,
Фурӯшанда тӯй, банда харидор.

Ту ин буну ман ин буни баробар,
Тамоми ҷисму ҷунам шуда лоғар,
Илоҳӣ ҳар кӣ ман аз ту ҷудо кард,
Бигардад то қиёмат бебародар.

Маҳи ман, базму айони кӣ гардӣ?
Ба рух шамъи шабистони кӣ гардӣ?
Маҳи ман, рафтай бо пуштаи бом,
Ба поин ҳам назар кун, эй дилором.

Вели ман Шаҳрбону ном дорад,
Ба дасташ таркаи бодом дорад
Ба дасташ таркаи бодому боқӣ,
Худаш ошиқ маро бадном дорад.

[1] Пасӣ — аввали шаб.

Фадеҳ[1] пок аст, ҷору[2] мекунӣ, вел,
Ба дида ашки борун мекунӣ, вел.
Магар Боқир ба чашмонат қариба?
Қадат аз дур пинҳун мекунӣ, вел.

Сиёҳчашмак, ки чашмак мезанӣ ту,
Диламро бурдай, гап мезанӣ ту,
Диламро бурдӣ, бо ҳусни ҷоду,
Чаро лофи муҳаббат мезанӣ ту?

Баландболо шудам девунаи ту,
Қуруқ кардӣ,[3] наёям хунаи ту,
Қуруқ кардӣ, бирам масҷид, бихобам,
Худам дар масҷиду дил хунаи ту.

Қабосабзӣ, ба қурбуни қаботум,
Ба қурбуни қаду чор зулфиётум.
Ба ҳар маҷлис, ки ту навҳа бихунӣ,
Мани мискин ба қурбуни садотум.

Касе ки ошиқа [4], аз ҷу [5] натарса,
Ки мард аз кундаву зинду [6] натарса.
Касе ки ошиқа, чун гурги гушна,
Зи ав-ави саги чӯпӯ [7] натарса.

[1] Фадеҳ — ҳавлӣ.
[2] Ҷору — ҷорӯб.
[3] Қуруқ кардан — манъ кардан.
[4] Ошиқа — ошиқ аст.
[5] Ҷу — ҷон.
[6] Зинду — зиндон.
[7] Чӯпӯ — чӯпон.

Гули ман шива [1] мера, шива мера,
Ба боғистун барои мева мера.
Ба боғистун барои меваи хуб,
Ба сад нозу ба сесад ғамза мера.

Шаб оям, ҳар шаб оям, нимшаб оям,
Агар аз дар занӣ, аз бун биёям.
Агар ҳамсоягун бедор бошан,
Бигӯям: ошиқам, ҳар шаб миоям.

Кулоҳи худ ба нимн сар гузорам,
Лаби худ бар лаби дилбар гузорам.
Агар ҳоким бибурра ҳарду чашмам,
Лаби худ то қиёмат бар надорам.

Ҷунун ро меравӣ дастат ба девор,
Намепурсӣ илоҷи дарди бемор.
Илоҷи дарди беморун табиб аст,
Илоҷи ошиқунро дидани ёр.

Худам ин ҷо, дилам дар пеши дилбар,
Худоё, ин сафар кай мерасад сар.
Худоё, кун сафар осуп ба ошиқ,
Ки бинад бори дигар рӯи дилбар.

[1] Шива — поин.

Ситора осмун мешморам имшаб,
Ба болинум маё, беморам имшаб.
Ба болинум маё, хоби хуше кун,
Тамоми душманон бедоран имшаб.

Шаби маҳтобу маҳтоб душмани ман,
Ду зулфи ёр ба тавқи гардани ман.
Худовандо, ту торикмоҳ расунӣ,
Ки торикмоҳ рафиқи ҳамдами ман.

Велам дастмол мебанда, бибанда,
Қачар, Афшор[1] мебанда, бибанда.
Каса манъи дили ошиқ накарда,
Ба ҳар навъе дилаш меход, бибанда.

Велам танҳо нишаста тӯи хуна,
Ба ғамза мекуна зулфун ба шуна.
Агар толе аз ун мӯҳош бирезад,
Шавам тутӣ, бичинам дуна-дуна.

Вели болобуландум на биёву на,
Тиллои хушписандум на биёву на.
Ба даври ман гирифта лашкари ғам.
Ба куштан мебарандум, на биёву на.

[1] Қачар, Афшор — тоифаҳо дар Эрон.

Вели болобуланди чаш[1] дурущтум,
Қади борики раънои ту куштум.
Дар и[2] фасли баҳор чидани гул,
Задӣ болишти беморӣ ва[3] пуштум.

Мусулмонун илочи дил надорам,
Ҷӯи толеъ ба пеши вел надорам,
Ҷӯи толеъ ба хилвори[4] ҳунар бех,
Ҳунар дорам, вале толеъ надорам.

Гуле дидам, ба дунболаш давидам,
Бидидам хор дорад, ворамидам.
Агар аз хотири булбул намебуд,
Дарахти гул зи реша мекашидам.

Гуле аз дасти ёр омад ба дастам,
Ман аз бӯи хушаш шайдову мастам.
Гаҳе бӯсам, гаҳе бар дида молам,
Ки ман аз бӯи гул шайдову мастам.

Кучо кор мекунӣ, чоштат биёрам?
Ба дастмоли катон зулфат бимолам,
Ба финчони[5] тилло равған дарорам,
Ба бӯшқоби[6] тилло чангол[7] бимолам.

---

[1] Чаш — чашм.
[2] И — ин.
[3] Ва — дар ин ҷо ба ҷои пешоянди «ба» омадааст.
[4] Хилвор — андозаи вазн.
[5] Финчон — зарфи чойнӯшӣ.
[6] Бӯшқоб — таксимча.
[7] Чангол — ҷанголӣ, таомест аз равғани зарду сумалак тайёр кунанд.

Куҷо рафтӣ, ҷамоли номдорам,
Деҳи Пешвар [1] ба дасти кӣ супорам.
Гаррошӣ [2] омаду молам супурдам,
Дилам месӯзаду чора надорам.

Худум сабза, ки ёрум сабзпӯша,
Худум гулчин, ки ёрум гулфурӯша.
Ду чашмаш каппаву [3] абрӯш тарозу,
Ба нархи заъфарон гул мефурӯша.

Қадат гул, қоматат гул, кафши пот гул.
Сухан гул, маърифат гул, муддаъо гул.
Ба гул чидан даромад ёри ошиқ,
Сару гардан гулу нашъу намо гул.

Дилам танга [4] чу абри ҳам кашида,
Рухам зарда [5] чу коҳи нам кашида.
Худовандо, ба ошиқ деҳ сабуре,
Ба танҳой сару корам кашида.

Ду маънӣ бар ман омад саъбу [6] душвор,
Дар аввал пирию охир фурқати ёр,
Агар пайдо кунам ошиқпарасте,
Ҷавониро куҷо орам дигар бор.

[1] Пешвар — номи шаҳрест дар Эрон.
[2] Гаррошӣ — сардори корвон.
[3] Каппа — паллаи тарозу.
[4] Танга — танг аст.
[5] Зарда — зард аст.
[6] Саъб — мушкил.

— Ду даст ангуштарӣ дорам, аввали ту,
Ба дил сад муштарӣ дорам, аввалӣ ту.
— Ду даст ангуштарӣ дорӣ, ба ман чӣ,
Ба дил ҳам муштарӣ дорӣ, ба ман чӣ.

Ба қурбуни ду чашми риштаи ту,
Магар аз аҳди худ баргаштай ту?
Маро мебинию шармат намешад,
Магар аз кофаристун баргаштай ту?

Намоёи кардӣ ду хол бар ман,
Ба валлоҳӣ, намонда ҳол бар ман.
Агар рӯзе дусад борат набинам,
Намоён мекунад сад сол бар ман.

Гул аз Доғонию нор аз Буринҷун,
Гулоб дар Майману себ дар Сипоҳун.
Ҳамаро ҷамъ кунед, ҳозир биёред,
Ки хонуми имшабӣ гаштаст мемун.[1]

Қадат бар гул ишорат мекунам ман,
Лабат аз бӯса ғорат мекунам ман,
Лаби ту Маккаю ман марди ҳоҷӣ,
Шаби ид аст, зиёрат мекунам ман.

[1] Мемун — меҳмон.

Сарам дар бун, ду поям пеллан бун,
Ду чашм интизори роҳи Теҳрун.
Ҳар он кас хабар аз ёрам биёрад,
Сарам пешкаш кунам, ҷунам ба қурбун.

Сарикӯчанишинӣ мекунам ман,
Ва дилбар хурдабинӣ мекунам[1] ман.
Агар дилбар ба ман якранг бошад,
Тасаддуқ ҷони ширин мекунам ман.

Дуто мехак[2] фиристодаст вели ман,
Барои сабру ороми дили ман.
Карам кардаст, ки заҳматро кашидаст,
Вели болобаланди оқили ман.

Аз ин пои сафеду нарми симкаш
Аз ин ро рафтанот дил мезанад гаш.
Намедонам дилороми кӣ бошӣ,
Задӣ дар хирмани умрам ту оташ.

Аз он боло меояд қирмизи пӯш,
Шакар кунҷи лабонаш мезанад ҷӯш,
Аз он кунҷи лабаш бӯи ҳил[3] ояд,
Ҷудой бар ману ӯ мушкил ояд.

[1] Хурдабинӣ кардан — оҳиста дуздида нигоҳ кардан.
[2] Мехак — гули мехак.
[3] Ҳил — гули хушбӯй.

— Ду даст ангуштарӣ дорам, аввали ту,
Ба дил сад муштарӣ дорам, аввалӣ ту.
— Ду даст ангуштарӣ дорӣ, ба ман чӣ,
Ба дил ҳам муштарӣ дорӣ, ба ман чӣ.

Ба қурбуни ду чашми риштаи ту,
Магар аз аҳди худ баргаштай ту?
Маро мебинию шармат намешад,
Магар аз кофаристун баргаштай ту?

Намоён кардӣ ду хол бар ман,
Ба валлоҳӣ, намонда ҳол бар ман.
Агар рӯзе дусад борат набинам,
Намоён мекунад сад сол бар ман.

Гул аз Доғонию нор аз Буринҷун,
Гулоб дар Маймону себ дар Сипоҳун.
Ҳамаро ҷамъ кунед, ҳозир биёред,
Ки хонуми имшабӣ гаштаст мемун.[1]

Қадат бар гул ишорат мекунам ман,
Лабат аз бӯса ғорат мекунам ман,
Лаби ту Маккаю ман марди ҳоҷӣ,
Шаби ид аст, зиёрат мекунам ман.

---

[1] Мемун — меҳмон.

Сарам дар бун, ду поям пеллаи бун,
Ду чашм интизори роҳи Теҳрун.
Ҳар он кас хабар аз ёрам биёрад,
Сарам пешкаш кунам, ҷунам ба қурбун.

Сарикӯчанишинӣ мекунам ман,
Ба дилбар хурдабинӣ мекунам[1] ман.
Агар дилбар ба ман якранг бошад,
Тасаддуқ ҷони ширин мекунам ман.

Дуто мехак[2] фиристодаст вели ман,
Барои сабру ороми дили ман.
Карам кардаст, ки заҳматро кашидаст,
Вели болобаланди оқили ман.

Аз ин пои сафеду нарми симкаш
Аз ин ро рафтанот дил мезанад ғаш.
Намедонам дилороми кӣ бошӣ,
Задӣ дар хирмани умрам ту оташ.

Аз он боло меояд қирмизи пӯш,
Шакар кунҷи лабонаш мезанад ҷӯш,
Аз он кунҷи лабаш бӯи ҳил[3] оя,
Ҷудой бар ману ӯ мушкил оя.

---

[1] Хурдабинӣ кардан — оҳиста дуздида нигоҳ кардан.
[2] Мехак — гули мехак.
[3] Ҳил — гули хушбӯй.

Биё, ки ҷонум аз ҷонат ҷудо нест,
Биё, ки маҷлисум бе ту сафо нест.
Биё, то рози дил бо ҳам бигӯем,
Бубинем, бевафои ҷониби кист.

Лаби бун омадӣ, чорқад сар андоз,
Ду ҷуфт тавқи тилло бар гардан андоз,
Агар тавқи тилло қурбе надорад,
Маро фирӯза кун зери лаб андоз.

Парипайкар, чаро ин ҷо ту хорӣ?
Магар бевазанӣ, шавҳар надорӣ?
Агар бевазанӣ, то шавҳарат шам [1],
Ба қурбуни лаби пургавҳарат шам.

Биё қосид, бибар дастмоли дастам,
Ба пеши дилбари шайдои мастам.
Бигӯ, дилбар саломат мерасуна,
Магар ман мисли ту бемеҳрастам?

Дуто лиму фиристода гули ман,
Барои сабру ороми дили ман.
Муҳаббат кардаву заҳмат кашида,
Ҳамун болобаланд ҷуни дили ман.

[1] Шам — шавам.

Дилам бурдӣ, биё маҳни[1] дилам кун
Миёни чадри зулфат манзилам кун.
Миёни чадри зулфат ҷо надора,
Ба даври холи лабҳот манзилам кун.

Мусулмонун, биден корде ба дастам,
Дар орам ин дили ғурбатпарастам,
Дар орам ин дили ношод, ноком,
Ки охир медиҳад коре ба дастам.

Ту ки биншастай бар гӯшаи бун,
Саломи ман ба ту, эй моҳи тобун,
Қадам ранҷа гадохуна бифармо,
Дили ношоди моро шод гардун.

Ту пиндорӣ, ки масти бодаам ман,
Ту пиндорӣ, ки таркат додаам ман.
На таркат додаму нахоҳам ман дод.
Чу Маҷнун дар барат истодаам ман.

Шаби шанбе, ки об бар боғ бастам,
Ду дастмоли катон бар тоғ бастам.
Ду дастмоли катон реша ба реша,
Дамаш марворию бахаш бунафша.

---

[1] Маҳи — даво, дору.

Ҳайёро, кори бетақдир мушкил,
Ба ҷанги шер бе шамшер мушкил.
Сухан дониста гуфт бечора дарвеш:
«Зани ҷоҳил ба марди пир мушкил».

Ба Кирмон меравам ман, рознам кун,
Нигоҳ, бар ранги зарди коҳиам кун,
Агар хоҳӣ зи умрат баҳра бинӣ,
Аз ин бӯи хушат ҳамроҳиам кун.

Бирав ҷоно, нигаҳ пушти сарат кун,
Ду даста хок бимолу бар сарат кун.
Ту ки қобил набудӣ зан бигирӣ,
Кулоҳ бардору чорқад[1] бар сарат кун.

Шаб оям, ним шаб оям, ҳар шаб оям,
Сари ханҷар кунам, дар во кушоям.
Агар ҳамсоягон бедор бошанд:
«Ғарибу бекасам, аз роҳ меоям».

Се-панҷ рӯз аст, ки дур аз нозанинам,
Гаҳе дар осмун, гаҳ дар заминам.
Гаҳе чун деги санг ман мезанам ҷӯш
Гаҳе чун нуқра аз даври нигинам.

---

[1] Чорқад — рӯймол.

Сари кӯҳи баланд филфил[1] бикорам,
Худам боғбон шавам, обаш бидорам.
Худам боғбон шавам то мавсими гул,
Бичинам ҳар гуле, ки воя дорам[2].

Сари кӯҳи баланд овоз хондам,
Ҷавонеро бидидам, асп рондам.
Бирондам аспу аз пояш расидам,
Бидидам ёр дорад, ворамидам.

Сари роҳат нишинум, гул бирезум.
Агар ханҷар бибурад, варнахезум[3].
Агар ханҷар бибурад ҳамчу борон,
Ки то рӯят набинум, варнахезум.

Зи даште омадам, бар лор[4] мерам,
Тани хуш омадам, бемор мерам.
Илоҳӣ хайр набинад хони даште
Ки бо ёр омадам, бе ёр мерам.

Хушо имшаб, ки меҳмони шумоям,
Худо донад, ки фардошаб куҷоям...
Агар донам, ки майл аз мо ту дорӣ,
Худам Маҷнун шавам, зудӣ биёям.

---

[1] Филфил — қаланфур.
[2] Воя доштан — парвариш кардан.
[3] Вар — хестан — бархестан, аз ҷой хестан.
[4] Лор — рудхона.

Ҳусайно гуфт, ки: «Ман гулдаста будам,
Ба ёри меҳрубун дил баста будам,
Ки лаънат бар ваю бар қавли вай бод,
Ба болинам наёмад, хаста будам».

Баландболо ба болои ту мотам,
Ситам бар ман макун ҳаббӣ наботам[1].
Ситам бар ман кунӣ мемирам охир,
Пушаймон мешавӣ баъд аз вафотам.

Аё, луки сиё, ёлат бинозам,
Яке тавқе барой, ёлат бисозам.
Агар имшаб маро бар ёр расунӣ,
Худам заргар шавам, тавқат бисозам.

Агар вел медавид, ман медавидам,
Агар ӯ менишаст, ман мерасидам.
Дуто холи сиё кунҷи лабаш буд,
Агар ӯ мефурӯхт, ман мехаридам.

Саре поин, саре боло кун, эй вел,
Нигоҳе бар дилам ҳоло кун, эй вел.
Юсуфатад ҳамчу тифли шер мона,
Бичунбонаш, даме лоло[2] кун, эй вел.

---

[1] Ҳаббӣ набот — лӯндаи набот.
[2] Лоло кардан — дӯстдорӣ, навозиш кардан.

Се вел дорум, ки ҳар се пиранаш[1] гул,
Яке кабку яке тӯтию булбул.
Чу даст кардум, ки тӯтиро бигирум,
Ки кабк аз ку[2] рамиду булбул аз гул.

Бафои[3] бебафоёи карда пирам,
Равам ёри бафодоре бигирам.
Агар ёри бафодоре набошад,
Сари кӯи бафодорӣ бимирам.

Ба сар дасмоли гулбандет бинозум,
Бар ин лабҳои ту меҳандӣ, бинозум.
Дуто себи сафед дорӣ ба сина,
Ҳамун себи самарқандет, бинозум.

Ало духтар, ту шоҳи духтаруний,
Ба ишқат мекунам ман боғбуний.
Биё, то ғунчай, бо ҳам нишинем,
Ки фардо мешукуфӣ, бо дигаруний.

Биё, ки ҷунам аз ҷунат ҷудо нест,
Биё, ки манзилам бе ту сафо нест.
Ҷудой ман намекардам, ту кардӣ,
Ҳоло ки кардай, корат ба ҷо нест.

---

[1] Пиран — пироҳан.
[2] Ку — кӯҳ.
[3] Бафо — вафо.

Садо кардӣ, ба қурбони садоят,
Бипечам, гул, биёям дар ҳавоят.
Бипечам, гул, биём хона набошӣ
Ба қурбуни ҳамун аҳду бафоят.

Ду вел дорам, ки ҳар ду шописанда,
Якеш куто[1], якеш болобаланда.
Ба қурбуни ҳамун куто бигардам,
Дарахти бесамар газ[2], ҳам баланда.

Аз ин ҷо то ба сарҳад лола киштам.
Миёни лолаҳо себе гузоштам.
Аз ин роҳ меравӣ, себе бичинӣ,
Ки исми ёри фоиз[3] руш[4] навиштам.

Дуто духтар дар ин мала[5] хаёта[6],
Якеш қанду якеш ҳабби набота.
Ба қурбуни ҳамун қанда бигардам,
Наботи малаи боло касота.

Гуле дорам, ки аз гулҳо ғариба[7],
На норинҷу на лимӯву на себа.
Гуле дорам ба дасти кас намедам[8],
Харидам гавҳарею пас намедам.

---

[1] Куто — кӯтоҳ.
[2] Газ — як навъи дарахти бемева.
[3] Фоиз — сахӣ.
[4] Руш — рӯяш.
[5] Мала — маҳалла.
[6] Хаёта — зиндаанд.
[7] Ғариба — аҷоиб, хубтар, бехтар.
[8] Намедам — намедиҳам.

Рӯи бун умадӣ, рух тоза кардӣ,
Қадатро бо қадам андоза кардӣ.
Ту, ки пӯшидаӣ рахти арӯсӣ,
Накаш сурма, ки захма тоза кардӣ.

Аз ин боло мео[1] фавҷи[2] низомӣ,
Кадум ёри мана, ки дил гаронӣ.
Ҳар ин кас ёрӣ ман карда низомӣ,
Илоҳӣ, хайр набина аз ҷавонӣ.

Сари кӯҳи баланд най мезанам ман,
Шутур гум кардаам, пай мезанам ман.
Шутур гум кардаам бо бори кошӣ,
Веле гум кардаам, балки ту бошӣ?

Биё аспи сиёи ғӯрапистон,
Тилло наълат кунам, зинат гулистон
Дами субҳӣ ба булғорат[3] нишинам,
Маро зудӣ ба дилбарам бирасун.

Биё бодо, бирав пеши вели ман,
Ба ҳамборӣ[4] бигӯ рози дили ман,
Ба ҳамборӣ бигӯ, қаҳраш нагира,
Ки балкам[5] во куна қуфл аз дили ман.

[1] Мео — меоянд.
[2] Фавҷ — отряд, гурӯҳ.
[3] Булғор — ин ҷо «пушт».
[4] Ҳамборӣ — дугона.
[5] Балкам — мумкин аст.

Писараму [1] гули роҷунаи ман,
Макан кавшат, биё дар хунаи ман.
Макан кавшат, заминаш хор дорад,
Дили ман гилаи бисьёр дорад.

Ҳай ёро, то ту будӣ, банда будам,
Камар аз баҳри хизмат баста будам.
Ту фармудӣ, маро маъзул [2] карданд,
Магар ман лоиқи хизмат набудам?

Мусулмонун, қариби Коannунам,
Гирифтори вели ширинзабунам.
Ҳамегӯян, ки тарки ёри худ кун,
Ба ин маъно намегардад забунам.

Наи ҳафтбанд, овозат бинозам,
Ту будӣ марҳами дарду гудозам.
Агар як лаҳза овозат наояд,
Тилло орам, ба монандат бисозам.

Сари кӯҳи баланд меҳмонам имшаб,
Надорам хонаву вейлонам [3] имшаб.
Биё дилбар, маро меҳмони худ кун,
Ба зери ҳар ду лаб дандони худ кун.

---

[1] Писараму — писари амак.
[2] Маъзул кардан — озод кардан.
[3] Вейлон — овора, саргардон.

Ало, моҳи булан, меҳмонам имшаб,
Гадо будам, вале султонам имшаб.
Хабар бар модари пирам расонед,
Ки дурро бар садаф меҳмонам имшаб.

Ало духтар, ту донӣ ё худоят,
Ки ман ошиқ шудам бар чор ҷоят,
Аввал лабу дуйӯм дандон, сейӯм чашм,
Ва чорӯм холҳои пушти поят.

Ба қурбони сари зулфи сиёҳат,
Ҳалокам кардай аз як нигоҳат,
Ба умеде к-аз ин кӯча биёй,
Ду чашмон интизор монда ба роҳат.

Биё духтар, гули боғат ҷавон аст,
Ҳамаш сурху сафеду арғувон аст.
Шафоҳат кун гули боғат ба дилбар,
Ки фардо пеши молик тарҷимон аст.

Чунин ки меравӣ, кардам дуоят,
Ки лаънат бар туву аҳду вафоят.
Агар хоҳӣ ба ғайрам ёр гирӣ,
Занам оҳе, ба дарди дил бимирӣ

Хуш он рӯзе, ки бо ҳам менишастем,
Қалам бар дасту коғаз менавиштем.
Қалам бишкасту коғаз бар ҳаво рафт,
Ҳамон соат ҷудой менавиштем.

Ман, ки мурдам, ту ҳай-ҳай бештар кун,
Бикаш зогеву кимхоҳӣ ба бар кун.
Ва баъд аз мурдани бечора ошиқ,
Ту ҳар хоке, ки мехоҳӣ, ба сар кун.

Веламро мебаран, чора надорам,
Агар дастам расад, кай мегузорам?
На зар дорам, на зӯр, на моли бисьёр,
Ба девони худошон меспорам.

Агар мурдем, бимирем ҳардутомон,
Кунанд қабре, ки бошад ҳарду ҷомон.
Агар мурдем, бимирем мавсими гул,
Гулу булбул нишинанд дар азомон.

Нисои ман туро мехом, чӣ мегӣ?
Чаро бо қавмдуни[1] худ намегӣ?
Ки ман бо қавмдуни худ бигуфтам,
Маро бо ту намедан [2], ту чӣ мегӣ?

[1] Қавмдун — хешу ақрабо.
[2] Намедан — намедиҳанд.

Азизам, метавунам тарки ҷун кард,
Нашояд тарки ёри меҳрубун кард,
Дил ин ҷо, дилбар ин ҷо, ман мусофир,
Сафар бедилбарам кай метавун кард?

Сару дастат тилло бошад, гули ман,
Вуҷудат бебало бошад, гули ман.
Агар хоҳан, ки ту бо мо надиҳан[1],
Арӯсиат азо бошад, гули ман.

Дигар шаб шуд, ки ман шайдо бигардам.
Чу моҳӣ бар лаби дарьё бигардам.
Паланг дар кӯҳу оҳу дар биёбун,
Ҳама ҷуфтанду ман танҳо бигардам.

Нигори ман нишаста тӯи хона,
Ки ҳар дам мезана чадраш ба шона.
Агар як тори мӯи ӯ бирезад,
Бишам кабку бичинам дона-дона.

Ба зери қасри дилбар медавидам,
Ки дилбар ноз мекард, ман шунидам.
Бисӯзад муфлисию дасти холӣ,
Агар на, нози дилбар мехаридам.

---

[1] Агар бихоҳанд, ки туро ба ман надиҳанд.

Дами долуни дилбар қиблагоҳа,
Ҳама меган, ки ёри ту сиёҳа,
Худову пиру пайғамбар гувоҳа,
Ки дилбар пеши ман як қурси моҳа.

Аҷаб гарду ғуборе дидам имрӯз,
Ба тобистун баҳоре дидам имрӯз.
Ба тобистун баҳору мавсими гул,
Гули ҳаргиз начида чидам имрӯз.

Туро мебинаму месӯзам, эй вел,
Ба ҳасрат хуни дил мерезам, эй вел.
Шунидам, ки туро бар ман намедан,
Туро вардораму бигрезам, эй вел.

Ситора сар заду бедор будам,
Канори рахнаи девор будам.
Насими субҳ дамиду зад ба ҷунам,
Ҳанӯз ҳам интизори ёр будам.

Ду чашмонам ба дард омад ба як бор,
Зи баски гирья кардам аз ғами ёр.
Бидеҳ рӯймоли ёр чашмам бибандам,
Ки шояд хуб шавад аз бӯи рӯймол.

Азизо, роҳи рафторат маро кушт,
Туринҷу он дуто холат маро кушт.
Туринҷу он дуто холат чӣ бошад?
Садои кафши булгорат маро кушт.

Ду-се рӯз аст, ки аз ёрам шудам дур,
Канори Чаҳруму рудхонаи Шӯр.
Ҳар ун кас, ки мана аз ёр кадаст дур,
Забунаш лол бигардад, дидааш кӯр.

Сарат нозам, ки хуш сар дорӣ, эй вел,
Мисоли барра «варвар» дорӣ, эй вел.
Мисоли барраи навзоди ширмак,
Дамодам майли модар дорӣ, эй вел.

Дилам девуна буд, девунатар шуд,
Ҳаким умад ба болинам, баттар шуд.
Ҳаким умад, давои ошиқӣ дод,
Мисоли навкарӣ солам ба сар шуд[1]

Дили ман бо дили ту нест мизун,
Лаби ту хандаву чашми ма гирьюн,
Дили ошиқ кабобу сӯхта, монен[2],
Кабоби сӯхтаро дигар масӯзон.

---

[1] Киноя аз мурдан.
[2] Монен — монед

Да[1] пушти бун толори калутар[2],
Да маҳтобӣ бидидам рӯи дилбар.
Ҳазору сесаду шаст байт хондам,
Накардам ошкоро номи дилбар.

Велум аз ту дар омад мисли мохӣ
Сараш баста ба дастмоли сиёҳе,
Ниго бар хурдаборикиш му кардум,
Дили пурҳасратам кашид оҳе.

Намедунам, ки ҳиҷрунам кӣ карда,
Худам қассобу бечунам кӣ карда.
Биёр сотуру[3] бишкоф синнаи-му,
Бубин, меҳри ту бар ҷунам чӣ карда.

Сари кӯҳи буланд меш, барра думбол,
Хабар умад, ки ёрам гашта бемор.
Дуто дасмол кунем, себу гулу нор,
Ки фардо меравем бар дидани ёр.

Биё дилвар[4] банои дилварӣ кун,
Бисоз кӯра биной заргарӣ кун.
Бисоз кӯра моро биндоз[5] ба кӯра,
Худат нигин, моро ангуштарӣ кун.

---

[1] Да — дар.
[2] Калутар — калонтар.
[3] Сотур — як навъи корди қассобӣ.
[4] Дилвар — дилбар.
[5] Биндоз — биандоз.

Чашм дар роҳ, дилам дар интизора,
Агар моҳ сар зана, гӯям, ки ёра,
Агар моҳ сар зана, дар бурҷи иқбол,
Бигӯям қосиди зебонигора.

Биё моҳи буланди осмунӣ,
Хаёлат мераса хеле ҷавунӣ.
На чаш[1] дорӣ, на абруву на мижгун,
На мисли ёри ман ширинзабунӣ.

Шаби моҳасту гургун мебаран меш,
Ду зулфунат ҳамоил кун, биё пеш.
Агар ҳамсоягун аз ту бипурсан,
Бигу: «хайри худо додам ба дарвеш».

Бибуррам қаламе аз чӯби филфил,
Барорам коғазе аз пардаи дил.
Нависам номае аз баҳри ёрам,
Ба оби дидаю хунобаи дил.

Хушо рӯзе, ки гул будӣ, мо булбул,
Ба ҳам доштем ду сад нозу тағаббур,
Илоҳӣ хонаи бадгӯ бисӯзад,
Гул аз булбул рамиду булбул аз гул.

---

[1] Чаш — чашм.

Қабои сабзи дорой ба бар кун,
Туфанги ҳуши марворӣ бағал кун.
Агар хоҳӣ, ки ёратро бубинӣ,
Дари хуна биё, обе талаб кун.

Сари кӯҳи буланд ман бошаму ту,
Ақиқу ёсуман ман бошаму ту,
Дар ун вақте, ки қабрам месипоранд,
Миёуни як кафан ман бошаму ту.

Шаби шанбе хаёл аз ёрам умад,
Душанбе қосиди дилдорам умад,
Сешанбе чашм ба роҳ, дил ба умед,
Ки чоршанбе гули бехорам умад.

Вели ман лойлон[1] гаҳвора мекард,
Садои нозукаш дил пора мекард.
Садои нозуки лойлои дилбар,
Ишора бар мани бечора мекард.

Лабунат бо лабум хуш тум[2] дорад,
Чу барра майли шири хум[3] дорад
Лабе, ки бо лабат омухта кардӣ,
Лаби бӯсида кай орум[4] дорад?

---

[1] Лойло кардан — алла гуфтан.
[2] Тум — таъм.
[3] Хум — хом.
[4] Орум — ором.

Қади сарват илоҳӣ хам нагардад,
Дили шодат ба даври ғам нагардат.
Илоҳӣ бошию садсола бошӣ,
Ки соят бар сари мо кам нагардад.

Азизун, дил ба хубун метавун дод,
Ба ёри меҳрубун ҷун метавун дод.
Агар бошад ризои боғбунӣ,
Калиди ҷӯн ба ҷонун метавун дод.

Лаби бун умадӣ, кардӣ ҳишора [1],
Ҷигарбанди дилам кардӣ ту пора.
Ба умеди худо, ғират меёрам,
Агар дар осмун гардӣ ситора.

Аз ин ро [2] меравӣ, рӯят ба ман кун,
Ҷавоне куштай, фикри кафан кун.
Ту фоиз куштай бо тири мижгон,
Бидеҳ лаб бар лабам, ҷонам ба тан кун.

Саҳар сунбул дамиду лола сар зад,
Шабамбу хайма бар кӯҳу камар зад.
Гули савсан, чаро ғусса намира,
Ки наргис тоҷи султонӣ ба сар зад.

---

[1] Ҳишора — ишора.
[2] Ро — роҳ.

Чу оҳӯи хутан[1] рафтори дилбар,
Шакар мерезад аз гуфтори дилбар.
Тамуми ошиқун додӣ ба куштан,
Аз ун кач бастани дасмол[2], дилбар.

Ба қурбони ду зулфи чин-чинат,
Агар кофар бошӣ, миём[3] ба динат,
Агар тухме шавӣ, саҳро бипошан,
Мешам обу миём рӯи заминат.

Биё, духтар, ба ҷуни як барорат[4],
Макаш сурма ба чашмуни хуморат.
Макаш сурма, ки бесурма рашидӣ,
Кабобам кардию сихам кашидӣ.

Ту ки болои бунӣ, гул ба ҷоят,
Надорам зар, бирезам пеши поят,
Тиллову нуқра қурбе надорад,
Сари ҷунам фидои хоки поят.

Ҳусайно, ту макун таърифи ёрат,
Бирафтам хонаат, дидам нигорат,
Ки ёри ту канизуни гули ман,
Намедунам кучо гашта дучорат.

---

[1] Хутан — бисьёр зебо.
[2] Дасмол — дастор, рӯймол.
[3] Миём — меоям.
[4] Барор — бародар.

Саҳаргоҳӣ гузаштам пушти бунат,
Шунидам бӯи мехак аз даҳунат,
Қасам хӯрдӣ, ки ман мехак нахӯрдам,
Шаҳодат медиҳад ҳарду лабунат.

Шаби ид асту дар бозор қиёмат,
Ки дилбар ваъда фармуду наёмад,
Ки дилбар ваъда фармуду карам кард,
Қиёмат омаду дилбар наёмад.

Бидеҳ бӯсе аз ин зери димоғат,
Ки ман мерам, ба дил мемона доғат,
Ки ман мерам, биёям, ё наёям,
Зи мурғони ҳаво гирам суроғат.

Агар ёри маро дидӣ ба хилват,
Бигу: «Эй бевафову бемурувват,
Ту ки рафтӣ, нагуфтӣ чун кунам ман,
Чӣ чора бар дили пурхун кунам ман?»

Шабе, ки бо ту будам, ёд аз ун шаб,
Шабе, ки бе ту будам, дод аз ун шаб.
Шабе ки Лайлӣ аз Маҷнун ҷудо шуд,
Фиғону нолаву фарьёд аз ун шаб.

Дигар шаб шуд, ки ҳар кас бо азизаш,
Кунад бозӣ ба зулфи мушкрезаш,
Ба ҷуз ошиқ, ки дилдоре надора,
Нишина бо дили хунобарезаш.

Агар мурдам, ба болинам қадам нех,
Ба дасти нозукат чашмам ба ҳам нех.
Ба дасти нозукат, пои ҳаной,
Дамодам зери тобутам қадам нех.

Сари чоҳи чаман ов [1] мекашидум,
Ки дилвар [2] ноз мекард, ман шунидум.
Чӣ созум, ки дар ин малла ғарибум,
Агар на, нози дилвар мехаридум.

Шаби шанбе ки дар Язд бор кардам,
Чӣ бад кардам, ки тарк аз ёр кардам.
Расидам бар сари оби Сифоҳун [3],
Нишастам, гирьяи бисьёр кардам.

Биё ки бор кардам, эй дил, эй дил.
Ки тарк аз ёр кардам, эй дил, эй дил.
Ҷафое ки ба пои ту кашидам,
Ҳама ангор кардам, эй дил, эй дил.

---

[1] Ов — об.
[2] Дилвар — дилбар.
[3] Сифоҳун — Исфаҳон.

Ба Кирмун меравам, коре надорам,
Бидеҳ панҷ бўса, савғотат биёрам,
Ду ҷуфт кафшу дуто мақнои лорӣ,
Сарандози гулу норат биёрам.

Аз ин ҷо то вилоят хеле роҳ аст
Ҳамаш кўҳу кўтал, санги сиёҳ аст.
Рафикун, ҷамъ шавед, санге бичинед,
Ки ёрам ҷоҳилу чашмаш ба роҳ аст.

Бисозам рўи худ ман ин замонро,
Бисўзонам дили пиру ҷавонро.
Бисозам чини зулфам ҳалқа-ҳалқа,
Биёрам дар камандам ошиқонро.

Худам ин ҷо, дилам дар пеши дилбар,
Худоё, и[1] сафар кай меравад сар.
Худоё, и сафар осун бигардун,
Бубинам бори дигар рўи дилбар.

— Гули боғам, чаро рангат шуда зард?
Магар боди хазон бар ту гузар кард?
— Ман аз боди хазон гила надорам,
Ки ҳар коре сарам умад худо кард.

[1] И — ин.

Биё, духтар, туро мехом, чӣ мегӣ? [1]
Чаро бар модари пират намегӣ?
Ки фардо кавшу ангуштар меёрам,
Ҷавоби кавшу ангуштар чӣ мегӣ?

Буланболо, ба болот умадам ман,
Барои холи лабҳот умадам ман.
Шунидам холи лабҳот мефурӯшӣ,
Харидорам, ба савдот умадам ман.

Қадакмисқол [2] бар девор маншин,
Бигуфтам чун ба рӯи хор маншин.
Агар хоҳӣ, ки ман ёри ту бошам,
Канори шахси бадкирдор маншин.

Расидам бар сари ҳавзи работе,
Бидидам духтари қанду наботе.
Бигуфтам духтарак бӯсе ба ман деҳ.
Бигуфто: «Қабз дорӣ ё бароте [3]?

[1] Мегӣ — мегӯӣ.
[2] Қадак — шалвор.
[3] Қаба, барот — забонхат.

Сари кӯҳи буланд дегам ба бор аст,
Ду чашмони тарам дар роҳи ёр аст.
Агар ёрам биёяд сӯи манзил,
Дилам монанди чашмаш беқарор аст.

Ало духтар, намешносӣ худоро,
Парешун кардаӣ зулфи дуторо.
Ҳанӯз дандуни ҳафсола накандӣ,
Ба зиндун кардаӣ мурғи ҳаворо.

Вафо хостам, в-агар на, ёр бисьёр,
Гуле хостам, агар на, хор бисьёр.
Гуле хостам, ки дар сояш нишинам,
Агар на, сояи девор бисьёр.

Ҳар ун [1] ёре, ки майли ёр дорад,
Чӣ парво аз дару девор дорад?
Худоё, ошиқам, ошиқтарам кун,
Худоё, ё бикуш, ё бехтарам кун.

Агар бори гарон будем, рафтем,
Агар номеҳрубон будем, рафтем.
Шумо дар хонумони худ бимонед,
Ки мо бехонумон будем, рафтем.

---

[1] Ун — он.

Шаби маҳтобу абр пора-пора,
Кабоби қумрию май дар пиёла.
Рафиқун, ҷамъ шавед, майро бинӯшед,
Худо кай медиҳад умри дубора.

Аё дарвеш, ту дарвеши куҷой?
Биё хона, агар ту ошной.
Чароғе, ки даруни хона сӯзад,
Ба берун кай диҳад ӯ рӯшной?

Макун бо мардони бадасл ёрӣ,
Ки бадаслон надоранд эътиборе.
Замини шӯразор сунбул нарӯяд,
Агар обаш зи ҳавзи кавсар орӣ.

Ғариб уфтодаам дур аз вилоят,
Ба пеши кӣ барам доду шикоят?
Зи дасти қавму хеши камтаассуб,
Бисозам қалъае дур аз вилоят.

Гули махмал, мазан ту по ба дарьё,
Махӯр ғусса барои моли дуньё,
Махӯр ғусса, ки мардум мол доранд,
Чароғи кас насӯзад то ба фардо.

Фалак доду фалак доду фалак дод,
Фалак тахти Сулаймон дод бар бод.
Сулаймонӣ, ки ҳукм бар бод мекард,
Худаш медид, ки тахташ рафт бар бод.

Зимистун бод асту барф асту сармо,
Тобистун оташи гарм асту гармо.
Чӣ хуш бошад баҳору иди наврӯз,
Ки ҳар ҷо мерасӣ, гӯянд: «бифармо».

Фалак, бар қасди озорум чарой?
Гулум, ки нестӣ, хорум чарой?
Ту, ки боре зи дӯшум бар надорӣ,
Миёни бору сари борум чарой?

Шамоло, кори худ якбора кардӣ,
Задӣ бар чодарам, сад пора кардӣ,
Задӣ бар киштиёни кулли олам,
Ситам бори мани бечора кардӣ.

Ман аз модар бизодам, модарам мурд,
Маро додан ба доя, доя ҳам мурд.
Ман аз шири бузғола шудам ҷонеъ,
Фалак баргашту бузғола ҳам мурд.

Фалак, дидӣ, чӣ тири кориям зад,
На дар хобам, на дар бедориям зад.
Илоҳӣ, хайр набинӣ марди сайёд,
Ки тир бар шаддан марвориям зад.

Ду-панҷ рӯз аст, ки чоҳам об надорад,
Ду чашми ғобсиёҳам [1] хоб надорад,
Худовандо, бидеҳ боруни раҳмат,
Ки об аз чоҳ кашидан дора заҳмат.

Фалак, бар ман назан, ки ман ҷавонам,
На дуньё дидаму на шодкомам.
Бирав гаште бизан бар кулли олам,
Агар пире надидӣ, ман ғуломам.

Фалак, дидӣ, чӣ овардӣ ба рӯзам,
Аз ин кори бадат по дар гурезам.
Задӣ ту кундаи ҷафо ба поям,
Намедунам бисозам ё бисӯзам.

Дарахти сабз будам кунҷи беша,
Тарошиданд маро бо зарби теша.
Тарошиданд маро, қальён бисозанд,
Ки оташ бар сарам сӯзад ҳамеша.

[1] Ғоб — дар ин ҷо даври чашм.

Биёбун рафтаам ҷои баланд нест,
Ки сармо хурдаам як ло[1] намад нест.
Илоҳӣ, бибурам дасти намадмол,
Намад танг асту ҷои ҳардумон нест.

Ғарибӣ сахт маро дилгир дорад,
Фалак бар гарданам занҷир дорад.
Фалак, аз гарданам занҷир бардор,
Ки ғурбат хоки домангир дорад.

Мусулмонун, дилам ёди ватан кард,
Намедунам ватан, ки ёди ман кард.
Намедунам падар буд ё бародар,
Яқин дунам, ки модар ёди ман кард.

Биё боди сабову субҳи дилгир,
Хабар аз ман бибар бар модари пир,
Бигӯ: «Фарзан дуоят мерасуна,
Ҳалолам кун, ки шабҳо додай шир.

Худовандо, се дардам додӣ як бор,
Ғарибию раҳи дуру ғами ёр.
Ғарибию раҳи дурам чӣ мебуд?
— Ғами ёру ғами ёру ғами ёр.

[1] Ло — порча.

Чӣ созам, ки замона муфлисам кард,
Тилло будам ба монанди мисам кард,
Надорам, ки қабои нав бипушам,
Қабои кӯҳна хори маҷлисам кард.

Дуто гурги азал пайдо шуд аз дур,
Гиребунам гирифтаст, мебарад зӯр.
Рафиқун шарбати айшам бинушед,
Гаҳе талху гаҳе ширин, гаҳе шӯр.

Саҳаргоҳе расидам боғи анҷир,
Бидидам духтаре мегашт дилгир,
Ба ӯ аҳвол кардам ҳоли зораш,
Бигуфт: «Ёри мана карданд ба занҷир».

Ҳама бо ёранду бе ёр моем,
Гули нашкуфта дар гулзор моем.
Ҳама пушидаан читу қаламкор [1],
Намадпушу қаландарвор моем.

Чи созам, ки дилам дармуни ман нест,
Нишуни зиндагӣ бар ҷуни ман нест.
Ба ҳар кас дустӣ кардам, душманам шуд,
Дигар як ҷав намак бар нуни ман нест.

[1] Қаламкор — навъи матоъ.

Сари роҳам дуто шуд, вой бар ман,
Рафиқ аз ман ҷудо шуд, вой бар ман.
Рафиқ аз ман ҷудо шуд, рафт ба ғурбат,
Ба ғурбат ошно шуд, вой бар ман.

Гуле будам зи ғусса хор гаштам,
Шакар будам чу заҳри мор гаштам.
Гуле будам миёни тозагулҳо,
Миёни дӯсту душман хор гаштам.

Ду-панҷ рӯз аст садои ман гирифтаст,
Ғами олам ба ҷонам ҷо гирифтаст.
Ғами олам ягон рӯз ё ду рӯз аст,
Ғами ман рӯз ба рӯз боло гирифтаст.

Биё, аспи қизил, бӯсам рикобат,
Саду панҷоҳ туман додам баҳоят,
Ба дил шодам, ки арзонат харидам,
Зимистон омаду хайрат надидам.

Бародар пушт, бародарзода ҳам пушт,
Дарахти бебародар кай кунад рушт,
Дарахти бобародар канга-канга [1],
Дарахти бебародар решааш хушк.

[1] **Канга-канга** — баланд-баланд.

Ғарибию ғарибию тахаммул,
Ба ҳар хоре расам, номаш ниҳам гул.
Ба ҳар нокас расам, гӯям бародар,
Ба ҳар мурғе расам гӯям, ту булбул.

Дили ман дар ғарибӣ во намешад,
Касе ҳамдарди ман пайдо намешад,
Касе ҳамдарди ман бошад, бародар,
Бародар бепадар пайдо намешад.

Сафар кардӣ, сафарро дур кардӣ,
Худат рафтӣ, маро ранҷур кардӣ.
Сафар кардӣ барои моли дунъё,
Худат куштӣ, маро бадном кардӣ.

Дигар шаб шуд, ки ман танҳо нишинум,
Чу мурғобӣ лаби дарьё нишинум.
Паланг дар кӯҳу оҳу дар биёбун,
Ҳама ҷуфтанду ман танҳо нишинум.

Шутур дар зери бор аст, эй бародар,
Ду чашмам интизор аст, эй бародар,
Даме дигар биё бо ҳам нишинем,
Аҷал беэътибор аст, эй бародар.

Шаби чоршанбеда моҳи алумат,
Чӣ бад кардам, ки бадҳо бар ман умад.
Шаби чоршанбеда моҳи сафар буд.
Фироқи дурӣ аз мурдан батар[1] буд.

Дилам аз ғуссаи дунъё кабоб аст,
Намедунам чаро бахтам ба хоб аст.
Шабу рӯз, рӯзу шаб фикри ту дорам,
Бикун раҳме, ки охир ин савоб аст.

Худам ин ҷову ёрам гармсир аст,
Сари роҳам дарахти занҷабил аст.
Дарахти занҷабилам дуна кардаст,
Ғами олам маро девуна кардаст.

Навиштам бар дари долуни хуна,
Бимонад аз мани мискин нишуна.
Агар гӯянд, ки ин мискин куҷо рафт,
Бигӯ, бигрехт аз дасти замуна.

Сари кӯҳи баланд ҷуфти ситора,
Ҷавоне кушта шуд бистудусола.
Яроқаш во кунед, захмаш бубинед,
Ҷигар пурхун кунед, дил пора-пора.

[1] Батар — бадтар.

Мусулмонун, мусулмонзодаам ман,
Дар ин шаҳри шумо афтодаам ман.
Дар ин шаҳри шумо қурбе надорам,
Дар ун шаҳри худам шаҳзодаам ман.

Ситора осмун нақши замин аст,
Бародар, ғам махӯр, дуньё ҳамин аст.
Бародар, ғам махӯр, шукри худо кун,
Ки давлат сояи субҳу пасин аст.

Худам масту туфанг масту фашанг [1] маст,
Саду сесад фашанг даври қадам ҳаст.
Бигирам домани кӯҳи баланде,
Биҷангам, то нафас дар синаам ҳаст.

Сари кӯҳи буланд ҷанги паланга,
Садои нолаи тиру туфанга.
Рафиқун, кам бигӯед, кам бихандед,
Ки болини муфлисон аз тахтасанга.

Шабе рафтам ба меҳмуни падарзан,
Шаробам доду нисфи нуни арзан.
Наҳишт [2] ин заҳри море ҷо хӯрам ман,
Камонам доду ҳай, ҳай, панба во зан.

[1] Фашанг — тир.
[2] Наҳиштан — маҷбур кардан.

Ҷавонӣ ҳам баҳоре буд, бигзашт,
Ба мо як эътиборе буд, бигзашт.
Миёни мову ту як улфате буд,
Ки ун ҳам навбаҳоре буд, бигзашт.

Сари кӯҳи булан доштам дарахте,
Ки ман сояш нишастам гоҳ вахте.
Хазун умад, дарахт аз реша бар канд,
Ки ман толеъ надоштам ҳеҷ вахте.

Сарам дарду сарам дарду сарам дард,
Ба рӯям во кунед боғи гули зард.
Ба рӯям во кунед, рангам бубинед,
Мисоли каҳрабо рангам шуда зард.

Ҳама ёр дорану бе ёр моем,
Гули нашкуфта дар гулзор моем.
Ҳама доран либоси подшоҳӣ,
Намадпӯшу қаландарвор моем.

Ба қабристун гузар кардам каму беш,
Бидидам қабри давлатманду дарвеш,
На дарвеш бекафан дар хок рафта,
На давлатманд бурд аз кафан беш.

Сари кӯҳи баланд дав-дав кунам ман,
Туфанги нуқраро партав кунам ман.
Туфанги нуқраро бишкан, тилло кун,
Бародари кучекам кадхудо кун.

Зимистуи умаду гулҳоро хушк кард,
Маро саркардаи оши туруш кард,
Илоҳӣ, хайр набинад ин касотӣ,
Тамоми мардумонро кӯзапушт кард.

Наметунам, ғамат бардорам аз дил,
Наметунам бисозам дур манзил.
Наметунам, сабурӣ [1] пеш гирам,
Ду поям то ба зону монда дар гил.

Сари кӯҳи булан ҷиге вар орам [2],
Ман аз кӣ камтарам, толеъ надорам,
Қуланг бар даст гирам, най ба дандун,
Бигардам кӯ ба кӯҳ толеъа бар орам.

Шудам пиру надидам рӯи диддор,
Ба пирӣ сар ниҳодам сӯи кӯҳсор,
Надидам ёри фоиз дар гулистон,
Гулу салбу санавбар ҷумла шуд хор.

---

[1] Сабурӣ — сабрнокӣ.
[2] Ҷиг вар овардан — фарьёд кардан.

Чӣ созам, ки ҷавонӣ нест доим,
Бигуфтам, чарх мегардад мулоим.
Надонистам, ки умрам панҷрӯза,
Ки пирӣ дасту поям баста қоим.

Табибе аз Фаранг [1] умад ба Эрун,
Тамоми дардҳоро кард дармун.
Худоё, дарди му дармун надора,
Намедунам чӣ бад кардам ба даврун.

Сари кӯҳи буланд дегам ба бор аст,
Биринҷ ғул мезанад [2], дил беқарор аст.
Биринҷ ғул мезанад бо шири мешун [3],
Тамаъ аз мо буриданд қавму хешун.

Азизо, ашрафӣ норав намеша,
Бузургӣ аз қабои нав намеша.
Агар садсола гандум хор гардад,
Ки гандум ғачдум асту ҷав намеша.

Нависам номае аз балги чой,
Ҳамаш гирья, бига: дод аз ҷудой.
Бибандам пари мурғони ҳавой.
Ҳар он мулло, ки ин нома бихуна,

[1] Фаранг — хориҷа.
[2] Ғул задан — ҷӯшидан, ҷӯш задан.
[3] Меш — гӯсфанд.

Биё мурғи сафеди кам муҳаббат,
Маро вел кардию рафтӣ ба ғурбат,
Ба ғурбат рафтию ҳайфат наёмад,
Нагуфтӣ бар сари ёрам чӣ омад.

Бирезум ашку бинвисум видой,
Бибандум боли мурғуни ҳавой,
Дуоят мерасунам, ёри ҷуний,
Ки як бори дигар рӯ бар ман ой.

Мусулмонун дилам шайдост имрӯз,
Ки ёрум дуру нопайдост имрӯз.
Ба зери чашми ман ҳосил бикоред,
Ки оби чашми ман дарьёст имрӯз.

Дили ман, воҳ дили ман, воҳ дили ман,
Ба Кирмун мебаран хоки гили ман.
Ба Кирмун мебаран қальён бисозан,
Ки то дилбар кашад дуд аз дили ман.

Шамоле дам ба дам меояд имрӯз,
Ки бӯе аз ватан меояд имрӯз.
Хабар бар модари пирам расунед,
Ки рудат [1] аз сафар меояд имрӯз.

[1] Руд — фарзанд.

Азизун, лаззати дуньё зи мол аст,
На аз ақлу ҳушу на аз камол аст.
Ҷавуне, ки надорад моли дуньё.
Агар Ҷамшед бувад, ки бекамол аст.

Қабосабзу қабоят балги лиму,
Ба зӯрат мебаран тӯи Сипоҳу.
Ба зӯрат мебаран ҷое надида,
Чӣ тавр сар мекунӣ, эй нури дида.

Сарам чун чарх ба майдуни ту гардад,
Дилам аз аҳду паймон барнагардад.
Агар дуньё ба номардон диҳад ном,
Кунам сабре, ки то даврон бигардад.

Падар хубаст ки модар балки беҳтар,
Надорам меваe мисли бародар.
Бародар меваи боғи биҳишта,
Хушаш бошад падар к-ин мева кишта.

Кабутарбачча буд, овардам аз кӯҳ,
Ки ӯ аз баччагӣ бар ман кунад хӯ,
Надунистам, кабутар бебафо аст,
Ки пушт бар ман кунад, рӯ бар сари кӯҳ.

Биё мурги сафеди кам муҳаббат,
Маро вел кардию рафтӣ ба ғурбат,
Ба ғурбат рафтию ҳайфат наёмад,
Нагуфтӣ бар сари ёрам чӣ омад.

Бирезум ашку бинвисум видой,
Бибандум боли мурғуни ҳавой,
Дуоят мерасунам, ёри ҷунӣ,
Ки як бори дигар рӯ бар ман ой.

Мусулмонун дилам шайдост имрӯз,
Ки ёрум дуру нопайдост имрӯз.
Ба зери чашми ман ҳосил бикоред,
Ки оби чашми ман дарьёст имрӯз.

Дили ман, воҳ дили ман, воҳ дили ман,
Ба Кирмун мебаран хоки гили ман.
Ба Кирмун мебаран қальён бисозан,
Ки то дилбар кашад дуд аз дили ман.

Шамоле дам ба дам меояд имрӯз,
Ки бӯе аз ватан меояд имрӯз.
Хабар бар модари пирам расунед,
Ки рудат [1] аз сафар меояд имрӯз.

---

[1] Руд — фарзанд.

Азизун, лаззати дуньё зи мол аст,
На аз ақлу ҳушу на аз камол аст.
Ҷавуне, ки надорад моли дуньё.
Агар Ҷамшед бувад, ки бекамол аст.

Қабосабзу қабоят балги лиму,
Ба зӯрат мебаран тӯи Сипоҳу.
Ба зӯрат мебаран ҷое надида,
Чӣ тавр сар мекунӣ, эй нури дида.

Сарам чун чарх ба майдони ту гардад,
Дилам аз аҳду паймон барнагардад.
Агар дуньё ба номардон диҳад ном,
Кунам сабре, ки то даврон бигардад.

Падар хубаст ки модар балки беҳтар,
Надорам меваe мисли бародар.
Бародар меваи боғи биҳишта,
Хушаш бошад падар к-ин мева кишта.

Кабутарбачча буд, овардам аз кӯҳ,
Ки ӯ аз баччагӣ бар ман кунад хӯ.
Надунистам, кабутар бебафо аст,
Ки пушт бар ман кунад, рӯ бар сари кӯҳ.

Серӯза рафтию сӣ рӯза имрӯз,
Зимистун рафтию наврӯз имрӯз,
Худат гуфтӣ, ки ман инсоф дорам,
Шуморе кун, бубин, чанд рӯз имрӯз.

Ситора осмун мешморам имшаб,
Ба болинум маё, беморам имшаб.
Лолоят [1] мекунам, хобат намеёд [2],
Бузургат мекунам, ёдат намеёд.

— Духтари шерозӣ, ҷоно, духтари шерозӣ.
Дандонта ба мо бинамо то бишем розӣ.
— Дандонма мехоҳӣ чӣ кунӣ, беҳаё писар?
Садаф ту бозор надидӣ? Инам мисли уна.
Валекин нархаш гаруна,
Шаб биё, ки рӯз нестам хуна.

---

[1] Лоло кардан — алла гуфтан, навозиш кардан.
[2] Намеёд — намеояд.

— Духтари шерозй, ҷоно, духтари шерозй,
Лабота ба мо бинмо, маро кун розй.
— Лабама мехоҳӣ чӣ кунӣ, беҳаё писар?
Ғунча ту бозор надидӣ? Инам мисли уна.
Валекин нархаш гаруна
Шаб биё, ки рӯз нестам хуна.

— Духтари шерозй, ҷоно, духтари шерозй,
Чашмота ба мо бинамо, то шавем розй.
— Чашмома мехоҳӣ чӣ кунӣ, беҳаё писар?
Оҳу ту бозор надидӣ? Ин ҳам мисли уна.
Валекин нархаш гаруна
Шаб биё, ки рӯз нестам хуна.

— Духтари шерозй, ҷоно, духтари шерозй.
Мӯҳота ба мо бинамо то шавем розй.
— Мӯҳома мехоҳӣ чӣ кунӣ, беҳаё писар?
Таноф[1] ту бозор надидӣ, инам мисли уна,
Валекин нархаш гаруна,
Шаб биё ки рӯз нестам хуна.

— Духтари шерозй, ҷоно, духтари шерозй,
Дастатро ба мо бинамо, моро кун розй.
— Дастама мехоҳӣ чӣ кунӣ, беҳаё писар?
Булур ту бозор надидӣ? Инам мисли уна.
Валекин нархаш гаруна,
Шаб биё, ки рӯз нестам хуна.

---

[1] Таноф — таноб, ресмон.

— Духтари шерозӣ, ҷоно, духтари шерозӣ.
Абрутро ба мо бинамо, моро кун розӣ.
— Абрума мехоҳӣ чӣ кунӣ, беҳаё писар?
Камон ту бозор надидӣ? Ин ҳам мисли уна.
Валекин нархаш гаруна,
Шаб биё, ки рӯз нестам хуна.

## ЧИСТОНҲО

Аҷоиб санъате дидам дар ин дашт,
Ба ҷон чору ба тан панҷу ба по ҳашт.

(Мурда, тобут ба чор нафари баранда)

Ин вари кӯҳ арра,
Ун вари кӯҳ арра,
Вассати кӯҳ гӯшти барра.

(Даҳон ва забон)

Як муаммо бар ту гӯям, эй ҳакими ботамиз,
Ҳеҷ пур шуд, пур тиҳӣ [1], яъне чӣ чиз?

(Моҳ)

Чист он подшоҳи ҳафт иқлим,
Бо ҳазорон савор мегардид,
Ногаҳон як савори зардниқоб
Омад ва фавҷи [2] шоҳ дар печид?

(Моҳу ситораҳо ва офтоб)

---

[1] Тиҳӣ — холӣ.
[2] Фавҷ — полк.

Дарахтеро, ки язд[1] офарида,
Даҳу ду шоха бар ӯ баргузида,
Ки бар ҳар шохае сӣ барг дорад,
Ба ҳар барге ду мева офарида.

(Солу моҳу шабу рӯз)

Долони дарозу тангу торик,
Ого хобида дарозу борик.

(Шамшер ва ғилоф)

Чист к-андар даҳони бедандонаш,
Ҳар чӣ афтад, рез-рез кунад,
Чун занӣ дар ду чашми ӯ ангушт,
Дар замон ҳар ду гӯш тез кунад?

(Қайчӣ)

Аждаҳое, ки хорпушт буд,
Ҳарфҳояш басе дурушт буд.
Мехӯрд рӯзии ҳама мардум,
Даҳонаш дар миёни пушт буд.

(Осиё)

Аҷоиб санъате дидам дар ин дашт,
Ки нар хобида буду мода мегашт.

(Осиё)

Қалъае дидам пур аз оби сиё,
Дар миёнаш аждаҳое пурсадо.
Дум дар обу фарқаш аз қалъа брун,
Бар сари ӯ ҳоване пур аз гиё.

(Қальён)

---

[1] Язд — худо.

Долони дарози Муллобоқир,
Қул-қул мекуна то табли охир.

(Қальён)

Чист он гирди гунбади бепӯст,
Пӯст дар пӯст гирди якдигар?
Ҳар кӣ бикшояд ин муамморо,
Рухам аз оби дида гардад тар.

(Пиёз)

Ин чӣ чиз аст ҳуқа бедор,
В-андар он ҳуқа, ҳуқаҳои дигар,
Гоҳ дар дашти зангиёни маҷрӯҳ,
Гоҳ дар хони [1] хисравони меҳтар [2]?

(Пиёз)

Аҷоиб санъате дидам, ки шаш пову ду сар дорад.
Аҷоибтар аз он дидам, ки дум рӯи камар дорад.

(Тарозу ва мисқол)

Аҷоиб санъате дидам дар ин дашт,
Ки оташ дар миёни об мегашт.

(Самовор)

Лӯъбате чист нағзу хокмизоҷ [3],
Ки бо обест дар ҷаҳон хурсанд,
Даст бар сар ниҳода пиндорӣ,
Бар сари хеш мехӯрад савганд?

(Кӯза)

Он чист, ки пову сар надорад,
Гирд асту дароз, дар надорад.
Андар шикамаш ситодагонанд,
Ҷуз исми ду ҷонвар надорад?

(Харбуза)

---

[1] Хон — дастархон.
[2] Меҳтар — бузургвор.
[3] Мизоҷ — таркиб, яъне хоксор.

Кадом аст гунбаде, ки дар надорад,
Калиди оҳанин қуфлаш кушояд,
Ҳазорон бача дорад дар шикам беш,
Зи ҳар бача дусад модар бизояд?

(Тарбуз)

Модар бизояд духтаре бедасту по,
Духтар бизояд модаре бо дасту по.

(Тарбуз)

Як гиёҳе бар лаби дарёст, онро хар хӯрад,
Подшоҳ аз рафтани он харҷи ҳафт кишвар кунад
Меравад роҳи сафеду мехӯрад хуни сиёҳ,
Гар зи рафтан боз монад, зарбате бар сар хӯрад

(Хома)

Чист он лӯъбати писандида,
Ҷомаи сабзу сурх пӯшида,
Дар миёни ду ҳуқачӯбе,
Бо дусад ғурру ноз хобида?

(Писта)

Наҳанге ҳаст бас раъному дилкаш,
Шикам пуробу дунболаш пуроташ.
Ба як соат хӯрад сад нозанинро
Ба як соат диҳад сад нозанин пас.

(Ҳаммом)

Чист ин ҷонвар, ду сар дорад,
Аз ду сӯрох сар ба дар орад?
Ҳар ки бикшояд ин муамморо,
Донам, аз ошиқӣ хабар дорад.

(Банди шалвор)

Қисми чорум

# Зарбулмасал ва мақолҳо

Пургӯй душмани кор аст.

Кори имрӯз ба фардо маяфкан.

То набошад чӯби тар, фармон набарад гову хар

Дар ҷавонӣ заҳмат каш, то дар пирӣ роҳат ёбӣ.

То ки дастат мерасад, коре бикун.

То ҳезум бар ҷой аст, оташ намирад.

Агар хоҳӣ фирефта нашавӣ, кори нокардаро карда машумор.

Сараш тӯи ҳисоб аст. (Ба кор ошно аст).

Рӯзӣ бо пои худ аз дари кас дарун наояд.

То ранҷ набарӣ, ганҷ наёбӣ.

То дона наяфшонӣ, хирман бар нагирӣ.

То танӯр гарм аст, нон тавон баст.

Ба марг бигир, то ба таб розӣ шавад (Яъне ҳамеша бояд тарафи сахттарини корро ба назар гирифт).

Ҳар чӣ зуд барояд, дер напояд.

Ҳарчӣ пул бидиҳӣ, ош мехӯрӣ.

Имрӯз тавонӣ ва надонӣ, фардо ки бидонӣ, натавонӣ.

Нон бидеҳ, то ном барорӣ.

То ҷон бар хатар нанихӣ, бар душман зафар наёбӣ.

То шаб наравӣ, рӯз ба ҷое нарасӣ.

Аспи хушрав низ гоҳе сикандарӣ [1] мехӯрад.

Асп ба давидан ҷави худро зиёд мекунад.

Аспи наҳибро як тозиёна бас аст.

Аспе ки ба чиҳилсолагӣ савғонаш [2] бибанданд, барои майдони қиёмат хуб аст.

Аз асп — дав, аз соҳибаш — ҷав.

Аз барои як шикам миннати ду касро набояд кашид.

Нӯш хоҳӣ, неш мебояд чашид.

Нӯши сафо бе неши ҷафо набошад.

---

[1] Сикандарӣ — тозиёна.
[2] Савғон — ром кардан.

Обро аз сарбанд бояд гирифт.

Ҷӯҷаро поиз мешуморанд.

Агар Алӣ сорбон бошад, медонад шутурро куҷо бихобонад. (Яъне кордон роҳи корро ба хубӣ медонад).

Салоҳи мамлакати хеш хусравон донанд.

Як бор ҳам туи шикамаш аст. (Бо як зарба ду кор пеш бурдан).

Ҳамине ки зоидӣ, бузургаш кун. (Коре ки мекунӣ, тамом кун, баъд кори дигар).

Дар ҷанг ҳалво қисмат намекунанд.

Ҳамааш риштаи панба шуд (Тамоми кор ба ҳадар рафт).

Хар хаста, соҳиб норозӣ. (Вақте гӯянд, ки коре натиҷаи хуб набахшад).

Харро ҷое мебанданд, ки соҳибаш розӣ бошад.

Дар ҳолати осонӣ ба даст ор, то дар вақти гирифторӣ туро ба корояд.

Дастшикаста кор мекунад, дилшикаста кор намекунад.

Мурғе ки арзан мехӯрад, нӯлаш каҷ аст. (Ҳар кор аз дасти ҳар кас намеояд).

Зар аз маъдан ба кон кандан бадар ояд.

Кори ҳазрати фил аст. (Кори бисьёр мушкил аст).

Зи кӯшиш мушкилҳо осон ва хористон гулистон мешавад.

То дона наяфшонӣ, хирман бар нагирӣ.

То танӯр гарм аст, нон тавон баст.

Ба марг бигир, то ба таб розӣ шавад (Яъне ҳамеша бояд тарафи сахттарини корро ба назар гирифт).

Ҳар чӣ зуд барояд, дер напояд.

Ҳарчӣ пул бидиҳӣ, ош мехӯрӣ.

Имрӯз тавонӣ ва надонӣ, фардо ки бидонӣ, натавонӣ.

Нон бидех, то ном барорӣ.

То ҷон бар хатар наниҳӣ, бар душман зафар наёбӣ.

То шаб наравӣ, рӯз ба ҷое нарасӣ.

Аспи хушрав низ гоҳе сикандарӣ [1] мехӯрад.

Асп ба давидан ҷави худро зиёд мекунад.

Аспи наҳиброо як тозиёна бас аст.

Аспе ки ба чиҳилсолагӣ савгонаш [2] бибанданд, барон майдони қиёмат хуб аст.

Аз асп — дав, аз соҳибаш — ҷав.

Аз барои як шикам миннати ду касро набояд кашид.

Нӯш хоҳӣ, неш мебояд чашид.

Нӯши сафо бе неши ҷафо набошад.

---

[1] Сикандарӣ — тозиёна.
[2] Савгон — ром кардан.

Обро аз сарбанд бояд гирифт.

Ҷӯҷаро поиз мешуморанд.

Агар Алӣ сорбон бошад, медонад шутурро куҷо бихобонад. (Яъне кордон роҳи корро ба хубӣ медонад).

Салоҳи мамлакати хеш хусравон донанд.

Як бор ҳам туи шикамаш аст. (Бо як зарба ду кор пеш бурдан).

Ҳамине ки зоидӣ, бузургаш кун. (Коре ки мекунӣ, тамом кун, баъд кори дигар).

Дар ҷанг ҳалво қисмат намекунанд.

Ҳамааш риштаи панба шуд (Тамоми кор ба ҳадар рафт).

Хар хаста, соҳиб норозӣ. (Вақте гӯянд, ки коре натиҷаи хуб набахшад).

Харро ҷое мебанданд, ки соҳибаш розӣ бошад.

Дар ҳолати осонӣ ба даст ор, то дар вақти гирифторӣ туро ба кор ояд.

Дастшикаста кор мекунад, дилшикаста кор намекунад.

Мурғе ки арзан мехӯрад, нӯлаш каҷ аст. (Ҳар кор аз дасти ҳар кас намеояд).

Зар аз маъдан ба кон кандан бадар ояд.

Кори ҳазрати фил аст. (Кори бисьёр мушкил аст).

Зи кӯшиш мушкилҳо осон ва хористон гулистон мешавад.

Сари гов тӯи хумра гир карда. (Ҳангоме гӯянд, ки кор ба мушкил бар хӯрад).

Баракат дар ҳаракат аст.

Хона ки ду кадбону бошад, хок то ба зону бошад.

Момо ки дуто шуд, сари бача кач меояд.

Якеро туи деҳ роҳ намедоданд, суроғи манзили кадхудоро кард (Яъне кор, ки ба хубӣ наанҷомад, зӯрӣ лозим аст).

Ғам чанд хӯрӣ ба кори ноомада пеш?

Кӯзагар аз кӯзаи шикаста об мехӯрад.

Модари мурдаро шиюн[1] маёмӯз.

Муаммо чу ҳал гашт, осон шавад.

Рӯз аз наву рӯзӣ аз нав.

Агар тавонгарӣ хоҳӣ, писандидакор бош.

Агар хоҳӣ, ки бар ту дақиқа нагиранд, ту бар худ бигир.

Ҳар чӣ аз панду насиҳат гӯӣ, нахуст бар он кор кун.

Озмударо боз озмудан хатост.

Он қадар мор хӯрда, ки афъӣ шуда. (Дар ҳаққи каси кордидаву пуртаҷриба гӯянд).

Ҳар чиро бод оварад, бодаш бибарад.

Ганҷ он ҷой аст, ки мор дар рӯи он хуфта бошад.

---

[1] Шиюн — дар ин ҷо ба маънои гиряву зорӣ.

Ҳар кӣ сараш сӯзад, кулоҳ дӯзад.

Талхии андак, ки ширинии бисьёр бор оварад, беҳ аз ширинии андак, ки талхии зиёд зояд.

То гӯсола гов шавад,
Дили соҳибаш ов шавад.

Панҷа ба шер ва мушт ба шамшер задан кори оқилон нест.

Ҷангро шамшер мекунад ва муомиларо пул.

Бандае, ки бихаранд ва бифурӯшанд, озодтар аз бандаи шикам аст.

Ба гуфтани худ кор кун, то ба гуфтани ту кор кунанд.

Бисьёр фарқ бошад аз андеша то вусул [1].

Ба исрор ҳама кор метавон кард.

Биҳишт ба сарзанишаш намеарзад. (Вақте гӯянд, ки кори бузурге натиҷа набахшад).

Ба дуои гурбаи сиёҳ борон намеояд.

Бори каҷ ба манзил намерасад.

Вақт баробари тиллост.

Агар шикам намебуд, ҳеҷ мурге дар доми сайёд намеафтод, балки сайёд худ дом намеандохт.

Наққош нақши охир беҳтар кашад зи аввал.

Он чӣ ба тадбир тавон кард, бо зӯри зар нашавад.

---

[1] Вусул — висол, амал, иҷро.

Олуча бар олу нигарад ранг бар орад.

Охири шоҳманишӣ [1] — коҳкашӣ.

Илми беамал дарахти бебор аст.

Шамъро, ки сар гиранд, равшантар шавад.

Хари хуфта ҷав намехӯрад.

Додан ба девонагӣ, гирифтан ба оқилӣ.

«Шоҳнома»-ро охираш хуш аст.

Оқибатандеш бояд буд.

Аввал панд ва он гоҳ банд.

Иблис кай ғузошт, ки зиндагӣ кунем,

Як дам нашуд, ки бесархар[2] зиндагӣ кунем.

Бахт чун барғардад, полуда[3] дандон шиканад.

Бахт ки бар ғардад, аспи тӯи тавила хар ғардад.

Деворе аз девори мо кӯтоҳтар надидӣ?

Санг ба дари шикаста меборад.

---

[1] Шоҳманишӣ — шоҳӣ, ҳокимӣ.

[2] Сархар — шахсе, ки бе шарму фикр ба касе халал мерасонад.

[3] Полуда — як навъ хӯрок, ки аз шарбат дуруст мекунанд.

Марг барояш арӯс аст (Яъне бисьёр бадбахт аст).

Муш аз ҷебаш булғор мебарад (Яъне хеле нотавон аст).

Рангамро бину ҳоламро пурс.

Рустам асту як даст аслиҳа. (Касе, ки дору нодораш як даст либос бошад).

Ҳамаро мор мегазаду моро хари пир.

Дасттангӣ сахттар аз дилтангист.

Хари лухтро полонашро вар намедоранд. (Аз нодор чизе намешавад гирифт).

Ҳар чи гевасанг[1] аст, барои пои одами ланг аст.

На мол дорем, ки дузд бибарад, на имон, ки шайтон.

Дарди худам кам аст, ин ҳам дар задани ҳамсоя. (Ғуссаи худ, ки ҳеҷ, ғуссаи мардум ҳам бояд хӯрд).

Бисьёр бад бошад, ки аз бад бадтар аст.

Тӯҳфаи дарвеш як барги сабз аст,

Тӯҳфаи мӯрча пои малах аст.

Мурдаи маро ҳеҷ кас чун ман нагирьяд.

Кас нахорад пушти ман, ҷуз нохуни ангушти ман.

Дари масҷид аст, на кандaнист, на сӯзонданист. (Дар бораи хешу қавм ё меҳмони ноаҳл).

Болои сиёҳӣ ранге нест.

[1] Гева — кавше, ки аз пахта месозанд; Гевасанг — кавши бадсохташуда.

Хоҳ санг бар шиша зан, хоҳ шиша бар санг, ки дар ҳарду ҳол шиша хоҳад шикаст.

Самар аз дарахти бед набояд умед дошт.

Вақте ки нана нест, бо зани бобо бояд сохт. (Вақте ки шароити беҳтаре нест, бо бадтараш бисоз).

Барои як бенамоз дари масҷидро намебанданд.

Аҷалбаргашта мирад, на бемори сахт.

Ҳама касро дандон ба туршӣ кунд шавад, магар қозиро, ки ба ширинӣ.

Сарамро шикану нархамро нашикан.

Ғариб кӯр аст.

Ҷое, ки офтоб набошад, табиб меояд.

Қадри нон гурусна медонад.

Қадри лузина [1] хар куҷо донад?

Қадри висол касе донад, ки ранҷи фироқ дидаast.

Чун қазо ояд, табиб обила шавад.

Алӣ монду ҳавзаш. (Касе намонд).

Ҳарифи бохта ҳамеша аз бахти худ нолон аст.

Муш ба анбон коре надорад, анбон бо муш кор дорад. (Ба шахси нотавоне гӯянд, ки асбоби заҳмати тавоноро фароҳам кунад).

---

[1] Лузина — як навъи ҳалво.

Марг як бору гирья як бор. (Ба касе гӯянд ки аз мусибати гузашта ҳамеша нола кунад).

На моли касеро хӯрдем, на аз девори кас боло рафтем.

Марг ва меҳмон чора надоранд.

Ночор хӯшачин буд он ҷо, ки хирман аст.

Нолаи об аз ноҳамвории замин аст.

Дарвешро ҳар куҷо ки шаб ояд, сарои ӯ аст.

Фитна дар ҷавоб аст, бедораш накун.

Ҳар кӣ ба оташ наздиктар, зораш бештар.

Фарьёди сагон кам накунад халтаи гадоро.

Зӯраш ба хар намерасад, ба полонаш мечаспад.

Дард кӯҳ-кӯҳ меояду мӯ-мӯ меравад.

Гадо ба гадо, раҳмат ба худо. (Вақте ки аз касе чизи надоштаашро биталабанд).

Дӯстии беҷиҳат мумкин аст ва душмании беғараз маҳол.

Дили дӯстон озурдан, муроди душманон овардан аст.

Дӯсти ҳама кас дӯсти ҳеҷ кас нест.

Ҳайф бошад бо душворӣ ёре ба даст овардан ва бо осонӣ аз даст додан.

Ҳифзи ҷон воҷиб аст, ҳифзи Ватан аз он воҷибтар.

Вафодорӣ аз саг бояд омӯхт.

Аз дил биравад ҳар он, ки аз дида бирафт.

Ёри бад бадтар аст аз мори бад.

Агар чиз ба душманон бидиҳӣ, беҳ, ки аз дӯстон хоҳӣ.

Барои касе бимир, ки қадрат бидонад.

Бадтарин дӯст дӯсти дурӯғгӯ аст.

Бародарон ҷанг кунанд, аблаҳон бовар.

Бародар, ки дар панди хеш аст, на бародар ва на хеш аст.

Пой ба занҷир пеши дӯстон,
Беҳ, ки бо бегонагон дар бӯстон.

Ҷабри устод беҳ зи меҳри падар.

Ҷое бирав, ки туро бихонанд,
На ҷое, ки аз дар биронанд.

Тарси бародар марг аст.

Ҳамроҳи касе бош, ки ҳамроҳи ту бошад.

Дӯсти худ мадон ҳар он касеро, ки душмани дӯстони ту бошад.

Дўстро чандон қувват мадеҳ, ки агар душманӣ кунад, битавонад.

Ёрро вақти сахтӣ биозмой.

Дўстро бо суду зиён имтиҳон кун.

Айби худро аз дўстон напурс, ки бубинанд ва нагўянд.

Туро ба хайру моро ба саломат. (Ҳар кас ба роҳи худ).

То сулҳ тавон кард, дар ҷанг макуб.

Парҳез кун аз сўҳбати паймоншиканон, ки пушаймонӣ суде надорад.

Бар аҷзи душман раҳмат макун, ки агар қодир шавад, бар ту набахшояд.

Ошиқиро сабр мебояд, на лоф.

Нагуфт: «Абуалӣ, харат ба чанд аст?» (Аҳволпурсӣ ҳам накард).

Нозкаш дорӣ, ноз кун, надорӣ, поҳоятро дароз кун.

Чун душманро дар банд ёфтӣ, амонаш мадеҳ.

Бо ҳар дасте бидиҳӣ, ба ҳамон даст пас мегирӣ.

Ба наздики ман сулҳ беҳтар, ки ҷанг.

Зарар ба ҷонат нахўрад. (Саломат бош).

Ҳар киро душман дар пеш аст,
Агар накушад, душмани хеш аст.

Ҳар кӣ хиёнат варзад, дасташ дар ҳисоб биларзад.

Ҷои шумо холӣ. (Ба касе гӯянд, ки дар маҷлис ё сафари хеле хубе ширкат накарда бошад).

Ҷамъатон ҷамъ буд, якатон кам буд. (Варианти боло).

Хушасл хато накунаду бадасл — вафо.

Бадтарини бадон он аст, ки узр напазирад ва кинаи узрхоҳро дар дил гирад.

Адаб аз беадаб омӯз.

Оғози ишқ беморӣ аст ва анҷомаш марг.

Нопокасл ҳарчанд дар аввал вафо кунад, охир бигардаду ҷафо кунад.

Ҳаргиз ду рақиби ба ҳақ розӣ, пеши қозӣ нараванд.

Хуш он чоҳе ки об аз худ барорад.

Хушомад ҳар киро гуфтӣ, хуш омад.

Хушмуомила шарики моли мардум аст.

Дастшикаста вуболи[1] гардан аст.

Даст дастро мешиносад.

Дидори ёри номуносиб ҷаҳаннам аст.

Даҳ дарвеш дар гилеме бихуспанд, ду подшоҳ дар иқлиме нағунҷанд.

---

[1] Вубол — дуға.

Хонаи қозӣ гирду бисьёр аст, вале ҳисоб дорад.

Душманон дар зиндон дӯст мешаванд.

Бародарро имон баҷо, бузғола яке ҳафсаннор [1].

Ҳисоб ба мисқол, дӯстӣ ба хирвор.

Хешӣ ба хешӣ, савдо бо ризо.

Агар хоҳӣ, рози туро душман надонад, ба дӯсти худ магӯй.

Зарро дӯст бисьёр аст ва зардорро душман бешумор.

Куштаро бо зӯри зар зинда натавон кард.

Ҳар киро зар дар тарозуст, зӯр дар бозӯст,

Ҳаққи шамшер бар он аст.

Зан балост, аммо илоҳӣ ҳеҷ хона бе бало нашавад.

Гирьяи зан макри зан аст.

Рӯи зеборо ҳоҷат ба машшота нест.

Хушрӯй калиди дилхост.

Ҷамол ҷамоли меҳтар аст,
Ҳар чи набинӣ, беҳтар аст. (Дар ҳаққи зиштрӯй гӯянд).

---

[1] Ҳафсаннор (ҳафт саннор) — яъне чаҳордаҳ шохӣ; як саннор — ду шохӣ.

Марди бемурувват зан аст ва зоҳиди ботамаъ роҳзан.

Ҳар киро даст кӯтоҳ бувад, забонаш дароз аст.

Мор пӯсти худро гузораду хӯи худро намегузорад.

Кӯтоҳи хирадманд беҳ аз нодони баланд.

Кофар ҳамаро ба кеши худ пиндорад.

Магар хуни ту қирмизтар аз хуни дигарон аст? (Магар ту аз дигарон бартарӣ дорӣ?)

Ту ки гуфтӣ «ф» фаҳмидам, Форамзода аст. (Ҳанӯз ногуфта матлабро фаҳмидам).

Корд ба ӯ бизанӣ, хунаш дар намеояд. (Бисьёр хашмгин аст).

Ҷӯш назан, шират кам мешавад. (Ба касе гӯянд, ки беҳуда доду фарьёд кунад).

Мурда он аст, ки номаш ба некӯӣ набаранд.

Як мурдаи боном беҳ, ки сад зиндаи бонанг.

Мард он аст, ки бигӯяд ва бикунад.

Оқил дубора гӯл намехӯрад.

Доно ба ҳеҷ шаҳр ва вилоят ғариб нест.

Миёнчӣ мехӯрад андар миён мушт.

Сари пирӣ — маъракагирӣ.

(Ба шахси солхӯрда гӯянд, ки ишқ ба сараш зада бошад).

Сахтдилӣ аз серӣ хезад.

Саги ҳақшинос беҳ аз одами носипос.

Сагаш беҳ аз худаш аст.

Ҷавонмард касе аст, ки намегӯяд ва мекунад.

Бо забони хуш морро аз сӯрох берун мекунад.

Ҳар кӣ забонаш нармтар, ёраш бештар.

Ҳар киро виҷдон нест, инсон нест.

Ҳар касе маслиҳати хеш накӯ медонад.

Кинаварро осоиш нест.

Ғофил нашавад оқил.

Худо харро шинохту шохаш надод.

Гӯштро аз бағали гов бояд бурид. (Таваққуф аз касе бояд дошт, ки қудрати давои дардатро дошта бошад).

Гурба муртазӣ Алӣ аст, аз ҳар тараф бипартой, бо по бар замин меафтад.

(Дар ҳаққи шахси ринд гӯянд, ки ҳар коре кунад, ба нафъи худ мекунад).

Инсон бо орзу зинда аст.

Умедҳо дар ноумедист.

Орзу ба ҷавонон айб нест.

Аз он натарс, ки ҳою ҳу дорад,
Аз он битарс, ки сар ба ту дорад.

Пусткулуфттар аз хар.

(Ба шахси ниҳоят хунсард гӯянд).

Бузургӣ харҷ дорад.

Бузургӣ ба ақл аст, на ба сол.

Бадкирдор бадандеша бошад.

Барои фалонӣ дӯғу дӯшоб[1] як аст.

Фил зиндааш сад туман аст, мурдааш ҳам сад туман аст. (Ба касе гӯянд, ки чизи хуб ва бадро фарқ нагузорад).

Он касе, ки безар аст, мурғи бе болу пар аст.

Онро ки ҳисоб пок аст, аз муҳосиба чӣ бок аст?

Одамеро насб[2] ба ҳунар бояд, на ба падар.

Он қадар, ки болои замин қад дорад, он қадар ҳам зери замин дорад. (Дар бораи шахси кӯтоҳу заранг гӯянд).

Одами дастпоча корро ду маротиба мекунад.

Курра аз модар ҷулӯтар афтода.

Одами гурусна дину имони ҳисобӣ надорад.

Бодимҷони бад офат надорад. (Шахси бадҷинс камтар ба бало дучор мешавад).

Сари бегуноҳ болои дор намеравад.

---

[1] Дӯшоб — шираи ангур.
[2] Насб — нисбат, санҷиш.

Садто чоқу[1] бисозад, якаш даста надорад.
(Тамоми гуфтаҳояш беасосанд).

Фил ёди Ҳиндустон кардааст. (Дар ҳаққи касе гӯянд, ки ҳавои чизе ба сараш зада бошад).

Тарсу[2] ҳаргиз ба муроди дил нарасад.

Бо кадом созат[3] бояд рақсид?
(Кадом ҳарфат дуруст буд?).

Обе ки дар гавдал[4] мемонад, мегандад[5].

Маймун ҳар чӣ зиштар, бозиаш бештар

Мор ки пир шуд, қурбоқа мегардад. (Дар ҳаққи пире гӯянд, ки дигаронро азият диҳад).

Ҳарфи мард якест.

Ҳарфи мард зи нияти мард аст.

Мурғи сухангӯ дар қафас суханро фаромӯш накунад.

Агар дунёро об бибарад, фалониро хоб мебарад.

(Дар ҳаққи одами беэътино гӯянд).

---

[1] Ч о қ у — (чопку) корди кисагӣ.
[2] Т а р с у — тарсончак, бедил.
[3] С о з — ин ҷо оҳанг, ҳаво, мақом.
[4] Г а в д а л — чуқурӣ.
[5] Г а н д и д а н — ганда шудан, бӯй гирифтан.

Аз мардуми аблаҳ ва нодон бигурез.

Бипарҳез аз нодоне, ки худро доно шуморад.

Сафедӣ бо сиёҳӣ нақш бандад,
Сафедӣ қирмиз пӯшад, хар бихандад.

Фузулро бурданд ба дӯзах, гуфт: Ҳезумаш тар аст».

Ё нашав зани хар, ё шудӣ, бикаш бори хар.

Ҳар ки хар шавад, мо ҳам полонаш мешавем.

Миёни пайғамбарҳо иблисро гир овардаанд.

Рафт риш биорад, сибилашро [1] ҳам бохт.

Омад, зери абрӯяшро дуруст кунад, зад чашмашро кӯр кард.

Яке нон надошт бихӯрад, пиёз мехӯрд, то иштиҳояш боз шавад.

Ба хаёлаш Алиобод [2] ҳам шаҳр аст.

Ҷоҳил ҷоҳилро ситояд, аз олим нафрат намояд.

Ту ки алла гуфтан баладӣ, пас чаро хобат намебарад?

Ҷавоби аблаҳон хомӯшист.

Як сабр кун ва ҳазор афсус бихӯр.

---

[1] Сибил — мӯйлаб.
[2] Алиобод — деҳи хурд дар Эрон.

Муш ба сӯрох намерафт, ҷоруб ба думаш баст.

Ман мегӯям, нарам, ту мегӯӣ, ба думи харам.

(Ба одами якрав ва ҳарфношунав гӯянд).

Дуньё бубин чӣ фанда,
Кӯр ба каҷал механдад.

Кӣ мегӯяд мурда намехандад?
(Дар ҳаққи касе гӯянд, ки мавзӯеро дер бифаҳмад).

Ақлаш порсанг мебарад. (Ақлаш кам аст).

Ақлаш гирд аст. (Ба ҳамон маънӣ).

Нодонро беҳ аз хомӯшӣ нест.

Чашмаш олболуву гелос мечинад.
(Ба касе гӯянд, ки чизҳоро ивазӣ [1] бинад).

Салиға ки нест, ҷон дар азоб аст.

Танҳо касе ки аз ин матлаб хабар надорад,
Хоҷа Ҳофизи Шерозист. (Ба касе гӯянд, ки чизи ба ҳама маълумро ҳамчун хабари нав нақл кунад).

Як муриди хар беҳтар аз сад тӯрбаи зар.

Наъл вожгун бастааст.

Заъиф, ки бо қавӣ диловарӣ кунад, ёри душман аст дар ҳалоки хеш.

Як чизе бигӯ, ки биғунҷад.

(Ба касе гӯянд, ки чизи нашуданӣ гӯянд).

---

[1] Ивазӣ дидан — нодуруст, иштибоҳ дидан.

Магар мост [1] хӯрдай? (Чаро ин қадар парешонӣ?).

Магар саги девона пому [2] газида? (Магар ман девонаам?).

Мардумро ақлашон ба чашмашон аст.

Басо мурод, ки дар зимни номуродҳо ҳаст.

Ҳар кӣ ба вақоеи дигарон панд нагирад, дигарон ба вақоеи ӯ панд гиранд.

Куҷо будӣ сар то сари ҳафта?
Рӯзгор аз дастат дар рафта.

Девона чун девонаро бинад, хушаш меояд.

Сараш ба танаш зиёдӣ мекунад.
(Беҳуда худро ба хатар андохтан).

Қурбони ҳавоси ҷамъат. (Дар ҳаққи касони парешонхотир гӯянд).

Шутургумкарда бо авзораш мегардад.
(Ба шахсе гӯянд, ки ба дурӯғ бештар аз ростӣ бовар кунад).

Муфт бошаду куфт бошад.

Охунди муфт, ки гир омад,
Мушҳои хонаро бояд ақд кард [1].

---

[1] Мост — ҷурғот.
[2] Пому — поямро.
[3] Ақд кардан — никоҳ кардан.

Сиркои муфт ширинтар аз асал аст.

Шароби муфтро қозӣ ҳам мехӯрад.

Силаи[1] нақд беҳ аз ҳалвои насия.

Гунҷишки ба даст беҳ аз бози дар ҳавост!

Ҳам худоро хостану ҳам хурморо.

Моли худам моли худам,
Моли мардум ҳам моли худам.

Ба як даст натавон ду харбуза гирифт.

Гадоро ки рӯ медиҳӣ[2], соҳибхона мешавад.

Рӯ[3] бидиҳӣ, остар ҳам мехоҳад.

Мурдаро ки зиёд рӯ бидиҳӣ, ба кафан касофат мекунад.

Бо исми Ҳасану ба коми Ҳусайн.

Аз зиёд давидан кафш пора мешавад. (Пуртамаъ будан ба зарари инсон хотима меёбад).

Зарангии зиёд ҷавонмаргӣ меоварад.

Хурдабинии зиёд зиён аст.

Луқмаро ба андозаи даҳонат бигир.

Ғанӣ ҳар чӣ сахӣ бошад, суфра бар сари роҳ на мекушояд.

Зиёфат пои пас ҳам дорад.

---

[1] Сила — торсакӣ, шаппотӣ.
[2] Рӯ додан — имконият, иҷозат додан.
[3] Рӯ — матоъ (рӯи кӯрпа, ҷома ва ғайра).

Ҳар чиро нахӯрӣ, дорӣ.

Ҷавонмард, ки бихӯрад ва бидиҳад, беҳ аз обиде, ки рӯза бигирад ва бниҳад.

Зиёфатхӯр хушомадгӯй аст.

Шоҳ бахшад ҳам, шайх Алихон намебахшад. (Вақте ки соҳиби мол онро ба касе бахшад ва шахси бегона розӣ нашавад).

Кор кардан аз хару хӯрдан аз ёбу.

На худ хӯрӣ на кас диҳӣ.

Осуда худам, ки хар надорам,
Аз коҳу ҷаваш хабар надорам.

Сазои гаронфурӯшӣ ба харидан аст.

Нигоҳи дарвеш айни савол аст.

Ҳақ гӯй, агарчи талх бошад.

Хонаи дурӯггӯ оташ гирифт, касе бовар накард.

Хуб гӯш кун, то хуб бишнавӣ.

Ба шаб чун сухан гӯй, ба ҳар сӯ нигоҳ кун.

Суханат ба ҷиҳат гӯй.

Сухан ба андозаи хеш гӯй.

Росте ки ба дурӯғ монанд аст, магӯй.

Сухан то напурсанд, лаб баста дор.

Сухани бад аз шамшери бурранда бадтар аст.

Забонро ба ҳар тараф бичархонӣ, мечархад.
(Ҳарф задану иддао кардан кори осонест).

Дурӯғи маслиҳатомез, беҳ аз рости фитнаангез

Ҳар кӣ сухан насанҷад, аз ҷавобаш наранҷад.

Захми тир бар тан аст ва захми сухан бар ҷон.

Хомӯшӣ айни ҷавоб аст.

Хомӯшӣ беҳ, ки ҷавоби сахт.

Ҳарфи ростро аз бача бояд пурсид.

Дар хона агар кас аст, як ҳарф бас аст.

Ҳарфро ба одам як маротиба мезананд.

Ҳарфи ҳақ талх аст.

Ҳарфи ҳисобӣ ҷавоб надорад.

Ба рӯбоҳ гуфтанд: «Шоҳидат кист?» Гуфт: «Думам».

Тире ки аз камон бирафт, бар намегардад.

Шунидан кай бувад монанди дидан.

Сухан онhan марди сухангӯ аст.

Сухан агар зар аст, сукут гавҳар аст.

«Шутур дидӣ?» — «Надидам».

Дари дарвоза метавон баст, аммо даҳони мардумро наметавон баст.

Ҳар ҷо ки рангу бӯй буд,
Албатта гуфтугӯй буд.

Ҳама оташҳо аз гӯри фалонӣ баланд мешаванд.
(Ҳама айбҳо ба гардани ӯст).

То набошад чизаке, мардум нагӯянд чизҳо.
(То мавзӯъ нест, мардум чизе намегӯянд).

Дуд аз кунда бармехезад.

**Ҳар гуле бӯи худ дорад.**

**Гул пушту рӯ надорад.**

Ҳар гердӣ[1] герду нест.

Аз ин сутун то он сутун фарач[2] аст.

Аз кӯза ҳамон берунро тар кунад, ки дар ӯст.

Мушт намунаи хирвор аст.

Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав аз ҷав.

Эсӣ ба дини худ, Мусӣ ба дини худ[3].

Хар ҳамон хар аст, полонаш ивазӣ.

Ҳамаро бо як чӯб намеронанд.

На ҳар чӣ ба қомат меҳтар ба қимат беҳтар аст.

Истиғнои малик роҳате аст ва муноати кишвар истироҳат. (Малике ки танбал шуд, кишвараш ҳам хароб аст).

Чӣ Алихоҷа, чӣ Хоҷаалӣ.
Ҳамин ош асту ҳамон коса.

На Қом хуб аст, на Кошон,
Лаънат бар ҳардушон.
(Ҳарду кор бад аст).

Ду линга як хирвор аст. (Ҳар ду як аст).

Хуфтаро хуфта кай кунад бедор.

На ба дор асту на ба бор.

Ҳодӣ, Ҳодӣ, исматро рӯи ман ниҳодӣ?
(Ҳақорате ба ман додӣ, худат астӣ).

---

[1] Гердӣ — чизи гирд.
[2] Фарач — ин ҷо фарқ.
[3] Эс, Мус — Исо, Мӯсо.

Пироҳанашон дар як офтоб хушк мешавад.

(Ба шахсоне гӯянд, ки ҳеҷ нисбате ба якдигар надоранд).

Хонаи хирсу бодияи мис. (Оид ба ду чизе гӯянд, ки аслан бо ҳам муносибат надоранд).

Пиёз ҳам худашро дохили меваҳо кардааст.

* * *

Ҳар кӣ бо Нӯҳ нишинад, чӣ ғам аз тӯҳфонаш?

Муш ва гӯрба ки бо ҳам сохтанд, дӯкони атторӣ хароб гардид.

Шарики дузд рафиқи қофила.

Амонат аз дузд маҷӯй.

Ҳар чӣ аз дузд бимонад, раммол бибарад.

Дузд толиби бозори ошуфта аст.

Дузди нагирифта султон аст.

Дари дизй боз аст, ҳаёи гурба куҷо рафта?

Чун دуздон ба ҳам афтанд, кола зоҳир шавад.

Ҳар кӣ танҳо пеши қозӣ рафт, хушҳол баргашт.

Ҳаром аз ҳар роҳе ки ояд, меравад.

Санги бузург бардоштан, аломати нозадан аст.

Рӯдаи бузургам рӯдаи кучикамро мехӯрад. (Дар ҳолати гуруснагӣ).

Сер аз гурусна хабар надораду савор аз пиёда.

Шутур дар хоб пахта бинад.

Кур гумон мекунад, ки бино дудаста мехӯрад.

Қозе беҳ аз ҳеч. (Аз ҳеч чиз надоштан қоз беҳтар).

Чароғи дузд хоби посбон аст.

Ҳасан ба кор намерафт, вақте ҳам мерафт, ҷумъа [1] мерафт.

Ҷаҳон гаштан беҳ аз ҷаҳон хӯрдан.

Ҳафт подшоҳро хоб дида. (Хеле вақт аст, хобида).

Хари монда маътали «чуш» аст. (Ба каси танбал гӯянд).

Мушк он бошад, ки худ бибӯяд, на он ки аттор бигӯяд.

Таърифи худ кардан пахта хоидан аст.

Таъриф он аст, ки душман бикунад.

Думи шутур ба замин мерасад, то фалон амр бихоҳад таҳқиқ пайдо кунад.

---

[1] Дар Эрон ҷумъа рӯзи истироҳат аст.

Бузак намир, баҳор меояд,
Харбуза ба хиёр [1] меояд. (Қавле ки иҷро шуданӣ нест).

Баъд аз харобии Басра. (Ба касе гӯянд, ки ваъдахилоф бошад ва қавлашро чунин иҷро кунад).

Қолинчаро пахн кун лаби боғча. (Дар борай ҷое, ки ҳатто рост истодан ҳам мушкил аст).

Сӯзан меандохтӣ, ба замин намеомад. (Ба маънои зиёдии одам).

Саг соҳибашро намешинохт. (Бисьёр ғавғо буд).

Бад макун, ки бад афтӣ.
Чоҳ макан, ки худ афтӣ.

Чоҳкан ҳамеша дар чоҳ аст.

Ҳар оламе бизанӣ, сари худат задӣ.
(Ҳар коре кунӣ, ба худат бадтар мекунӣ).

Бозӣ-бозӣ бо риши бобо ҳам бозӣ?

Пешнамоз, ки қер [2] бидиҳад, паснамоз чӣ кор бикунад?

Касе ба модари худ ҷафо кунад, ба дигарон чӣ кор кунад?

Нависанда донад, ки дар нома чист.

Чӯбро ки бардорӣ, гурбаи дузд фарор мекунад. (Гунаҳкор ҳамеша тарсон аст).

Касе ки харбуза хӯрад, пояш аз тарс меларзад. (Касе кореро ки мекунад, бояд натиҷаи онро пешбинӣ кунад).

[1] Хиёр — бодиринг.
[2] Қер додан — масхарабозӣ ва кори ношоиста кардан.

Тавбаи гург марг аст.

Тавбаи қиморбоз бепулӣ аст.

Тарки одат мӯҷиби мараз[1] аст.

На ба он Зайнабу Гулсун гуфтанат, на ба ин доира дафак заданат.

На ба он шӯрии шӯр, на ба ин бенамакӣ.

Саг дар хонаи соҳибаш шер аст.

Саги зард бародари шағол аст.

Афъӣ куштан ва бача нигаҳ доштан кори хирадмандон нест.

Обро гил кард, то худ моҳӣ бигирад.

Чароғ ба таги худ нур намедиҳад.

Кӯри худ мабош ва бинои мардум.

Ҳар он чӣ аз даст биравад, бо таманно ба даст наояд.

Гузашт барғашт надорад.

Моли Алӣ ба висоли Алӣ. (Моли кас азони кас аст).

Ҳақ ба ҳақдор мерасад.

---

[1] Мӯҷиби мараз — сабаби беморӣ.

Шер аз мӯрча мегурезад.

Гурба шер аст дар гирифтани муш.

Як ҳаммоми хароба дахто ҷомадор намехоҳад.

Даре надорӣ, дарбонро чӣ мекунӣ?

Ин «ту бимирӣ» аз он «ту бимириҳо» нест.
(Ин дафъа мисли гузашта рафтор намешавад).

Ин чаҳордаҳ шоҳӣ ғайр аз он ҳафсаннор аст.

Умр агар ҳазор сол аст, охир марг аст.

Умри дубора ба касе намедиҳанд.

Соҳиби роҳ канори роҳ.

Шаб дароз асту қаландар бекор. (Фурсат бисёр аст).

Шутурро куштанд ва даъво тамом шуд. (Пас аз хотимаи даъвое).

Гӯши [1] дастам буд. (Ба касе гӯянд, ки аз воқеа пинҳонан огоҳ шавад ва ба рӯи худ наёрад).

Либос баъд аз ид барои гули манор хуб аст.
(Баъд аз марг доду бедод бефоида аст).

Модарро дил сӯзад, дояро доман.
(Соҳиби молро барои молаш бештар дилаш месӯзад).

---

[1] Гӯши — гӯшаки телефон.

Марг мехоҳӣ, бирав Гилон. (Ба касе гӯянд, ки аҳволаш беҳ бошаду боз чизи дигаре бихоҳад).

Меҳмон як бошад, одам барояш гов мекушад.

На чак задем на чона,
Арӯс омад тӯ хона.

Ҳоло ки кӯҳ наёмад пеши пайғамбар, пайғамбар равад назди кӯҳ.

Номаш асту нишонаш нест.

Моҳиро ҳар вақт бигирӣ, тоза аст.

Ҳар кӣ даст аз ҷон бишӯяд, ҳар чӣ дар дил дорад, бигӯяд.

Ҳар чизе ба асли худ руҷуъ мекунад.

Яке чун равад, дигаре ояд ба ҷояш.

Чароғе ки ба хона равост, ба масҷид ҳаром аст.

Чун хашм занад шӯъла, тар ва хушк бисӯзад.

Чизе ки иваз дорад, гила надорад.

То тарьёк аз Ироқ боз оранд, моргазида мурда бошад.

Бемор будан осонтар, ки бемордорӣ кардан.

Агар гуноҳро бибахшанд, шармсорӣ аст.

Эҳтиётро нисфаш савобу нимаш гуноҳ аст.

Омадан — бо иродат, рафтан — бо иҷозат.

Хонаи домод хабаре нест, хонаи арӯс дангару дунгур аст.

Хари мо аз куррагӣ дум надошт.
(Дар мавқеи аз даъвои худ гузаштан).

Дарьё бо даҳони саг наҷас [1] нагардад.

Даст болои даст бисьёр аст.

Зари сафед аз барои рӯзи сиёҳ.

Санг ба ҷои худ сангин аст.

Санг сангро мешиканад.

Сиёсат ба қадре ҷиноят аст.

Бирав даҳонатро об бикаш. (Дигар аз ин ҳарфҳо назан).

Чун номи саг барӣ, чӯбе ба даст ор.

Чу дахлат нест, харҷ оҳистатар кун.

Миёни бало бош, беҳтар, ки дар канори бало.

Пардаи мардум мадар, то пардаат монад ба ҷой.

Магӯ он чӣ натавон шунид.

Ақида озод аст.

---

[1] Наҷас — ҳаром.

Дер ой ва дуруст ой.

Дар миёну ду кас душманӣ маяфкан, ки чун сулҳ кунанд, ту дар миёна шармсор бошӣ.

Бар гузашта афсӯс набояд хӯрд.

То ҷой надонӣ, пой манеҳ.

Сирри худ ба занон магӯй.

Нони худ дар суфраи мардон махӯр.

Ҳаққи ҳама касро бишинос.

Рози худро пинҳон нигоҳ дор.

Устодро беҳтарин падар шумор.

Модару падарро ғанимат дон.

Ҷавониро ғанимат дон.

Дар хонае ки дорои чашму гӯш аст, забонро нигоҳ дор.

Ба ҷомаат ёр бош.

Ҳар чӣ ба худ написандӣ, ба дигарон написанд.

Боғбонро вақти мева гӯш кар мебояд.

Пой аз гилеми худ дарозтар накун.

Ҷое ки намак хӯрӣ, намакдон нашикан.

## МУНДАРИҶА


**Аз тартибдиҳандагон** . . . . . . . . . . . . . . . . . 5

**Сарсухан** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 7

КИСМИ I. АФСОНАҲО

Роҳ ва бероҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . . 15

Саъд ва Саид . . . . . . . . . . . . . . . . . . 24

Қиссаи Ҳазрати Мусо ва Хоркаш . . . . . . . . . 32

Норинҷ ва туринҷ . . . . . . . . . . . . . . . . 40

Буалӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 54

Моҳпешонӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . 62

Қиссаи Раммол . . . . . . . . . . . . . . . . . 88

Сакинаовардӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . 92

Хачир ва офтоба . . . . . . . . . . . . . . . . 107

Мурғи саодат . . . . . . . . . . . . . . . . . 112

Шоҳ ва вазир . . . . . . . . . . . . . . . . . 126

Качалак . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 135

Курраи дарьёӣ . . . . . . . . . . . . . . . . 149

Намадӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 165

Кадуи гелгелизан . . . . . . . . . . . . . . . 176

Нахудӣ ва дев . . . . . . . . . . . . . . . . 180

Гули зард . . . . . . . . . . . . . . . . . . 184

Намакӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 194

Бузӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 204

Бирав, бахтатро бедор кун . . . . . . . . . . . 218

## ҚИСМИ II. ЛАТИФАҲО


Хуб овардӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . 225
Аз чашми кандаи гург ибрат омӯз . . . . . . . . 226
Устухон лои захм мегузорад . . . . . . . . . . 227
Ин абра то биравам каллақандро биорам . . . . . . . 228
Агар ман хикро вел кунам, хик маро вел намекунад . 228
Иншоолло буз аст . . . . . . . . . . . . . . . 229
Аввал чоҳро бикан, баъд манорашро бидузд . . . . . 230
Агар «қоре» кунӣ ва агар «қуре», пул додам ва меҳрамат . . . . . . . . . . . . . . . . . . 230
Агар ин манам, пас ку кадуи гарданам? . . . . . . . 231
Агар мардӣ, бирав сари дастаи ҳованро бишкан . . . 232
«Ин шутурро дар хонаи дигар бихобун» . . . . . . . 232
«Ин таври ки бодаш меояд, ҳеҷ» . . . . . . . . . 233
Ин ваъдаҳост, ки ҳазрати Сулаймон ба қурбоққаҳо медод 233
Беҳтар ва ин намехонад . . . . . . . . . . . . 234
Бемир ва бидам . . . . . . . . . . . . . . . . 235
Ба хар додан нотавонӣ, ба куштани худам зарангӣ . . 236
«Беламро пору кун» . . . . . . . . . . . . . . 237
«Ҳамчун дег барои ҳамчун чуқундар» . . . . . . . 238
Пулро нишонаш бидиҳед . . . . . . . . . . . . 239
Ту аз тӯ, ман аз берун . . . . . . . . . . . . 242
Ту ба ин харият фаҳмидӣ ва мо нафаҳмидем . . . . 244
Ту дабаатро овардӣ, ки ман равғанаш накардам? . . . 244
Чи бепуле аст, ки як туман тӯй ҷебаш надошта бошад . 245
Ҳаллоҷи гург шудааст . . . . . . . . . . . . . 246
Худо шарре бидиҳад, ки хайри мо дар он бошад . . . 247
Хадар ва роҳи Шуштар . . . . . . . . . . . . . 248
Хараш кард . . . . . . . . . . . . . . . . . 251
Хоҳӣ нашавӣ расво, ҳамранги ҷамоат шав . . . . . 252
Худашро шарики шаштоиҳо кард . . . . . . . . . 254
Худ кардаро тадбир нест . . . . . . . . . . . . 255
Дираи мулло дубора бисмилло . . . . . . . . . . 257
Дастбурида қадри дастбуридаро медонад . . . . . . 258
Дастагул ба об дод . . . . . . . . . . . . . . 259
Даъво сари кӯрпачаи мулло буд . . . . . . . . . 261
Дер ҷунбида будам, кудамро ҳам бурда буданд . . . 261
Дигарон киштанд мо хӯрдем, мо мекорем дигарон бихӯранд . . . . . . . . . . . . . . . . . . 263
Равғани чароғ, ки рехтааст, вақфи имомзода мекунад . 264

Рафтем ба ҳазору як дара, надидем одами дусара. . . 264
Паҳлавони нана . . . . . . . . . . . . . . . 265
То неъматеро нахӯрӣ, шукрашро ба ҷо наёвар . . . . 267
Тухмдузде шутурдузд мешавад . . . . . . . . . 268
Аз оташе, ки афрӯхтам, худам сӯхтам . . . . . . . 269
Аз ин думбурида ҳар чӣ гӯй меояд . . . . . . . . 271
Агар худам будам, писар меоид . . . . . . . . . 271
Болоятро дидам поинатро ҳам хоҳам дид . . . . . . 272
Ба ҳама «бале», ба мо ҳам «бале»? . . . . . . . 272
Ҳоҷӣ, мо ҳам шарикем . . . . . . . . . . . . 274
Ҳоло, ки намешавад, шира бидеҳ . . . . . . . . . 274
Раҳмат ба кафандузди аввалӣ . . . . . . . . . . 275
«Раҳмон сар ба сар» . . . . . . . . . . . . . 275
Садоиш субҳ баланд мешавад . . . . . . . . . . 276
Кӯза болои кӯза . . . . . . . . . . . . . . . 276
Яки дигар, бизанӣ, ҳеҷ дорам . . . . . . . . . 277
Бишнав ва бовар накун . . . . . . . . . . . . 277

ҚИСМИ III.

**Рубоиёт ва чистонҳо.**

ҚИСМИ IV.

**Зарбулмасал ва мақолҳо.**

**ОБРАЗЦЫ ИРАНСКОГО ФОЛЬКЛОРА**

*(на персидском языке)*

Муҳаррир К. Носиров
Муҳаррири расмҳо Т. Королёва
Муҳаррири техникӣ К. Хоҷаев
Мусаҳҳеҳон: С. Садриддинова
ва М. Зокирова

Ба матбаа супурда шуд 28/I-1963. Ба чопаш 7/V-1963 имзо карда шуд. Коғази $84 \times 108^1/_{32}$. Ҷузъи чопӣ 12,125. Ҷузъи чопии шартӣ 19,97. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 14,96. КЛ 01342. Адади нашр 1400. Супориши № 155. Нархаш ~~7~~ тин. 25-00

Душанбе, Комбинати полиграфии Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон.



